# Регистон

**Шаҳзода Назарзода**
**(Самарқандӣ)**

Баргардон аз хатти форсӣ:
Маҳини Даврон
Исфандиёри Одина

**2016**

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

*Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,*
*Ки чашми сари ту набинад ниҳон.*
*Рӯдакии Самарқандӣ*

# Фасли аввал

## Шарора

Самарқанд дар якнавохтии бисёрсола нафас мекашид. Нававарӣ кори чанорҳои канори хиёбон буд. Тағйир кори дарунӣ буд, тиҳӣ аз нишонаҳои берунӣ. Тану нон дар волотарин мақом. Чашмҳо асири одат ва қаноъат. Дар чунин фазое буд, ки бо синаи дамида ва абрувони кашида ба тарроҳони утоқ бори дигар дастур додам:

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– *Снимайте все обои!*[1]

Дар шаҳр ҷаззобияти зиндагиро дар лаҳзаҳо мешавад ҷусту завқ бурд аз лаҳзаҳои кӯтоҳи ҷаззоби кашфҳои ҷадид. Дар лаҳзаҳои шавқу шӯри урёнӣ дар миёни боғе аз ниҳоли қомат. «Деворҳо саршори ойинакорӣ...»

Офтоби Самарқанд аз ҳамон сари субҳ талқин мекард: «Бихоб, бихоб». Он қадар хобида будам, ки мехостам бедориро кашф кунам. Он қадар дар хоб китоб хонда будам, дар хоб мактаб рафта будам ва дар хоб донишгоҳ ба итмом расонда будам, ки ҳоло мехостам бедор бимонам. Чашмонамро битавонам боз нигаҳ дорам. Ҳатто барои як сония. Ҳатто вақте ба ойинаҳои атрофам нигоҳ кунам, чизеро бибинам, ки эҳсос кунам, ки бедорам.

Хаставу безор аз назми низомии коммунизм бар рӯи опортумони кӯчаке дар миёни садҳо эъломияи фурӯш ангушт гузоштам. Ҳоло мешавад бо савти тори худ бирақсам ва бо собуни ҳеч касе либос нашӯям[2]. Ҳатто дар маҳдудаи чордевор бошад ҳам, нафасе дар фазои мутафовит ба дарун бикашам.

Дар қалби Самарқанд кӯчактарин опортумони якхобаро бо пойинтарин нархи бозор харидам. Дар замоне ки бисёриҳо маскан мефурӯхтанд, аз маъдуд харидорон будам. Ин танҳо роҳе буд, ки аз гарониҳои шаҳрнавардӣ эман бошам.

[1] Яъне: Ҳамаи коғаздевориҳоро бардоред.

[2] Бо собуни ҳеч касе ҷома нашустан – дастур аз касе напазируфтан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ҳамдарсиҳоям мустаъид[1] буданд бизананд миёни ҷомеъа ва касби шуғлу издивоҷ. Ҳатто барои фарзандони ҳанӯз назодаи худ ном доштанд. Таҳҷоиҳои[2] пулдор маҳалли дафнашон ҳам мушаххас буд, чи бирасад ба маҳалли зисту ҷашни арӯсӣ. Дафтаре барои ҷамъоварии шоҳбайтҳои муносибе барои санги мазори азизони ҳанӯз барҳаёти худ низ доштанд.

Толеъам аз ин бобат баланд буд. Шаҳрзода набудам ва саркашӣ аз ин қайду шартҳои шаҳр бароям на айб, балки ҳусн буд. Донишгоҳ омада будам, то дар тӯдаи ҳамсинну ҳамсӯҳои худ боз муддате чанд пинҳон шавам. Донишҷӯӣ даврони дурӣ аз зиндагии маъмулу роиҷ аст. Панҷ сол таъхир аст дар омехта шудан ба ягонагии рӯзгори якдасту якмаром.

Панҷ сол замон доштам, то рӯзҳоямро он гуна ки меписандам, бигзаронам, на он гуна ки интизор меравад. Кош бишавад барои ҳамеша дарс хонд. Борҳо шунида будам: китоб модари дониш аст, нашнидаам касе гуфта бошад, ки дониши такрорӣ модари якнавохтиҳост.

Муҳимтарини асомии таърихӣ барои мо Роҳи Абрешим аст ва ҳамлаи муғулу салтанати Темуриён. Ҳар касе инҷо шаҳрзодест ва ривоятҳои садрангу садраванди зидду нақиз аз торих қисса мекунад. Донистани ҷузъиёти дақиқу воқеъӣ аз ҳақиқати ҳол дар мадди назарҳо нест. Ҳазору як

[1] Мустаъид будан – истеъдод доштан, омодагӣ доштан
[2] Таҳҷоӣ – мардуми маҳаллӣ, бумӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ривоят дорем аз торих, ки интиқоли сина ба синаи он саргармии ҳазоронсолаи мост. Рифоҳу самар дар ин шаҳр аз дониш барнахезад ва ончи фаровон, коғазбозӣ аст ва ончи ноёб, донишу хонишу куниш аст, дар ин Самарқанди сурх, ки рӯзгоре нишемани шоҳони амалу пайғамбарони шеър буда. Шамшери торих дар ғилофи Темуриён дармондаву занг бардоштааст дар осорхонаи бостонии шаҳр. Торих ноҳинҷор ва дар сукути катибаҳо аз лабаҳои шикастаи кӯзаҳои ҳазоронсола оби зангзада менӯшад. Порчаҳои пӯсидаи хилъатҳои заррин мунтазири як пуфи махуф.

Дар қалби якнавохту якмароми шаҳр, дар ин опортумони якхоба ҳарими махсусе сохтам. Дере нагузашт, ки мутаваҷҷеҳ шудам дар чашми ҳамсоягон ба зани хатарноке табдил шудаам. Зане, ки ниёз ба сабру қаноъат надорад. Зани ҷавони муҷарраде, ки тоза мадраки донишгоҳ ба даст гирифта ва бо кафши пошнабаланду гардани наҳифу дарозаш ҳарҷо биравад, шуғле мавҷуд аст ва рӯи хуше боз. Устоди коромӯз дар донишгоҳи забонҳои хориҷӣ ва муҷрии барномаи хабарҳои иҷтимоъиву фарҳангии ҳафта дар шабакаи телевизиюнии шаҳр. Анҷоми ҳамзамони ин шуғлҳои поравақт таъмини харҷи барқу зарқи як духтар мешуд, аммо на тағзияи моҳонаи як шиками холӣ. Байни ин машоғил фурсате ҳам доштам, ки соъоте баъд аз зуҳр миёни ҳаёҳуи шаҳр

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

парса[1] бизанам дар кӯчаҳои каҷу килеби шаҳри нав, шаҳри куҳна, шаҳри куҳнатару куҳнатарин. Дар хиёбонҳои ошнову бегонаи шаҳр андар шаҳр қадам бизанам ва боз хаставу холӣ баргардам ба хилвати хона.

Дар ин гӯша буд, ки омӯхтам ба тани худ, ба даруни худ, ба зери пӯсти худ бидуни қазоватҳои сиёҳу сафеди роиҷ ба хатту хато ва ихторҳои Худову халқаш бингараму бияндешам. Барои аввалин бор метавонистам дар утоқ урён роҳ биравам. Аз зери дӯш берун биёяму миёни утоқи нишеман қатраҳои об рӯи пӯсти гарму нармам ламс кунам ва ваҷаб дар ваҷаби талъати табиъатро дар худ кашф. Асрори азал агар ҳаст, дар зери пӯсти инсон аст.

Бар ойина дидани таксири[2] «ман»-ҳои худ гиҷкунанда буд, аммо дер тӯл накашид, то ба издиҳоме аз худ одат кунам. Гӯӣ дар бӯстоне мехиромидам, ки «фард» дар он ҷилва дошт. На банда, на камина, на ғулом, на хоксор, на ҳақир, балки «ман». Мане, ки гоҳе чун гиёҳе, ки аз ламси нозук баргҳояшро бармечинад ва аз як оҳи кӯтоҳ паноҳ мебарад дар лаззати будан. Бахт дар фазои утоқ рӯи фарш, рӯи рахт, рӯи махмали тахт ғел[3] мезад. Дар ин боғи фаровонӣ «ман» будаму «ман» буду «ман»-ҳои мукаррари «ман» бар синаи ойинаҳои «ман», бар деворҳои «ман», бар сақфи

[1] Парса задан – чарх задан, гардиш кардан

[2] Таксир – бештар кардан, афзоиш додан, ҷамъ кардан

[3] Ғел задан – ғалт задан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

болои сари сабзи «ман», дар баробари пешонаи тобони «ман» ва манзили танҳо они «ман».

Як сол ё каме беш ба бадани бараҳнаи ойинаҳо хира шудам. Аз ҳар зовияи мумкин бо ҳаяҷони нафасгир ба муҷассамаи мамнӯъиятҳо нигоҳ мекардам, ғарқи асрори бадан. Дар ойина тағйироте медидам, ки дар хиёбонҳои шаҳр пайдо набуд. Дар расона, дар муколама, дар замзамаҳои рафиқон набуд. Як сол тӯл кашид, то даст ба тани ойина барам, лаб ба оташи сарди ойина. Пой аз хатти набоядҳо бардоштаму бо табу тоб ғел задам дар лаззати кашфи тозаҳои тани худ, дар ҳассостарин рагҳову рӯдҳои ҳассоси тани худ. Дар танҳоӣ ҳикмате буд. Асолате дошт хилват гузидан ва дар ниҳон пайдо шудан. Асрори шаҳрро миёни ин ойинаҳо меҷустам. Шигифтзада аз тасовири пуриктишофи расадхонае бо ҳазорон нигоҳи дӯхта ба умқи хештан будам.

Ёд аз расадхонаи Улуғбек мекунам. Канори дарвозаи вурудии шаҳр фаромӯш шудааст. Муддатҳост ситорашиносӣ низ санги сарди ниёиш ва парастиш аст инҷо. Ин ҳаким, ки синаи замин шикофта, расадхона кошта, то аз раҳим[1]и торики замин ба синаи ҷавҳарпӯши осмон ва нутфаҳои саргардони каҳкашон хира шавад, ҳоло дар мақоми пайғамбарист. Ҳакиме, ки танҳо роҳи фирораш аз сиёсат ва кашокаши салтанати меросӣ расад кардани буду набуди фалаку

[1] Раҳим - бачадон

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/боргирӣ шудааст

мулкҳояш буд дар ҳарими осмон. Донишвари хилватпарасте буд ё беурзатарину беғайраттарин ҳоким дар сулолаи худ? Ҳарки буд, сар-ба-ҳавотарин фарзанди фарзонаи даврон буд. Набуд? Ҳоло камтар касе ба ситораҳояш хира мешавад, аз зовияи чашмони ғайббини ӯ. Ба ситораҳои Улуғбек, ба ситораҳои Каҳкашон, ба Ҳафтдодарон, ба ҳарими малакутии малоикон.

Қиссаву ривоят аз ҳафт осмон низ содаву мухтасар аст дар ҳазору як гапи мардуми шаҳр. Зуҳра ҳам муддатест ба доди ҳеч корвоне намерасад дар қад-қади Роҳи Абрешим, ки дар дили биёбони Қароқум хуфтааст. Корвонҳо аз якнавохтии шаҳр рахт бастаанд. Корвонсарои куҳнаи шаҳр бозори нон аст. Нони гарми Самарқанд, ки тоблуи наққоширо мемонад. Нони Самарқанд бӯи биҳишт медиҳад. Мадрасаи маҳзуни Бибихоним дигар истабли[1] мусофирони жӯлида нест. Уштурҳо дар биёбонҳои ҷоддаи Хива тоқа-тоқа бидуни ҳеч алоқа ба ҷуфтгирии солона мечаранд. Ҷавҳари қидмат дар мунҷамидии[2] имрӯзии шаҳр аст, гӯё ки ҳар қадар карахттару хароботару абгортар, муътабартар.

Занон куртаҳои зардӯзиву гулдӯзӣ бар порчаҳои ҳарирy атлас ва шоҳиву панбаӣ дар тан доранд ва саргираки[3] сафеду овезон бар сари даст ба деворҳои мадрасаи Улуғбек даст мекашанду ба

[1] Истабл – ҷои нигаҳдории асбу шутур
[2] Мунҷамидӣ – инҷимод, ях задан, сахт шудан, ҷомид шудан
[3] Саргирак – рӯсарӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

рухсори худ мемоланд. Ин аз саҳнаҳои рӯзмарра дар ғуруби шаҳр аст. Занон ниёишгарони вафодори ин шаҳранд. Ҳарчи куҳнаву ҳарчи қадимӣ, муқаддас аст барояшон.

Регистон ва сангфаршҳояш, мадрасаи Улуғбек, Гӯри Мир, мадрасаи Бибихоним, Шоҳи Зинда ва қабрҳои беохираш ҳама муқаддасанд ва ҳар ғуруб дасте бар сангест ва ба рухсоре тар молон. Мардуми ин шаҳр асилтарин парҳезкорони ториханд. Тавбагарони қаҳҳор аз ҳар ончи армон[1] ва нигарони рӯзи растохез. Аз рӯбарӯ шудан бо ниёкони худ дар Афросиёб, Мароканди куҳна ва Самарқанди нав. Ин ду шаҳр канори ҳам дар интизори рӯзи қиёмат, дар интизори додхоҳӣ, дар интизори интиқом аз ҷаҳолатҳои мудом бо шонаҳои хамида зери овори замон хобидаанд.

Такя бар шерозаи расадхонаи Улуғбек менишинам, дасте бар хоки нақб мемоламу ба рухсор мекашам. Мутабаррик[2] мешавам аз атру ғубори ҳазоронсола. Дар нимнигоҳи ғуруб хун дамидааст. Гӯӣ ба ойинаи торих табдил шудааст. Хоки Афросиёб сурхтар аст, аммо ҷароҳатҳои Самарқанд амиқтар, барӯзтар, тозатару бозтар.

Телескупи Улуғбек, он дурбини нуҷумии исторашиноси шаҳрамро дидам, баъд аз ҳафтаҳо аз утоқ берун омадаму ойинаи бештаре суфориш додам. Барои ойинакории сақфҳо. Аз зовияи Худо ба худ бояд нигарист. Аз зовияи ситораҳо.

[1] Армон – ормон; ҳамчунин суратест аз ҳирмон

[2] Мутабаррик шудан – хайру баракат ёфтан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ойинаҳои сақф чун осмони фирӯзаранги шаҳр лоя дар лоя[1] аст. Ситора надорад. Чин дар чин ҷараққаву ҷӯшу хурӯш аммо дорад. Ранг дар ранг пинҳони инсон қобили муқоиса бо шигифтиҳои кайҳон аст. Кайҳон куҳнаву такрорӣ ба назар мерасад, селулҳои тани инсон мунҳасир ба фард. Инсон мудом нав мешавад, ҳатто дар лаҳзаҳои танҳоӣ ва бераѓбатӣ, дар ѓори зинҳорҳои заминии худ низ ҳар он дар ҳоли туѓёну таѓйир аст, бо суръати муътадил. Таѓйире, ки бо чашми урён мешавад дид. Кайҳон навардиданист. Инсонро кофист бибинӣ, ламс кунӣ. Аммо бо чашми дил.

Дар табу тоби кашфи асрори шаҳр бо зарофатҳои рӯзмаррагӣ қаҳр будам. Нороҳат аз ин ки эътироз нишонаҳои ночизе дошт, ки танҳо дар либоси занон медурахшид. Ҳамин либосҳои хушрангу нигоранд, ки бо якрангии замона меҷанганд ва ҳайф, ки ин муътаризони хушпӯш лошаи нимҷони забон дар даҳон доранд. Бӯи нохушӣ медиҳад ҳар сухбате, ки ҷорист. Бениёз аз дарки фараҳмандии шукуфтани ѓунчаҳои ѓариза, миёни чордевори бошукӯҳи конуни хонавода лашкари шикастхӯрдаи шаҳранд, ки мушти ҳар навъ мубориза боз кардаанд ва кафҳои ниёиш дароз. Чун сайёраҳо дар интизори кашфи кирдори ҷаҳон нишастаанд ва чун исторагон дар фурсати кӯтоҳи ҷаракқа[2] мурдаанд...

[1] Лоя дар лоя – қабат андар қабат

[2] Ҷараққа – шарора ё шуълае, ки ногоҳ пайдо шавад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ҳуфрагариям[1] дар ҷаҳони ниҳони ҳамшаҳриҳоям аз инҷо шурӯъ шуд. Аз тарси пушаймониву пир шудан дар миёни чордевори баланду сахти тақдир. Мисли саги пири бӯбурда мефаҳмидем, ки тақдир чизе шабеҳи дом аст, чизе шабеҳи таслим шудан ва пой ниҳодан ба коми доми дигарон. Ингуна буд, ки шурӯъ кардам ба саркашӣ, ба шаккокӣ.

Дар муддати бисёр кӯтоҳ ба шодтарин лаҳзаҳо расидам ва дар муддати бисёр кӯтоҳ ба танҳотарин фарди ин шаҳр табдил шудам, вақте чашмонам аз чилтиккаи суолҳои бепосух пур шуд. Нишонашинос шуда будам дар фанни такрори ойинаҳо, дар мантиқи хатхатии нур дар тобуҳои тани мо. Бо як нигоҳ мешавад инсонҳоро гурӯҳ бибандӣ, табақа бибандӣ, тафриқа бияндозӣ ва саранҷом аз васли ҳам масрур созӣ. Боварам мешуд, ки башар қобили пешбинитарин мавҷуди зинда аст.

Рӯзи аҷиберо гузаронда будам. Ҷаласаи умумии кормандони донишгоҳ шояд бузургтарин ҷаласае буд, ки дар он ба унвони корманд ҳузур доштам. Дафаъоти зиёде дар ҷаласоти расмии шаҳрдор ба унвони мухбир[2] ҳузур доштаам. Агар мавзӯъи ҷаласаро ба ман медоданд, метавонистам бидуни ҳузур дар он гузориши онро бинвисам. На хабари кӯтоҳ, балки гузориши муфассали онро бинвисам ва чунин ҳам ҳатман мешуд, ки бидуни

[1] Ҳуфрагарӣ – ҳаффорӣ, канду ков, таҳқиқ

[2] Мухбир – хабарнигор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

фиристодани хабарнигор гузоришҳои пуру паймон ва саршор аз нақли қавлҳо мунташир шавад ва касе ҳам шикоят накунад, ки чунин набуду чунин суханоне гуфта нашуд. На танҳо гузориш ва ҷаласаҳо, балки тамоми мантиқи кормандӣ ва шуғл ташрифотӣ буд. Бо мухбироне ингор рӯбарӯ ҳастӣ, ки медонӣ самбалкорони[1] ашаддӣ ҳастанд ва хавф дорӣ аз ин ки оё ҳарфи туро аз қабл навиштаанду фиристодаанд барои чоп ё нишастаанд, ки чи бардоште аз он бигиранд, то бозгӯ кунанд?

Канори панҷара дар сафи муаллимони донишгоҳ нишаста будам. Байни асотиди рӯзгордида ва орди тамоми осиё бар сарашон рехта, ки на танҳо мӯи сар, балки куту шалворашонро ҳам сафед пӯшидааст. Дар канори асотиде, ки замон ранги нохушоянди худро бар чеҳраҳояшон нишон дода, духтаре лоғару наҳифҷусса фарқе бо гулдони канори панҷара надорад. Ҳаст, ки буда бошад, то холигии ҳузури занон пӯшида бимонад, набудани ҷинси муаннас дар ҷамъ рӯпӯш ва тазйин шуда бошад. Рӯямро ба панҷара гардондам. Баргҳои гардгирифтаи дарахтон гоҳе беҳтарин ҳамсуҳбатанд. Шарм буд? Ё тардид аз ин ки оё дар ҷойи дурусте қарор дорам? Оё истихдом шуданам дар ин донишгоҳе, ки онҷо дарс нахондаам, тасмими дурусте буд? Намедонам.

[1] Самбалкорон – касоне, ки танбалона кор кунанд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Оркестри баргу шохҳои дарахт ҳузури сабзи баҳорро ёдовар мекард.  Садое маро аз ҳамнавоии дарахтон дар қоби панҷара берун кашид. Раиси донишгоҳ дар шурӯъи ҷаласа теша ба шишаи хилват дар ҷамъи ман зада буд. Мутаваҷҷеҳ шуда буд, ки таҳи утоқи бузург на танҳо ба ҳарфҳои ӯ диққат надоштам, балки ҳатто намедонистам инҷо чи кор мекунам. Баланд шудам ва ба се тарафи худ гардан гардондам, ба маънои хушбошӣ аз ҷамъ хаму рост шудам ва бо даст гиребони пироҳанамро гирифта будам, ба маънои намедонам чӣ. Эҳтиром, ё тавозуъ ё ин ки пистонҳоям дида нашаванд? Ин ҳолатҳо дар ғаризаи нохудогоҳи занони Самарқанд медамад. Касе ҳам масалан ба ман нагуфта, ки чоки куртаатро бигир, пистонҳоят берун науфтанд. Пистоне шояд надоштам, ки касе ба ман тазаккур бидиҳад. Аммо чиро ҳама, чи пистондору чи бепистон, даст ба чоки куртаи худ дар баробари мард-ҷамоъат хаму рост мешавем, ки гӯӣ ҷинни аз кӯзаи Аловиддин берунҷаста бошем. Ин ҳолатҳо ва ин одатҳо мисли алафи ҳарза дар ҳувияту шахсияти мо мерӯяд ва бояд то ҳастӣ, анҷом бидиҳӣ ва риъоят кунӣ, магар ин ки инқилобе дарунӣ сурат бигирад. Мехостам дубора биншинам, ки садои раиси донишгоҳ баланд шуд:

– Ҳанӯз бо Шумо кор дорем муаллима!

Ва ҳама хандиданд. Дар Самарқанд хонумҳо ё модаранд, ё муаллима ва ё мулло. Ҳарсе ба маънои эҳтиром аст ва ба маънои ин ки бо дигар занон

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

тафовут доранд. Эҳтиром бояд бишаванд, чун модаранд, чун таҳсилкардаанд ва ё аз бастагонат ҳастанд. Ба ин даста аз занон намешавад дар хиёбонҳо гап паронд ё, ба қавли маъруф, маталак гуфт. Чиро хандиданд? Ҳанӯз омоҷгоҳи хандаҳо будам, ки:

– Муаллима, назари Шумо чи ҳаст? Чи роҳкоре барои ҷалби таваҷҷуҳи донишҷӯҳо доред?

Агар хостед касеро хароб кунед, ҳамин суолро аз ӯ бипурсед. Он ҳам вақте ки на аз даврон хабаре ҳаст ва на аз гузаро будани он ва на аз ин ки чи чизе дар сари донишомӯзон мегузарад. Он ҳам дар рӯзи аввали корӣ. Беҳтарин посух куллигӯист ва дарвоқеъ сукут аз он беҳтар аст:

– Устодони арҷманду бособиқа албатта беҳтар медонанд, ки ин шаҳр давронҳои сахттар аз инро ҳам пушти сар гузоштааст. Фикр мекунам ёдоварии даврони гузашта дар муқоиса бо имконоти кунунӣ ва мусалламан оянданигарӣ бояд кумакашон бишавад, ки дил ба дониш диҳанд. Мо даврони сахттар аз инҳоро доштем ва ин саҳл аст.

Ба ҳеч тамасхуре пай набурдам. Аммо сукути тӯлонӣ водошт, ки биншинам. Ин бор касе нахандид, вақте раиси донишгоҳ суҳбати дунафараро бо оромиш идома дод.

– Аз назари Шумо фурӯпошии Ҷамоҳири Шӯравӣ кори саҳл аст?, – абрӯ ба ҳам кашид раиси донишгоҳ. Бешак дил чиркин шуд.

Чи ҳарфи аблаҳона задам. Рӯзи аввал бидуни

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

пурсуҷӯи зиёд бо рӯи хушу дили боз дархости кории маро пазируфт. Шояд мехоҳад назди ин устодони бособиқа, ки аз чашмонашон мехонам ба ин меандешанд, ки чиро ин духтари ҷавонро гузоштаанд мудири бахше ба ин аҳаммият бишавад... Донистам, ки мехоҳад маро аз оташи додхоҳӣ рад кунад. Оё метавонистам аз ин ҳалқаи оташ бигзарам? Ҳатман муҳлати озмоишӣ доранд. Аммо касе аз қавонини истихдому кор бароям тавзеҳ надода буд, вақте исмам ба унвони мудири бахши шарқшиносии Донишгоҳи Забонҳои Хориҷӣ дарҷ шуд. Ҳарчи бодо бод! Дубора бархостам.

– Барқарор нигаҳ доштани иттиҳод ба назарам мантиқӣ нест, вақте Маскав тавон ё хоҳиши мудирияташро надорад.

Ҳамаи сарҳо ба сӯи раиси донишгоҳ баргашт. Раиси донишгоҳ нигоҳи қаноъатманде ба худ гирифт:

– Аммо Шумо медонед, ки Ҷумҳурии Советии[1] Узбакистон алоқа дорад иртиботи ҳамешагии худро бо Маскав ҳифз кунад?

– Бале, – саросемагиям ошкор буд ва нигарониям аз ин ки чиро раис мехоҳад назди ҳама аз ман имтиҳони сиёсат бигирад.

– Хуб?, – ҳамчунон исрор дошт раис.

– Ба назарам, хуб мешуд, агар Маскав ҳам чунин алоқае медошт. Вале...

[1] Советӣ – шӯравӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Бале, маълум аст.

Истиқболе аз ин навъ истидлол дар ҳолаташ пайдо набуд. Шабеҳи Ленин ду мушт рӯи миз гузошт, рӯ ба ҳозирон:

– Ин бону намояндаи насли ҷавони ин кишвар аст. Донишҷӯёни мо ҳам мисли ин муаллима фикр мекунанд ва ҳама тарафдори ин ҳастанд, ки кишвари мо мустақил бошад. Бояд устодони ҷавонро вориди ҷамъи худ кунем. Умеди кишвар ба ҳамин насли ҷавон аст. Вазифаи мост, ки аз онҳо пуштибонӣ кунем.

Ман ба изофаи ин ки ҳаросону нигарон будам, сурх ҳам шудам. Аммо ин бор мунтазир шудам, то худаш иҷоза бидиҳад бинишинам ва нигоҳам зор мезад, ки чизе напурсад. Чун дигар эҳтимолан садоям дар намеомад, ҳатто агар ҳарфи задан дошта бошам ҳам. Аммо вақте нишастам ва ба асотид нигаристам, чашмонашон барқ мезад. Маро ба ҷамъи худ пазируфтаанд...

То охири ҷаласа лаҳни раис тундтару тундтар мешуд ва дастур пайи дастур ва ноҳинҷории мардони чаҳорпаҳлӯ ва дар орзӯи даррафтан аз ин қафаси танг. Гӯё бори дигар хост кашиши шарми маро бисанҷад:

– Аз муаллима ёд бигиред, намешавад?! Чи тавр ӯ дуруст дарк мекунад. Бояд ҳарфро рӯрост гуфт ва на ин ки пӯшонд. Ҳадди ақал бигӯед ин кор шуданӣ нест...

Ниҳоли наҳифи маро ба сурати дигарон мезад. Нигоҳҳои нарму дӯстона маҳв шуда буд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ҷаласа, ки тамом шуд, сар зер афкандам ва то утоқи кории худ барнадоштам. Дарро бастам. Якду нафар дар заданд ва шахсан чанд «боракаллоҳ» таҳвилам доданд, аммо бақия дар роҳрав ё хиёбон саре такон доданду рад шуданд. Аввалин бор буд узви созмоне ба ин бузургӣ будам. Дилам танг шуда буд барои ду рӯзи охири ҳафта, ки бо ҷамъи кӯчаки панҷнафара дар сохтмони телевизиюн машғули таҳияи барнома мешудам. Аммо барои таъмини рӯзгор сабурӣ чораам буд. Телевизиюн ду моҳ ҳуқуқи кормандони худро надода буд. Донишгоҳ танҳо маҳалле буд, ки ҳанӯз мураттаб ҳуқуқ медод.

Тобистони зерурӯгаре буд тобистони 1991. Фориғуттаҳсилӣ ва харидани опортумон. Муҷрии телевизиюн шуда будам ва ҳоло мудире аз мудирони донишгоҳи тозатаъсиси забонҳои хориҷӣ.

Зерзаминӣ ва пинҳонӣ хатти форсӣ ёд гирифтам ва родиюи «Садои Хуросон» гӯш доданам бароям ҳунаре шуда буд, ки ҳоло бо роҳандозии ин донишгоҳ харидори ин дониш ҳам пайдо шуда буд. Ҳоло дигар омӯхтани хатти форсӣ мамнӯъ набуд. Аммо ҳамчунон музҳик буд хориҷӣ талаққӣ додани порсӣ ба қавми тоҷик. Аммо суди шиноварӣ бар хилофи ҷараёни рӯд чист? Шуғле эҷод шуда ва фариштаи раҳнамои ғаризаам маро ба сӯи ишғоли он меронд, то давроне гузаро дар ҷое қарор бигирам, ки на сих сӯзаду на кабоб. Ҳам кор ба даст ояду ҳам ёр

наранҷад. Ин буд шояд шурӯъи идғоми[1] зеҳни кӯҳистониям бо фалсафаи шаҳр. Гарчи хӯ гирифта буд дили ваҳшиям бо ҳикмати куҳнаи кӯҳистон, ки «на, гуфтан буд ба хорӣ, на, гуфтан буд ба ёри ҷафокоре».

Вақте барои аввалин бор вориди опортумонам шуд, пӯзханд дар чеҳрааш шукуфта буд. «Худшефтае чун ту метавонист маро аз роҳ бадар кунад». Бероҳ на водошта будамаш он касе бошад, ки дар дарунаш сарбазер асту қадаркоста. Савдогаре буд ба сони бозориҳои зираки Самарқанд. Аммо чи дода ва чи ба даст оварда... На худ донад, на Худо...

Мехостам зуд асрорашро кашф кунам ва биравам суроғи идомаи рӯзмаррагиҳои ҳамешагиям. Рӯзмаррагиҳое, ки мисли хотироти амирони ин шаҳр якнавохт буду такрорӣ. Ӯ маро дар бедорӣ дар роҳрави донишгоҳ дид ва аз девори қаноъатмандӣ пойин ҷаҳид. Ман низ.

Аз канорам рад шуд. Нима баргашту як нигоҳ ба сӯям ва як нигоҳ ба сӯи марди ҳамроҳаш каҷакӣ роҳ мерафт. Марди ҳамроҳаш сокит буд. Дубора баргашт. Ҳанӯз рӯ сӯи он ду будам. Бори дигар вақте дидамаш, дами дари вурудии донишгоҳ истода будам. Шояд мунтазири касе будам. Шояд ҳам мунтазири бори дигар дидани ӯ. Нигоҳе давомдор. Нимтаъзиме ва ба маънои иродатмандӣ. Бори севум бидуни муқаддима

[1] Идғом – ба ҳам пайвастан, даромехтан, яке кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

вориди утоқаш шудам.

Муйҳои мошу биринҷ, шалвори обии тира ва пироҳани остинкӯтоҳи сафед дошт. Кровот[1] назада буд ва мӯйлаби мошу биринҷӣ дошт. Ин ҳама нишонаи мутафовит бо дигарон. Дар ҷаласаи умумии рӯзи душанбе ӯ ҳам буд ё набуд? Кош буд ва маро дида буд. Байни ин ҳама баргаштанҳо, хира шуданҳо дидани ӯ ҳисси дигаре дошт. Боз дунболи ҳуфрагарӣ уфтодам. Ҳисси ғаризаам мехост аз ӯ бештар бидонам.

Бо котибаи зебои худ истода буд ва қоматашро ба сони манори Шердори Самарқанд боло кашида буд. Утоқ пур аз виқор буд. Котиба низ аз ӯ камӣ надошт. Ба сони манори Тилокорӣ рӯбарӯи ӯ камар кашида буд ва рухсораш барқ мезад аз офтоби тоқи манори Шердор. Миёнашон ҳавзе аз ишваҳои нағзу ғаризӣ. Пистонҳояшро бархезонда буд. Офтобгардони зарринранге буд котиба дар канори ӯ. Нигоҳ на, сеҳру афсун дошт. Маъно дар чашмони раъно пайдо буд.

Чун маро дид, ду қадам бо шодӣ пеш омад:

– Шарора-ойтӣ[2]! Хеле хурсанд шудам аз омаданатон. Нағз гаштед?

– Салом. Нағз, Худо-ба шукр. Шумо чи хел?

Дастам аз кафи котиба шорид ва дар кафи танӯри доғи дастонаш гарм шуд.

– М. Д!, – бо эҳтиёт дастамро чун ҳаббаи ях фишурд.

[1] Кровот – галстук

[2] Ойтӣ – дар гӯиши самарқандӣ ба маънои хоҳари бузург аст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Дари баланду сиёҳранги утоқаш чармӣ буд. Ба сабки мебелҳои клосик радиф-радиф мехкӯбӣ шуда буд. Шабеҳи тахтаи шашка. Нарму барроқ боз монда буд ва одам ҳавас мекард ҳамзамон, ки ворид бишавад, дасте ҳам ба тани нарму барҷастааш бикашад. Ҳарду ворид шудем. Сандалиро кашид, ки биншинам.

– Дар фикр будам, ки худам равам наздатон, ки омадед. Хушам меояд, вақте занон пешдастӣ мекунанд.

– Шумо ҳанӯз инсонро ба зану мард тақсим мекунед?, – хостам ба бозӣ бикашамаш.

Сурати худро ба каноре кашид:

– Зарба дарёфт шуд, ғолиб: Шумо!

– Инҷо наёмадаам шох ба шохи Шумо бигзорам.

Ҳамчунон лабханд мезанам ва талош мекунам малеҳона бошад, аммо ҳамчунон мағрурона аст рафторам. Сахт аст аз ин қоб[1] берун оям. Ин қоб часбида ба ман. Қоби танги қавонини комсомол пои занонагиро бемалол бастааст. Ҳатто агар бо зӯр бихоҳӣ лабханде бизанӣ ҳам, намешавад. Ингор[2] ихтиёри рухсорат ҳам дасти худат нест. На танҳо лаб, балки мижгону абрӯ ва гунаҳоят низ беҳаракат мемонанд. Танҳо гавҳараки чашмон аст, ки ҳамеша ҳам алоқа дорад ба гавҳараки чашмони тарафи муқобил рост бингарад.

– Барои чи пас омадаед?, – аз лаҳни худ дар

[1] Қоб – чорчӯб, чаҳорчӯба, рамка

[2] Ингор – гӯё

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

хиҷил буд М. Д. ва гавҳар аз гавҳари чашмонам наканда пурсид.

Эҳсос мекунам, ки ранги чашмонам тағйир мекунад. Эҳтимолан сабзтар шудааст ё сабзи омехта бо асалӣ. Ранги аҷибе ба худ мегиранд чашмонам, вақте эҳсосотам туғён мекунад. Чашми тарафи муқобил низ шурӯъ мекунад ба давидан байни ин чашму он чашми ман. Ингор мехоҳад мутмаин шавад, ки дуруст дида ё таваҳҳум аст. Бӯқаламуне дар чашмонам хона дорад, ки намешавад нодида гирифт.

Маълум буд аз нигоҳи аввал мехост ҳарчи зудтар маро бишносад ва бидонад кистам. Фиристодаанд маро? Кӣ? Раиси донишгоҳ? Ҳамсараш? Тошканд? Барои чи кор? Ин шаҳрро мисли кафи дастонаш мешиносад, аммо чиро маро на...

Бо эҳтиром аз ҷой бархост. Бидуни ҳеч тавзеҳ аз ҷой баланд шуд ва маро танҳо гузошт. Аҷиб ин буд, ки тамоми ҳаракоташро мехонам. Тамоми андешаҳояш бароям хоно буд. Ин ойинаҳо нерӯ мебахшиданд? Ё сокинони ин шаҳр ҳама бидуни истисно аз як ҷавҳаранд? Дилам мехост ӯ мутафовит буд, пӯшида буд, асроромез буд.

Вақте қонуни ишорaро омӯхтӣ, қонуни интиқоли паём низ пеши туст. Ҳатто аз он сӯи девор метавонистам ҳадс бизанам ҳоло ки дарро баст, нарм қадам сӯи мизи котиба зад. Пушти сари

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

котиба истод. Шояд ҳам даст ба турраааш[1] бурд. Шояд ҳам бо ангушт турраи рӯи абрӯ уфтодаи ӯро канор зад. Шояд ҳам на. Аммо даҳонашро наздик бурд пушти гӯши ӯ, ки бипурсад:

– Ин кист?

Ҳатман ӯ низ мегӯяд:

– Рафиқ М.Д., чи хел намешиносед? Ин кас корманди телевизиюн ҳастанд.

– Инҷо чи кор мекунад?, – эҳтимолан ин гуна идома медиҳад ӯ.

– Ҳоло барои мо ҳам кор мекунанд.

– Чи кор?

– Мудири бахши шарқшиносӣ божнишаста шуданд, ин кас ба ҷояшон омаданд.

Эҳтимолан ин суҳбат ин хел пеш меравад:

– Ин, ки бача аст.

– Ин ҳама ҷавони дигар истихдом шуданд, чиро ин кас нашаванд?

– Самарқандӣ аст?

– Бале.

– Пас чиро лаҳҷа дорад?

– Аслан аз рустоҳои атрофи шаҳр аст, агар иштибоҳ накунам. Самарқанд, аз сараш гардам, аввалу охираш пайдо нест.

Ба атроф нигоҳ мекунам. Утоқ ҳаҷми мутавассит дорад. Дари баландтар аз маъмул. Қафасаи китоб ва ҳамаи ҷиҳозоти утоқ мишкӣ[2] ва тира аст, ба ғайр аз сандалиҳо, ки ранги сурхи

[1] Турра – зулф, банди гесу

[2] Мишкӣ – сиёҳ, тираранг

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҷигарӣ доранд. Рӯбарӯям панҷараи бузург аст. Ба яке аз чаҳорроҳҳои бузург боз мешавад. Ҳамон чаҳорроҳе, ки аз панҷараи утоқам нигоҳ мекунам, бозу баста мекунад намои пуродами онро бо пардаҳои баланду сафед. Утоқи корам дар охири ҳамин роҳрав аст, ки вурудии утоқи котибаи М. Д. рӯ ба он аст. Аммо на ӯро ва на котибаашро дар роҳрав надидаам. Роҳрав маҳалли интизори донишҷӯҳост ва устодону мудирон бидуни навбат ва бемалолу сареъ мегузаранду вориди утоқ мешаванд.

Барнома рӯи онтен рафт ва ба таври зинда мисли ҳамеша иҷро кардам ва се гузориши кӯтоҳи фарҳангӣ ва гузорише ҳам аз дарахтони куҳансоли хиёбони донишгоҳ. Пас аз барнома савори мошини телевизиюн шудам ва дар хиёбонҳои шаҳр ба тамошои ин раҳгузарон нишастам. Занон, духтарон, мардҳо ду-ду, як-як, гурӯҳ-гурӯҳ дар қоби худрав варақ мехӯрданду рад мешуданд. Ҳар кадом китобе нонавишта буд. Ҳар раҳ, ки барои сабти гуфтугӯ мерафтам назди ин ё он сокини шаҳр, шинохти дасти аввал, аммо ноқисе аз рӯзгору афкорашон пайдо мекардам. Мисли варақ задани китобе бидуни жарф рафтан бар умқи воқеъии он. Умқи воқеъии китобро ҳатто худи нависанда душворӣ мекашад, ки бидонад чист, ҳамонгуна ки Офаридгор дар умқи пайдоиши абнои башар бошад. Роҳгузарон ба сони авроқи парешони китобе мусаввар хушранг, хушлибос, хушрӯ, хушандом, хушадо, хушоянд ва хушу хушу

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

хуш буданд. Ҳатто асомии хиёбонҳои шаҳр рӯи нақшаи қадимии кишвар ба сони хутути шугуни хушбахтӣ дар таҳшини пиёлаи қаҳва бар кафи дасти зане фолбин маъонии нуҳуфта доштанд.

Ин шаҳрро аз азал шатранҷвор сохтанд. Ҳамчунон бо қавонини шатранҷ амал мекунанд ё ҳамон «шоҳмот», ки исми маҳаллии ин бозист. Бозии яксон мавриди алоқаи шоҳону шаҳрдорону шаҳрвандон. Ҳарчанд содатар. Вақте тахтаи шатранҷро бо диққат бингарӣ, комилан возеҳ аст, ки манзурам чист. Тасаввур кун, радаи аввал дар тӯли торих ҳазф шуда ва ончи дар майдон монда, радаи дувум бошад ва ранги тарафи муқобил низ ҳамранги сангҳои самти мутақобил. Танҳо кофист диққати бештару мулоҳизаи амиқтар дар ҳифзи собиқаи афроду ақвом ва мавзеъҳояшон дошта бошӣ.

Шеваи ҳаракот аммо якгома асту рез-рез, дугом ё духона ҷилав рафтан муддатҳост, ки мамнӯъ аст ва дигар ҳатто дур аз тасаввур. Радаҳои аввал холиянд. Аммо бо ин ҳол ишғоланд. Онро бояд бо чашми дарун дид ва дар зеҳн супурд. Пиёдагардҳо, ки мардуманд, иҷозаи вуруд ё фузулӣ ба хатти муқаддам надоранд. Ҳамеша бояд мудофеъ ва муроқиби аҳриман буд. Фармонҳо шифоҳиянд ва бештари авқот ниёз ба фармон нест. Тамоми қавонини бозӣ дар рӯҳи бозигарон ҳак шудааст, чун нақшҳои нигорини Регистон. Фармонфармоён ғоибанд. Ниёзе нест дар саҳна зоҳир бошанд. Аммо ҳамеша чашм ба майдон дар

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шикори бозу уқоб ё харгӯшу гург ва оҳубачаҳои махӯфи[1] низом. Ҳамон беҳтар аст, ки аз саҳна ғоиб бошанд. Вагарна бақия раъиятвор даст бар синаву гиребон, бетаҳаррук мемонанд ва то калонтарҳо аз саҳнаи бозӣ нопадиду хориҷ шаванд, сар аз замин барнадоранд. Кулли шаҳр аз фаъолият мемонад, агар сарони шаҳр берун аз *локи*[2] муҳофизи худ бишаванд. Бозӣ мутаваққиф мешавад, замон меистад. Ин иттифоқ хушбахтона соле як ё ду бор рух медиҳад. Танҳо ба таври намодин ва сареъу кӯтоҳ ибрози ҳузури болонишинон асту бас. Аз вақте шоҳ дар роҳ аст, надимон фарёд мезананд: «Чашмҳову гӯшҳо баста бод!» Охирин бор Амир Темур аз ин хиёбон гузашта буд ва ҳамин фарёд буд ва то ҳанӯз мардум чашму гӯш боз накардаанд. Ҳатто вақте Амир Олимхон, охирин амири Бухоро, аз Самарқанд рад шуд, ҳайрон буд, ки чиро касеро ӯ на дид ва на шунид. Бозӣ идома дорад ва танҳо чизе, ки дар он ҳаётист, шинохти мавқеъият аст. Ҳуши ҷиҳатёбӣ дар мардумони ақаллият дар нутфа баста мешавад гӯё. Тамоми асрори бозӣ ҷиҳатёбӣ ва шинохти шароит ва пешбӯии хатар. Ҳеч санге аз радаи дувум ба радаи тарафи муқобил намегузарад. Хатти муқаддам охири хатти бозист ва танҳо бо *либоси* расмӣ ва низомӣ ё корти шиносоии бастагони болотарҳо мешавад ворид шуд. Бақия дар сатҳи баяғморафтаи шаҳр, дар майдони пиёдагардҳо

[1] Махуф – хавфнок, тарсовар

[2] *Лок* – сипари сангӣ, ки бархе ҷонварон монанди сангпушт доранд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мурокиб бояд бошанд, ки ғайб назананд. Ғайб задани ногаҳонӣ қонуни ин бозист. Регистон, виҷдони ин шаҳр, ҳайрон аз доси даврон, ки пои ҳарчи фозил даравидааст.

Баҳси ин ки ибтидову интиҳои марзҳои Самарқанд куҷост, мавзӯъи чанд барномаи «Чашми дил» буд. Охирин шумораааш пахш шуда буд ва ҳанӯз намедонистам бардошти мардум аз он чист. Дари таҳририяро касе назада буд, пас яъне вазъият қобили таҳаммул аст.

Расонаҳо мерасонанд ва баъд муҷрӣ[1] агар кунҷков аст, дар кӯчаву хиёбонҳо мегардад ва сарнахи таҳлилро боз мекунад, ки «назаратон чист?» Фарҳанги таҳлил ва интиқоди усулӣ дар дасти афроди хатти муқаддам аст ва бар асоси баҳ-баҳу чаҳ-чаҳ мечархад ё бар асоси тақ-тақ задани дар.

– Хулоса, бояд мурокиб бошед поятон ба чархи сиёсат напечад, – моро ихтор медод мудири телевизиюн. – Хатҳои иртибот яктарафа аст. Хатҳои телефун сетарафа, мурокиби ҳарфу забони худ бошед. Ҳамеша гӯши нафари севум дар миён аст. Бисёре аз корҳоро рӯдаррӯ ва дар дашту даман анҷом медиҳем, дар гузиниш байни шулуғӣ ва шаҳр, то ҳадди ақал гӯши севуме дар миён набошад, – механдид, вале асабонию нигарон буд. Намедонист, ки ин ҳарфҳояш ба боло мерасад ё ҳамин ҷо байни мо мемонад.

[1] Муҷрӣ – иҷрокунандаи барнома, гӯянда

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ӯ ҳам зодаи шаҳр набуд. Аз рустои дурдасте худро расонда буд ба ин мансаб ва барояш бисёр арзиш дошт, ки «афроди худӣ»-ро даври худ дошта бошад. Бо ин ки маълум набуд ба кадом табақаи шаҳр мансуб аст, мабно ва бақои таъорузи табақотии шаҳрро кашф карда буд.  Ин ҳарфҳоро барои имтиҳони мо мезад ё худ эътиқод дошт, ки бояд сиёсатро давр зад, то ҳарфи мардумро ҳам бишавад бозтоб дод. Ҳамаи инҳо ҳаяҷони кори таҳририяро боло мебурд. Мо дар тардиду шаккокият кори худро идома медодем ва тазоҳури ҳамфикрӣ. Ҳама дар локи танҳоии худ гардан фурӯ бурда будем. Ингуна роҳаттару фориғтар будем. Қавлу қароре бо касе надоштем ва аз ҷаласот фирорӣ будем. Парҳез пешаи мо буд, аз ҷамъҳои ҳассосу суҳбатҳои доғи рӯз. Ба хотири бақои фаъолияти барнома ҳамаи ҳамзабонон бо ёрии ғариза таъаҳҳуд бар ин қавонини нонавишта доштем.

Инҷо ҳам бидуни қарору муқаддима омаданам паём дорад. Медонад. Медонам. Аммо бояд барои котиба достоне сохт. Масалан, мехоҳем дар барномаи муштарак аз таҷрубаҳои омӯзиши бахши инглисӣ истифода кунем. Ҳарчанд М. Д. устоди бособиқае нест, таҷрубаи чандоне дар тадрис надоштааст. Диплумот буда ва диплумот монда. Бар асоси қавонини бозӣ аз хатти муқаддам касе барнамегардад. Ҳамонҷо барои абад зери заррабини давлат мемонад ва монда буд.

Донишгоҳи Забонҳои Хориҷӣ дарвозаи шаҳр

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

аст. Ҳамаи иртибот бо меҳмонон ва созмонҳои хориҷӣ аз тариқи ин донишгоҳ аст ва ҳар чизе марбут ба хориҷӣ ва хориҷа ва чи қадар тарс дошт ин вожаи бегона, ин дунёи пурвоҳима. Албатта, ҳанӯз пойи гардишгари хориҷӣ ба шаҳр боз нест. Аммо доштани барномаҳое барои мусофирони дохилӣ аз рисолатҳои ҷоафтодаи Донишгоҳи Забонҳои Хориҷӣ аст дар ин шаҳр, ки шаҳр нест, музеи саргушодаи осори бостонист.

Бидуни андешаи жарф навбат гирифта будам барои дидор бо раиси донишгоҳ:

– Мехоҳам бо Шумо ҳамкорӣ кунам.

Бо ҷиддият, аммо кунҷковона пурсид:

– Чиро маҳз бо мо?

– Ба ақидаи ман, Донишгоҳи Забонҳои Хориҷӣ дарвозаи шаҳр аст. Беҳтарин маҳал барои кашфи ҷаҳони берун ва фурсати хубе барои пурсидан аз устодони хориҷӣ, ки чиро Самарқанд?...

– Шумо мехоҳед аз хориҷиҳо дар бораи шаҳри худатон бипурсед?, – мунтазири посух нашуд ва идома дод раис. – Албатта сармашғулии худи ман ҳам ҳамин аст. Муаллима, аз ҳамин имрӯз ҳамкори мо ҳастед.

– Ҷиддӣ!? Аз имрӯз?, – бо ҳаяҷон мепурсам.

– Ҳар замоне ки омода бошед, – бидуни исрор ва хушҳолӣ мегӯяд Юнус Абдиевич, раиси донишгоҳ.

Ингуна буд, ки дарҳои ин донишгоҳ, ин дарвозаи шаҳр ба рӯям боз шуд. Ҳамингуна бидуни ҳеч подармиёнӣ, ҳеч гуна мадраку номаи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

муъаррифии хоссе, ошнобозӣ ва ришвабиёрию подармиёнӣ. Ҳамаи роҳҳо софу суфта шуд пеши поям ва бо ӯ вохӯрдам. Ба таври тасодуфӣ дар саҳни донишгоҳ.

– Ин хед бемуқаддима вориди утоқи Шумо шудам, бибахшед. Суолҳое дорам, ки шояд битавонед кумакам кунед. Инҷо тозакорам ва ба роҳнамоӣ ниёз дорам, – нимнафас ва беист ҳарф мезадам, то ором гирифтаму нафаси амиқ кашидам.

– Професор Р. Ғ.-ро мешиносед? Устодам буданд.

Вақте баъд аз иттилоъ гирифтан дубора вориди утоқ шуд, бо ҳамон ҷиддият суҳбатро аз сар гирифтам, дар ҷавоб ба «хӯӯӯӯш». Дар чашмонам ғарқ буд, ҳамон хел, ки хира буд, ба умқи андешаҳоям бирасад. Ҳуруфи нигоҳам резтар аз заррабини ҳадсу гумонаш буд. Танҳо чизе, ки медидам, нигоҳаш бар нигоҳам банд мондааст.

– Бале.

Аз ин чашм ба он чашм мекард. Пай бурда буд ба мавҷи бозии сабзи рангомезии чашмонам. Эҳтимолан ба сабзи рӯшани лимӯӣ мезад ранги чашмонам ё сахрае бо ғилзати сабз.

Ӯ ҳам аз мост ё мехоҳад сар аз қасдам дарбиёварад, маро имтиҳон кунад? Лабханд дар нигоҳаш буд ва мехонд нигоҳамро. Ларзиши торҳои аъсобамро. Сафҳа-сафҳа варақ мезад мижаҳоямро. Бе муқаддимаву баҳона мехост

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бичаҳад ба ҳавзи моҷароям. Ман низ...

Аз мо набуд, аммо буд. Тарҷеҳ медод бошад. Оне, ки аз мо буд, ҳатман «Чашми дил»-ро медонист ва ҷумъаҳо пои телевизиюн мехкӯб мунтазир мемонд, то бибинад оё ҳамчунон барнома дорем. Танҳо барнома ба забони модарии мо ним соъат ҳар ҳафта бо пуштибонии молии мардум гардонда мешуд. Барномаи аввал, ки пахш шуд, кулоҳи гадоӣ даст гирифтему рафтем идораҳои давлатӣ, ки саҳме дар барномаи баъдӣ бигузоранд. Дар иваз? Дар иваз аз созмони шумо ёд мекунем, ташаккур мекунем дар барнома ба поси кумак ба забони модарӣ ва фарҳанги бумӣ...

– Тарҷеҳ медиҳем исме аз мо оварда нашавад, беҳтар аст инро бигиреду..., – даст ба ҷайб мебаранд хелеҳо ва дасташонро лоъилоҷ мефишорӣ барои вопасин...

Дар бозори «Сиёб» ва бозори «Ленинский» кам савдогаре ҳозир мешуд аз дастам пуле бигирад. Ҳатто агар noneву пиёзе харида бошам. Муташаккир аз сина сипар кардан дар дифоъ аз фарҳанги ниёгон буданд. Ман куҷову таҳаммули ин ҳама илтифот. Эҳсоси як муфтхӯрро доштам. Ҳеч коре батанҳоӣ анҷом намешавад. Ҳамаи корҳо натиҷаи заҳмати ҷамъист. Агару магарҳое, ки ҳамеша дар соя мемонанд, исму расме доранд ва бешак дасте, ки ҳамеша барои кумак ба дигарон дароз аст. Ҳатто мағозадорон низ саҳм доштанд дар ин барнома, вақте ҷинсҳои худро бо камтарин қимат, ҳатто наздик ба ройгон, мефурӯхтанд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Барги сабзашон барои пуштибонӣ аз фарҳанги ниёгон ин буд. Эҳдои беҳтарин либоси ғурфаи худ ба муҷрии танҳо барнома худ суди маънавии бисёре дошт. Таваҷҷуҳи мардум масъулиятзо буд. Хобу оромиш мебурд тарҳи беҳтари барномаи баъдӣ. Ҷаззобтар аз ҳама он буд, ки тақрибан ҳамаи сокинони шаҳр даст ба дасти ҳам медоданд, ин барномаи ҳафтагӣ сохта мешуд, пахш мешуд, овозаю дарвоза мешуд, азони шоми ҷумъаи форсизабонон мешуд ва бори дигар танин медод байти Рӯдакӣ, пайғамбари мо, ки «Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон...» Аз нонво то мағозадор, аз сигорфурӯш то соҳиби рестурон, чойхоначӣ ва қаҳвахонадор ва ҳатто ронандагони токсӣ... Ва ӯ аз ин ҳама бехабар буд. Ӯ хиҷил буд, ки маро намешинохт. Нашнохтани ӯ ва дур будани ӯ аз ин дунё ҳам ҷаззобияте дошт ва ҳам нигаронӣ. Оё мехоҳад сар аз кори ману дӯстону рафиқонам дарбиёрад? Ё дунболи кайфу сафое дар сайёраи дигар? Ё Дун Жуонест, ки умдатарин нигаронияш барқу ҷилои кафшҳояш аст ва тири шалвору нақши галстуки такнусха ва мунҳасир ба фардаш.

– Магар мешавад бо Р. Ғ. ошно бошеду «Чашми дил»-ро надонед?

– Ба иттилоъоти дасти дувум руҷӯъ намекунам, мавриди алоқаам нест. Мутаассифона, чунин хӯ кардаам, – ҳирфаӣ ва сиёсатмадорона ба лаҳни масхараомезу шайтанатдораш посух дод М. Д.

– Ман инҷо наёмадаам Шуморо бо забони модариятон ошно кунам ё аз вазъи вахими рӯ ба

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

инқирозаш варроҷӣ[1] кунам. Омадаам бибинам оё таваҷҷуҳе ба фарҳанг доред?, – нигоҳам ҳамчунон рост ба чашмонаш банд монда, дар ҳоли қироати афкораш аст.

– Фарҳанг?! Бону, вақте мо гузарнома ислоҳ мекардем, ки тоҷик тоҷик бошаду рус рус, бо омори тақаллубӣ мубориза мебурдем, Шуморо ҳанӯз назоида буданд, – маълум набуд чигуна ҳам он сӯи соҳил буда ва ҳам ин сӯяш.

– Пас танҳо гузарнома ҳувияти моро таъйин мекунад? Дониш ва полудагии забону фарҳанг чи хел? Забони модарӣ?, – бо суол посух додам ба куллигӯиҳояш.

– Ҳеч ҳувиятеро бидуни пояи сиёсӣ қабул надорам. Даруни деги сиёсат ҳастам ва инҷо муфидтарам, то дар берун бесамар тохтан. Мувофиқ нестед?

– Муваффақ шудед?, – дастикам мегирифтам ҳар коре ҳам карда ё накарда бошад. Баъид набуд бофтаи хаёлаш бошад. Пас муҳим чи чизе буд дар ӯ?

Парвонаи замон ноъаён аз зеҳни мо парида буд. Чи қадар тӯл кашид ин дидор ва куҷо бояд бурид ин лаззати бисёрро? Ҳарду ҳамзамон аз ҷой бархостем. Дастони ҳамдигарро дами дари хурӯҷӣ рӯбарӯи котиба фишурдем. Кулчаи гарме буд кафи дастам. Қурси хуршед буд кафи дасташ. Аз нигоҳи аз зери турраи радиф буридаи котиба

[1] Варроҷӣ кардан - пурҳарфӣ кардан, пургӯӣ кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

фаҳмидем, ки замон беш аз маъмул аз дастамон дaррафтааст.

Зимоми замон ҳамеша дар дасти котибаҳост. Хуб фаҳмида буд. Аз дафу доираи замон рад шуда ва рафта будем пушти пардаҳое, ки кунҷковии ӯро оташ зада буд. Баъд аз он дидор афсонае бедор шуд ва маҳдуд ба маҳалли зисти ду навошно дар шаҳри кӯчаки куҳнаи Худо. Бидуни суол, бидуни фошу поши ин хуршеди хоҳиш, ки тулӯъ дошт дар гулӯи мо.

– Ҳатман метавонед ҳар вақт ки хостед, дар дарсҳои мо ширкат кунед, – дилу нодилон дастамро аз танӯри доғаш кашидам.

Бо хаму рости сар сипосамро расондам. Бо ҳамон виқор ҳангоми вуруд аз дар хориҷ шудам. Пас аз ин ки нигоҳи дӯстонае бар рухсораи котиба ҷо гузоштам. Роҳравон гуфту шуниди он дуро дар зеҳн месохтам.

– Ҳаминро дигар кам доштем. Лутфан, муроқиби ин муаллима бошед, фиристодаи раис аст.

Ва эҳтимолан меравад пушти мизи кории худ ва ба сандалии холӣ менигарад, ки муддате пеш рӯи он нишастам. Нигоҳ мекунад ба холигии амиқе, ки дар утоқи кории ӯ, дар атрофи ӯ ва шояд дар даруни синаи ӯ гузоштаам, агар заррае бахте доштам. Чоҳи тирае дар синаам нарм-нарм даҳон гушуд дар он дидор. Ғоре тиҳӣ шуд ва танӯре аз шӯру шарар қад кашид дар даруни торикам.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ингуна буд, ки вориди ҳарими кории ӯ шудам. Бояд ӯро медидам. Аз даври донишгоҳ гаштан, даври Регистон роҳ рафтан, аз талвосаҳои рафтан ба маҳалли зисташ ва хештандорӣ, худхорӣ, хаста шуда будам. Ин танҳо роҳе буд, ки метавонистам анҷом диҳам. Танҳо барои як бор дидани он нигоҳ. Чашмон на. Нигоҳ. Нигоҳе дар ҳавзи ғурури тар. Нигоҳе ба маънои «ман шоҳи ин шаҳрам». Ҳар тавре ки шуда, бояд мерасондам, ки чи бок, ки шоҳӣ. Ду кӯҳи мағрур ба ҳам бархӯрда буд ва ду чоҳи амиқ дар дили шаҳр нишаста буд. Суқути ҳафтдараҷаии осмон боре бар шонаҳои наҳифи дилшудагон.

Ин буд охирин рӯйдоди воқеъии ин шаҳр. Шоҳгунатарин қадамҳои худро баъд аз он дидор бар синаи ин шаҳр гузоштам ва аждармаоб нафас даркашидаму дардодам. Товус шудам, хиромидам. Хомуш шудам, оташ гирифтам. Ризоятбахштарин лаҳзаҳо дастоварди ояндаи наздик аст ва дар дастони мо. Онҷо дар утоқи кории ӯ, ки шояд холӣ аз дурбинҳои махфӣ ва шунуд набуд, кадом лаҳза буд он, кадом ҳарфу каломаш, ки дар арақ тар шудам, муъаттар шудам. Роҳ мерафтам ва ба рухсори шаҳр механдидам. «Ин манам, он ки рози мастӣ таркида дар комам.»

Эътиёд ҳам шояд ингуна шурӯъ бишавад. Аввал ба сони як ашки булбул таҳи ҷом кофист ва басанда. Аммо рӯз аз рӯз як ҷуръа бештар, як зарра афзунтар. Дере нагузашта буд, ки нигоҳ дигар кофӣ набуд ва шаб, ки мешуд, ҷойи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҷароққаи ситорагон барқи чашмонаш дар осмон холӣ буд. Шабҳо ба ғори амиқе табдил шуданд. Ғоре, ки рӯз то рӯз уксижен (оксиген) аз даст медод ва нафастангӣ одати ҷадиди рияҳоям[1] шуда буд. Ӯ чи хел? Намедонистам. Ва ин бехабарӣ аз ӯ буд заҷру ранҷи ҷадидам дар ин шаҳри расулони Аҷам ва пайғамбарони шеър[2]. Ва танҳо ниёзам аз дур балъидани атри ҳузури ӯ буд.

***

То китоб сари даст мегирифтам, ёди талқинҳои Хуршед-хонум[3] меуфтодам, ки мегуфт «бихоб, бихоб» ва мехобидам. Аз вожаи аввали китоб мехобидам, дар руъёи бедорӣ китобро беёдона таваррук мезадам, аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ нишаста, истода мешунидам, ки Хуршед-хонум такрор мекард «бихоб, бихоб».

Ҳамон гуна, ки рӯи тахт дароз кашидаам, поварчин[4] рафтани нури рӯзро мушоҳида мекунам. Ба ҳарфи ҳамсоя фикр мекардам, ки ҳар бор маро дар роҳи вуруд ба манзил мунтазир мемонд, канори духтари ҳафтсолааш, ки китоби алифбои рӯи зонуҳояш ҳар бор куҳнатар ба назар мерасид. Ҳар бор ҳам мепурсад:

[1] Рия – шуш

[2] Ин иборат аз шоир Сиёвуши Ҷунайдӣ аст:
*Дар ин шаҳри расулони Аҷам ва пайғамбарони шеър*
*Ба ман ояе нозил шуд, Самарқанд, Самарқанд, Самарқанд*

[3] Хуршед-хонум – инҷо манзур офтоб аст

[4] Поварчин – ором-ором, оҳиста-оҳиста, явошакӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Муаллима, ин духтарамро бояд имсол бидиҳем мактаб. Дар ин атроф мактаби тоҷикӣ нест. Чи кор кунам, муаллима? Он мактабе, ки гуфтед, рафтам, баста шуда.

– Чиро? Магар мешавад? Беҳтарин мактаби тоҷикии шаҳр буд. Талаба ҳам зиёд дошт. Чиро баста шуда?

– Баста нашуда, вале имсол клоси як надорад. Шумораи бачаҳо кам буда, ба ҳамин сабаб.

– Чанд талаба гуфтанд?

– Намедонам, напурсидам... Мактаби дигаре агар донед, гӯед ҳамсояҷон. Дер шуд, ин бача имсол аз дарс намонад.

– Шумораи якро пурсед, ман онҷо коромузӣ[1] рафтаам. Мактаби хубу бузургест. Муаллимҳояш ҳам нағзу босавод...

– Соли пеш баста шуд, муаллима. Ҳамаи клосҳоро фиристоданд мактаби Гузари Боло.

– Чиро бехабар мондем? Иштибоҳ намекунед?

– Рафтам, дидам, дараш баста буд, – ба духтараш нигоҳ мекунад, ки ангушт рӯи мим монда ва онро ламс мекунад.

– Бояд аз ҳокимият пурсед

– Чанд бор рафтам. Ҳамин мактабҳои атрофба тед, зиёд мактаби тоҷикӣ кофта нагардед будаст[2].

– Чиро? Албатта ки мактаби тоҷикӣ кофта

[1] Коромӯзӣ (практика)

[2] Яъне: Гуфтанд ба ҳамин мактабҳои атроф диҳед дунболи мактаби точикӣ нагардед.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гардед!

– Вале чи фоида? Мактаб ҳам дур бошад ин бачаро кӣ бараду кӣ биёрад? Ману падараш сари кор меравем.

– Ба ҳар ҳол бояд роҳи ҳалле бошад.

– Кош бошад, муаллима. Як кор кунед, ки ин бача аз дарс намонад. Мехоҳам тоҷикӣ хонад, мисли Шумо шавад.

Аз ҳавзи рангини ойинаҳо ҳам резтар мелағзад. Дилу нодилон рафтанист. Рӯи фарш ором-ором қадамҳояшро ба сӯи панҷара мекашад. Рӯи пешхони панҷара нишастааст ва охирин нигоҳҳояшро дар дохили утоқ мегардонаду нуронӣ мекунад. Охирин нурҳояшро аз девори сохтмон пойин мебарад ва маро дар оғӯши ойинаҳои камнур танҳо раҳо мекунад. Доғ-доғи қадамҳояш мисли тангаҳои тилоӣ[1] ҳанӯз рӯи фарш ҷо мондааст ва бо такон хӯрдани барги дарахтон боло-пойин мешаванд. Хуршеди тобистони 1991 танҳо ҳамхонаам буд, ки кош ҳеч гоҳ намерафт. Мехостам гармову нармои нураш ҳамроҳи шабҳои дарози танҳоии бетабу тобиям бошад.

Шабҳои тобистонро бештар дӯст дорам. Ҳамсояҳо низ ингор дар шаб оромиши бештаре доранд. Сару садоҳо мехобад. Ҳарчанд моҳ қурси нимашикастаи мусаккин[2] дур аз дастрас рӯшан. Аммо рӯзҳо шаҳр занбурхона аст.

[1] Тангаҳои тило – сиккаҳои тилоӣ

[2] Қурси муссакин – таблеткаи барои таскини дард

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Дари чӯбини мағозаи пойини опортумон баста мешавад ва сафи тӯлонии дастхолӣ бо ғуру ғусса маҳалро тарк мекунанд. Дар майдонча ва ё боғи пушти опортумон камтар мешавад ин теъдод мардумро дар гаштугузор ё суҳбат бо ҳамдигар бибинӣ. Ба ғайр аз пирзанҳое, ки ду-ду ё се-се рӯи сандалии пойини сохтмон менишастанд ва бо садои паст пич-пич мекунанд ва ба саломи раҳгузарҳо ҳатто ним-алейке ҳам намедиҳанд. Танҳо ҷои пуриздиҳом саффи пушти дари ин мағоза буд.

Дар боқии айём мардум ингор тарҷеҳ медиҳанд дар манзилҳои худ биншинанд ва телевизиюнҳоро рӯшан нигаҳ доранд. Хабаре дар роҳ аст. Хабаре сангину гунг.

Рӯзҳо, ки шаҳр холӣ буд, хуршед мемонду бозиҳои ҳамешагияш ва талқинҳои мудоми бихоб, бихобаш мавҷ мезанад дар фазои шаҳр. Аз дар, ки берун меравӣ, панҷаҳояшро мемонад рӯи пилкҳоят, ки бибанд ин чашмонро, бибанд. Ва мебандам чашмонамро, итоъат мекунам ба фармони Хуршед-хонум. Бо чашмони баста қадам мебардорам дар хоби ҳамешагӣ, дар хоби амиқи ҳамешагии шаҳр. Найзаҳои нурборашро ба бому пушти биноҳо мепартофт. Аз сари дилхушӣ рангу рутубаташон меҷаббид[1]. Боз баъдӣ ва боз баъдӣ. Ду-се ҳафтаи тобистон кофӣ буд, то рӯҳи баҳории шаҳрро бимакад. Ҳатто камари сафеди рангзадаи

[1] Ҷаббидан – макидан, ба худ кашидан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дарахтони хиёбонро ҳам балъида буд. Танҳо гарду хоки ҷоддаҳо[1] аз ин бозигӯшиҳои хуршед розӣ буданд. Бо як атса ё як қадам ба осмон меҷаҳиданд ва дуру дароз ба рақсу шодӣ мепардохтанд. Танӯри офтоб сабукии шигифтоваре ба онҳо дода буд. Орди хокистарӣ рӯи пӯсти шаҳрро гирифта буд. Нафас гирифтан орд балъидан буд.

Чи қадар ожанг изофа шуд дар ин моҳ ба рухсорам, нашумурдаам. Ожангҳои рез-резу хушк ва ҳатто дардовар. Хандидан бидуни кафидани пӯсти лаб ва пешона қадар буд. Касе ҳам намехандид. Аммо гоҳе ҷилои дандонҳои тилои занони шаҳрӣ барқе мезад ва шод мешудам аз нуре, ки дар чеҳраи ин занҳои раҳгузар медидам. Дандонҳои тилоияшон аз ҷавонӣ ва орзуҳо ва худнамоиҳояшон дарак медод. Намоиши шодӣ ниме аз шодӣ аст, ҳатто агар рафтаву фаромушшуда бошад. Бо ин ҳол, рӯзҳои шаҳр танҳо майдони худнамоиҳои хуршед буд. Дарахтони баланду сабз ба сони чатр, манзилу хиёбонҳоро аз тири сӯзони хуршед пӯшондаанд. Дарахтоне, ки агар набуданд, Самарқанд ҳам набуд, ғуборе буд зери пои сутурон.

Ниҳоле коштаам дар рӯбарӯи панҷараи бахши шарқшиносии Донишгоҳи забонҳои хориҷӣ. Мудири собиқи бахш боистӣ ниҳоле мекошт, аз рӯи эҳтиром маро ҳам шарик сохт. Ҳар Наврӯз ҳар нафар дарахте мекорад.

[1] Ҷодда – роҳ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Бо ҳам бикорем, – самимона ва орзуманд буд лаҳнаш.

Баъд аз роҳандозии бахш ва барқарории назми нисбӣ дар корҳои идорӣ тасмим гирифта буд бознишаста бишавад. Чанд рӯз қабл аз Наврӯз буд, аммо дар ҷашни Наврӯз даъват шуда буд ниҳоле ҳам бикорад, ҳамон гуна ки мизу сандалиҳои бахшро кошта буд дар маркази шарқшиносии донишгоҳ. Канораш истодам. «Бо ҳам бикорем». Мо ҳар ду ниҳолро нигаҳ доштем, ду донишҷӯ ба решаи он хок рехтанд. Баъд сатле об доданд дастам, ки бирезам дар решаи ниҳол, ки ҳол дарахтест хушбару барг. Ниҳолро коштам? Ё мо ниҳол коштем? Шояд дуруст бошад, ки бигӯям бошандагони ин даргоҳ чор рада ниҳол коштем барои сарсабзии шаҳре, ки дар баробари биёбон ҳазорон сол истодагӣ карда. Ба ҳар ҳол кошта шуд ин ниҳолҳои борику нозуки санавбару сафедор, чатрҳои ҷадид бар сари насли баъдӣ, ки зери он бӯсу канор ва зиндагӣ хоҳанд кард. Ҳамон гуна ки зери ин дарахтони куҳна ҳар шом донишҷӯён даст ба даст ё даст ба гардани ҳамдигар роҳ мераванд ва аз роҳ рафтанашон пайдост, ки дӯст доранд ин соярӯшани дарахтон то абадият идома дошта бошад. Гоҳ духтаре шодмон ба гӯши навҷавоне чизе нақл мекунад ва гоҳ навҷавоне бо ҳавсала шаҳду шакар мерезад ба ҷони духтаре, ки маҳви рухсори ӯст.

Аз ин ки номаҳои ошиқонаи ҳеч кадом аз шарикдарсҳои худро ҷавоб надода будам ё

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дурусттараш ҷавоби рад дода будам, ҳайрон будам. Кош бишавад аз онҳо бипурсам. Албатта, яке аз онҳо кашидаву кушода[1] афкорашро ба сӯям парт кард. Охирин шабнишинӣ бо шарикдарсонам буд. Чироғҳо хомуш ва нури заъифи обию сурх чашмак мезад даври девори атроф. Ёдам нест кадом мусиқии нарму ором мехонд. Дасти яке аз он ҷавонҳоро гирифтам, кашидам миёни майдон барои рақси сафеди[2] дунафара. Бо шарм пазируфт. Худ чун ҷуръати ин корро надошт. Барои худ ғайри қобили пешбинӣ будам, чи бирасад барои ин ҷавонҳое, ки тоза дар ҳоли кашфи ҷинси мухолиф буданд. Бадҷинстарин ҷинси мухолиф будам ва бебокиҳоям чи басо захмҳое бар дили нозуки онҳо раъша-раъша[3] андохта буд.

Дастонашро бо нармӣ ба камарам нимрасон гузошта буд ва бо оҳанги мусиқӣ чапу рост нарм-нарм хаму рост мешудем. Нигоҳам ба давру атроф буд, ба ҷуфтҳои рақсону хандон, ки даври худ мечархиданд, дар охирин шоми мактаб, ба дигар ҷуфтҳое, ки чолок-чолок вориди майдони рақс мешуданд. Ба гарданаш, ки наздиктар шудам, бӯи атри ошно шамидам. Қабл аз он дида будам, ки шалвори бародари бузургашро бар тан дошт. Ҳамон такшалворе, ки ба ғайр аз бародари ӯ каси дигаре надошт. Бародараш тоза аз хидмати ҳарбӣ

[1] Кашидаву гушода – башиддат, бо қудрату қотеъият

[2] Рақси сафед – он рақс аст, ки зан мардро даъват кунад

[3] Раъша – такон ва ларзише, ки бар андом уфтад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

баргашта буд ва бо худ шалвору пероҳан ва атри мунҳасир ба фарде аз марзи Олмони Шарқӣ оварда буд. Ҳамон атре, ки духтарони маҳал банди сеҳраш буданд ва ҳамон шалворе, ки чашми ҳамаи ҷавонони маҳал ба он дӯхта буд, вақте бародараш аз хиёбон мегузашт. Бетаваҷҷуҳ набудам, аммо ҳеч вақт ба ҳеч ваҷҳ ба рӯи худ наёвардаам. Сарду бепарво аз канораш гузаштаам ва ҳатто саломе ҳам надодаам. Агар ӯ саломе дода, беэътино гузаштаам аз бараш. Ёдам рафта буд, ки даст бар гардани бародари кӯчаки ӯ дар ҳоли рақс тори андешаи бародараш метанидам. Риштаи хиёли маро дарёфта буд:

– Медонам, чиро «не» гуфтӣ, – садояш ғаму ларзе дошт ва нафаси доғаш ба гарданам ҳарире аз навозиш.

– Чиро?, – пурсидам бо бепарвотарин лаҳне, ки мешуд дошт.

– Ту ҳам мисли бақия бародарамро нағз мебинӣ, – то поёни ҷумла аз итминони садояш чизе намонда буд. Сукут. Ҳасрат дошт садояш? На. Қотеъият дошт. Бидуни ҳеч шакку тардид гила дошт ҳар дона ҳарфаш, ламсаш бар пушти устухони навҷавонам. Ҳеч чиз муассир набуд, то назараш иваз шавад. Фурсати оростани лаҳну адо ба худ додам ва бо оромиши хиёл:

– Хато мекунӣ.

– Пас киро нағз мебинӣ?, – дӯст дошт бишнавад инкор кунам, ки ошиқи бародараш нестам.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ҳатман бояд касеро нағз дид?, – суҳбат озордиҳандатар мешуд ва аз ҳусни мусиқии румонтик мекост.

– Намедонам. Вале агар...?, – баргашт сари мавзӯъе, ки аз аввали шаб дар чашмонаш меларзид. Ҳамаро раҳо кард бар ихтиёри мани саркашу тундзабону бемеҳр.

– Чиро бояд мепазируфтам?, – худро бегуноҳу бетақсир ва маъмулӣ нишон додам. Ранҷондани ӯ музоҳимат ба оромиши худам буд. Нигарон будам, ки мисли бақия писарҳои маҳал дунболам кашола бишавад ва ҳарҷо рафтам, соям бошад. «Фалониро ман нағз мебинам» ва бехабар мемониву рӯҳат ҳам хабар нахоҳад ёфт, ки номзаде дорӣ ва ҳама муроқиби муоширати худ бо ту ҳастанд.

– Ман сабр мекунам. Донишгоҳат тамом шуд, он вақт издивоҷ мекунем, – зуд ва бидуни ин ки фикр кунад, ҳарфе зад, ки аз шуниданаш ҳарос доштам.

– Ту чиро умед дорӣ, ки издивоҷ мекунам ва он ҳам бо ту?, – дигар наметавонистам беш аз ин эҳтиёт кунам, ки эҳсосоташро наранҷонам.

– Ҳарчи қадар лозим буд, сабр мекунам, – ҳамчунон бар умеди худ пойбанд буд.

– На. Ниёзе нест сабр кунӣ. Намедонам барномаам чи ҳаст. Аммо медонам, ки издивоҷ намекунам, – садоямро боло бурдам, бехабар аз ин ки ҳама ба мо чашм дӯхтаанд. Ҳатто онҳое, ки даст ба гардану гуна ба гунаи ҳам буданд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ман ҳам тарҷеҳ медиҳам бебарнома зиндагӣ кунам, – исрор бар сари умеди худ дошт ӯ.

– Ман қарор надорам бебарнома зиндагӣ кунам. Барномаҳои дигаре дорам. Аммо медонам, ки ҳеч вақт издивоҷ намекунам, – қаҳрам аз лигом раҳо шуда буд, исрор танаффуровар аст.

– Ҳама бояд издивоҷ кунад ва ту ҳам рӯзе...

Беш аз ин натавонистам худро нағзу наҷибу меҳрубону дилсӯз нишон диҳам. Ҳарфи диламро пӯстканда фарёд задам ва дастонамро билохира аз гарданаш гирифтам ва аз дар берун рафтам. Аммо агар ҳарфе намезад, метавонистем то охири шабнишинӣ тан ба тани ҳам мавҷ бизанем ва он лаҳзаҳои охири боҳамиро шона бар шонаи ҳамдигар ширин-ширин истиқбол кунем то субҳ, ки дуруд ба тулӯъи ҷавонии худ бигӯем ва бо шарикдарсони худ «паноҳи Худо» кунем ва ҳар кӣ ба роҳи орзуву умедҳои худ биравем. Салом гуфтем он субҳ ба тулӯъ ва ба мижаҳои малмусу тилоии хуршед аз баландии пули маҳалла хира шудем ва пич-пичу тунд-тунд ниятҳои неки худро ҳамоили гардани бонуи осмон сохтем. Дуъои момои фалакро гирифтему дигар ҳамдигарро надидем.

Яъне мумкин аст ӯро ранҷонда бошам? Мумкин аст, ки ӯ зиёд бероҳ нарафта буд? Таваҷҷуҳам на ба мард буд, на ба писар ва на ҳар музаккаре. Нозим бо ин ҳама талошу кӯшиш он қадар ҳам кашише надорад, ки М. Д. бо он мӯйҳои мошу биринҷӣ дорад. Дар ӯ таваққуф

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

кунам? Метавонам? Метавонам бепарвову бетафовут бошам ба муҳтавои шумораи навбатии рӯзнома? Ё ба ин ки донишҷӯён чиро биёмӯзанд ё наёмӯзанд? Ё маркази фарҳангӣ таътил бишавад ё нашавад? Ҳеч вақт. Ингор ин ҳама ҳитаи[1] хусусии ман аст. Ба ин шаҳр аз сир то пиёз ниёз дорам. Ҳарчанд аз рафтан зери сақфи дигарон бим дорам. Таъаллуқ хавф дорад. Чи гунв касе метавонад аз таъаллуқ ба хонавода бим дошта бошад ва буҳтзада худро мутаъаллиқ ба ҷои дигаре бидонад ва дар байни мардумони он гуму гӯр шавад? Чи гуна касе аз сарнавишти худ дар фирор бошад ва талош кунад, ки таъсире бар мардуми худ дошта бошад? Ин ҳама тазод чигуна гунҷида дар тани кӯчаку лоғар ва дар айни ҳол шикамгуруснаам? Рӯз шаб шудаву шаб рӯз. Бо афкори парешон чашм ба осмон мондаам. Шабзиндадории дигаре дар навбат аст.

Маҳтоб, даф[2]и овезон бар шохи дарахт, шоҳиди шабҳои тобистонии шаҳр аст. Қоби телевизиюн аст, ки ҳар шаб сериёли хаёли худро дар он медидам. Тасовири зеҳни мунзавиён дар моҳ беҳтар зоҳир мешавад, то дар ҷӯйбори оби пуршитоб. Об гӯши шунаво надорад. Ҳамеша дар ҳоли замзамаи қиссаҳои куҳна аст. Танҳо гӯши шунавои ин шаҳр аст маҳтоб ва тобистонҳо ҳавсалаи бештар дорад. Тобистонҳо шаҳр низ

[1] Ҳита – замин, майдон, ҳавза, қаламрав, ҷои иҳоташуда
[2] Даф – дойира

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шабзиндадорони бештаре дорад. Армони даҳр дар шабакаи рӯшани шаб мунъакис аст. Бо чашми дилат дид бояд...

Аз муъошиқаи ҷирҷиракҳои канори обшор хаста панҷараро мебандам. Пардаҳоро боз мегузорам дар баробари чашми бедори осмон. Танҳо шабакаи байналмилалии мо ҳамин сафҳаи моҳтоб аст, ки як рӯяш ба мо ва рӯи дигараш дар он сӯи ҷаҳон пайдост.

Ҳоло чи кор мекунад ӯ? Ӯро танҳо як ҳафта ҳаст, ки дидаам. Ҳофизаам аз ӯ фақир аст. Қалбам аммо лабрез аз ғановати ҳайбати ғариби ғайбати ӯ. Аз утоқи кораш берун омадам ва ингор ҳеч вақт аз хаёлаш берун наёмадам. М. Д. кӯтоҳ муъаррифӣ шуд. На синну солу на гузаштаву ҳолаш бароям он қадар ҷолиб набуд, ки ҳузураш буд. Муштаракоти зиёде бо ӯ надорам. Агар насиме дар баробари ойинаҳои утоқи худ будам, ӯ дарахти сапедори устувор дар миёнаи шаҳр буд. Ба ғайр аз он дуп-дупи садое, ки аз синаҳои мо бармехосту мавҷ мезад дар фазо, садои дигаре ба ин баландӣ надошт синаи ман. Нигоҳе ба ин жарфо надошт дидаи ман. Осмоне ба ин равшанӣ надошт меҳани ман. Ҳамаи инҳо яку якбора аз куҷо расида буд?

Субҳи Самарқанд бо атри ғализи гандум аз дудкаши арақзавод[1] бар сару синааш аз панҷара нигоҳ мекунад. Ҳамсоязан дар болкуни сарбози худ бозпечидааст ба тори сапедори тани ҳамсараш

[1] Арақзавод – корхонаи тавлиди арақ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ва дар баробари чашми саҳар ва дар баробари нигоҳи меҳрубони пагоҳ оҳ мекашид. Намедонам аввал оҳи ҳамсоязан баланд мешавад ва баъд саҳар ба тамошояш меояд ё аввал бадани субҳи Самарқанд осмонро ширмол мекунад ва ҳаваси ишқбозии ҳамсояро бедор. Ҳарчи ҳаст, таврест, ки беихтиёр фикри шикастани нони шаҳват сари субҳонаи хилват бо марде хушрӯю хушқомате чун шамшод мезанад ба сар.

Панҷараро боз мекунам. Ҳаво дар намнами нимашаб тан шуста ва тозаву тамиз аст. Хилвати хокистарии шаҳрро фатҳ кардааст. Садои обшор ночор аз оҳу-воҳҳои зани ҳамсоя шикаст хӯрдааст ва нарму ором сар ба зер меравад. Чи бебок мешавад зани ҳамсоя дар ин соъати рӯз. Танҳо соъати рӯз, ки садояшро раҳо мекунад ва тоби худдорӣ надорад. Тамоми рӯз лаб зери дандони муҷассамаи сабру созиш аст, аммо шабҳо зери нури моҳ оҳ мекашад, бебок, бепарво. Талош мекунам ӯро дар ин лаҳазоти ҷуръат ва ҷасурияш тасаввур кунам. Дароз кашида? Бар камари ҳамсари худ нишастааст ё зери пайкари ӯ паҳн шудааст ва рухсор ба канору дастонашро ба салиби бозӯи ёр кашидааст ва оҳ мекашад ба нигоҳи моҳ. Оҳи шифобахше аз ҳамаи роҳ. Рози омезишро аз ду фарзанди худ махфӣ ба гӯши ҳамсояҳо таронавор чун кишоварзони саҳархез дар саҳро мукаррар ва ҳамнаво хондаанд. Оҳҳои ғафсу кашидаву ҳамнабз, ҳамсадо, ҳамхон, ҳамхоб, ҳамхез.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Бояд берун рафт. Ҷунуновар аст ин садо. Ин утоқи беҳаво. Бояд дар шаҳр қадам зад. Бояд аз роҳгузаре сигоре хост ва оташеву дуде даркашид. Мухтал бояд кард ин афкори мунҳарифкунандаро[1], ки бо ҳар наво нарму гармтар мешавад. Ҳеч хоҳише қавитар аз суроғи маҳалли ӯ гирифтан нест ва сар аз панҷараи ӯ ба дохил кашидан. Шояд ӯ низ занеро ба салиби оғӯши худ кашидааст. Ё шояд ӯ низ ба неҳзати шабзиндадорон пайвастааст. Қадам задам даври Регистон ва ба бозори холиву хилвати Сиёб саре задам. Бозори бемардум мазор аст. Самарқанд бо мардумонаш Самарқанд аст, вагарна ин дару девори зебо бидуни лаҳҷаи ширини сокинонаш хотироти каме аз Рӯдакӣ дорад. Аммо вақте мардум ором-ором шаҳрро пур мекунанд, байни чордевори манзили кӯчаки худ паноҳ мебарам то шаб ва то дилтангиҳои сангину хафакунанда ва боз иштиёқи қадам задан дар торикии дилпазири Самарқанд.

Як нах сигор рӯшан мекунад марди раҳгузар:

– Чанд?

– Чи чанд?!

– Чи чӣ?, – таъаҷҷуб мекунад мард ки нахи сигорро аз лаб гирифтааст.

– Чи чӣ?, – асабонӣ мешавам аз ин ки як сигорро ҳам мехоҳад ҳисоб-китоб кунад.

– Ин ки бо ман биёӣ, – ингор чизи

[1] Мунҳарифкунанда – аз роҳ бероҳкунанда, раҳгумкунанда

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

пешипоуфтодаеро маҷбур ба такрор шуда бо каме асабоният мегӯяд мард.

– Бо ту гуҳ мехӯрам биёям?! Ҳаромзода!, – манзурашро каме дер бошад ҳам, аммо хуб фаҳмида будам.

– Мебахшед ойтимулло[1]! Фикр кардам...

– Эй фикр накарда мур!, – асабонӣ ва ҳамчунон ки аз ӯ дур мешудам, сигори аз ӯ гирифтаамро ба мумфарши ҷодда мекӯбам.

Асабониятам намехобид. Баргаштам. Мехостам бидонам, ки чиро чунин пешниҳоде дод. Магар... Аммо мард тунд-тунд қадам зада, дур шуда буд ва аз даст такон доданҳояш маълум буд, ки ӯ низ асабонӣ аст. Аз ин муколима як нах сигор рӯи сангфарши хиёбон ба ҷо мондааст барои рашгузари баъдӣ, ки ҳеч надонад, ки достоне дорад ин як нах сигоре, ки ошиқи дилтангу хумориеро аз хона берун кашонда буд.

Ба сӯи Регистон қадам мезанам. Ҳар қадар, ки наздиктар мешавам, садои сагҳои маҳал баландтар аст. Марде рӯи сандалӣ рӯбарӯи тулӯъ дар баробари пешонаи Регистон нишастааст. Нахи сигор байни ангуштонаш чашмак мезад. Хатти хокистарии дуд пайдост. Паҳлӯяш менишинам.

– Сигори изофа доред?

Бидуни ин ки ба сӯям нигоҳ кунад, бастаи

[1] Ойтимулло – дар гӯиши Самарқанд ба маънои хоҳари бузургтар ва таҳсилкарда аст, муло ба маънои эҳтиром аст. Дар қуруни пештар ба афроди қуръонхон ва мадрасахонда мулло мегуфтаанд, ки имрӯз ба таҳсилкардаҳо гӯянд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

сигорро аз ҷайб берун мегираду ба сӯи шабаҳи канори ӯ нишастаи ман дароз мекунад.

– Ҳамэш нағз?, – мепурсам бо камтарин кунҷковӣ, танҳо ҷиҳати одоби самарқандӣ. Мегӯяд:

– На!

Ин бор бо самимияти бештаре мепурсам:

– Чизе шуда?

Бармегардаду ба русӣ мегӯяд:

– *Жизнь иногда бывает не совсем доброй, ни так ли?!*[1]

– Ҳа. Зиндагӣ ҳама кор дар тавонаш аст.

Аммо мутмаин нестам, ки зиндагӣ бо ман номеҳрубон аст ё аз сари лутф як коса дилтангии доғ рехта бар ҳалқам. Воқеъан мутмаин нестам, ки чи шуда ба мани собиқ.

– Ту чиро бехобӣ?, – мепурсад ӯ.

Ман мутанаффирам аз ҳар кӣ зуд «ту» хитобам кунад. Ингор ки мехоҳанд бо зӯр худро дӯст вонамуд кунанд. Маҳрами ту шаванд ва баъд аз як ду бор ҳамсуҳбатӣ бигӯянд, бале, мешиносамаш ва зуд шурӯъ мекунанд ба гузориш додан аз шахсияти ту, аз алоқаҳо ва барномаҳои зиндагият. Аммо боз ҳам дил ба дарё задам:

– Фикр кунам ошиқ шудаам.

Ба дастонаш, ки рӯи зонувонаш фаромуш гӯё буд, нигаристам.

– Муборак бошад. Ман дирӯз фориғ шудам.

[1] Яъне: Зиндагӣ баъзе вақтҳо бераҳм аст, на?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ба иқрори роҳат ва бе ҳеч андешаи худ банд будам. Ҳоли худро раҳо мекунаду бармегардад сари аҳволи ман.

– Хурсанд нестӣ?

– Хурсанд? На? Вале кошки мешуд пинҳон вориди хонааш шавам ва нигоҳаш кунам.

– *Как невидимка что ли?*[1]

– Шояд, – мегӯям ва аз ин идея хушам меояд. Кош як номаръӣ[2] будам.

– Зан дорад?

– Намедонам. Аммо сад зан ҳам дошта бошад, кумаке бар ҳолам намекунад..., медонам. Вақте кор ба ин ҷойҳои борик мекашад, суоли аслӣ чӣ дораду чӣ надорад нест.

Баргаштам ба рӯи ҳамсуҳбатам нигаристам. Гӯӣ солҳо мешинохтамаш. Ингор ӯ низ табу тоби дилтангии куҳна ва музмине дошт. Ақлу қалбам бо ҳам каланҷор[3] мерафт. Маълум набуд чи ба чи шуда. Ҳатто метавонам сарамро рӯи шонаҳояш бигзорам. Дар ин гуна ҳолат фарди бегона маҳрамтар аст. Бидуни ин ки ҳеч қазовате дошта бошад, ба ҳама ҳарфҳоят гӯш медиҳад. Панду насиҳате ҳам намекунад. Танҳо гӯш мекунад ва дар оромиш ҳамингуна ки ҳастӣ, мепазирад ва на дарди туро, на дидгоҳи туро на ислоҳ мекунад ва на тасдиқ. Бештар аз ин ҳеч намехостам аз он шаб. Он шабе, ки дар бетобӣ месӯхтам.

[1] Яъне: Мисли як фарди номаръӣ ё нодиданӣ?

[2] Номаръӣ – ғайри қобили дидан, нодиданӣ, пинҳон

[3] Каланҷор рафтан – сару калла задан, даргир будан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Борон нармак-нармак борида буд ва абри найсон рафта буд. Аз барги дарахтон ҳанӯз қатраҳо сарозер мешуданд. Ҷавонмард ба чак-чаки қатраҳо бар рӯи сангфарши зери дарахтон нигарист.

– Баъзе афрод мисли дарахтанд. Баъд аз борон ҳам мебо815 ва дар офтоб ҳамчунон соя медиҳанд.

– Шумо рӯшанфикр ҳастед?, – мепурсам аз ӯ.

– Ман? На. Фикри хоссе надорам, ки рӯшан бошад, – шонаҳояш бо тамасхур боло-пойин мешавад. – Ман назорагар ҳастам, халос.

Зани назофатчӣ зуд худро расонда буд ба сандалии мо ва бо ҷорӯбаш зад ба пояи он, ки хонаву дар надоред, баланд шавед? Товони шикаста шудани хоби ширини субҳгоҳашро аз мо мегирифт. Ҳамсуҳбатам киноярo мутаваҷҷеҳ шуда буд:

– Биравем бо ҳам субҳона бихӯрем.

«Лаби ғор» аввалин чойхонаест, ки дудмонаш парчами хокистарияшро дар осмони шаҳр афшонда буд. Ворид мешавем. Чойи сабзу кулӯчаи гарм рӯи дастархон мегузорад марди нонво ва меравад. Зани пешхидмат хаста мерасад. Чанд қатраи об байни ожанги зери чашмонаш ҳавзак сохтааст. Пиёлаи сарширро рӯи миз ниҳод.

– Тухми мурғро, чи хел, пазам?

– Хуб, бипазед, – мегӯяд ҷавонмард. Бармегардад:

– Аз хавфи микрубу исҳол хуб пухта хӯрем

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

беҳтар аст.

Нону саршир маззааш нисфу нима аст, бидуни ширинчой. Чой аммо шакар надошт. Қанд набуд. Зани пешхидмат тиккае аз шохаи набот овард:

– Ин ҳафта шакару қанди сафед зуд тамом шуд, купунҳоямон[1] дар даст мондем, ба Худо. Аммо асал дорем, – бо ин ҳол рӯҳияи шод дошт зан.

Мо майли асал надоштем. Вақте баргашту сигор ба дастам дид, аз нигоҳаш хондам: «Ман барои ин фоҳиша ин ҳама дар ба дар дунболи қанд гаштам?» Дар сукут дастархон ғун медошт ва чашмонаш ҳарф мезад: «Кош аз дасти ман ҳам меомад, як бор бо марди дилхоҳам дар ресторон субҳона мехӯрдам». Нигоҳаш пур аз ғуссаву ғам ва шиква шуд. Дилаш барои ду соъат хоби беминнат гум мезад. Маро шинохта буд ё бо бадкораҳои шабгард иштибоҳ гирифта буд? Ӯ маро як зани ҳамшаҳрии беқайду банде дида буд. Вақте ин бардоштамро ба ҳамсуҳбатам гуфтам, бо тардид пурсид:

– Дарунбин дорӣ, магар?

Ба чашмонам, суратам нигарист. Чеҳрааш дурахшид.

– Шумо барандаи «Чашми дил» ку?!

Дар ин шаҳр ҳама чиз пайдо мешавад, ба ғайр аз хилват. Аз фардо ҳама хоҳанд донист, ки дирӯз дил додаам. Рафтаам дар синаи марде мутааҳҳил[2]

[1] Купун / купон – баргаи баҳодор, ки ҷои пул ба кор биравад.

[2] Мутааҳҳил – зандор, оиладор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

манзил сохтаам. Рамзи Довинчӣ[1] нест ба ҳар ҳол. Тақрибан ними шаҳр то ҳол медонад, ки дирӯз куҷо будам ва киҳоро дидам. «Даҳони баста сад тило» мегӯянд. Аммо тило куҷову оромиш куҷо? Вақте рӯбарӯ бо манорҳои Регистон бо ин марди ғариба аз дари ҳамгилӣ ворид шудам, ба оромиш расида будам. Бояд ҳар тур ки шуда, бо ӯ дӯст шуд. Агар на, аз ҳар дудмони ин шаҳр садои тешаам баланд мешавад. Бо ҳафтоду ду рангу ривоят шоеъа мешавад. Сар аз нақшу нигори атласии кӯрпача бардоштам.

– Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,

Ки чашми сари ту набинад ниҳон, –

сукутро шикаст ҷавонмард.

– Бале, – ва лабханде. Ҷавонмардона аз худ розӣ буд. Ризояти малеҳаш аз ӯ фарди қобили итминоне сохта буд.

– Гапҳотон ҳамин ҷо мемонад, нигарон набошед, – нарм-нарм «Шумо» мегуфт ва ёдам мерафт, ки ба ӯ бигӯям «ту»-ро тарҷеҳ[2] медиҳам.

– Чанд рӯз пеш бо дӯстон нишаста будем, ин байтро ҳар кӣ ҳар хел мехонду маънӣ мекард. Аз рӯи фаҳму саводи худамон, албатта. Мешавад бипурсам, чиро ин байтро интихоб кардед?

Баҳси ширин ҳақиқати ҳастист. Ҳастӣ нерӯст, нерӯе, ки дар селул[3] ва атоми мавҷудоти зинда

[1] Рамзи Довинчӣ (The Da Vinci Code) – номи румони машҳур аст аз нависандаи омрикоӣ Дан Броун

[2] Тарҷеҳ додан – бартар донистан

[3] Селул – ҳуҷайра ё бофтаҳои бадан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

маҳдуд намешавад. Нерӯест, ки байни ҷисму ҷон асли ҳастии мост ва кош битавонем ҳама онро дар ҳамдигар бибинем. Бигзоред ин гуна гӯям бигӯям, дар ҳамин шаҳри мо, на мактаб аст ва на гузаштаву на оянда, на мардумони имрӯзу на ояндаи он ҳеч тафовуте бо бақия сокинони шаҳрҳои дигар надоранд. Аммо чиро ӯро беш аз дигар шаҳрҳо дӯст дорем? Бо ин ҳама ноҷавонмардиҳои таърихӣ, ки дар ин ҷо рух дод. Бо ин ҳама фақру ҷаҳолате, ки дар он ҳоким шуд ва мешавад, чиро ҳамчунон ин шаҳрро сайқали рӯи Замин медонему мегӯем «Самарқанд сайқали рӯи Замин аст»? Намедонам худамро дуруст баён мекунам ё хайр. Ин шаҳр дар ҳақиқат низ сайқали рӯи Замин аст. Аммо на замини воқеъӣ ва на он сайқале, ки мо мефаҳмем. Инҷо дар тӯли торих навобиғ бо ҳиссу ҳоли мутафовит бо каҳкашони худ дар бидеҳ-бистон будаанд ва нури дарунии ин маконро дидаанд, то тавонистанд ба мо насли баъдӣ интиқол додаанд. Мо ҳадс мезанем, ки чизе дар ин шаҳр фавқулъода аст. Чизе дар ин шаҳр ҳаст, ки ин ҳама нерӯи ҷозибаи маънавиро анбошта. Ин нерӯ ҳувияти мост. Агар на...

Намехоҳам бештар тавзеҳ диҳам чун ин нерӯро танҳо бо чашми ниҳон мешавад дид. Ин ниҳон ҳамон донишест, ки моро ба ҳамдигар васл мекунад. Сарфи назар аз забону фарҳангу торих ва гузаштаву оянда ҳолате вуҷуд дорад, ки байни лаҳзаву афрод радду бадал мешавад. Ин таъаллуқ ба ҳастӣ аст. Аммо ҳастии хоссу вижаи мо. Ин

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шаҳр гаҳвораи нерӯсоз аст. Ин ободӣ дар миёни биёбон бедалел нест. Нерӯе дар ин замин зояндаву созанда аст. Аз ман мо месозад, хонадон месозад, миллат месозад. Агар набошад, харобазор хоҳад буд инҷо, бо ин ҳама осебҳое, ки дида. Ин нерӯест, ҷавҳари ҳастӣ дар он ниҳон аст. Ин нерӯ далели ҳастии мост. Мо аз ин тариқ ба пистони абадият васл ҳастем инҷо, вагарна бо ин ҳама мунфаъилӣ ҳанӯз мисли ҳазорон сол қабл миллату иззати худро чи гуна метавонистем нигаҳ дорем? Бидуни илми амиқ ва маърифати барӯз... Нерӯи ин шаҳрро ҳазорон мардум бо худ бурдаанд ва аз дур ба мо дубора медаманд. Неруе, ки нури чашми Рӯдакии пир буда. Нерӯе, ки аз аъмоқи торихи абнои башар парида бар дидагони мо нишастааст. Онро бояд кашф кунем дар сандуқи нохудогоҳи худ. Мероси Рӯдакӣ ҳамин нур аст, на фазлу дониш ва на ҳикмату на маснавиҳояш. Ин нерӯ, ин нури дигагони ӯст, ки решаи ҳувияти мо насӯхту нахушкид. Ӯ ба мо нерӯи абадият ато кард ва ба ҳамсоягони мо низ армуғон дод. Ин шаҳр дар ҳолаи нерӯи ниёкони мо ғӯта мезанад ва балогардони ҳамаи мост. Рӯдакӣ... Ба самти шимоли шаҳр нигоҳ мекунам, раги ғафси ҳастии мо ва ғановати маърифати мост. Саҳлу мумтанеъ[1] асоси бақои мост. Китоби муқаддаси мо бӯйи ҷӯйи Мӯлиён медиҳад ва ёди ёри меҳрубонро

[1] Саҳлу мутанеъ – каломеро гӯянд, ки осон намояд, вале гуфтанаш ба далели маъонии зиёду печида душвор бошад ва ҳар кас чунин каломе натавонад гуфт

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

абадзинда медорад. Мо ҳеч гоҳ мушкилписанд нахоҳем шуд, мо содазитарин[1] миллати рӯи заминем ва расми мо парастидани ҳар лаҳза ва ҳамин лаҳза аст. Дар рафтаҳо ва наёмадаҳо савганд намехӯрем ва лаҳзаро, ки хиште аз бинои абадияти будани мост, гиромӣ медорем.

Шунавандаи ҳарфҳои худ будам. Он қадар идома ёфт суҳбат, ки аввалу охираш маҳв шуд. Ниҳоят аз боғу бӯстони дигаре сар баровардем. Ғарқи ҳикмати ногуфтаи ин байт будам ва ӯ суҳбатро ба иттифоқи баёдмонданаии даврони кӯдакияш гиреҳ зад, ки ҳанӯз зеҳнаш даргири он буд.

– Падарбузургам устоди торих буд дар солҳои Истолин. Падарам мегуфтанд баъд аз ин ки қазоқҳо харвор-харвор ришва ба Маскав бурданд ва ба ҷояш бахше аз хоки Узбакистонро гирифтанд, тоҷикони Самарқанду Бухоро ҳам бо раҳбарии Садриддини Айнӣ тамоми мӯйсафедону афроди бонуфузро фаро хонданд ва ин мавзӯъ ба таври махфӣ матраҳ мешуд. Қарор буд ҳаркӣ ҳарчи дорад, ҷамъ кунаду бибаранд ва дар қиболи он аз Истолин хоҳиш кунанд, ки Самарқанду Бухороро ба хоки «Тоҷикистон» ҳамроҳ кунад. Намедонам ба куҷо расид ин талошҳо. Бачаи камсинне будам, вақте падарузург инро ба меҳмонҳо бо садои пасту нигарон бо дӯстонаш қисмат мекард, аз пушти дар мешунидам. Ҳатто

[1] Содазӣ – сода зиндагӣ кунанда

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ёдаш набуд меҳмонҳо киҳо буданд, чи мегуфтанд... Шумо чизе аз ин нашунидаед?

– На, нашунидаам. Ҳатман бояд касе аз он гурӯҳ боқӣ монда бошад. Пурсуҷӯ кардвн даркор.

Ин мавзӯъ ошно набуд ва барои аввалин бор буд, ки мешунидам. Аммо медонам, ки Ҳикмати Доро, шоир, чанд сол пеш дар паҳлуи шаҳрдорӣ гуруснанишинӣ эълом кард, ки рӯзномае ба забони форсии тоҷикӣ таъсис диҳад. Ҳаққи мост, ки чанд рӯзнома ба забони модарии худ дошта бошем. Ҳатто номи рӯзномаро ҳам ёфта буд ва намунаи шумораи аввалро ҳам аз қабл омода дошт. «Садои Самарқанд».

– Медонам, – мегӯяд ӯ, – фикр мекунед боз ҳам муваффақ мешавад як бори дигар талош кунад?

– Барои рӯзномаи дувум? Фикр мекунам бояд бишавад. Аммо ба натиҷаи дарозмуддати ин рӯзномаҳо каме тардид дорам. Магар ин ки рӯзномаи хусусӣ бошад, ҷудо аз барномаҳои давлатӣ, – аз худ мутаъаҷҷибам, ки суфраи дил назди навошное боз кардаам.

– Бале, бо Шумо мувофиқам.

Беҳавсала аст ҷавонмард аз ин гуна шакл гирифтани суҳбат. Ба атроф нигоҳ мекунад ва ингор дил ба дарё зада бошад, «ҳарчи бодо бод» мегӯяд ва ба чашмонам нигоҳ мекунад:

– Ойтимулло, мегӯянд агар Шӯравӣ фурӯ пошад, ҳар қавмро ба кишвари худаш мефиристанд, дуруст аст?

– Чизе нашунидаам. Аммо агар мо кишваре

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дошта бошем, ҳамин Самарқанд аст.

– Самарқанд кишвар нест...

– Беҳтар аст, ки бошад, вагарна саргардони сад сангар хоҳем шуд.

– Агар воқеъан бигӯянд тоҷикҳо ба Тоҷикистон биравaнд, меравед?

Тоҷикистону баҳору бӯстони ман ҳамин ҷост. Дар ин хиёбон, дар ин обу ҳаво, дар ин гуфтугӯи бо Шумо.

– Шумо чизе медонед ва намегӯед...

– Чизе бештар аз ончи ки Шумо медонед, намедонам. Аммо медонам, ки ҳар кӣ дар Тоҷикистон буд, баргашт. Тоҷикистон ба гунае фаҳмонд, ки Самарқанд барои худ кишвар аст. Ё беҳтар аст, ки бошад.

– Онҳо, ки аз Тоҷикистон баргаштанд, аз тарси даргириҳои маҳаллӣ гурехтанд.

– Дақиқан! Вақте кишварат дар ҷанг аст, намегурезӣ, мемонӣ, по ба пояш сина сипар мекунӣ. Барои ҳамин аст, ки мемонем, сина бар синаи Самарқанд сипар мекунем. Самарқанд кишвар аст. Самарқанд кишвари мост.

– Дуруст, аз ин ҷиҳат Самарқанд танҳо кишвари мост. Ман ҳам намеравам.

– Ҳеч кас моро берун накардааст, дӯсти ман. Танҳо Шӯравӣ меравад, агар биравад. Мо сари худ барҷо хоҳем монд. Яъне бояд талош кунем, ки барҷову сарбаланду обрӯманд боқӣ бимонем, дар канори хоки поки ниёкони худ арзандаву разманда.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Чиро разманда мегӯед? Магар...

– Ҷудо аз нофи обу нондеҳи Тоҷикистон осон нахоҳад шуд. Агар Тоҷикистон онҷо истиқлол эълом кунад ва Узбакистон инҷо ҷудо мустақил бишавад, Самарқанд ятими бепушту паноҳе хоҳад шуд. Бале. Ва зиндагонии ятимон ҳар лаҳзааш разм аст ва муборизa барои будан дар баробар ва дар канори дигарон.

– Рӯзҳои осоне ба ҳар ҳол дар пеш нест.

– Бале, рӯзҳои осоне ҳеч вақт дар пеш набудааст. Беҳуда мегӯянд, ки «бузак, бузак, намур, ки баҳор меояд». Бояд гуфт: Ҳой! Эй бузак! Чи вақти мурдан?! Муқовим бош, то баҳор ояд!

Он рӯз барномаро бо ин шурӯъ мекунам, ки яке аз бинандаҳо хоста шоҳбайти шурӯъи барномаро тавзеҳ диҳем ва шурӯъ мекунам ба таҳлил, ки «ба чашми дил дидан» яъне чӣ? Чеҳраи ҷавонмард дар зеҳнам ҳувайдост: Нозим. Ӯро баъд аз он борҳо дидам. Вонамуд, ки маро надида ва намешиносад, вақте барои аввалин бор канори шоири пир нишастем дар маркази фарҳангӣ ва аз вазъияти марказ ва фарҳанг ва ҳатто азояндаи таъсиси рӯзномаи баъдӣ пурсидем.

– Шуданист, – як нах сигор гирифт Ҳикмати Доро, ки пиру лоғартар аз қабл ба назар мерасид, – аммо метарсам саломатиям беш аз ин тоб наёварад.

Мо ҳам намехостем саломаташро бори дигар дар хатар бигзорад. Мо танҳо раҳнамоӣ мехостем. Шоири пир камҳавсала буд. Занги садо ва шуълаи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дидагонаш ҳам ингор фурӯ нишаста буд.

Тобистони Самарқанд шӯхӣ надорад. Занони бордор ва куҳансолҳо ба ҳеч ваҷҳ аз соя канда намешаванд. Офтоби сафеди Осиё «Белая солнце пустыне» – номе, ки русҳо ба минтақаи мо додаанд – сахтгиртарин имтиҳони зиндагист. Касе нест, ки аз саргиҷа ба гӯшае дар нимароҳ нанишинад. Касе нест, ки чашмонашро абр торик напӯшонад, вақте дар нимрӯзи тобистон дар хиёбон мемонад. Офтоби тобистони Самарқанд ҳасрати абру боронро қарнҳост, ки дар дили ин мардум анбоштааст. Борон ёри саркаши торихии мост, ки пушти абрҳои сап-сафед пинҳон аст ва бозиро ба хуршеди оламафрӯз бохтааст.

Ҳикмати Доро аз он мегӯяд, ки чи тур рӯзномаи аввалро таъсис дод. Баъд аз муборизаҳои тӯлонӣ ва номанигориҳои зиёд, ки ҳеч кадом ба ҷое намерасанд ва лоъилоҷ даст ба гуруснанишинӣ мезанад. Ниҳоятан муваффақ мешавад. Баъд аз як ҳафтаи гуруснанишинӣ. На бо кумаки мардум, балки бо кумаки модари пираш. Мегӯяд, ки чи тур вақте модари пири ӯро садо мекунанд, ки биёяду писари 'нохалафи' худро аз сари роҳи ҳокимият ҷамъ кунад ва модари куҳансоли ӯ меояду ғайриинтизортарин ҳарфи торихи Самарқандро мезанад:

– Агар ту писари ман бошӣ ва агар мехоҳӣ шири маро ҳалол кунӣ, то аввалин рӯзномаи ин шаҳр ба чоп наравад, аз ҷоят баланд нашав!

Ӯ бо ин ҳарф танҳо писари худро низ дар

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

қиболи аввалин рӯзнома ба забони модарияш дареғ намедошт. Аз он қурбонӣ, ки торихи Самарқанд на дида ва на шунида буд. Огоҳ буд аз вазъи саломатии писари пиру лоғару маъюбаш. Ба мардум рӯ мекунад ва дастони ларзонашро ба ҳаво мебардораду мегӯяд, агар писарам муваффақ нашавад худам ба ҷои ӯ мешинам.

Баъд аз он нутқи қаҳрамонона ва ғайричашмдошти кампири ҳаштодсола тамоми мардуми шаҳр сарбазеру шармсор буданд. Ин ҳама ҷуръат ва ҷасорате, ки модару писар дар баробари сиёсати рӯз нишон доданд, кайк дар тунбони[1] Тошканд ва Маскав афканд. Агар ду нафар ин ҳама муқовимат нишон диҳанд, чи шавад, агар ҳамаи шаҳр ба по хезанд?! Агар ба по хезанд, як рӯзнома на, балки садҳо рӯзнома ва маҷалла ва китобфурӯшӣ хоҳем дошт. Аммо аз он ҷасорате, ки надорем, аз ин ҳама маҳрумем.

Пайкари Ҳикмати Доро мисли гунҷишке буд, ки аз лона ба замин уфтода бошад, пару болшикаста. Лоғару кӯчак. Ӯ муҷассамаи миллат буд, ки бар хилофи миллат садои кулуфту хашдор ва баланде дошт. Торе менавохту овозе мехонд ва ҳамеша қаҳваи сиёҳу талх ҳамроҳ дошт. Талхбаён буд ӯ ва талх менӯшид ва сахт мекӯшид. Аммо ба танҳоӣ.

Он мавқеъ дар мактаби миёна мехондам, ба эҳтимоли зиёд он тобистон дар мазраъаи панба

[1] Тунбон – зерҷома, шалвор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

будем, даст ба кору дил ба дарё дода будем. Баъдҳо вақте пойини опортумон рӯи сандалии зери дарахтон дар сояи канори ҷӯйбори кӯчак пой дар об менишастам, аз ҳамсояҳо шунидам, ки шабҳо садои ин шоири муътаризро мешунидаанд аз панҷараҳои бози худ. Садои овозхонии шоирро дар маркази фарҳангӣ шунидаам, на дар канори бинои ҳокимият. Садои оҳу воҳи зани ҳамсояро аммо ҳангоми ишқбозиҳояшон тақрибан ҳар шаб мешунавам. Гоҳе ҳам садои ғазалхонии ғамноки шоирро аз лобалои дарахтон тасаввур мекунам. Агар ҳоло эътисоб мекард, чи тур буд? Агар каси дигаре онҷо гуруснанишинӣ мекард... Тор ҷудо нола мекард, садо ҷудо шиква мекард. Ингор дарди ҳарду ҷудо-ҷудо буд. Мисли дарди фарду дарди ҷамъ. Баёнгари дарди ғайримуштараки шаҳри мо.

Бӯйи нони Самарқанд аз сӯи Регистон меомад, садои «Мооолооокооо! Мооолооокооо»-и зани ширфурӯш аз майдонча баланд мешуд ва дар боди субҳгоҳӣ пахшу парешон, ки шири тозадӯш барои опортумоннишинҳо овардааст. Садои оҳу воҳи зани ҳамсоя ба ҳангоми ишқбозӣ ва садои такутӯки худравҳо аз ҷоддаи канори шаҳрдорӣ. Ҳамаи ин садоҳо ошнову такрорист, ба ғайр аз ғазалхонии шоири пир, ки дар хаймааш як ҳафта аст дубора ба гӯши мардуми шаҳр азони бедорӣ мехонад.  Аммо дар ин гургумеши саҳаргоҳӣ шаҳр ҳанӯз хоб аст. Хоб мебинам ё ӯ дубора эътисоб карда?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Зане аз панҷара сар берун оварду фарёд зад, шумораи 22 бароед. Ин манзили рӯбарӯи ман аст. Зани ҳамсоя барои мизи субҳонааш шир мехоҳад. Садои пои ширфурӯш, садои боз шудани дари оҳанини ҳамсояро мешунавам.

– Салом. Чи тур Шумо? Нағзед?

– Салом. Нағз, раҳмат. Шир даркор?

– Се литр, – садои хастаи зани ҳамсоя шунида шуд ва эҳтимолан ҳамзамон зарфи холии шири дирӯз субҳ харидаашро ҳам ба ширфурӯш баргардондааст:

– Раҳмати калон. Пулашро охири моҳ баргардонам, майлаш - ми?

– Нисфашро ҳам дода мемондед, ойтимулло, – хоҳиш мекунад ширфурӯш.

– Ба Худо, надорем. Намедонам чи кор кунем. Бачэкоя бе шир монда нашавад. Барои худамон он қадар ҳам зарурӣ не, тоқат мекунем, – шармандавор илтиҷо мекунад зани ҳамсоя.

– Мефаҳмам. Аҳволи ҳама ҳамин.

– Кай аз ин аҳвол мебаромада бошем...

– Надонам ойтиҷон.

– Шунидед, Гурбочуф[1] аз кор рафтааст?

– Не, нашунидам. Монда ҳам чи кор мекард. Мамлакати обода ба бод дод.

– Ҳамуна гӯед. Аз рӯзе ки омад, ҳама чиза вайрон кард.

– Афсуси он рӯзҳо.

[1] Гурбочуф – Михаил Сергеевич Горбачёв, охирин раҳбари Иттиҳоди Шӯравӣ, ки сиёсати переструйкоро пеша кард

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ҳамуна гӯед.  Аз ҳамин магазини пойин даҳ копек медодам, як шиша шир мехаридам.

– Аз мо намехаридед, медонам. Ба милиса хабар медоданд ҳамин ҳамсояҳои Шумо, ки «тиҷорати хусусӣ» мекунем.

– Ҳа, савдогарӣ мумкин набуд.

– Савдо озод мешуд, нағз буд, – аз гилагӯӣ даст мекашад ширфурӯш.

– Каллаи саҳар шир фурӯхта гаштан Шумоба чи даркор? Мазза када хоб равед, намешуд?

– Вай ҳам нағз кӯ. Ин тарафаша дуруст кунед, он тарафаш мерезад. «Рӯзгор ғор» гуфтаанд.

– Ман равам, бачаҳо гушна, – зани ҳамсоя худоҳофизӣ мекунад ва дарро мебандад.

Зани ширфурӯш ҳам чида-чида қадам мезанад пойин, сӯи майдонча. Чанде пеш садояш дубора баланд мешавад:

– Мооолооокооо!!!

Мо ингунаем ва шояд ҳамеша ингуна будаем. Дар нақшҳои мухталиф бо сатҳи ҷасоратҳои мутафовит ибрози ақида мекунем. Дар хуни мо ин хислат хуб хобидааст. Ҳисси ғаризаи мо тақвият ёфтааст. Чун яҳудиёни Бухоро зерзаминӣ шудаем ва зиндагонии дугонае пеш мебарем. «Будан» ҳикмати аслии муборизаи мост, дар ҳамаи давронҳо. Будан бути мост ва ҳеч мантиқе аз мо муртад намесозад бар ин дину ойинамон. Мо омадаем, то зинда бимонем. То ноне бипазем, шире бифурӯшем, кӯдаке бизоем, бозор биравем ва меҳмонӣ бидиҳем. Арӯсиҳоямон муҳимтарин

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

маросими миллии мост. Дилхӯр буд Ҳикмати Доро, вақте даст ба рӯзномаи «Садои Самарқанд» бурд. Инсоф ҳам хуб чизест.

– Инро таъсис додам. Ҷонамро ба гарав гузоштам, аммо маро аз он маҳрум сохтанд. Аламовартар аз ҳама ин аст, ки ҳеч касе аз дӯстон ба ин рафтори разилона эътироз накард.

Ҳақ бо ӯ буд. Ҳама сарбазер нишаста будем ва намехостем ба ҳеч қимате тан ба хатар диҳем. Медонистем агар ӯ дар таҳририя мебуд, баъд аз ду-се рӯз рӯзнома таътил мешуд. Ӯ, сиёситарин ва ҷасуртарин марди шаҳр, наметавонист барои миллат бинвисад. Раъйи моро надошт. Раъйи сиёсии моро надошт. Раъйи отифии мо ба дарди суҳбатҳои ширини сарироҳӣ мехӯрду бас. Рӯзномае, ки қарор буд садои Самарқанд бошад, дили бозу дарду рози Самарқанд бошад, дар занҷири сиёсат баста ва дар қафаси фӯлодини давлат фурӯ нишаста. Мо рӯзнома мехостем. Рӯзномае, ки минбари миллат бошад.

– Кадом миллат минбар дошт, ки мо дошта бошем?, – яке аз ҷавонмардон мухолифат кард. Ҳама ба ӯ кинадор нигаристем.

– Хуб, рост мегӯям.

Боз ҳам кинагинтар нигаристем ба ӯ. Ночор ором шуду хомӯш монд.

Ин ҷо буд, ки аз панҷара чизи сангине ба рӯи кафи чӯбини утоқ бархӯрд ва ҳамаи ҳозирони дар марказро тарсонд. Гулӯлаи гози ашковар андохта буданд. Кас пеши пои худро намедид. Роҳе барои

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

фирор набуд ва чашмҳо аз шиддати сӯзиш баста буд ва ашки сӯзон гулӯла-гулӯла равон буд. Дарро муҳкам заданд, ду сония тӯл накашид, ки ҳама даст паси сар ва рӯ ба девор будем. Пулис ғофилгирона доми разолат чида буд. Ҳамаи суҳбатҳо сабт шуда буд ва ҳамаро бурданд онҷои беному нишоне, ки эҳтимолан тамоми мардуми шаҳр кобуси онро дидааст. Боздоштгоҳе, ки на роғ дошту на сӯрохе, ки садое аз он берун биравад. Ин охирин ҷаласаи маркази фарҳангӣ буд ва Нозим он рӯз бо мо набуд. Коре барояш пеш омада буд. Агар на, бо мо ӯ ҳам боздошт мешуд ва парвандаи ӯ сангинтар аз парвандаи ҳамаи мо буд. Падарбузурги Нозимро аз «хоинони миллат» дар даврони Истолин медонистанд ва дар авоили даҳаи сӣ ба Сибрӣ[1] табъид шуд ва дигар барнагашт. Ӯ аз кӯдакӣ омӯхта буд дур аз ин гуна ҷамъҳо бошад ва буд, то замоне ки ба хотири ҳамроҳӣ пояш ба марказ боз шуд ва ҳар бор бо ман омад.

Дар утоқи кӯчаке нишаста будам ва ба рахнаи зери дар нигоҳ мекардам. Чи касе аввал ворид мешавад. Чи чизе дар зеҳн: шиканҷа? бозпурсӣ? Ба дасту пойҳои лоғари худ нигоҳ кардам. Духтаре нозуки камхун, ки тамоми фикру андешааш дар айни ҳол ба шиками холӣ ва масонаи пураш аст... Дар боз шуд...

М. Д. бо чеҳраи ҷиддӣ ва бо куту[2] шалвори

[1] Сибрӣ – Сибир

[2] Куту шалвор - кастюму брюк

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шиктар[1] аз ҳамеша вориди уток шуд. Канорам нишаст ва бо забони русии ҳамеша нобаш хайрхоҳона пурсид:

– *Что случилось?*[2]

– Намедонам, – мехостам гиря кунам, ки маро аз ин ҷо бибарад, ин ҳарфҳое, ки мезананд, ҳеч кадом дуруст нест. Аммо ба чашмонаш, ки нигаристам, ором шудам. Ӯ маро ҳеч гоҳ танҳо нахоҳад гузошт. Аз ин фурсат истифода кун, дили ғофил. Шикам сер кун аз дидораш.

Барои аввалин бор даст ба сӯи гунаҳоям бурд.

– Чизе хӯрдаӣ?

Сар такон додам, ки на. Садо зад:

– *Это что концлагерь что ли? Дайте ей что нибудь есть!*[3]

Дар муддати кӯтоҳе мизи кӯчаке вориди уток шуд ва рӯи он хӯрданиҷот.

– Чой?, – пурсид.

Шонаҳоямро бардоштам, ки фарқе намекунад.

– *Водку что ли заказать?*[4]

Баланд хандид. Ҷиддитар аз ҳамеша будам. Ба чашмонаш нигаристам. Бозӣ мекард. Бозии мӯшу гурба. Ӯ тавре рафтор мекард, ки ингор соҳиби инҷост. Муассиси ин дару девор аст ингор. Сари кори маъмулии худ нишастааст, аммо эҳсос мешавад бо ин ҳол ӯ низ ором нест.

[1] Шик – зебову шинам, мӯди рӯз

[2] Яъне: Чи шуд? Чи иттифоқе уфтод?

[3] Яъне: Чи инҷо урдӯгоҳи марг аст, магар? Чизе бидиҳед, бихӯрад.

[4] Яъне: Чи магар вудко (арақ) суфориш кунам?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Киҳоро дигар гирифтаанд?, – мехоҳам бидонам.

– Ба ту чӣ? Устоди ту сари ҷояш аст, – бепарво мегӯяд ва бо имои сар таваҷҷуҳи маро ба миз мекашад.

– Бале, ба ӯ наметавонед даст бизанед, меҳаросед, ки дар як он шаҳрро ба ҳам мерезад. Бақияи беному бегуноҳонро гирифтаед, ки ӯ хомӯш бошад, – дод задам ба сари ӯ.

Дасти маро гирифт:

– Ором. Ҷои шӯхию бозӣ нест. Вазъият печидатар ҳам мумкин аст бишавад.

Асабонияташро мехобонад ва бо каме оромиши бештар ва чида-чида мегӯяд, қарор аст аз Тошканд маъмур бифиристанд, шаҳр бояд ором бошад, онҳое, ки дар ҷараёни таҳияи гузарнома даст доштанд, зиндон мешаванд, онҳое, ки шаҳрвандии кишвари дигаре доранд, табъид мешаванд ва ту меравӣ сари кору бору зиндагият, ба шарте ки ин номаро имзо кунӣ ва дигар даври шоир ва он марказ пайдоят нашавад:

– Ин ҳамаро бояд то охири рӯз анҷом диҳем, вагарна тошкандиҳо ин ҳама нозу ишва намехаранд, медонӣ.

Мехостам онҷо бимонем. Онҷо метавонистем то абад ҳарф бизанем ва касе гумон ба ҳоли бетоби мо набарад. Дастони ӯ ҳам ларзид, вақте ба гунаҳоям даст зад. Чашмонаш суҳбатро идома дод, ту чи қадар лоғарӣ, ту чи қадар нозуку рангпаридаӣ. Нигоҳ кард ин ҳамаро ва дар

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

нигоҳаш хондам, вақте пораи нонро бо сахтӣ фурӯ мебурдам дар баробари чашмони нофизаш. Ба масонаи пури худ фикр мекунам, ки ҳоло метаркад ё чи вақте муносиб аст бигӯям ҳоҷат дорам ҳамин ҳоло... Эҳсоси хубе надоштам. Ингор ӯ падарам буду ман духтари камсинну нохалафаш.

Номаро имзо кардам. Ҳеч кас ҳеч чиз аз ин рӯйдод нашунида. Фазо ба сурате буд, ки ба лаб бастан ташвиқ мекард. Худбузургнамоӣ ва муҳимтарошӣ ҳам дар расми ман набуд. Аммо ин рӯйдодро чун нанг пеши худ пинҳон нигаҳ доштам. Бо танҳо касе, ки метавонистам аз ин мавзӯъ суҳбат кунам, М. Д. буд.

Як соъат монда ба поёни рӯзи корӣ дар зад. Дохили утоқ шуд. Ҳамроҳаш марди қадпасте лабханди кӯдаконае бар лаб дошт. Ҳамоне, ки бори аввал дида будам.

– Ошно шавед: Неъмат Асадуф, – ӯро муъаррифӣ кард М. Д.

Аз ҷой бархостам. Назди онҳо омадам. Даст додам.

– Ин шом меҳмони мо намешавед?, – хоҳиш дар садои М. Д. пар-пар мезад, ки рад накунам.

– Барномае надорам, – ингор ба ӯ тараҳҳум кардам.

– Барнома ҳам дошта бошед, ҳатман чизи хӯрдан надоред!, – хандид М. Д.... Аз ин шӯхии бемаромаш нороҳат шудам.

– Аз ин ғурураш хушам меояд, Неъмат Асадуф, бисёр мағрур аст.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ғурури беш аз ҳадди Шумо аммо ҳеч ситоише надорад, – қасди худро гирифтанӣ шудам. Ҳамзамон дунболи рад кардани пешниҳодашон будам.

– Бале. Ҳама чиз бояд бо андоза бошад, – ба ҳарф ҳамроҳ шуд Асадуф ва дасти маро гирифту бӯсид ҷентлменвор:

– Хоҳиш мекунем, даъвати моро рад накунед.

– Ман, ки рад накарда будам, аммо ин хел суҳбат кардан ҳам иштиҳобарангез нест, – гилагӯӣ кардам, аммо нармтар аз қабл.

– Аз субҳ то шаб ҳарфи ин нест-он нест мешунавам. Хуб, ба ман ҳам ҳақ диҳед, – худро сафед карданӣ шуд М. Д.

Аммо дигар касе ба ӯ гӯш намекард. Ман рафта будам пушти мизи худ:

– Ҳанӯз як соъати дигар кор дорам.

Аммо ҳам ман ва ҳам онҳо медонистем, ки ин соъат ҳеч касе дар донишҳгоҳ кор надошт ва агар ҳам дошт, муҳимтар аз даъвати шом набуд. Суроғаи рестуронро чанд бор такрор карданд, қабл аз ин ки дарро аз он сӯ оҳиста бибанданд: «Жемчуг ё Садаф».

– Бисёр мағрур аст, – садои М. Д.-ро шунидам, вақте дарро мебаст.

Пушти мизи корӣ нишаста будам. Чи тур буд бархӯрдам? Бархӯрди онҳо? Медонистанду ман ҳам медонистам, ки лутфе дар ҳаққи ман кардаанд. Аммо чи гуна мешуд байни ин ҳама шароити печида шаффофу табиъӣ рафтор кард ва

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳам аз ҳузури ӯ бархӯрдор шуд ва ҳам шоми гарме билохира баъд аз муддатҳо хӯрду ҳам ғурури худро хадшадор[1] накард?

Дирӯз аз бозор як нони гарми самарқандӣ харидам. Нонфурӯш, ки маро шинохта буд:

– Ойтимулло, тоқ нахаред, хоссият надорад. Ду-то гиред ними нарх медиҳам ба Шумо.

Ташаккур кардаму ҳамон як нони бехоссиятро дар кифи[2] дастии худ гузоштам ва як килу пиёз ҳам харидаму тунд сӯи манзил қадам задам. Базаҳкор[3] мешудам оё, агар расми мардумро зери по мекардам? Бояд ҳатман дуто нон мехаридам. Нони ҷуфт, ки дарвоқеъ якеро ройгон медод, чун пай бурда буд пул ба андозаи кофӣ ҳамроҳам нест. Аммо рад кардани ҳарфи мардум ё рӯрост «на» гуфтан бидуни баҳонаву таъоруф яке аз барномаҳои ҷадидам буд. Тарҷеҳ медодам бигӯям забони модариятонро бо додани ришваю боҷ аз сар соқит накунед. Дуруст ҳарф бизанед, дуруст кумак кунед, дуруст пуштибонӣ кунед. Аммо диқи дилро холӣ кардан бар сари як нафар дар ҳақиқат ҳам базаҳкорист. Хомӯш сӯи манзил қадам мезанам. Чор пиёзро дар ду қошуқ рӯғани панба ё шояд ҳам офтобпараст (офтобгардон) сурх кардаму бо порае аз нони лазизи тоқ ва бехоссияте пок хӯрдам. Субҳи рӯзи баъд як пора нони боқимондаро бо оби сард тар кардаму хӯрдам.

[1] Хадшадор – харошдор, доғдор

[2] Кифи дастӣ – сумкаи занона

[3] Базаҳкор – гунаҳкор, муҷрим, ҷинояткор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Сӯи донишгоҳ қадам задам. Тамоми рӯз нигарони садои рӯдаҳои холӣ будам, ки соъат ба соъат баландтар мешуд, касе нашнавад. Аммо гушнагӣ танҳо садои рӯдаи холӣ нест. Рангу рӯи парида ва чашмони фурӯрафта ва бадтар аз ҳама ҳавли даҳон ҳам дорад. Ин рӯзҳо ҳавли даҳони шаҳр ҳам баланд баромада буд аз фарти ташнагӣ. Шаҳр рӯзадор буд. Он ки даҳонаш бӯи хуши серӣ медод, камтар аз табаҳкоре манфур нест. Рифоҳ бо азоби виҷдон ҳамроҳ буд.

Дар рестурони назди донишгоҳ ба ғайр аз он ду боз як ҷуфти дигар нишаста буданд. Рӯи мизашон ду истакон вудко[1] ва туршиву солоди[2] сабзиҷоти куреӣ[3] буд. То маро диданд, ҳарду аз ҷой бархостанд. Донишомӯзони донишгоҳ буданд, ки аз дидани устодони донишгоҳ ноҳинҷор буданд. Бо ишораи сар салом кардаму рост рафтам сӯи мизи М. Д. ва Неъмат Асадуф. Ҳарду аз ҷой бархостанду дубора бо ман даст доданд ва дубора баланд ҳолпурсӣ карданду хушҳол сандалии канори худро ҳарду бо ҳам берун кашиданд, то ман биншинам. Нишастаму ташаккур кардам.

– Муаллима, чи супориш медиҳед? Мо мунтазири Шумо будем, – М. Д. ба таври ғайримаъмул баланд ҳарф мезад.

– Чи доранд?

[1] Вудко – водка, арақи русӣ

[2] Солод – салад, хуришe аз сабзиҷот

[3] Куреӣ – мансуб ба Куре (Корея)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Себзаминии обпазу вудко, – хандид М. Д. бо ҳамон лаҳни масхарадори қаблияш.

– Ҳамеша ин қадар начасб ҳазл мекунанд?, – аз Неъмат Асaдуф бо шӯхӣ пурсидам.

– Мутаассифона!, – ҳамфикрии дӯстона ва шӯхиомезонаи Асадуф дар ин ҳолати ноҳинҷор беҳтарин кумакам буд.

– Хуб, ҳоло гузашта аз шӯхӣ, ман ду рӯз аст, ки ғизои дуруст нахӯрдаам. Имрӯз мехостам шикамсерӣ шашлик[1] хӯрам, дидам бе ҳарду-тои шумо ош намешавад дар баданам гӯшт намешавад.

Нигоҳи қаноъатмандонае ба ҳам андохтем ҳарсе ва пешхидмат ҳам канори миз расида ва омодаи сифориш буд.

– Ҳарчи дӯстон сифориш доданд, – ихтиёри шикамамро ба онҳо вогузор кардам, чун мутмаин будам, ки шашлик қарор аст бихӯрем. Баъд аз муддатҳо. Аммо ба ин фикр мекардам, ки чиро ин ду мард ним соъат бештар мунтазир монда буданд ва ҳатто нӯшоба ҳам барои худ сифориш надода буданд.

– Як шашлик барои ҳарсеямон ва як шиша вудко биёред. Баъдаш боз як пурси дигар мехӯрем. Якбора набиёред, хунук мешавад, – дастур дод М. Д. ва аз ин маълум буд, ки мо меҳмони ӯ ҳастем.

– Чиро чизе сифориш надода нишастед?, – баъд аз рафтани пешхидмат пурсидам.

[1] Шашлик – сихкабоб

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ин рестурони падари шогирди мост. Худаш ҳам онҷо нишастааст бо дӯстдухтараш, – ҳарфро сӯи дигар бурд М. Д.

– Шинохтам. Бале, – суоли худро раҳо кардам ва исроре ҳам надоштам, ки бихоҳам ҳатман бидонам чиро чизе сифориш надода нишастаанд.

– Мо ҳама меҳмони онҳо ҳастем, – идома дод М. Д.

– Зудтар медонистам, намеомадам, – лаҳнам бешак шиква дошт.

– Медонистем. Барои ҳамин ниёзе надидем ин давраро вайрон кунем, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Неъмат Асадуф ва М. Д. сар такон дод.

– Ин меҳмониҳо арзон тамом намешаванд, ман медонам, – бо нигаронӣ сарамро каме наздики онҳо бурдам, ки садоямро бақия нашнаванд.

– Бале, меҳмонии қаблӣ, ки дар маркази КГБ хӯрдем, Неъмат Асадуф аз ҳамин ҷо бурда буданд. Арзон буд? Озодии Шумо магар кам чизест?, – аз асби ғурур пойин намеомад М. Д.

– Бале, – сар такон дод Неъмат Асадуф.

Ба атроф нигоҳ кардам. М. Д., Неъмат Асадуф, он доишҷӯ, ки исмаш ҳеч ба ёдам намеомад ва дӯстдухтари ӯ, ҳама аз моҷарои боздошти ман хабар доштанд. Донистани ин хаёламро роҳат карда буд. Дигар эҳсоси танҳоиву бегонагӣ намекардам. Ин шаҳр пур аз афроде буд, ки бидуни ин ки хабар дошта бошам, муроқибу хайрхоҳи ман буданд. Эҳсос кардам бо ворид шудан аз ин дари мишкӣ ва чармкоришудаи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ресторон вориди лояи[1] ҷадиди ин шаҳр шудаам.

Пешхидмат давраи аввали шашлик ва вудкоро оварда буду тамом хӯрда будем ва ман ҳарф мезадаму онҳо сар такон медоданд, бидуни ин ки вокунише нишон диҳанд. Ингор намешуниданд, ки сар аз шашлики давраи дувум баланд намекарданд. Ман ҳарф мезадам.

– Коре барои дӯстон накардам. Коре накардам, ки бигӯям ман ҳам дар ҷараёни гузарномаҳо даст доштам. Ман ҳам Бухоро рафтам. Намангон, Сурхондарё, Қашқадарё ва Фарғона мардумро даъват кардам, ки дар гузарномаҳояшон номи воқеъӣ ва миллияти аслии худашонро бинависанд. Ҳувияти худро бидуни ҳеч навъ мулоҳиза ва хиффат ба забон биёранд, ки тоҷиканд. Аммо беҳтар буд ин талоши номуваффақ канори дигар асрорҳои шаҳр зери пӯсту мағзи устухони чанд тан пӯшида бимонад. Мо мардуми камҳофизае ҳастем. Зуд фаромӯш мекунем ҳар чизеро ки аз рӯзмаррагии мо дур шавад. Бахусус номҳоро, чеҳраҳоро, рӯйдодҳоро. Барои ҳамин аст, ки исми фарзандони мо асрори ниҳони мост. Исми ишқҳои ҷавонӣ ва ормонҳои кӯдакии мост. Ё аз ҳафт пушти ниёкони худ, ё аз рози ниҳони зери пӯсти худ ҳамаро рӯзе аз ёд мебарем...

Бо ин суҳбатҳо баҳсро сард карда будам ва ҳам М.Д. ва ҳам Асадуф ба ман бо таассуф менигаристанд. Нуре, ки дар шурӯъи шаб дар

[1] *Лоя* – қабат

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чашмонашон буд, фурӯ нишаста буд ва ҷои он нигаронии амиқе нишаста буд. Бо навбат ба атроф нигоҳ мекарданд ва беиштиҳо пораи гӯшти даври сихро бо дандон меканданд. Ман ҳарф мезадам ва гоҳе ба истакони холӣ менигаристам. Аммо ҳеч кадом онро дубора пур намекарданд. Дилам мехост бигӯям, «маст нестам».

***

Тобистони доғтар аз инро Самарқанд таҷруба накарда буд. Ба гармои хуршеди ин шаҳр одат дошт мардум, аммо на ба гармои офтоби коммунизм, ки дар нимароҳ аз оташи худ сӯхта ва дар ҳоли рехтан буд. Аз моҳи июл буд, ки мардум дигар ба ин резиш бовар карда буданд. Бовар карда буданд, ки ин хуршед обшуданист.

Аввалин бор буд, ки дар Самарқанд тило беарзиш шуда буд ва мардум бо дандонҳои сартосар тилои худ дар сафҳои тӯлонии нону шакар намедонистанд, ки аз чи чиз ва аз чи касе гила кунанд. Ҳама муроқиби забони худ ва ҳатто андешаҳои сари худ буд. Дарк кардани ин ки чи чизе мераваду чи чизе меояд, барои на ҳама рӯшан буд. Ҳама ба ҳамдигар даст дода буданд ва фазоро махуфтар аз қабл карда буданд. «Аз пагоҳ роҳкиро бепул (ройгон) мешавад». Каси дигаре ингор пушти сари касе бадгӯӣ мекарда бошад, «Шунидед? Ҷанг сар мешудас. Америка...», дигаре, «Бале, Америка бумб мепартофтаст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

(меандохтааст), мегӯянд. Шунидед Шумо ҳам?»

Ҳарфҳои мардум дар саффи нонвоиро бо диққат гӯш медодам. Медонистам фоида надорад истодан дар ин саффи тӯлонӣ дар таби офтоби нимрӯз. Аз болкуни опортумонам медидам, ки ниме аз ин саф бо қаҳру бо дастони холӣ хоҳанд монд. Онҳо, ки ду соъат зудтар омада буданд, ба андозаи теъдоди нафари хонадонашон нони бухунка[1] ва чанд пиёла шакар мехаранд. Бақия мисли ҳамеша бояд рӯзи дигар ё охири рӯз дубора дар ҳамин саф, ҳаминҷо сари по биистанд ва ҳарфҳои зидду нақиз бо ҳамдигар радду бадал кунанд.

Себзаминии[2] дар об ҷӯшондаи худро намак мепошам, ба даҳон мебарам. Садои кӯдаке аз пойини опортумон диққатамро ҷалб карда. Себзаминӣ дар даҳон маз-мазакунон дари болкунро боз мекунам ва аз табақаи дувум ба пойин нигоҳ мекунам. Пушти дари мағоза сафи номуназзами мардум мунтазири навбати худ истодаанд. Байни худ ҳарф мезананд. Дунболи кӯдаки гирён мегардам, ки ин ҷамъият садояшро на мешуниданд ва на ба ӯ таваҷҷуҳе доштанд. Кӯдак канори яке аз занҳо истода ва ҳамзамон, ки гиря мекунад, даст ба домони зан мебараду мекашад, то таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб кунад, ки «маро бибин!» Зан ба ғайр  аз домонашро аз дасти ӯ кандан кори дигаре намекунад. Кӯдаки ар-ар дар

[1] Бухунка – навъе нон аст, ки дар корхонаи нонпазӣ таҳия мешавад

[2] Себзаминӣ - картошка

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳоли гиря мегӯяд:

– Морожнӣ, морожнӣ[1]..., – ва бо ҳамон вазну зарби қаблӣ гиряи худро идома медиҳад. Зан на ба гиряи ӯ аҳаммият медиҳад ва на посухе ба ӯ медиҳад. Кӯдак боз даст ба домони зан мебарад. Дасташ ба домони зан нарасида, зан мегӯяд:

– Сад бор гуфтам, на! Даҳоната пӯш!

Аз шонаи кӯдак мегирад, аз худаш дур мекунад ва ба зани ҳамроҳаш:

– Шунидед? Мегӯянд писари амири Бухоро аз Афғонистон бармегаштааст.

Мӯйҳои болобардошта ва даври сар печида дорад ва чашмони бодомӣ. Чашмони кӯдак ҳам шабеҳи чашмони ӯст, аммо каме кашидатар ва аз гиря варам кардааст. Кӯдак ҳамчунон гиря дорад ва оромтар аз қабл чанд бор «морожнӣ, морожнӣ» мегӯяд. Ин зан ба назар мерасид модари ӯст, дигар ҳеч эътиное ба ӯ надорад ва ба посухи зани паҳлӯии худ гӯш мекунад.

– Ин гапҳои намешудагия аз куҷо мезанед Шумо? Амир куҷою писараш куҷо? Ҳамин котиби аввали худамон раис мешаваду мемонад. Ҳич ҷо ҳич гап намешавад. Хаёлои хом када гаштед Шумо, – бо итминон мегӯяд зане, ки аз ӯ ҷилавтар дар саф истодааст.

– Пенсияҳои[2] советӣ[3] чи мешуда бошад?

– Мамлакат ба як тори мӯй банду Шумо ба

[1] Морожнӣ – бастанӣ ё яхмос аст (русӣ)

[2] Пенсия – маъоши бознишастагӣ, нафақаи солхӯрдагон

[3] Советӣ – шӯравӣ, манзур давлати Шӯравӣ аст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ғами пенсия?, – сарзаниш мекунад дигаре.

– Ҳарчи мешавад, шавад, аммо Қазоқистон гандумро фиристода истад, бас, – марде ба суҳбати занҳо ҳамроҳ мешавад.

– Бас мекунӣ ё не?, – дасте ба сари писарак бурд ва ба чашмонаш рост нигарист зан. – Шармандаи олам кардӣ-кӯ. Тавба кардам, – дубора баргашту гӯш ба идомаи суҳбат дод.

– Қазоқистон гуфтеду мондед. Тоҷикистон чӣ? Оби Зарафшонро бастааст, шунидед?

– Ҳо, ҳама шунид. Аз телевизиюн мегӯяду намешунавем? Бе обу бе гандум чи тур мегузашта бошад? – сар такон медиҳад зане, ки суҳбатро шурӯъ карда буд.

– Ин зимистон решаи дарахтхӯрӣ мекунем, чи бало.

– Оҳалик ҳам аҳвол ҳамин. Дина модарарӯсам рафта будан пеши ҷиянҳо. Ҳама гушна, ҳамаҷо аҳвол ҳамин.

– Морожниииӣ!, – ба пойи зан дастонашро ҳалқа кардааст ин бор писарак. Зан аз бозӯяш мегираду хам мешавад ҳамқади ӯ:

– Нони хӯрдан нест, морожнӣ аз куҷом биёрам? Сари ҳамаро дард додӣ. Исто, хона расидем, ман ба ту як морожнӣ нишон диҳам ки..., – писаракро сахт ларзонду бозӯяшро раҳо кард. Гиря ба ҳиқ-ҳиқ табдил шуд. Шонаҳои писарак боло-пойин мешуд. Кабӯтаре буд тунд-тунд дил мезад. Суҳбат идома дошт. Касе на ба зану на ба бачааш таваҷҷуҳ надошт.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Морожни-и-и-..., – оби бинӣ ва чашмони кӯдак сурату пушти дастонашро тар кардааст. Аммо ингор на онҷост ва на гиря мекунад. Гиряи дигар нарми ӯ ба мусиқии пасзамина табдил шудааст. Ҳатто ман ҳам дигар ба гиряи ӯ одат кардаам ва таваҷҷуҳи аслиям ба ӯ нест. Ӯ ҳанӯз илтиҷо мекунад, аммо нарму нигарон:

– Морожнӣ..., ҳиқ..., ҳиқ..., морожнӣ..., ҳиқ..., ҳиқ..., – ҳамонгуна ки ҷик-ҷики хониши хуши гунҷишкон бар шохаҳои бед ва шир-шири ҷӯйбори борики канори ҷодда, сим-сими насим ва ҳузури номалмуси уксижен. Агар на ҳамаи ин ва на кафкӯбии дарахтони боғ таваҷҷуҳи касро ба ҳастӣ ва лаззати будан ҷалб намекарданд, дигар чизе набуд, ки лаҳзаҳоро зебо кунад.

– Кӯдакони дигар нон гуфта гиря кунанд, дили ин кас морожнӣ ҳавас кардааст. – Тамасхури яке аз занҳо таҳи зеҳнам садо медод. Вақте дили кӯдак аз нону бастанӣ сер нест, чигуна ҳаваси китобу дафтар кунад? Чигуна ҳаваси қиссаву афсона кунад?

Чанд соъат буд наметавонистам аз дар биёям берун, аз дамои гирифтаву часпида дар ойинаҳои девор ва чашмони беқарори таксиршуда дар онҳо фирор кунам. Нигаронии чандбаробаршудаи худам аз чор тараф ва ҳатто сақфи манзил ба сӯям нигоҳ мекард. Мисли сагҳои гуруснаву ҳор[1] ба ман хира буд. Метарсидам аз ҷоям биҷунбам. Дилам

[1] Саги ҳор – саги девона

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мехост аз дар берун бизанам. Аммо дар майдонча Наргис-ойтӣ нишаста буд, канори духтараш Шаҳноз. Шаҳнози ҳафтсола, ки ҳанӯз дар рӯъёи мактаб буд, азоби виҷдони ҷадиди ман шудааст, ки чиро наметавонам барояш коре бикунам? Ҳафтаи пеш Шаҳноз пурсида буд:

– Мактаб равам, Шумо муаллимаи ман мешавед?

Мехостам замин битаркаду мани муаллимаи хокбарсар биравам даруни он, дигар пайдоям нашавад. Ба чи рӯй эътироз намекунам, вақте ба ман мегӯянд муаллима? Ман куҷову илм куҷо? Ман куҷову тарбияти насли оянда куҷо? Бори масъулияте, ки Наргис рӯи дӯши ман гузошта буд, сангинтар аз ҳайбати Регистон буд, дар шабҳои наврӯшани тобистон ва виз-визи сукут дар осмони шаҳр. Метарсидам биравам беруну бо нигоҳи умедвори Шаҳноз рӯбарӯ бишавам. Бо нигоҳи талабкори Наргис.

Наргис мунтазир буд имрӯз як мактаби тоҷикӣ муаррифӣ кунам, ки ҳатман Шаҳнозро бипазиранд, вагарна маҷбур аст ҳарчиро, ки ҳокимият гуфта, анҷом диҳад. Бачаро бибарад ба яке аз ин мактабҳои русии атроф. Шаҳноз дар рӯъёи Шарора шудан мехуфту мехест ва ман метарсидам аз эътирофи ин ки мактаби тоҷикӣ дар ин атроф намонда.

«Наргис, чанд ҷоро пурсидам, гаштам, ё ҷой надоранд, ё куллан талаба ба андозаи кофӣ надоранд. Ҳоло чи кор кунем, Наргис?!»

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Метарсидам биравам беруну дар баробари ду ҷуфти чашмони Наргис зоҳир бишавам. Даҳ ҳазор чашмони шиновар дар ойинаҳои манзиламро тарҷеҳ медодам. Аммо то кай?!

Нигаронӣ танҳо дар ҳавзи ойинаи манзили ман шино намекард, дар баҳри осмони шаҳр ҳам сироят карда буд ва бар чеҳраи тобони хуршед ҳам расида буд ва дубора медод ба абрҳову абрҳо мебурданд ба кишварҳои ҳамсоя. Нигаронӣ сайёл шуда буд ва мерафт кӯча ба кӯча, манзил ба манзил, шаҳр ба шаҳр, ки Шӯравӣ биравад, чӣ ояд бар сари мо? Ҳарчӣ биёяд, бумбҳои омрикоӣ наёяд. Ҳарчи биёяд, амири Бухоро барнагардад. Ҳарчи биёяд, барг дар оби ҳавзи мардум такон нахӯрад. Оби шикаму ҳавзи мардум солҳост, ки дар такон буд. Китобтаконӣ, ки тамом шуд, мактабтаконӣ расид, мактабтаконӣ, ки тамом шуд, иштиғолтаконӣ шурӯъ мешавад ва ҳама медонист, аммо сокит буд, ки мағзи сари таконхӯрда мағзҳои тарсида ва муҳофизакорест. Мардум борҳо дида, ки санги тағйир борҳо бар сари аксарият уфтода ва ғел хӯрда ва он қадар ҷорӣ шуда дар ҷуйҳо, ки хатти борике байни аксарият ва ақаллият гузошта. Бори санге дар роҳ буд. Санге азимтар аз сангҳои қаблӣ. Осмон паём медод. Бо он мавҷи савтҳои сокити родию ва телевизиюн. Бо он ахбори бехабарӣ. Беҳтар аз мардуми Самарқанду Бухоро касе надонад, ки бехабарӣ хушхабарӣ нест. Бехабарӣ санги бузургест, ки баногоҳ меуфтад ва аксарият боз то сайёраҳои дигар пош мехӯрад. Он

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

қадар пош, ки дигар на садоеву на навое. Яку якбора навнавор[1] шудани фард шодмонист, аммо навнавор шудани кишвар фоҷеъа аст.

Нигаронии мардум ҳуш аз сарам парондааст. Ҳақ доштанд, ки ҳама ҳарфи қути лоямут бизананд. Аммо чиро ҳеч касе намепурсад, ки китобҳои дарсӣ чи мешавад? Соли хониши нав дар пеш аст ва Тоҷикистон агар қарор бошад китобҳои тоҷикӣ нафиристад, мактабҳо чи мешавад? Ингор мактаб ва забони давлатию забони модарӣ ва истиқлолу демукросӣ ва раисҷумҳури оянда охирин чизест, ки қарор аст ба он фикр кунанд. То баргаштанду аз ҷо такон хӯрданд, ки фикр кунанд, дер шудааст. Ин чизҳо ҳама бо ҳам бояд пурсидаву дарёфта бишавад, аммо ҳамеша фарҳанг фаромӯш мешавад, вақте карнайи шиками гурусна фазоро тасхир мекунад. Як иддаи дигар ҳам дунболи меросҳои даврони Амир Олимхони ҷадди худ уфтодаанд, ба умеди ин ки билохира ҳақ ба ҳақдор мерасад ва онҳо заминҳои бобокалону модаркалонҳои худро дубора соҳиб хоҳанд шуд. Касе чизе намедонад ва касе чизеро такзиб ҳам намекунад. Вақте Шӯравӣ рехтанист, пас мешавад ба ҳар нашуданӣ бовар кард.

«Саҳл аст?», – садои раиси донишгоҳ дар гӯшам садо дод. Саҳл нест дидани ин ҳама мардуми нигарон. Дидани заноне, ки бо дастони

[1] Навнавор – касе, ки тангдаст буда ва ба далели иттифоқе тавонгар шавад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

холӣ ба хонаҳои худ бармегарданд. Чи мехӯрда бошанд имшаб? Пиёзоби бидуни нон? Инҳо ки на замине доранду на самаре аз замин мебардоранд. На, саҳл нест. Аммо намешавад танҳо ба нону об фикр кард. Маънои мубориза дар чунин лаҳзаҳои торихӣ ба мафҳуми тангу тори зинда мондан маҳдуд мешавад. Вақте пайдо кардани нону об аз муҳимтарин мавзӯъоти рӯзи хонавода аст, чи ҷои баҳс аз одоб, аз китоб, аз фарҳанги ноб...

Утоқи кориям дар донишгоҳ табдил шуда буд ба маҳалли ҷамъ шудани номаҳои даврони иморати охирин амири Бухоро. Номанигории қабл аз Шӯравӣ ҳама бо хатти форсист ва дар ин муддат бисёре аз байн рафта, бархе ҳам дар марокизи шарқшиносии китобхонаи донишгоҳ ва музеҳои мухталиф нигаҳдорӣ мешаванд. Аммо дар дасти мардум низ ҳанӯз бархе аз ин мадорик боқӣ мондааст ва аз бозҷӯиҳои давлатӣ ва оташ заданҳои Шӯравӣ ҷон ба саломат бурдаанд. Нигаҳдории ин мадорик кори осоне нест ва мумкин аст кулли хонаводаро дар хатар биандозад. Гузашта аз ин, дигар кам касе пайдо мешавад онҳоро битавонад бихонад. Шояд ду-се устоди бахши шарқшиносӣ, ки онҳо низ таҳти назораи давлатӣ ҳастанд. Касе васиятнома бо худ меоварду касе мадраки замин ё васиқаномае.

Номаеро рӯи мизи ман тела дод:

– Ин васиятномаи падарбузурги ҳамсояи мост. Ба ман дода, ки тарҷума кунам барояш.

Нома бо торихи ҳаштод сол пеш мухр

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

хӯрдааст. Бо хатти форсист ва ба сабки номанигории Девони қозиёни Арги Бухоро. Ҳоло, ки системи Шӯравӣ тазъиф шуда ва мардум ором-ором мадорики қадимии гузаштагонашонро аз зерзаминҳои худ, аз чоҳҳои худ берун овардаанд, гоҳ-гудор ба дасти мо низ чизҳое мерасад, ки барояшон тарҷума кунем. Маркази шарқшиносии донишгоҳ беҳтарин маҳаллест барои боз кардани розҳои махфии хонаводагӣ аз тариқи бозхонии ин мадорик. Номаро намешуд равону дақиқ хонд. Аммо канда-канда аз калимаҳое, ки мешуд хонд ё ҳадс зад, ин маъноро даровардам, ки «...сотиқ[1] замин ба писари бузургам, бист сотиқ ба писари баъдӣ ва даҳ сотиқ ба духтарам мерос бирасад.» Эҳтимолан аз рӯшанфикрону пешгомони даврони худ буда, ки ба духтари худ низ аз мерос саҳм додааст. Ин заминҳо дар маҳалли Даҳбед зикр шудаанд. Маҳалле, ки ҳоло ҳудуди бист хонадон дар он ба сар мебаранд дар биноҳои сохти Шӯравӣ. Шояд ин мадрак моли худи ӯст. Сар аз нома бармедорам:

– Чи ниёз дорад пинҳон кунед? Бигӯед аз ҷадди шумост, – бо шайтанат мепурсам аз М. Д.

– Мадраки хонаводаи худамонро қаблан хондаем. Ҷадди мо агар замине ҳам дошт, Шӯравӣ гирифт. Ҳамаро бо хоки сиёҳ яксон кард ва ин корхонаро сохт, – ба он сӯи хиёбони донишгоҳ нигоҳ мекунад ва ба бинои (корхонаи) шаробсозӣ

[1] Сотиқ – сотих, баробари даҳ метри мураббаъ (вомвожаи русӣ)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ишора мекунад.

– Аҷаб ҷадди муҳимме доштаед!, – мегӯям бо ифтихор.

– Ҷадди ман аз гӯрбонҳои Амир Темур буда, – бидуни ҳеч алоқа мегӯяд М. Д., – вақте ҳама фирор мекунанд, тамоми калиду банду басту мадорикро месупоранд дасти ӯ нигаҳдорӣ кунад, то замони муносиб баргарданду аз нав соҳибӣ кунанд. Ҷадди ман сакта мекунад, вақте шӯроҳо тамоми шаҳрро тасарруф мекунанд ва низоми ҷадид роҳ меандозанд. Бале, чунин ходими бовафое буда ҷадди мо, – лабханд мезанаду аз ҷой баланд мешавад М.Д., – дар асл аз маҳаллаи Даҳбед ҳастем.

Даҳбед ингор ними Самарқанд буда, ки ҳар касе мадраке дорад, марбут ба Даҳбед аст. На хайр. Шаҳри аслии Самарқанд бо Тошканду Панҷакенту Бухоро ва Насафу Тирмиз доман мезадааст. Бақияи муҳаввата[1] ҳам ҳавмаи[2] он буда. Давру бари Регистон маҳалли меҳмонхонаҳову корвонсаройҳо буда ва маркази бозору хариду фурӯш. Зиндагии аслӣ дар атрофи шаҳри имрӯз мегузашта.

– Бале, дар тарафҳои Шумо, – механдад ӯ.

Дар тарафҳои мо, ки қад-қади қаторкӯҳҳои Зарафшон бошад, маҳалли ишқу сафо ва гулгашти амирону шоирон ва нухбагон буда, ки дур аз суми асбу лашкари амирони ҷангҷӯ дар оромиш ба сар

[1] Муҳаввата – ҳаёт ё ҳавлӣ

[2] Ҳавма ё ҳӯма – атроф, гирдогирд, перомун

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мебурдаанд. Шояд чунин буда ва шояд ин ҳама бофтаҳои хаёлу хостаи мост. Мегӯяд:

– Назари ту чист? Ин ҳама васиятномаҳоро ҷамъ кунему китобе мунташир кунем, кори хубе мешавад?

– Чи касе саводи хонданашро дорад? Чи касе ҳавсалаи ба даст гирифтани китоб...

– Хондан масъала нест. Эҷод масъала аст. Намегӯянд тавлид кун, ки иштиёқбарангез бошад. Бале, чунин аст сиёсат.

Ӯ ҳақ дошт аз самарқандиёни имрӯз ҳарф бизанад, аз калҳои зираку найрангҳояшон. Ӯ беҳтар аз ман медонист. Ман берунӣ будам. Ман гулгаштиву берун аз деги ҷӯшони қалби шаҳр ба дунё омада будам. Мисли Рӯдакӣ, мисли Сӯзанӣ, мисли савсану ревос ва себистонҳои атрофи Самарқанд. Шояд ин буд, ки дар кашфи ин шаҳр бо иштиёқ аз роҳҳову шоҳроҳҳои заминӣ ва аз ҷамоъати зерзаминии ин шаҳр суол пушти суоли беҷавоб мемонду маҳфил ба маҳфил мегаштам. Аз хоб то хоби дигар фараҷе[1] буд. Дар гарду ғубори дастхатҳо хок мехӯрдам, ки намунаи ноби рози ин шаҳрро дар ин ҳафриёти калимаҳои куҳна кашф кунам.

***

Бо садои «Молооокооо...» бедор шудам. Бо

[1] Фараҷ – кушоише дар кор ва ё мушкил

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

садои тори шоири муътариз аз он сӯи замон хобам бурда буд. Садое, ки ҷир-ҷири ҳашаротҳоро пӯшонда буд ва он қадар маҳзун буд, ки ингор иштиёқи ишқбозии зану марди ҳамсояро ҳам аз байн бурда буд. Ҳеч садое аз болкуни онҳо баланд намешуд.

Гоҳе дӯст доштам касе тор ба даст ё шояд беҳтараш нақораву сурной ба даст дар канори бинои ҳокимият хабари дақиқу рӯшанеро фарёд мезад, мисли даврони Дақёнус, «Оҳоҳой! Одамҳо! Нашунидем нагӯед! Нафаҳмидем нагӯед!» ва ҳарчи ҳаст, дар ду ҷумла дар шаҳр паҳн кунаду хиёли ҳамаро роҳат. Аммо чунин набуд расми рӯзгори ҷадид. Шойеъа[1]ҳое ба гӯш мерасад, на хабари нобу доғ. Ҳамон гуна, ки чанд сол пеш шоири пир онҷо нишаста буд ва мехост самарқандиён рӯзнома дошта бошанд, аммо хабараш се рӯз тӯл кашид, то аз ин хиёбон берун биравад. Рӯзномае барои миллат ба забони модарияшон, аммо миллат бехабар буд. Чи аҷаб, ки ӯ муваффақ шуд. Рӯзномадор шудем. Ин танҳо рӯйдоди воқеъии шаҳр буд дар ду садсолаи ахир. Баъд аз он касе чиро дигар ҷуръат накард? Касе ниёзи мардумро матраҳ накард? Шояд говҷигаре чун ӯ ҳанӯз модар назодааст. Рустам яке бас аст, агар ҳаст.

Садои ғамноки шоир дар назди бинои ҳокимият он сӯи боғи пушти бинои опортумонҳои мо ингор аз он сӯи торих ба гӯш мерасид.

[1] Шойеъа – овоза, ҳарфҳои маъмулан дур аз ҳакикат

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Садое, ки гӯӣ аз дили шаҳр баланд шуда буд. Гоҳе беҳол мешуд ва танҳо диринг-диринги тор шунида мешуд ва гоҳе байте месуруд, ки мафҳум набуд. Шояд заъф дошт аз гуруснагӣ. Ӯ эътисоби ғизо карда, на эътисоби хоб, чиро намехобад? Ба ёди модари пираш аст? Ё метарсад аз ин ки дар хоб бимирад? Тарс худию бегонагӣ надорад. Вақте тухмаш ба дил уфтод, рушд мекунад. Нарм-нарм. Ором-ором. Бо истидлолу бо мантиқу мулоҳиза дар дилу ҷон ҷо мешавад. Чунин мешуд ингор дар дили ман ин тарсе, ки дар пушти дарҳои бастаи боздоштгоҳи беному нишон таҷруба кардам. Вақте танам ларзиду нуки ангуштонам сард шуд ва нигоҳам беҳаракат монд. Тарс буд, ки тухми худро дар дили ман ҷо карда буд? Тухме, ки ингор дар ҳоли неш задану реша давондан аст. Ё огоҳиям аз воқеъияти рӯз афзоиш ёфта буд ва мулоҳизаҳоям сангинтару муҳофизакоронатар шуда буд?

Шаҳр дар қиссаҳои бостонии худ хоб буд. Дар қиссаи босафои нону шаробу роғу боғҳои биҳишт. Танҳо марде, ки синааш сипар аст ва танаш мунзавӣ ва садояш карной аз мовароии армони мардум. Ранги хокистарии рӯз ба тилоӣ бадал шуда буд, вақте чашмонам ба хаймаи сафеди ӯ уфтод. Ин садое нест, ки аз ин хаймаи кӯчак ва аз ин ҷисми лоғару шикаста берун меояд. Садои Рустами гурзбадаст аст, аз мовароии торих, ки ҳамин ҳоло шиҳа мекашад рахшвор[1] ва бо сару

[1] Рахшвор – шабеҳи Рахш, асби Рустам дар «Шоҳнома»

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гардани паҳлавонӣ ва бо тану сумҳои асби рустамӣ берун меомад.

Одам-асб мешавад рӯзе ин мард ва сум мезанад ба дари так-таки мо инсонҳои сар ба рег фурӯбурда ва мубтало ба саратони тарс, ки бас аст сукут, бас аст хобҳои махуф. Биёед! Биёед!

Садои қалби ман низ ба савти сукути ҳамешагии шаҳр изофа шуда буд, рӯи тахт чашмонамро бастаам ва ба ӯ наздик шудам. Ним ҳоле дошт ва басахтӣ вазни торашро рӯи зонуҳои ларзонаш бардошта буд.

– Ҳо, бачем, нағз-мӣ ту? Боз омадӣ?

Наздик рафтаму дастонашро гирифтам ва рӯяшро бӯсидам.

– Наё, наё, боз ҳам наё. Такрор кунам? Мушкил дуруст мекунӣ барои худат.

Чашмонаш тар буд, дурахшонтар шуд:

– Коратро дар хатар меандозӣ, бачем.

Ашк мерехтем. Ҳам ӯ ва ҳам ман. Посбон худро ба хоб андохта буд. Ингор на ман онҷо будам ва на хаймаеву на тору савте. Ин танҳо коре буд, ки ӯ метавонист дар он лаҳзаву сония барои миллати худ анҷом диҳад. Ӯ ба ҷойи ин ки исму расми маро дар дафтари назорати амният ворид кунад, кӯдаквор худро ба хоб зад. Бо қадардонӣ ба ӯ нигаристем.

Ин саҳнаро борҳо аз нав месохтам, то бибинам эътисоби ғизо[1] яъне чӣ. Гуруснанишинӣ коре нест

[1] Эътисоби ғизо – гуруснанишинӣ ё ғизо нахӯрдан ба таври эътирозомез

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳатто дар мароми ман бошад. Зистан амиқтарин муборизаест, ки мо инсонҳо дорем. Бояд онро то охир бурд. Ин танҳо роҳи пирӯзист. Будан, вақте тамоми нирӯҳо барои нестии ту чида шуда, беҳтарину оқилонатарин роҳи мубориза аст. Зист ва зинда бояд буд, бар рағми тамоми нестиҳо, овоз бояд хонд, бар алайҳи тамоми фаромӯшиҳои торих.

Маркази фарҳангии тоҷикон як ҳафта аст дар муҳосира аст. Касе иҷозаи вуруд надорад. Посбонҳо бо навбат аз маҳал муроқибат мекарданд, ки ба маҳалли муътаризон табдил нашавад. Касе ҳам гирд наёмад дар ин як ҳафтаи пуршӯре, ки гуруснанишинии шоири пир шурӯъ шуда буд. Тамоми шаҳр дар хилват ва бо садои паст аз он ҳарф мезад:

– Маркази ҷудоиталабон шуда.

– Мехоҳанд ба Тоҷикистону Эрону Афғонистон бипайванданд. Мехоҳанд шаҳрро бо ду дасти адаб ба исломгароён диҳанд.

– Дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи охунду муллову рус боз кардем. Ҳоло боз чиро такрор кунем?

Дигаре муроқиб буд касе нашнавад:

– Ин ҳарфҳои беҳуда чи мегӯӣ?! Мехоҳанд каме ба мо майдон диҳанд, рӯзнома дошта бошем. Хабарҳоро бо забони худамон бихонем. Чи айбе дорад ин дархост?

Ду зани дигар асабонӣ шуданд:

– Ин корро бе ҳамин гуруснанишинӣ ҳам мешавад кард.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Бо киноя рӯ сӯи дигар тофта буд севумӣ:

– Дигарон гуруснанишинӣ накарда, кора ҳал мекунанд. Мо чиро бояд ин ҳама сари забонҳо шавему коре ҳам буд накунем?

Субҳи зуд сӯи марказ рафтам. Ҳарчи шуданист, бишавад. Аз девор боло меравам. Девори марказ бо девори ҳамсоя часбида аст ва бо як хезиш мешуд даст ба хишти баромадаи обрези новадон расонд ва пой ба хишти дигаре банд карду боло рафт. Қаблан низ аз ин роҳ боло рафта будам. Рӯзе, ки шоир омад берун, то ба мо, чанд донишҷӯ, хаттотиҳои хушнависшудаашро бар деворҳои марказ нишон диҳад, насим дарро пушти сарамон баст. Танҳо шалворбатан аз ҷамъи духтарон будам. Чашми устод сӯи ман буд:

– Ту, бачем, аз ин девор боло бирав бо эҳтиёт дарро аз дохил боз кун.

Марказ ба маҳалли зисти шоири пир табдил шуда буд. Ӯ, ки на ҷое дошт ва ҳатто агар дошт, бо он пои солиме, ки надошт, ва таҳарруки зиёд дар тавонаш набуд. Вақте аз девор боло рафтам, ду посбонро хуфта дар саҳни бози ҳавлии марказ дидам. Хоби роҳате доштанд. Ингор дар манзили худ бидуни ҳеч таъоруфе кӯрпачаҳоро зери худ кашида буданду сӯзаниҳои дастдӯхти шоирро рӯи худ гирифта буданд ва хур-хурашон бо ритми бод ҳамнавохт буд ва барги дарахтон гувоҳи он.

– Тақсири инҳо ҳам нест, фармонбардоранд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бечораҳо, – манзураш ду-се *либосшахсӣ*[1] буд, ки миёни ҷаласаҳои адабии мо сандалӣ ҷилав мекашиданду гӯшу ҳуш мешуданд, ки ӯ ба мо чи мегӯяд ва мо чи посух медиҳем. «Маснавии Маънавӣ» мехонд ӯ ва ҳар бор, ки байте гӯёи ҳоли мо буд, гаштаву баргашта мехонд. Таъкид пушти таъкид, ки бишнавед, дар ёд биспоред. Сар такон медодем, ки дарёфтем, устод.

Аз девор ба сӯи болохона рафтаму вориди табақаи дувум шудам. Сохтмони қарни нуздаҳ аз чӯбҳои чормағзу қайроғоч бино шуда ва ғич-ғич шикваҳо дошт. Садое, ки бо ҷик-ҷики гунҷишкони саҳархези боғи марказ омехта мешуд. Ҳамвазни хониши онҳо роҳ мерафтам. Сару гардани маро зани ҳамсоя дид. Зуд чашмонашро дарёфтам аз паси баргу шонаҳои зардолу:

– Янга-мулло! Манам, ман.

Маро диду шинохт ва ба кори худ идома дод. «Шутур дидӣ? Надидам». Хаш-хаш ҷору ба сангфарш мекашид.

Китобҳои устод рӯи утоқ паҳн аст. Варақ-варақ титу парешон. Зардӯзиҳои устод рӯи фарш дарҳаму барҳам рехта. Нишон аз сӯхтор нест. Бар хилофи таҳдидҳояшон, ки «агар аз ҷой баланд нашавӣ, марказро месӯзонем!»

Рӯи девор монда будам. На роҳи пойин омадан доштам ва на роҳи баргаштан ба дохил. Зани ҳамсоя омаду даст такон дод, ки бипар ин сӯ ва

[1] *Либосшахсӣ* – маъмурони амниятӣ, ки бо либоси маъмулӣ ё ғайринизомӣ миёни мардум мегарданд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дарвозаи ҳавлияшро боз гузошт ва бидуни ҳеч ҳарфе вориди яке аз дарҳо шуд, ки «шутур дидӣ?, надидам». Аз дарвозаи онҳо берун рафтам ва пушти айнаки дудӣ бо ҷиддияти тамом аз канори дари вурудии марказ рад шудам. Посбони хоболуд шикамхорон аз гиребони дарича сар берун овард. Бо нимнигоҳе ба сӯи ман:

– Привет[1], хушрӯй!

Бо ин ки аз ин маталакгӯии ӯ нороҳат будам ва ҳеч вақт дӯст надоштам дар хиёбон касе музоҳим бошад, аммо аз шунидани ин лаҳн ин бор хушҳол шудам. Ӯ надида буд, ки ман вориди марказ шудам. Беэътино китоби «Маснавии Маънавӣ»-ро дар бағал фишурдаму аз канори ӯ рад шудам.

Аз замоне ки инҷо маркази фарҳангӣ шуд, пас аз чандин бор музоҳимати амният баночор ба хонаи хавфноке табдил шуд. Мардум ҳатто аз барномаҳои наврӯзии он мепарҳезиданд, чи бирасад ба ҷаласаҳои нақду баррасии адабӣ. Байни мардум овозаҳо пахш мешуд, ки марказ ба ҷойи ҳазор нусха китоб понсад дона чоп мекунад ва аз ин ҳарфҳои беасос. Албатта, шоир борҳо аз Тошканд дасти холӣ баргашта буд, ки чоп намекунанд, далелаш норӯшан ва тоза таъкид шуда, ки ниёз нест касе бидонад. Ингуна буд, ки марказ бадном шуда буд ва ҳам ин шоири пир ва дигар шоирони ҷавон рӯз то рӯз талхтару талхтар менавиштанд. Навиштан аз талхии рӯзгор бо

[1] Привет – салом (ба русӣ)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

фалсафаи мардуми Самарқанд ҷӯр дарнамеояд. Бар мардуме, ки ба тамоми чолишҳои рӯзгор лабханд зада, мухри афсурдагӣ часпондан кори муфт аст. Мардум омӯхтааст. Маҳфилҳои адабии худро дар арӯсиҳояшон баргузор мекунанд, на дар марокизи фарҳангӣ ё расмӣ, ки дасту чашми давлат ҳама ҷои онро гирифта. Ба ғайр аз боғи бобоӣ воқеъан дигар куҷост, ки кас битавонад бо савти тори худ бирақсад?

То давраи навҷавонӣ ин арӯсиҳо ва ин ҷашнҳои хонаводагиро таҳрим карда будам. Ба ин андеша, ки мардум ҳар чи қадар аз фарҳангу китоб дур ҳамон қадар алоқа дорад арӯсиҳои бузургтар баргузор мекунанд. Аммо танҳо дар даврони донишҷӯӣ фаҳмидам, ки достон хатти дигаре ҳам дорад. Арӯсӣ яъне симпозиюми адабӣ. Арӯсӣ яъне шаби шеъру суруд. Арӯсӣ яъне шунидани мусиқии зинда аз хонандаи мамнӯъуличҷро[1]. Арӯсӣ, яъне дидани рӯи ҳамаи афроди мамнуъулмулоқот[2] ва мухолифону мувофиқон даври як мизи баланду дароз. Арӯсӣ, яъне хандидан бар рухи бадбахтиҳои таҳмилӣ. Арӯсӣ, яъне пирӯзии шодӣ бар ғам. Арӯсӣ, яъне бо рақсу овоз рафтан ба пешвози тарсу нигаронӣ ва убуҳҳате[3], ки давлат аз субҳ то шаб ба гӯшу чашму

[1] Мамнӯъуличҷро – овозхоне, ки иҷро ё суруд хонданаш манъ бошад
[2] Мамнӯъулмулоқот – касе, ки мулоқот бо ӯ манъ бошад
[3] Убуҳҳат – азаммату шукӯҳе, ки боъиси тарсу эҳтиром дар мухотаб мешавад. Инҷо манзур таблиғоти расонаҳои давлатӣ аст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

пӯсти мардум тазриқ мекунад[1].

– Ойти! Шумо дарсхонда, биёед раиси давраи мо шавед, – зани ҳамсоя аз ман хост дар арӯсии писараш гардонандаи ҷашн ё, ба қавли худаш, раиси давра бошам.

– Ман куҷову раиси давра шудан куҷо?

Гардонандаи маҷлиси арӯсӣ метавонист беш аз шуғли тамомвақт даромад дошта бошад. Ҳамсоязан мегуфт пули хуб медиҳанд ва ҳам ҳадоёи зиёд. Агар соҳибҷашн пулдор бошад, як гӯсфанди зинда ҳам мумкин аст ҳадя кунад. Шояд ба хотири он буд, ки гардонандагони ҷашнҳои арӯсӣ маъмулан мардҳои миёнсол ва устодони бособиқаи мактаб ва донишгоҳ мешуданд.

– Шумо муҷрии телевизиюн ҳастед, барои Шумо коре надорад. Танҳо ба ҷои як дурбин се дурбини филмбардорӣ шеърхониҳоятонро сабт мекунад!, – бо шодӣ ба бузург будани ҷашн ишора мекунад ҳамсоя.

Ин рӯз ҳам расида буд ва дар ҷашни арӯсии ҳазорнафара микрофон ба даст аз байни мизҳо роҳ мераваму шеъри Ҳофизу Ҳилоливу Саъдӣ мехонам. Роҳ мераваму ба чашми мардуми шоду хандони Самарқанд нигоҳ мекунам. Касе дар ин базм афсурда нест. Касе нороҳату нигарон нест. Ба ғайри мизбон, ки бояд ҳамаро бо хӯрданиву нӯшиданӣ таъмин кунад. Ману микрофон ва меҳмонҳои сухангӯи чаҳор соъат шеъру суруду

[1] Тазриқ кардан – ворид кардан аз роҳи суранг ё сӯзандору

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

рақсу шодӣ. Ҳеч касе аз фурӯпошӣ ҳарф намезад, ҳеч касе аз давлати ҷадид ё сиёсати оянда ҳарф намезад. Духтарон дар ҳоли тамошои писарон, писарон чашм ба духтарон, занон чашм ба дунболи арӯсҳоиояндаи худ ва мардҳо дар ҳоли мастию ростӣ.

Бори аввал медидам мардум даст ба кори дурандешонае мезанад ва ноумед аз рӯшанфикрони дар маҳдудаи бастаи ҳубоби устурлоби таваҳҳум пинҳон, остин бар задаанд ва аз фарҳанг дифоъ мекунанд, аз мусиқӣ, аз шеъру суннатҳои ниёкон дар қоби ҷашни арӯсӣ. Размм мантиқӣ пеш гирифтаанд. Он ки рубоъӣ балад аст, сухан мегӯяд, он ки мерақсад, майдон аз они ӯст, он ки суруд мехонад ва он ки ҳунаре дорад ва ҳадяе барои арӯсу домод бар чашмони маҳзуни замон нисор мекунад, умеду шодию хурсандӣ мепароканад. Шояд ҳамин арӯсиҳост, ки набудан ё адами равонкову равондармонҳоро дар ин шаҳр ҷуброн мекунад. Шояд ҳамин рақсу мастиву шодиву шӯхиҳои дар ҷамъ аст, ки равони моро аз баҳамрехтан эмин дошта. Шояд ҳамин арӯсиҳои маъсум майдони аслии размҳои мо мардуми ҳоло ақаллият аст. Шояд ҳамин арӯсиҳо шабҳои адабӣ ва ҳамоишҳои фарҳангиву шаби шеъру достон ва кунсертҳои надоштаи моро ҷуброн мекунанд... Арӯсиҳо танҳо майдони мудирият ва барномарезиву омодабошии мардуми мост. Зиҳӣ ин фурсат! – гуфтам нохудогоҳ дар дил. Ва байни рӯшанфикрони гӯшагиру мардони кӯшои шаҳр

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ошиқи наву саргардоне беш набудам.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

# Фасли дувум

## М. Д.

Ҳар шаҳре барои худ парандае дорад. Парандае, ки калидвожаи ҳоли сокинони шаҳрро тараннум мекунад. Парандаи Самарқанд мусича аст. Ҳамон мусичае, ки пушти панҷараи Шарора, пушти панҷараи М. Д. ва пушти ҳар панҷарае, ки ин шаҳр дорад, мехонад: «Будан, бу... будан, бу. бу. будан». Ва хаста намешавад. Будан хастагӣ надорад. Безорӣ дорад. Будан тарс дорад, ларз дорад, нигаронӣ, гушнагиву ташнагӣ дорад, аммо хастагӣ надорад. Мусичаҳо ҳам аз ин ки аз замони ниҳодани аввалин хишти хоми ин шаҳр гуфтанд «бу. бу. будан», то ҳол мегӯянд «будан. будан. бу. бу. будан».

Мусичае аз аввалин партави хуршед шурӯъ карда буд ба тараннуми будан то ба ин замон, ки М. Д. чашм боз карда ба идомаи будан. Ё шояд мусича ин қадар шиъор дод, ки хоб аз сари М. Д. парид. Мусича ва Хуршед-хонум[1] дар ду ҳизби мухолиф дар мубо；ризаи мудом буданд. Он яке аз

[1] Хуршед-хонум – манзур офтоб аст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

абадият парда ба дидагони сокинон меандозад: «Бихоб, бихоб». Ва ин дигаре дар сояи шохи ҳар дарахти шаҳр месарояд: «Бу. будан. бу. будан...»

Ба тақвим нигоҳ кард. Нуздаҳуми моҳи августи соли 1991. Рӯ тофт. Сусту кунд мерафт моҳ. Чиро ҳар иттифоқе қарор аст биюфтад, зуду сареъ намеуфтад, мисли тарбуз аз бағали деҳқон: «Эй бало! Садақаи сар, ҳарчи шуд, шуд!» Ҳама медонистанд, ки чунин намемонад, аммо касе намедонист, ки чунон низ оё хоҳад монд? Шӯравӣ агар рафтанист, чиро зудтар намеравад? Чиро кишвар агар қарор аст мустақил шавад, зудтар зимоми корро ба даст намегирад? Чиро касе чизе ба ӯ намегӯяд? Оё ӯро вориди бозии ҷадид хоҳанд кард? Оё қарор аст корномаи сиёсӣ ё аслан куллан шуғли ӯ бо Шӯравӣ ба поён бирасад? Бо касе ҷуръат надошт инҳоро матраҳ кунад. Тарҳи ин суолҳо бохти убуҳҳат[1] буд барои ҳар касе. Намехост худро дар мавқеъияти заъф нишон диҳад. Беҳтар аст вонамуд кунад, ки мутмаинну ором аст.

Дирӯз Неъмат Асадуф омада буд, машварат мехост, ки бо худрави наваш чи кор кунад? Бифурӯшад? Нигаҳ дорад? «Нигаҳ дор» – гуфта буд М.Д. Аммо худ мутмаин набуд, ки ин итминони хотир доданаш ба дӯсти азизу ягонааш чи суду чи зиёне хоҳад овард. Худи ӯ чи кор кунад? Ин ҳама пешниҳоди хариди молу мулк ба ӯ

[1] Убуҳҳат – шукӯҳу бузургӣ ва ҷоҳу ҷалол

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мешавад ва ӯ ҳам ба ғайр аз ташвиқи нигаҳ доштан чизе намегӯяд. Санам ҳар тилову ҷавоҳире пешниҳод шуда, харидаву гузошта кунҷи хона. Агар аз назорати давлатӣ биёянду бипурсанд ин ҳама сарват аз куҷост, бояд чи бигӯяд? Мерос аст? Ҳамаи инҳо кофӣ буд дар интизори як сактаи хафифи[1] дигаре бошад. Аммо талош мекард худро ором нигаҳ дорад.

Одати ин рӯзҳояш буд, ки ҳар рӯз ба сӯи донишгоҳ, ки қадам мезанад, ба худ талқин кунад: «Ҳама чӣ хуб аст. Ҷои нигаронӣ нест.»

Соъати корӣ тамом шуда буд, аммо охирин чизе ки ба зеҳнаш мерасид, рафтан ба манзил, назди Санам ва бачаҳо буд. Боз ҳамон суолҳо, боз ҳамон ҳарфҳои такрорӣ, ки чи шуд? Хабаре шуд? Чиҳо мегӯянд? Ингор инҷо мо аз ҳама чиз бохабарем. Ингор қабл аз ин ки тасмим бигиранд, ба мо хабар медиҳанд. Аслан чиро намешавад ҷое рафт, ки ин лаҳзаҳо зуд бигзарад? Ё коре бояд кард, ки гузашти замонро аслан нафаҳмид. Аслан намефаҳмӣ, ки чи касе ҳастӣ ва куҷо ҳастӣ ва ин чи замону мамлакатест.

Гӯширо бардошту шумораҳоро печид.

– *Негмат Асaдуф! Чем занимаемся?*[2]

Аз рӯи одат ба ҳамон лаҳни ҳамешагии худ ба русӣ пурсид: «Неъмат Асадуф, ба чи кор машғулем?» Дӯст дошт бо феъли ҷамъ бо ӯ суҳбат кунад ва талош мекард ба ҷои «ту» ё «шумо» «мо»

[1] Сактаи хафиф – сактаи қалбӣ ё мағзии сабук

[2] Яъне: Ба чи кор машғулед?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бигӯяд ва бо ин ҳамфикриву ҳамроҳии худро ба ӯ як бори дигар ёдовар бишавад. Воқеъан байни онҳо ҳеч сирру пинҳонкорие набуд. Ҳарчанд гоҳе ба ҳамдигар машкук[1] мешуданд. Ҳарчанд гоҳе асрореро амдан ба ҳамдигар фош мекарданд, ки агар ниёз ба гузориш додан ба КГБ бошад, нусхаи қобили қабуле ба дасти онҳо бирасад. Онҳо бо КГБ, созмони амнияти маҳаллӣ, дар рафтуомад ва ҳатто дар ҳамкориҳои ғайрирасмиву рӯзмарра буданд. Ҳарду. Чунин расм буд. Ҳар касеро тамос гирифтанд, аз худ мекарданд. Дар ҳини суҳбатҳои дӯстона сари мизи шому наҳор аз ину он суҳбат мекарданд ва нукоти мавриди шубҳаро ё бартараф мекарданд ё гӯшзад медоданд. Аммо робитаи дӯстии онҳо реша дошт, шоха дошт ва баргу самар ҳам дода буд. Аммо бояд бо ин бодҳои нарми рӯзона низ дасту панҷа нарм мекарданд ва гоҳе ҳатто онро давр мезаданд. Давр заданҳои нарму безарар ба ҳизбу сиёсат. Мисли равобити ошиқона ё мастиҳои аз ҳад зиёд дар соъати корӣ ё ҳатто гоҳе ришваҳои кӯчаке дар қолаби ҳадя ва қадардонӣ. Ҳамаи инҳоро байни худ пинҳон нигаҳ медоштанд ва ниёзе намедиданд касе бохабар бишавад. Чи касе ҳаст, ки аз ин корҳо накунад? Гоҳе менишастанду аз ину он ғайбат мекарданд, ки бешараф, як ҳадяи кӯчак ҳам кофӣ буд, ин миқдори зиёд пул чиро? Воқеъан инҳо инсоф надоранд, ки мардуми бечораро инхелӣ ғорат

[1] Машкук шудан – шак кардан, бадгумон шудан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мекунанд. Хуб, донишҷӯ дарс нахонда, дуруст, кори хубе накарда, чиро бояд падару модарашро ғорат кунанд? Аз ин гуна таҳлилҳое, ки ба дарди дурбинҳои эҳтимолии махфӣ дар утоқи корияшон мехӯрду бас.

– *Да вот ни чем. Сидим и думаем*[1], – бо ҳамон феъли ҷамъ посух дод Неъмат Асaдуф.

– *Не надо думать. Заходите ко мне, что нибудь придумаем, как надо эффективно думать.*[2]

Бо ҳамон лаҳни нимҷиддию нимшӯхии ҳамешагӣ мегӯяд «ниёз ба фикр кардан нест, биёед назди ман роҳе барои босамар фикр кардан меёбем.»

– *Понял*[3], – кӯтоҳ гуфт Неъмат Асадуф ва аз лаҳни М.Д. мутаваҷҷеҳ шуд машрубе ҳам дар миёни ин фикрҳои босамар ҳатман ҳаст. Бо лабханд аз сандалӣ бархосту ҳамзамон мутаваҷҷеҳ шуд, ки ҳанӯз гӯшии телефун дар дасти ӯст. Ҳей. Ба худ хандид: *Рассеянный какой! Преждевременно стареешь, что ли?*[4] Худро ин гуна масхара карду гӯширо гузошт сари ҷояш. Ба сӯи утоқи кории М. Д. рафт.

Ҳарду намедонистанд, ки чиро бо ин ки тоҷиканд, бо ҳам бо забони русӣ ҳарф мезананд. Аммо вақте Шарора ҳамроҳи онҳост, тоҷикӣ ҳарф

[1] Яъне: Кори хоссе нест, нишастаему фикр мекунем.
[2] Яъне: Ниёз нест фикр кунед. Назди ман ташриф биёред, бо ҳам чорае пайдо кунем, ки читур мешавад фикре муфид кард.
[3] Яъне: Фаҳмидам
[4] Яъне: Парешонхотир шудаӣ ё пирии зудрас гирифтӣ?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мезананд. Ирқи[1] миллияшон дар ҳузури Шарора бедор мешавад. Аммо вақте ӯ нест, ирқи ҳизбияшон дастболост. Ҳизбе, ки дар ҳоли рафтан аст ва онҳоро бо дили шикаста, аммо қалби умедвор раҳо кардааст. Тағйире, ки қарор буд ҳама чизро ба ҳам бирезад ва аз нав бисозад. Девори ҳизб ба ларза даромада ва садои ғич-ғичи он хӯрду хоби онҳоро ҳаром карда ва ҳама ҳизбиву ғайриҳизбӣ муроқиби инанд, ки чи кор бикунанд, то зери овори ҷасади он нобуд нашаванд.

М.Д. бо дидани дӯсти чиҳилсолаи худ хам шуду аз зери миз калиде берун овард. Ба ӯ дод:

– Кумудро[2] боз кунед, – гуфт бо ҳамон лабханди маънодори ҳамешагияш.

– Хуб, ба ин мегӯянд ҳамфикру ҳамдил!, – даст ба ҳам собид[3] Неъмат Асадуф ва калидро гирифт.

– Бачаҳо мебиёранд, мо ҳам не намегӯем, – тавзеҳ дод М. Д., ки чиро аслан он шишаҳо онҷост.

– Ба мо ҳам биёранд, не намегӯем, – гиламанд мегӯяд Асадуф.

– Ба мо медиҳанд, ки ба Шумо бидиҳем, – мағрурона механдад М. Д.

– Ҳо. Чизи хеле хуб аст ин! Бо ду истакон аз инҳо бирезӣ ба ҳалқ, ҳамаи мушкили оламро ҳал мекунӣ, – хандид Неъмат Асадуф ва ду истаконро ҳам ҳамроҳи шишаи вудко[4] оварду рӯи миз

[1] Ирқ – раг

[2] Кумуд – ганҷа ё ишкофе, ки дар он ашёеро гузоранд

[3] Собидан – сойидан

[4] Вудко – арақ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гузошт.

М.Д гуфт:

– Биё, барои ҳамин гапат як анекдот[1] гӯям.

– Хӯш..., – гӯш ба ӯ дод дӯсташ.

– Вақте барои аввалин бор шишаи арақро мехоҳанд ба Амир Олимхон муъаррифӣ кунанд, чанд ҳаким бо тарсу ларз шишаро мегиранду вориди арги Бухоро мешаванд.

– Хуб..., – беқарор мешавад Асадуф.

– Ҳакимон дуқаду чорқад назди амир мешаванду мегӯянд маъҷуне[2] ба дасташон расида, ки аз гадо шоҳу аз тарсончак далери даврон месозад.

– Аҷаб!, – мегӯяд Асадуф, ингор ки Амир Олимхон бошад, ду даст рӯи зонуҳо мемонаду гӯшу ҳуш ба даҳони дӯст.

– Амир фармон медиҳад, ки имтиҳон кунанд. Ҳакимон мераванду як гадо ва яке аз тарсутарин афроди Бухороро меоранд, рӯ ба рӯи Амир менишонанду мегӯянд бихӯред. Он ду ҳам менӯшанд ба саломатии амир, бо тарс, ингор заҳри зақумро нӯш мекунанд. Пиёлаи аввалӣ, дувум ва севум ва шиша тамом мешавад. Амир мунтазир, ҳакимон мунтазир ва он ду бадбахт мунтазир, ки қарор аст чи бишавад.

– Хуб, чи мешавад?, – тоқаташ тоқ мешавад Асадуф.

– Ҳеч. Ҳамин мешавад, ки бо мо.

[1] Анекдот – латифа, ҳаҷвия, факоҳӣ

[2] Маъҷун – омезае аз чанд дору, ки ба ҳам сиришта бошанд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Бо мо магар чи мешавад? Ин қадар дуру дароз кашола накун. Кушт̣ӣ аз шаф-шаф гуфтан. Шафтолӯ гӯю мон!

– Амир Олимхон ба тарсу менигарад ва чизе пай намебарад, ба ғайр аз ин ки мутаваҷҷеҳ аст ӯ якпаҳлӯ лам дода[1] ва пой дароз карда ва чашмонаш нимроғ ба ин сӯву он сӯ нигоҳ мекунад. Мегӯяд чи эҳсос дорӣ, эй тарсуи машҳури Бухоро!

– Хуб? Чи эҳсос мекунад?

– Сабр кун. Саросема нашав. Хуб? Тарсончак ба ин сӯву он сӯ нигоҳ мекунад. Шаклу шамоилаш тағйир карда ва аслан дар он ҳолате нест, ки вориди нишемангоҳи амир шуда буд. Нишоне аз қомати хамидааш намондааст. Гардан боло мекашаду ангушт сӯи амир тир мекунад:

– Аслан ту кӣ ҳастӣ?! Ба ту чи ки ман чи мекунам?!

Амир асабонӣ мешавад ва мехоҳад дастури эъдоми[2] тарсуро бидиҳад, ки ҳакимон ёдоварияш мекунанд, ки ин як имтиҳон аст. Амир таъаҷҷуб мекунад, ки маъҷун дар ин ҳад муассир аст. Ба гадо нигоҳ мекунаду мепурсад:

– Эй гадо! Ту ҳам се пиёла аз ин маъҷун хӯрдӣ, чи эҳсос мекунӣ?

Ва М. Д. мезанад зери ханда.

– Аҳа. Бигӯ бо ҳам бихандем. Ин ҳам шуд анекдот гуфтан?, – асабонӣ ва бо ним лаб ханда эътироз мекунад Асадуф.

[1] *Лам додан* – ба паҳлӯ дароз кашидан

[2] Эъдом – қатл, куштан, нобуд кардан, аз миён бурдан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Гадо ҳам он тараф лингашро дароз мекунаду бо гардани кашида ба амир мегӯяд:

– Ту Амир Олимхон ҳастӣ, магар на?

– Хуб, Амир Олимхон ҳастам.

Гадо бо он ҳама либоси жандаву даридааш ба хилъати зардӯзии амир нигоҳ карда мегӯяд:

– Ҳамаи ин исту бистат, ба изофаи ҳамаи иморатат чанд пуле, ки набошӣ, ман мехарам!

Ҳарду дӯст қоҳ-қоҳ механданд ва оби аз чашмонашон равонро пок карда, ба шишаи рӯбарӯяшон нигоҳ мекунанд, ки бирез, бихӯрем, бибинем, чи шавад?

– Аммо шиками холӣ, ки намешавад? Сабр кун, боз накун! На, боз кун, – гуфт М. Д., ки гӯӣ чизе ба ёдаш омада бошад.

– Рост мегӯянд бо Шарора даъво кардед?, – даст ба шиша нахи суҳбатро сӯи дигар мебарад Асадуф.

– На. Даъво накардем, вале шояд ҳам даъво кардем. Намедонам, шояд бештар намоиш буд, то даъво, – чашм ба рехтани вудко мегӯяд М. Д., ки ёдаш рафта буд чиро гуфт нарезад ва бо шиками холӣ магар мешуд хӯрд...

– Кӣ мегӯяд, ки намоиш буд?

– Ман, – кӯтоҳ ва мутмаин ҷавоб медиҳад М. Д., ки аз идомаи ин мавзӯъ нороҳат аст.

– Ӯ ҳам медонад, ки намоиш буд?, – дар ҳоли пур кардани истакон.

– На, – яке аз истаконҳои пурро баланд бардошт М. Д.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Хуб, пас даъво кардед, – истакони дигарро баланд кард Асадуф.

– Даъво кардем ё накардем, чи фарқе мекунад? Бихӯрем ба саломатӣ.

– Ба саломатии кӣ?

– Ба саломатии дӯстон!

– Ба саломатии дӯстон ва пойдории дӯстӣ ва нест бод ҳарчи намоиш аст!, – изофа кард бо киноя Асадуф.

– Барои пойдории дӯстӣ бояд як истакони дигар пур кунем. Ин тур намешавад, – суханро сӯи дигар бурд М. Д.

– Пас занг бизанед. Бибинед чи кор мекунад. Мо ҳама таку танҳо ҷудо уфтодаем. Диққат кардед, дигар ҷамъҳо ҳам мисли қабл нест? Ингор Шӯравӣ не, балки мо дар ҳоли фурӯ рехтан ҳастем, – дар ҳоли дубора пур кардани истаконҳо гуфт Асадуф.

– Агар ин қадар дилат танг бошад, худат занг бизан, – гуфт М. Д. ва аз ин ки мавзӯъи Шарорaро идома медод, аз дӯсти худ ингор ранҷида буд. Шояд аз иннороҳат буд, ки ба ҳоли Шарора бештар аҳаммият медод, то ба ҳоли ӯ.

– Ман, ки дилам танг аст. Аммо мебинам дили баъзеҳо ҳам он қадар ором нест, – бо шайтанат гуфт Асадуф.

– Девор гӯш дорад, – истаконро ба даст гирифту бидуни нӯшбод то таҳ нӯшид М. Д.

– Девор гӯш надорад, муш дорад. Муш аст, ки гӯш дорад, – муҳтавои истаконро даркашид Асадуф.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Чи фарқе мекунад? Муҳим ин аст, ки дорад. Бирез. Ин қадар ҳарф мезанӣ..., – тақ истаконро рӯи миз мегузорад М. Д.

Суҳбати ин ду дӯст ҳамчунон русист. Аммо дигар мисли қабл талош надоштанд, ки бидуни лаҳҷа ва расмӣ суҳбат кунанд.

– Фарқ мекунад. Дақиқан ҳамон қадар фарқ мекунад, ки даъвои намоишӣ роҳ бияндозӣ ва танҳо худат бидонӣ, ки ин даъво намоишист ва ҳама онро ҷиддӣ бигиранд. Ҳатто...

– Бас аст. Ҳарфи дигар надорӣ, бизанӣ?, – аз таъхири Асадуф дар пур кардани истакон бесабр шуд М. Д. Даст ба гардани шиша бурду истакони худро пур кард. Ба истакони Асадуф низ рехтанӣ буд, ки ӯ даст рӯи истакон гузошт, ба маънии кофист ва гуфт:

– Санам медонад?

– Чиро? Даъворо? На, – бепарво дунболи куҷо гузоштани истакони холӣ гуфт М. Д. ва тавре вонамуд кард, ки аз нанӯшидани Асадуф ҳам ранҷидааст.

– Яъне воқеъан ин қадар аҳмақ ҳастӣ, ки фикр кунӣ ӯ намедонад? Ба назари ман, Санам ҳама чизро медонад, – мавзӯъро амиқтар бурд Асадуф.

– Хуб, дониста бошад. Ба ман чӣ?, – дунболи туршӣ ба атроф нигоҳ кард М. Д., аммо ба ғайр аз коғазпора ва худнавис дигар чизе рӯи миз набуд.

– Як занг бизанад ба ҳизб, каллапо ме...

– Кадом ҳизб, каллаварам? Кадом ҳизб? Ҳамааш рӯи сари мо рехтааст. Намефаҳмӣ?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Аҳмақ, ки нестӣ, пас чиро худатро ба гарангӣ меандозӣ? Аз ҳиззззб иххххроҷ мекунанд? Ҳоъ! Ҳизззбе бошад, ки коррре кунад? Агаррр бошад, ихроҷҷҷ кунад ҳам, ххххуб буд.

– Чи медонам, – гунаҳкорона сар пойин бурд Неъмат Асадуф, – чи медонам, намехоҳам аз Санам ҷудо шавӣ. Ин ҳама сол туро таҳаммул кард. Ба Шарора ҳам дилам месӯзад, – ҳамчунон даст рӯи истакони худ монда буд Асадуф ва ба ҳаракоти М. Д. нигоҳ мекард. Ӯро ҳеч вақт ин қадар бепарво надида буд. Ин қадар ҳам шаробхӯр набуд.

Дар ин ҳафта ин севумин азизе буд, ки меранҷонад. Бидуни ҳеч нигаронӣ аз ин ки мумкин аст аз ҳад бигзарад. Бидуни ҳеч андеша асабонияти худро раҳо карда буд мисли уштур дар боғи ангур. Аввал Шарора, дувум котиба ва ҳоло Неъмат. Ҳамин ҷо дар сандалии Неъмат Асадуф нишаста буд котиба ва ба сурати ӯ хира шуда буд. Поёни соъати корӣ буд. Рафтуомадҳо кам шуда буд. Котиба сандалиро рӯбарӯи ӯ кашиду нишаст:

– Нағз ҳастед Шумо?, – бо шарм ва каме ҳам тарс пурсид котиба.

– Ман? Чиро бояд бад бошам?, – бо худписандии ҳамешагии худ гуфт М. Д. ва худро машғули хондани варақҳои рӯи миз кард.

– Рангу рӯятон мисли ҳамеша не, – нигоҳашро аз чашмони теғкашидаи М. Д. гурезонд.

– Рангу рӯи ман ҳамеша чи ранге буд, ки ҳоло нест?, – ба рангу рӯи аз тарс зардшудаи котиба

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

нигоҳ кард М. Д.

– Эҳсос мекунам чизе шуда. Бо Санам-ойтӣ ҷанг шудед?, – сари худро бо тардид баланд карду ба рӯи М. Д. нигоҳ кард котиба.

– Бо Санам? Чиро бояд ҷангӣ шавам?, – баногоҳ аз ин ҳарфи котиба ҳайрону асабонӣ шуд М. Д. Чунин ранги хусусӣ гирифтани суҳбатро интизор надошт.

– Охир бо ҳама дар ҳоли даъво ҳастед. Ҳама аз Шумо метарсад. Касе ҷуръат надорад биёяд утоқи Шумо. Аз ҳамон берун ҳарфашонро ба ман мезананду мераванд. Ман ҳам аз тарс...

– Беҳтар! Ҳавсалаи дидани ин ҳама қиёфаи гушнаву ташнаро надорам, – садояшро боло бурд М. Д. ва дид, ки сари котиба бо тарс пойинтар уфтод ва шонаҳояш ларзид. Ва гуфт, – бибахшед, ман асабонӣ ҳастам. Бирав, ба корҳоят бирас.

– Кор? Соъати шаши аср чи кор? Омадам ба Шумо бигӯям, ки агар кумаке хостед, ман дар хидмат ҳастам.

– Хидмат, ҳо?, – аз асабонияти худ фаромада, бо нимлабханд гуфт М. Д.

– Бале. Агар...

– Масалан чӣ?

– Намедонам, шояд ин ки биравам дидани Шарора-ойтӣ, – бо сари хам гуфт котиба.

– Шарора?, – таъаҷҷуб кард М. Д., – чиро бояд ман аз ту бихоҳам биравӣ диданаш? Хостам, иноҳо телефун, занг мезанам, – дубора асабонитар шуд М. Д.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Намедонам. Ҳамин тур пешниҳод буд, – зуд аз гуфтаи худ пушаймон шуд котиба.

– Пешниҳод, ҳо?, – асабонитар шуд М. Д. ва ин бор шояд ҳам ранги сураташ тира мешуд.

– Бале, – қариб гиря сар дод котибаи сад ҳазор бор пушаймон, ки худро вориди ин вазъият карда буд.

– Чиро намеравӣ аз ҳоли Санам пурсон бишавӣ? Ту, ки ҳама чиро ба ӯ мерасонӣ. Кӣ омад, кӣ рафт? Чӣ гуфт? Ин дастат як рӯз канда мешавад аз ин ки ба ҳарфҳои ман гӯш мекунӣ пои ин телефуни лаънатӣ, – ҳамон бо русӣ ва асабонитар аз қабл фарёд зад М. Д.

– Ман. Ман..., бибахшед, – мехост аз утоқ берун бидавад котиба.

– Чӣ, яъне мехоҳӣ бигӯӣ, ки гӯш намекунӣ?, – ду мушт рӯи миз гузошта буд М. Д. ва вонамуд мекард, ки хеле асабонӣ аст ва мумкин аст бикӯбад рӯи миз. Дақиқан мисли раиси донишгоҳ бикӯбад рӯи миз ва бо мушт рӯи миз такя кунад ва аз сандалӣ нимхез бишавад. Аз қарор гирифтан дар баробари чунин намоиши қудрати раиси донишгоҳ мутанаффир буд. Медонист каси дигаре ҳам дӯст надорад чунин эҳсоси ҳақириву кӯчакӣ кунад. Ин намоишро ба роҳ андохта буд, чун эҳсос мекард котиба чизеро аз ӯ пинҳон мекунад.

– Дурӯғ чиро..., – ашк аз чашмони котиба сарозер шуд.

– Пас гӯш мекунӣ. Чиҳо гуфтӣ ба Санам?, – мушти худро ҷобаҷо кард М. Д.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ба Санам-ойтӣ чизе нагуфтаам, – ҳамчунон кӯчактару хамтар мешуд қомати котиба.

– Пас ба кӣ гуфтӣ? Пас барои кӣ гӯш мекунӣ ба телефунҳои ман?, – ду даст рӯи миз гузошта буду аз ҷой оҳиста бархоста буд М. Д.

– Ба раис. Агар бифаҳманд, ки ба Шумо гуфтаам, ихроҷам мекунанд. Хоҳиш мекунам, нагӯед ба..., – гиря маҷоли суҳбат надод.

Зиндагӣ қарор набуд роҳаттар бишавад. Ҳар суҳбатеро шурӯъ мекард, нуқтаи куре рӯшан мешуд ва мисли барқ заданҳои чашмони гурбаи сиёҳ дар шаби торик. Аз ин ки бо касе суҳбат кунад, метарсид. Чиро аслан бояд бо ин мардум, ки муддатест мисли издиҳоми дар ҳоли ғарқ дар дарё ба ҳарос уфтодаанд ва ҳамдигарро тела медиҳанду пой бар шонаву пешонаи дигаре мегузоранд, суҳбат кард? Чи дӯст, чи душман ҳама дар ҳоли зероб задани[1] ҳамдигар... Ёди Шарора уфтод. Ин духтар ингор аз сайёраи дигар буд. Танҳо ӯ аз шурӯъи тоза ва беҳтар суҳбат мекард. Бақия аз поён ва рафтан. Агар Шарора набуд, шояд ӯ низ дар ин шароит қарор намегирифт. Ҳамон шеваи қаблӣ ва қадимии худро идома медод. Аммо Шарора дар ӯ ҳисси тозаеро бедор карда буд. Адолат? Ҳувият? Мутмаин набуд. Аммо чизе дар ӯ бедор шуда буд, ки ӯро аз чорчӯби роҳати садсолааш берун кашида буд. На дурӯғ метавонист бигӯяду роҳат ба сандалӣ такя карда

[1] Зероб задан – аз миён бардоштани рақиб

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

лоф бизанад ва на мисли қабл ришва метавонист бигирад ва на бо русии азизаш метавонист бидуни азоби виҷдон ҳарф бизанад. Ба тамоми рафтори худ огоҳона ноҳинҷор буд.

Шарора шарре дар дили ӯ барпо карда буд, ки аз ӯ инсони дигару беҳтаре сохта буд. Шарора шӯре дар дили ӯ рехта буд, ки дар худ меҷӯшид, ба сони шири сари субҳ аз табақи ҷуссааш ба сар меомаду лабрез мешуд. Димоғи сӯхтаи шаҳрро, ки аз дудмонҳои арақзавод фаввора мезад, беш аз ҳамеша огоҳона диққат мекард ва тоби таҳаммулаш саррез мешуд. Чигуна ин ҳама сол дар ин шаҳр зиндагӣ карда ва аз ин бӯи бади хамиртуруш ва оби гандум дар ғафлат буда? Чигуна яку якбора ба ҳамаи чизи ин шаҳр ҳассос шуда? Шарора дар миёни ду абрӯяш як чашми севум ва дар миёни лабу бинияш як димоғи дигар во карда буд. Ин инсони ҷадид мехост тамоми муддат бо Шарора бошад, то ӯро аз хавфҳои эҳтимолӣ эмин дорад. Аммо агар боди сaборо ром кардӣ, Шарораро ром кардӣ. Агар моҳиёни ҳавзҳои Бухороро гӯё кардӣ, Шарораро мутақоъид тавонӣ кард, ки мунфаъил[1] бошад.

Аз ин ки наметавонист ӯро аз марказ ва аз фаъолиятҳои сиёсӣ дур нигаҳ дорад, дар қаҳр буд. Аз тамоми шаҳр дар қаҳр буд. Чиро ҳама бо ҳам кори сиёсӣ намекунанд, ки Шарораро битавонад тавҷеҳ кунад ё ӯ нодида бимонад байни фаъолони

[1] Мунфаъил будан – ром шудан, таъсир пазируфтан, гӯш додан ба ҳарфи касе, фармонбардор шудан, итоъат кардан, тобеъ шудан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дигар. Ингор ду нафар буд, ки мисли хор ба чашми амниятиҳо халида буд. Ингор ин ду нафар буд, ки боъиси бадбахтӣ ва бесомонии ин шаҳр, ки чӣ, тамоми мамлакату кишвар ҳастанд. Шарора ва шоири пир.

Котиба бедалел пешниҳоди хидмат накарда буд. Ҳамин ҳоло аз амният занг зада буданд, ки «меравем боздошт мекунем, агар аз шоиру марказ ва рӯзнома дур нашавад»:

– Инро ба Шумо мегӯям, чун медонем аз ҳамсоғариҳои Шумост.

– Ҳамсоғари ман?, – фарёд зада буд М.Д. Талош карда буд худро ҷиддӣ ва ҳизбӣ вонамоёнад, – ман танҳо нигарони аҳволи ҳамкорам ҳастам, ки ҷавон аст ва намедонад чи кор мекунад.

– То охири ҳафта агар аз марз хориҷ нашавад, мо ҷавобгари аҳволаш нестем, – мошинвор ва бидуни ҳеч гуна эҳсос гуфт садои он сӯи хатти телефун. Аз лаҳни М.Д. хушаш наёмада, дархости худро чанд дараҷа тағйир дода буд. Маълум буд, ки худ ҳам раис ва ҳам Худои худ аст.

– Яъне чӣ, аз марз хориҷ шавад?, – нигаронии М. Д. дар садояш меларзид.

– Биравад назди ҳамон забондонҳои худаш, агар инҷо ин қадар фазо барояш муносиб нест, – ин бор қаҳр дар садои мард шунида мешуд.

– Намефаҳмам, – ин танҳо вожае буд дар эътироз, ки метавонист ба забон биёрад М. Д., дар ҳоле ки мехост бигӯяд: «Шумо аслан чи гуфта

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

истодаед? Ақлу ҳушатон сари ҷояш аст?» Аммо медонист, ки ҳамон лаҳни «қурбони Шумо бишавам» ва «садқаи Шумо биравам» ҳанӯз созандатар аст. Аммо ҳамаи инро дар ҳамин як вожаи «намефаҳмам» тавонист бигунҷонад. Аммо як лаҳза дилаш ба қадару обрӯе, ки дошту бохта буд, сӯхт. Ёди он суҳбатҳое уфтод, ки лаҳни ӯ чунин дастурӣ ва аз боло буд ва лаҳни тарафи муқобил ларзиш ва тарс дошт. Ҳоло мехост худро каме ҳам бошад, қавию нотарсу бетараф ва ҳатто бепарво вонамуд кунад. Аммо намешуд. Садояш дар ихтиёри ӯ набуд. Садояш ҳамчунон мехост қурбони садақаи марде биравад, ки он сӯи хатти телефун лаҳни дастурӣ дошт ва М.Д. ҷуръат намекард ҳатто исму симати ӯро бипурсад. Тамоми талоши ӯ поён додан ба ин гуфтугӯ бо ҳифзи эҳтироми худ буд. Садои он сӯи хат гуфт:

– Фаҳмидан шарт нест. Савори токсӣ кунеду бифиристед марзи Панҷакент ва тамом.

– Яъне аз инҷо бакуллӣ биравад?, – фармонбардорона ва бидуни эътироз пурсид М. Д.

– Бале.

Ин «бале» хулосаи ин гуфтугӯ буд ва бори худоҳофизӣ ҳам дошт. М.Д. дасту по гум карду саросема хост ӯро каме бештар пои телефун нигаҳ дорад. Бо лаҳни канда-канда ва дақиқан ба ҳамон лаҳне гуфт, ки вақте аз дигарон мешунид, асабонӣ мешуд.

– Бибинед. Инҷо каме...

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ҳаминро, ки гуфтем, анҷом диҳед, вагарна воқеъан кор аз дасти мо хориҷ аст. Ҷудоиталабӣ ҷурми сабуке нест, – садо ингор тахфифе медод ба М.Д. ва таҳдиде ҳам дошт ба Шарора. Ингор мехост бигӯяд навбати ту ҳам мерасад, агар нофармонӣ кардӣ.

– Ҷудоиталабӣ? Ман, ки тавзеҳ додам, инҳо танҳо мехоста..., – лаҳни худро каме ҷиддӣ карда буд М. Д., ки тарафи муқобил ин фурсатро зуд аз ӯ гирифт:

– Тавзеҳ? Ин гуна корҳо бо тавзеҳ на, балки бо хун ҳам ҳал намешаванд! Рафиқ М. Д., фаромӯш кардаед магар?!

– Бибахшед, – иштибоҳи худро зуд фаҳмида буд М.Д. Набояд садояшро баланд мекард. Бояд Шарорaро қурбонӣ мекард. «Бале, ҳақ бо Шумост.» Бояд ӯро берун мекард ва ба бақия ҳам хабар медод, ки бинишинанд сари ҷояшон. Аммо ин корро накард. Чиро ин кор қаблан барояш роҳат буд? Чиро аз замоне, ки бо Шарора ошно шуда, эҳсос мекунад бояд таври дигаре рафтор кунад? Лаҳни имсоли ӯ бо лаҳни соли қабли ӯ чиро тағйир карда буд? Дигар барояш роҳат набуд касеро, ки ҳатто надида ё хуб намешиносад, бигӯяд: «Бале, ба назари ман ҳам каме машкук мерасад.» Ва бо ин фотеҳаи корномаи сиёсиву иҷтимоъии тарафро бихонад. Аммо ҳоло наметавонист. Чизе ҷилави роҳашро мегирифт. Шояд фикри ин ки мумкин аст касе роҷеъ ба ӯ низ чунин қазоват кунад ва корномаи ӯ низ чунин

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

сиёҳу тира бишавад? Шояд ҳам шуда ва ӯ хабар надорад. Шояд баъд аз Шарора навбати ӯст. Аввал мехоҳанд бо дасти ӯ Шарораро бишкананд, баъд бо дасти... эҳтимолан Неъмат Асадуф ӯро низ хоке ба сараш мерезанд.

– Шумо худатонро аз онҳо ҷудо мекунед?, – садои он сӯи хат хаёлашро парешонтар кард.

– Ман сарсупурдаи ҳизб ҳастам бо чиҳил сол хидмат...

Аммо фурсати ҳарф задани мустақими ӯ бо ин созмон ба поён расида буд. Инро муддатҳост, ки пай бурда. Аз он ки дигар дар ҷамъу ҷашнҳои ин ҷамоъат даъват нест. Аз ин ки дигар ба шомҳои охири ҳафтаи «руфақо» хабар намешавад. Корномаи ӯ муддатҳост ингор баста аст ва ӯ худро ба нодонӣ мезанад.

– Ҳизбе дар кор нест. Аз ин баъд мо ҳизб ҳастем, – ин бадтарину тарсноктарин шеваи бохабар шудани ӯ аз ҷобаҷоии мудири КГБ-и маҳал буд. Яъне ӯ ҳатто хабар надорад, ки мудири қаблӣ кай рафта ва ин ҷадид кай омада ва аслан номи ӯ чист? Кист ӯ?

– Хеле хуб, хеле хуб, – мехост суҳбатро ҳаминҷо тамом кунад, қабл аз ин ки харобтару бадтар аз ин бишавад.

– Яъне Шумо ҷудоиталаб нестед?, – аммо садои он сӯи телефун мехост ҳаминҷо таклифи худро бо ӯ рӯшан кунад. Ба назар мерасид М.Д.-ро мешиносад ва ҳисоби нотамоме ҳам бо ӯ дорад. Тавре мешиносад, ки алоқа надорад ӯро дидорӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бибинад. Вагарна худро муъаррифӣ мекарду мегуфт биё дафтар, кор дорам. Ин садо садои хавфноке буд. Хавфдортарин садое, ки то ба ҳол шунида буд.

– Кадом ҷудоӣ? Чи гуфта истодаед, рафиқ Шумо... Бибахшед, исми Шуморо метавонам бидонам?, – нохудогоҳ суҳбатро ба ҷое оварда буд, ки аз он метарсид. Ӯ худро андохта буд дар доми тангу торик.

– Ман рафиқи Шумо нестам. Биравед фармонро иҷро кунед, ҷаноби М. Д.

– Бибахшед, як лаҳза фурсат диҳед.

Дигар садои бӯқ шунида мешуд. Садои бӯқе, ки шабеҳи тик-ток задани соъати равон ба самти маъкус аст. Ҳеч бор дар умри худ ин қадар натарсида буд М.Д. Ҳеч боре ин қадар лаҳни тунду беҳурматонаро нашунида буд дар тӯли чиҳил соли хидмат ба ҳизб.

М.Д. гӯшӣ дар даст монда буд. Вақти рафтан аст. Бешак вақти рафтан аст. Чи мешуда бошад, агар Санамро бигираду ба Маскав биравад? Духтараш чӣ? Невааш чӣ? Писараш ҳатман нахоҳад рафт. Ӯ, ки мунтазир аст мадраки донишгоҳашро бигираду бо духтари дӯстдоштааш издивоҷ кунад. Худаш чӣ? Бо духтари дӯстдоштааш чи кор мекунад? Аз марз берун мекунад ӯро бидуни ҳеч барнома? Шарора ҳеч вақт розӣ намешавад аз инҷо биравад. Аммо Санам солҳост мунтазир аст, ки аз инҷо биравад ва дар ҷои ороме даврони пирӣ бигзаронад. М.Д.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чандин бор ба ӯ қавл дода, ки чунин хоҳанд кард. Ҳоло вақти ин кор аст? Шояд ҳанӯз зуд аст. Шояд ҳанӯз умеде ҳаст, ки тавре биравад, ки роҳи баргаште дошта бошад. Аслан куҷо биравад? Чи гуна биравад? Ӯ ҳеч вақт ин ҷуръатро нахоҳад дошт, ки аввалин нафаре бишавад, ки шаҳрро, кишварро тарк кардааст. Ӯ ҳамеша аз пайи дӯстони муқтадири худ рафта ва по ҷои пои онҳо гузоштааст. Ӯ, ки аз фазои ояндаи сиёсӣ чизе дар даст надорад. Шояд бояд ин мавзӯъро бо раиси донишгоҳ дар миён бигзорад? Ӯ ҳатман меранҷад. Дар ин марҳилаи ҳассос, дар ин даврони сарнавиштсоз агар ӯ дӯсти худро танҳо бигзорад, аз дигарон чи гила?

Мисли ҳамеша вақте дар чизе тардид дорад, аз Санам назар мепурсад. Бо ин ки ҳамаи моҷароро намегӯяд, ангезаи худро барои рафтан он қадар, ки битавонад, аз ӯ пинҳон нигаҳ медорад, аммо боз ҳам чизе дар дилаш мехоҳад назари Санамро ҳам бидонад. Оё ӯ дар чи фикру хаёл аст? Ҳар фикре ки Санам дорад, ҳатман бо дарназардошти афкори кулли аъзои хонавода аст. Санам балад аст чигуна бо так-таки аъзои хонавода дарди дил кунад ва ҳарфи дили онҳоро берун бикашад. Санам Худои рафъ кардани ҳар нофаҳмӣ ё дилхурӣ байни афрод аст. Ӯ ҳамеша матраҳгари розҳову ниёзҳои ду фарзанд ва ҳоло батозагӣ набераашон ҳам ҳаст. Санам ҳисси ғаризии хубе дар нигаҳ доштани оромиши хонавода дорад ва аз байн бурдани ҳар низоъу таниши хурду бузурги

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

хонавода.

М. Д., бо ин ки бо ӯ бештари авқот мухолифат мекунад, танҳо ба хотири он аст, ки бигӯяд ман ҳам ҳастам ва хостаи ман бояд бишавад. Ҳатто агар натиҷаи машваратҳои бақия аъзои хонавода беҳтарин бошад. Ӯ борҳо баиҷбор фикри ғалати худро пеш бурда. Ин шеваи М. Д. буд барои ин ки бифаҳмонад ҳарфи охирро ӯ хоҳад зад. Ҳатто агар ҳарфи номуфид бошад. Санам ҳам хостаи ӯро аз рӯи бадҷинсӣ мепазируфт, то шоҳиди ғалат ё иштибоҳ будани он бишаванд ва М. Д. ҳам дар амал бибинаду биёмӯзад. Аммо вақте кор ба ҷое мерасид, ки бояд бигӯяд «нагуфтам, мешавад?», чизе намегуфт. М. Д.-ро ин ҳеч нагуфтани Санам бештар асабонӣ мекард. Ё шояд аслан дигар дар ёд надошт, ки суҳбат сари чи буд ё аслан тасмими қаблии хонавода чи буд, ки ӯ онро зеру рӯ карда буд. Муҳим набуд. Муҳим ин буд, ки он лаҳза боре ҳам хостаи ӯ шуда буд ва куркурона дунболи хостаи бақия нарафта буд. Аммо вақте роҳе барои дунбол кардан надошт, дар худ мепечид, то роҳе пайдо кунад ва ғурури худро чун луқмаи нони хушк фурӯ бибарад ва бо Санам машварат кунад. Ду соъат буд дар рахтихоб канори Санам амиқ-амиқ нафас мекашид ва ду бор ҳам ба суоли Санам, ки аз ҳоли ӯ пурсида буд, беҳавсала гуфта буд хуб аст. Аммо ҳоло чашм ба сақфи утоқ ва на мисли ҳамеша рӯ ба панҷара ва пушт ба Санам назари ӯро пурсид. Солҳо буд аз чашмони бонуфузи Санам фирорӣ буд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Намедонад кай охирин бор ба чашмони Санам нигариста. Кай росту мустақим ба чашмони Санам нигоҳ карда ва ҳарфи дили худро задаву ҳарфи дили ӯро шунида. Чанд вақт аст, ки дигар ба дарди дили Санам коре надорад. Вақте ҳам Санам суҳбат шурӯъ кунад, ӯ зуд мавзӯъро қайчӣ мезанад ва ба баҳонаи ин ки фардо рӯзи кории мушкил ва тӯлонӣ дорад, худро ба хоб мезанад. Агар ба ҷои Санам худи ӯ буд, чигуна бо ӯ рафтор мекард? Оё ӯ ҳамсаре мисли худашро барои худ announcement меписандид? Оё ӯ лоиқи Санам буд? Оё воқеъан падари хубе барои фарзандонаш буд?

– Санам, ба назарат, мо бояд биравем аз инҷо ё бимонем?, – бидуни муқаддима шурӯъ кард М. Д. ва ингор дар дил тасмим гирифта бошад, ки ҳарчи бодо бод.

– Куҷо? Ҳайрон пурсид Санам ва дар дил нигарон шуд, ки М. Д. мумкин аст ба ҳар коре даст бизанад, то аз баргузории ҷашни арӯсии писарашон фирор кунад.

– Ҳамон ҷое, ки ҳамеша мегуфтӣ биравем, – ингор баъд аз даҳ сол ёди хоҳишҳои Санам карда буд М. Д. Ёд аз зориву илтимосҳои Санам, ки биё аз ин ҷо биравем. Инҷо на ман хушҳолам на ту. Чиро бояд бимонем? Танҳо модарат буд, ки ӯ ҳам даргузашт. Дигар чи касе дорем инҷо, ба ғайр аз ҳамсояҳои хабаркашу маъшуқаҳоят... Охирӣ шояд далели мондани М. Д. буд ё шояд ҳам далели нороҳатии ӯ, ки ҳамонҷо суҳбати Санамро мутаваққиф кард ва ҳамонҷо ҳам бо қатъият гуфт

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

«як сол аст девона кардӣ ҳамаро бо равем-равем гуфтанҳои беҳудаат. Ҳаминҷо мемонем. Ҳеч куҷо намеравем...» Косаи умеди Санамро чаппа карда буд М.Д. Хуб медонист, ки ҳофизаи Санам муназзаму мураттаб тамоми парвандаҳои даъвоҳояшонро дар ёд дорад. Аммо чиро ҳайрон шуд? Аз рафтан дил канда буд?

– Ҳоло?, – ин суол чи қадар тӯл кашида бошад, хуб аст. Ду сония ё ду дақиқа. Ҳарчи қадар бошад, дар ҳамон тӯли замон тамоми баҳсҳову даъвоҳо ва ашкҳое, ки Санам дар роҳи мутақоид кардани М.Д. рехта буд, ки аз инҷо биравем ва ӯ ҳам ҳарду по дар як кафш карда буд, ки на хайр, ба ҷое намеравем... чун навори синемоии тамоми лаҳзаҳои аз ин даст дар зеҳни Санам варақ мехӯрд ва ӯро ҳамон қадар аз М. Д. дуртар мекард. Ингор бо марде умре ба сар бурда буд, ки ҳарфҳои ӯро бо фосилаи даҳ сол баъд дарк мекард ва посухи мусбат медод. Санам ингор пазируфта буд, ки М.Д. низ мисли писараш аст ва бояд сабр кунад, то солу моҳе бирасад ва ба умқи ҳарфҳои ӯ бирасад. Чизе дар даруни Санам мегуфт, ки ҳатман хоҳад расид ба ҷое, ки ман расидаам, аммо дер, аммо бефоида. Ҳоло низ ин саҳна боз барои чандумин бор такрор мешуд. М. Д. даҳ сол дертар ба ҷое расида буд, ки Санам даҳ сол пеш дар он нуқта буд. Аммо хаста буд барои такрори ин ки гузаштаро бикашад берун ва дубора зинда кунад.

– Пас кай?, – ингор ин мавзӯъро бори аввал дар зиндагии муштараки худ матраҳ мекард М. Д.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Намедонам, – гуфт Санам бо бепарвоӣ, ки маълум буд қарор нест аз ҷояш такон бихӯрад. Садои Санам аз қуллаи кӯҳе омад, ки ҳамвазни кӯҳ ва ҳам аз фосилаи як кӯҳи азим ба гӯши М.Д. расид.

– Намедонам. Ба назар мерасад, ки вақти хубе барои рафтан аст, – ночор нарму ором гуфт М. Д. бидуни исрор. Ӯ метарсид аз ин ки рафтанро бар хонаводаи худ таҳмил кунад. Дар таҳи дил хавф дошт, ки касе дунболаш наояд.

– Бихобед. Пириву хартозӣ чи даркор ба Шумо, – Эй шоҳат мот! Ингор гуфта бошад ба М.Д., ки мутаваҷҷеҳ бишавад, ки дигар ҳоҷати идомаи ин мавзӯъ нест. Аммо худ хоб надошт. Чизе дар дилаш мегуфт, ки аз ин нармиши ҳамсари якрав ва саркаши худ бояд истифода кунад ва мавзӯъи баҳси ду соли охирро дубора дар ин ними шаб барои ҳазорумин бор матраҳ кунад. Дубора ба самти М. Д. баргашт ва дасте ба бозуи ӯ гузошт. Вақте баргузории ҷашни арӯсии писарашонро ёдовар кард, чашм ба сандуқи ҷаҳезия[1]е дошт, ки барои арӯсу домод таҳия карда буд.

Умедҷон як сол аст, ки номзадашро эълом карда, як сол аст, ки дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр даст ба дасти номзадаш дар ҳоли бӯсу канор дар интизори рӯзи арӯсист. Арӯсие, ки бо ҳар баҳонае

[1]Ҷаҳезия яъне туқуз ё ҳадяи волидайн ба фарзанди духтар ҳангоми издивоҷ.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чанд бор ақаб уфтода. Чанд моҳ пеш падарбузурги номзадаш фавт кард ва баъд М. Д. баногоҳ сактаи хафифе гирифту бистарӣ шуд ва баъд аз он ҷуръати суҳбат кардан дар ин мавзӯъро надорад. Аммо тамоми умедаш ба модараш аст. Модаре, ки ӯро дуру дароз тамошо мекунад, вақте рӯбарӯи ойинаи роҳрав дар ҳоли шона заданҳои беохири мӯи сараш мебинад. Модаре, ки мебинад, ӯ ҳанӯз мутмаин нест, ки мӯйҳояш пешонаашро бипӯшонад ё боло шона бизанад ё ба канор? Ин яке аз муаммоҳои ҳаррӯзаи Умедҷон аст. Писари қадбаланд бо мӯйлабҳои тоза дамида ва пӯсти сафед ва мӯйҳои мушкин. Писари ҷаззобест Умед ва Санам аз он тарс дорад, ки ӯ беш аз ин натавонад ниёзи ҷинсии худро маҳор[1] кунад. Арӯсшаванда ҳам моҳрӯ аст ва ҳам хостори зиёд дорад. Шояд Умедҷон ба хотири дур кардани онҳо аз даври номзадаш билохира ӯро бордор кунад, чи мешавад? Бадном мешавем ҳама назди ин ҳамсояҳои баддаҳону ғайбатчӣ. Коре, ки имрӯзҳо муд шуда ва бештари арӯсон ё ҳомила ё нимабордор ба хонаи шавҳар меравaнд.

– Нимабордор, яъне чӣ, – гуфт М. Д.

– Чи медонам?, – гардани худро бо ҳаракати зарифе ба чапу рост такон дод Санам. Аз хиш-хиши болин М. Д. ин ҳаракатро ҳам шунид ва ҳам дар нимнигоҳаш дид. Санам аз ҳамин ҳоло модарарӯс шуда ва арӯси ҳанӯз пой ба манзили

[1] Маҳор кардан – мутеъ кардан, зери фармони худ даровардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

онҳо нагузоштаро дар гӯшаи танбеҳу сарзаниш нишонда буд. М. Д. аз ҳамин ҷо, аз ҳамин аввалин ҳаракати модаршавҳаронаи Санам таклифи худро рӯшан кард. Ӯ ҷониби арӯси хонавода буд. Яъне ҳисси ғаризияш мегуфт бояд байни ин ду зан қарор бигирад, ки эҳтимолан қарор аст барои ба даст овардани таваҷҷуҳи сад дарсади Умедҷон дар оташи рашк бисӯзанд ва баҳсу бозии рақобат роҳ бияндозанд ва то метавонад, аз бархӯрдҳои нобарҳаққу эҳсосотӣ, ки бӯи он ба машомаш мерасид, ҷилавгирӣ кунад. Ҳарчанд баъид медонист, ки дар ин бозӣ касе аз ӯ назару пешниҳод бипурсад.

– Агар манзурат бакорат бошад, аз кай боз ин мавзӯъ барои ту аҳаммият пайдо карда?

Нагуфт М.Д., ки духтари мо Шаҳноз низ бокира набуд ва ҳамин боъис шуд модарарӯсаш бо ӯ насозад ва ӯ бо духтарбачаи яксола дар бағал баргашт. Он шавҳари номардаш ҳам дунболаш наёмад ва ӯ ҳамин ҷо канори ӯ монд, ки монд. Як духтари шоду хандону шӯх ба як ҷисми афсурда ва чеҳраи пажмурда табдил шуд.

– Духтарҳои ин замон бакорат чӣ медонанд чӣ? Ҳамин ки бо бача дар бағал хонаи бахт нараванд, шудааст. Падару модарҳо ҳам ин қадар зарҷ кашиданду охир пазируфтанд. Манзурам ин аст, ки мо, ки бояд ба Умедҷон арӯсӣ бигирем, пас чиро ақаб меандозем?

– Дар ин замоне, ки мардум нони хӯрдан надоранд, чиро бояд ҷашн гирифт, он ҳам ҷашни

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

арӯсӣ? Ба ҷои коҳиши зоду валад чиро бояд онро афзоиш дод?, – ҳамчунон талош мекард арӯсиро ақаб бияндозад М. Д.

– Дақиқан ба ҳамин далел бояд ҷашн гирифт, чун фардо маълум нест вазъият чи мешавад.

– Вазъият рӯшан аст. Ҳукумати ҷадид сари кор меояд. Ман то бифаҳмам дар он саҳм дорам ё надорам, куллӣ тӯл мекашад.

– Шумо боз чиро худатонро задед ба косаи сиёсат? Магар қарор набуд бознишаста бишаведу ҳамаро бигзоред канор? Шӯравӣ чи дод, ки ин ҳукумати ҷадид бидиҳад. Кай ба фикри саломати худ, билохира ба фикри хонавода мешавед? Бо ин ҳама мӯи сафед аз марг тарсидан ҳам хуб ҳунарест.

– Марг чиро?, – барои аввалин бор хонаводаро бидуни ҳузури худ тасаввур кард М. Д. Кадоме аз онҳо аввал хоҳад рафт? Онҳо, ки ҳамсин ҳастанд. Мегӯянд занҳо умри бештаре мебинанд. Чиҳил ҷон доранд ва нигарониҳои сиёсӣ ҳам машғалаи рӯзмарраи мардона аст. Машруб камтар хӯрдаанд ва Санам, ки ҳеч гоҳ сигоре ҳам накашидааст.

Ҳатман Санам бештар умр бибинад, барои хонавода беҳтар аст. Ӯ балад аст ҳамаро ором кунад. Бадбахт он падару модаре, ки худ зинда бошанду фарзандонашон қабл аз онҳо фавт кунанд. М. Д. вақту ҳавсала барои дилдорӣ ва ором кардани касеро надошт. Вақт? Чиро ӯ ҳеч вақт барои ҳеч коре фурсат надошт? Ингор барои зиндагӣ кардан фурсат надошт. Чиро барои тамоми корҳое, ки барояш муҳимтар буд, вақт

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

надошт. Чи буданд он ҳама коре, ки аз ин дар бо аҷала давида берун, то анҷом бидиҳад ва ҳоло ба ёдаш намеояд? Чи буданд он корҳое, ки ба ҷои корҳои муҳимми зиндагии худ анҷом медод? Чи маъное доштанд он ҳама аҷалаҳое, ки ҳангоми бемории Санам, фарзандон ё падару модараш анҷом медод ва вақте барои суҳбати шикамсерӣ бо ин азизонро надошт? Чи корҳое буданд он ҳама? Ёдаш намеомад. Ҳама ба боди замон рафта, фаромӯш шуда буданд.

– Вазифаи падару модар ҷобаҷо кардани фарзандонашон аст, қабл аз ин ки зери хоки сиёҳ бихобанд, – ҳубоби хаёли М. Д.-ро тарконд Санам.

– Ман ҳанӯз мурданӣ не. Ту ҳам беҳтар аст, ки ба фикри марг набошӣ, – сареъу мухтасар гуфт М.Д.

– Ман ҳам мурданӣ не. Вале агар яке аз мо рафта монад, ин бачаҳо парешону саргардон мемонанд.

– Ҳеч парешону саргардон намемонанд. Бихоб ҳоло, фардо рӯзи корист.

– Бале, ҳамин. Шумо меравед сари кор ва ман мемонаму нигоҳҳои умедвори Умедҷон. Гуноҳ дорад ин бача. Ҳамаи ҳамсолонаш занҳошона бағал карда хобидаанд. Ин бечора кӯча ба кӯча дар суроғи як ҷои хилват, ки номзадашро бибӯсад. Раҳм доред ё не Шумо?

– Қадари ин рӯзҳоро бидонанд, ки вақте зану шавҳар шуданд, дигар дер шудааст, – кинояи маънодоре кард М. Д.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

М. Д. мехост идома диҳад, ки чиро писараш бояд зан бигирад? Чиро набояд биравад дунёгардӣ? Ҳоло, ки қарор аст дарҳо боз бишаванд, ҳоло, ки қарор аст ҳар кас озод бошад, барои сафар ба ҳар кишвари дунё, ӯ чиро бояд худро побанди ҳамсару бача кунад? Чиро бояд ҳатман писар роҳи падарро биравад? Аммо ин ҳарфҳоро ба Санам гуфтан мисли ханҷар задан ба синааш буд ва ё суҳбат кардани бар гӯши бод. Лаб мебандад ва паҳлӯ мегардад. Паҳлӯи дардноку нороҳат. Дубора бармегардад ба паҳлӯи қаблӣ ва рӯбарӯи Санам мехобад.

– Ҳо, Худо намегузорад ба ман дигар пушт кунеду бихобед? Ҳаққатон ҳамин аст, – механдад Санам. Муддате буд рӯ ба М.Д. карда буд ва абрӯҳои аз ҳад баланд шудаи М.Д. ва ба мӯлаби мошу биринҷаш нигоҳ мекард. Дар нури нимарӯшани панҷара бо ин ки ранги дақиқи онҳоро намедид, аммо аз нафас кашиданҳои ӯ эҳсос мекард, ки дигар ин М.Д. он М.Д. нест, ки шабҳои дароз ба рӯяш хира мешуд ва то субҳ ӯро дилтангона тамошо мекард.

М. Д. як оҳеро дар тасдиқи ӯ дар гулӯ тақсим мекунад ва бурида-бурида берун медиҳад. Дарде дар синааш пахш мешавад. Агар танҳо буд, беҳтар набуд? Агар издивоҷ накарда буд ва на духтар дошту на писар ва на ҳатто навае ба ин ширинӣ, беҳтар набуд? Беҳтар набуд, ки ин қадар сабр мекард, то битавонад бо Шарора издивоҷ кунад? Оё Шарора хаёли ӯро дорад? Оё Шарора ба васл

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бо ӯ фикр мекунад? Баъид медонист, ки Шарора ин лаҳза ба фикри ӯ бошад.

Баъид медонист, ки Шарора аслан ба фикри издивоҷ бошад. Аз куҷо ин духтар чунин мутафовит ба бор омада? Чиро ҳеч кадом аз фарзандони ӯ мисли Шарора нест? Чиро онҳо ҳеч алоқае ба сиёсат ва фарҳанг надоранд? Чи тур бояд онҳоро тарбият мекард, ки накарда? Аслан тарбият, яъне чӣ? Ӯ, ки ҳеч вақт надошт, бо онҳо биншинад ва вазифаи хонагӣ ё машқҳои мактабашонро анҷом диҳад ё ҳатто баҳоҳои онҳоро бибинад ва ташвиқашон кунад, ки хубу беҳтар дарс бихонанд. Чиро ҳеч гоҳ аз ӯ кумаке нахостанд? Чи зуд, ки бачаҳо бузург шудаанд ва пой бар ҷоддаи падарону модарони худ ниҳодаанд. Ингор Ширин ҳамон Шаҳнози хурдак аст, ки аз дидани ӯ шодӣ мекард ва бо қир-қир хандаи ширин ба сӯяш медавид. Ингор замон такон нахӯрдааст. Ингор ӯ ба ҳеч чизе нарасида. Магар мехост ба чи бирасад? Шояд агар Шӯравӣ замоне фурӯ мепошид, ки ӯ аз ишқ шикаст хӯрда ба Маскав фирор карда буд, фаротар аз Маскав мерафт. Ба Урупои шарқӣ ва баъд аз онҷо ба Ландан. Чиро ҳамеша дӯст дошт ба Ландан биравад? Чиро сохтори салтанатии Британиё барояш ҷаззобият дошт? Ё шояд аз Омрико воқеъан ҳам бим дошт? Омрико барояш душмани бузург буд ва ҳатто агар Шӯравӣ фурӯ бипошад ҳам, ӯ наметавонад ин ҳама ваҳму тарсе, ки аз ҳамлаи атумии онҳо дошт, фаромӯш кунад.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Тамоми ҷавонияш дар омодагӣ барои даргирӣ бо Омрико ва таҳдиди ҷанги атумии Шӯравӣ бо Омрико гузашт. Тамоми ҷабри рӯзгорро, хиёнати дӯстонашро агар рӯзе бибахшад, аммо ин ҷанги равониро наметавонад бахшид. Кобусҳои шабҳои дарозашро намебахшид. Яъне нороҳат аст, ки ҷанге дар кор набуд? Нороҳат аст ин ду абаркишвар бар сари мардуми ҳамдигар бумбҳои шимиёӣ наяндохтанд? Ӯ воқеъан чӣ мехоҳад? Чиро дар панҷоҳсолагӣ ҳанӯз аз ҳамлаи атумии Омрико бим дорад? Аз Шӯравӣ, ки шикаст хӯрд, аз Омрико, ки ҳамла накард, аз сиёсати ҷадид, ки ҳеч тамосе бо ӯ нагирифт, аз Санам, ки ҳар рӯз ба рухаш мекашад падари хубе нест, аз духтараш, ки донишгоҳ нарафту издивоҷ кард ва ҳоло бо кӯдаке баргашта хона ва савори дӯши ӯст, аз писараш... чиро аз писараш нороҳат аст? Шояд ба хотири ин ки роҳи ӯро меравад? Роҳеро меравад, ки падараш рафта ва ҷавобе наёфта. Чиро ӯ эҳсос мекунад, ки Шӯравӣ на, балки ӯст, ки шикаст хӯрдааст. Чиро эҳсос мекунад, ки сақфи Иттиҳоди Ҷамоҳир на, балки сақфи манзили ӯст, ки фурӯ рехтанист? Чиро ин шаби лаънатӣ тамом намешавад?!

Санам фиш-фиш дар хоб буд. Аз тахти хоб берун лағзид. Берун омад. Моҳ бар лаби боми ӯ нишастааст. Дуди сигори балъидаашро ба пойин фӯт мекунад. Дур аз рухи тобони моҳ. Он ки чеҳраи Шарора буд. Хандон, шайтон ва пур аз суол. Зане, ки тамоми умр дар интизори ӯ буд, бояд чунин мебуд. Хандон, шайтон ва пур аз суол.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ҳол ӯ куҷост? Бо кист? Сигорро бетоқатона зери по андохту хомӯш кард. Беқаророна боз як нахи дигар рӯшан кард. Тӯфоне дар синааш бедор шуда буд. Ҳоло Шарора бо кист? Бо ҳар касе бошад, ҳаққи ӯст. Духтари ҷавону муҷаррад аст. Хонаи худро дорад. Нони худро мехӯрад. Кору дӯстони худро дорад. Ба ӯ чӣ? Магар ӯ чи касест барои Шарора?

Бехабар монда буд, ки дами дари ӯ расидааст. Ин ҳама роҳро пиёда омада буд? Роҳи дарозе ҳам набуд, албатта. Аз манзили М.Д., ки берун бишавед, бояд ба самти мадрасаи Бибихонум қадам бизанед, аз канори мадраса, ки гузаштед, бояд рост қадам бизанед ба сӯи майдони бузурги поёни ҷодда. Баъд аз як рубъ рӯбарӯи чаҳорроҳи бузурги бозори Сиёб расидаед. Бозори Сиёбро, ки рад кардед, ба майдони Регистон мерасед. Даҳ дақиқаи дигар қадам бизанед, ба чаҳорроҳи корхонаи арақсозӣ мерасед. Арақсозиро, ки рад кардед, бинои донишгоҳ пайдост. Нарасида ба донишгоҳ, бояд бипечед ба самти рост ва ин опортумонҳост, ки Шарора онҷо гӯшаи хилвате дорад. Гӯшаи хилвате, ки М.Д. аз замоне ки фаҳмида ӯ дар ҳамин муҳавватаи маҳалли кори ӯст, кору фикри кор ва барномаҳои қаблиро фаромӯш кардааст.

Фаромӯш кардааст он ҳама машғулиятҳоеро, ки қабл аз ошноӣ бо Шарора боъис мешуд вақте барои сар хорондан надошта бошад. Вақт надошт сар бардораду ба шаҳр нигоҳ кунад. Ба мардум. Ба

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гузашта. Ба зиндагӣ, ки пушти сар монда буд ва танҳо нишонаи ин ҳама солҳои рафта қадду қомати Шаҳнозу Умедҷон ва хандаҳои Ширину ожангҳои даври чашмони шаҳлои Санам буд. Чи коре карда буд дар ин ҳама фурсат? Дар ин шаш даҳаи умре, ки дида, чи кори муфиде карда? Ҳатман хонавода муҳим аст, аммо муфид ҳам ҳаст? Оё хонаводаи одам ҳам метавонад ҷузви дастовардҳояш бошад? Бешак мешавад. Аммо на барои ӯ, ки ду даҳа дарс хонда буд, то барои худ ва кишвараш касе бишавад. Касе бишавад, ки ишқи аввали ӯ... Худоё, яъне мумкин аст, ки номашро ҳам фаромӯш карда бошад? Оне, ки тамоми хатти рӯзгори ӯро тағйир дода буд. Он духтари гандумгуне, ки шахсияти ӯ ва эътимод ба нафси ӯро шикаста буд. Духтаре, ки ба хотири ӯ Санамро бо Шаҳнози яксола танҳо раҳо карда рафта буд. Духтаре, ки бо марди миёнсолу пулдоре рафта буд ва ӯро масхараи ду олам карда буд ва маҷбур шуда буд мисли сарбози хоину ватанфурӯши сарбазер баргардад назди Санам ва духтари яксолааш. Бо сари хаму рӯҳи пажмурда ва қалби садҳазор чокдарчок. Оё Шарора ҳам мисли ӯст? Шарора ҳам мумкин аст ба хотири сарват ва номи ӯ суроғаш омада? Оё Шарора низ ӯро дубора бо сари хам ва рӯҳи пажмурда назди Санам мефиристад?

Пушти дари Шарора бо ин фикрҳои парешон истодани худро мутаваҷҷеҳ шуд. Шарора дарро боз карда буд. Бо либоси хоб. Бо чашмони мисли

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

моҳ нишаста бар боми ӯ нурониву нигарон ба ӯ нигоҳ мекард. Ӯ даст ба занги дар бурда буд, аммо нафишурда буд. Шояд садои қадамҳои ӯро шунида буд, ки дарро боз карда буд. Ё шояд мунтазири каси дигаре буд. Роҳрав садоро пахш мекунад. Дари вурудиро вақте боз мекунӣ, ғич садо медиҳад ва ӯро бедор карда шояд. Шояд аз ҳамон лаҳзаи аввал омадани ӯро ва андешаҳову тардидҳои ӯро эҳсос кардааст.

– Хабаре шуда?, – бо маъсумияти[1] тамом пурсид Шарора. Маъсумияте, ки М. Д.-ро асабонӣ карда буд. Ин ҳама маро бехобӣ дода ва дар ин соъати шаб аз миёни шаҳр кашида оварда ба самти худ ва боз ин маъсумият ва ин эҳсоси бегуноҳӣ? М. Д. дигар намедонист, ки аз Шарора чи мехост. Омада буд чи кор кунад? Омада буд бибинад, ӯ бо кист? Ба ӯ чи рабте дошт?

– Дароед, – дарро калон гушуд Шарора ва талош мекард ба чашмони ӯ бингарад.

– Бояд биравам, – гуфт М. Д. бидуни ин ки фикр карда бошад.

– Аввал биёед, баъд биравед. Наёмада меравед?, – чашмони ӯ менигарист ба Шарора, ки ингор мегуфт чиро инҷоӣ?

Барои ин ки бештар худро масхара накунад, ворид шуд М. Д. Эҳсос кард мисли Умедҷон шудааст. Ҷавон, хом ва камтаҷруба, ки бо дидани зани ҷавоне дасту по гум мекунад. Чиро ин гуна

[1] Маъсумият – бегуноҳӣ, содагӣ, иффат, покдоманӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шуда? Чиро бо Шарорае, ки чанде пеш рост ба чашмонаш нигоҳ мекарду бебок пӯзханд мезаду масхарааш мекард, ҳоло ин гуна назди ӯ ингор ӯ нест. Ингор каси дигаре шудааст.

– Чизе шуда?, – дубора пурсид Шарора. Вонамуд мекард, ки намебинад ин нигоҳҳои парешони М.Д.-ро, ки суроғи нишонаи каси дигаре дар манзил аст.

Нишоне аз кафшу шалвору либоси мардона дар утоқ набуд. Шояд ҳар ки буда, фиристода болкун? Вориди ошпазхона шуд. Шарора ҳам дунболаш рафт ва бидуни ин ки коре ба беқарории М. Д. дошта бошад, боз пурсид:

– Агар фурсат доред, чой бигзорам, бо каме шакару нон бихӯрем, – бо ҳамон нимлабханди маъсумона гуфт Шарора.

М. Д. каме худро ба даст гирифт, вақте дид касе на дар болкун ва на дар утоқи хоб нест. Вақте садои ҷӯшидани об баланд шуд, М. Д. ором гирифта ва пушти мизи нонхӯрӣ нишаста буд. Шарора машғули чой дам кардан гуфт:

– Аҷиб аст, ки имшаб нест. Ҳар шаб инҷо буд. Нозимро мегӯям. Ӯ тақрибан ҳар шаб инҷо мехобад, – аз ҳаракоти М. Д. нороҳат ва бо киноя гуфт Шарора.

– Бо ту?, – кунҷковона пурсид М. Д. ва пушаймон шуд. Набояд сар ба сари ин ҷавонон бигзорад. Чиро тозагиҳо ҳарфҳое мезанад, ки зуд пушаймон мешавад? Ё эътимод ба нафсашро аз даст дода ё ин қадар оқил шуда, ки дарҷо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мефаҳмад, ки чи кори дуруст ва чи кори иштибоҳе карда. Аммо чиро ин ақл чанд сония сареътар вокуниш нишон намедиҳад, ки аслан аз аввал ин иштибоҳро накунад? М. Д. аз худ мутанаффир буд, ки дар ин вазъият қарор гирифтааст.

– Бо ман зери ин сақф? Бале, – тавре посух дод Шарора, ки ҳам гуфта бошад оре ва ҳам гуфта бошад на хайр, бо ман намехобад.

– Яъне бо ҳам мехобед?, – боз ҳам натавонист ҷилави кунҷковии худро бигирад М. Д. ва аз дасти худ ва иродаи худ дилхуру нороҳат буд.

– Бо ҳам зери ин сақф, бале, – дубора такрор кард Шарора.

Дар ҳарфаш на фахре буд ва на муҳаббате. М. Д.-ро шабеҳи кормандони амниятӣ медид, ки мехоҳанд ба корномаи ӯ чизеро васл кунанд, ки нест. Аммо чиро намехоҳад бигӯяд, ки байни ману Нозим чизе нест. Мо танҳо дӯст ҳастем. Чизе шояд дар дили Шарора мегуфт дифоъ кумак нахоҳад кард. Ӯ, ки ба ҳеч ваҷҳ бовар намекунад, ки байни ӯ ва Нозим чизе нест. Худи Шарора ва Нозим низ намедонистанд байни онҳо чизе ҳаст ё нест. Чиро онҳо ҳама ҷо бо ҳам ҳастанд ва ҳама фикр мекунанд, ки онҳо номзад ҳастанд. Алоқаи Шарора ба Нозим дар баробари алоқааш ба М. Д. ҳеч буд. Аммо аз иттифоқ бештари авқот бо Нозим буд, то бо М. Д. ва дурусташ ҳам ҳамин буд. Нозим ҷавони муҷаррад ва алоқаманд ба фаъолиятҳои ӯст. М. Д. марди миёнсоли мутааҳил ва аз лиҳози сиёсӣ низ комилан ингор мухолифи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Шарора аст. Аммо чиро ҳамеша Шарора ба самти ӯ гароиши бештаре дорад? М. Д. барояш даричае ба давлату ҳукумат аст ё бештар аз ин?

– Яъне шумо ҳам робитаи маҳрамона доред?

Ингор забонаш тасмим гирифта буд бар хилофи ақлу ҳушаш ҳар чи давраш чархид, бигӯяд ва обрӯи ӯро пеши Шарора бирезад ва косаву нимкосаҳоро ҳаминҷо ҳамин ҳоло бишканад ва хаёли ӯро барои ҳамеша роҳат кунад.

Шарора аммо посухе надод. Ингор ин каланҷори М. Д.-ро мутаваҷҷеҳ шуда буд, ки ба доди ӯ расиду ин мавзӯъро баст. Аслан худи Шарора низ аз ин ки Нозим одати ҳар шаб дар опортумони ӯ хобидан пайдо карда, нороҳат буд. Далели ин ки имшаб нест, ҳам ин аст, ки Шарора аз ӯ хост ӯро танҳо бигзорад. Гуфта буд, ки меҳмон хоҳад дошт. Аммо воқеъият ин буд, ки хаста шуда буд аз ҳузури тамомвақти касе дар канораш. Ҳоло аз ин суолборони М. Д. низ нороҳат буд. Чиро ин ду мард ба сари ӯ овор шудаанд? Ҳатман ӯ робитаашро дуруст танзим накарда, ӯ рӯрост ба онҳо нагуфта, ки қарор нест ҳеч яке аз онҳо марди зиндагии ӯ бошанд. Ӯ марди зиндагӣ ба маънои роиҷи самарқандӣ намехоҳад. Марде мехоҳад, ки дар канораш бошад, аммо бо фосила. Аммо ин фосиларо чи гуна мешавад тарроҳӣ кард? Чи гуна мешавад ба ин ду мард фаҳмонд, ки ман қарор нест маъшуқ ё ҳамсари шумо бошам.

– Таъаҷҷуб мекунам, ки Шумо ҳам маро нашнохтаед. Ин суолҳо хатарнок аст. Метарсам

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бигӯям, ба Шумо чи? Метарсам, ки кори мо ба нодидан бикашад. Ман духтари озод ҳастам ва ҳеч вақт аз они касе нахоҳам шуд.

– Ман нагуфтаам, ки аз они касе ҳастӣ, вале ҳақ дорам ки...

– Ба чи ҳақ доред?, – маъсумона, аммо огоҳона аз ин ки вориди ҳитаи[1] хусусии ӯ шуда, гуфт ниҳоятан Шарора.

– Ба ин ки агар нигарон ҳастам, биёям диданат.

– Ин бор, ки нигарон шудед, занг бизанед.

Ман мисли ту озод нестам, ки ҳар вақт хостам, битавонам занг бизанам. Дар хона Санам ва бачаҳо ҳастанд, дар шаҳр ҳам телефун нест. Ин соъати шаб донишгоҳ рафтан машкук менамояд.

– Ин соъат инҷо омаданатон машкук наменамояд?

М. Д. дар ҳоли аз ҷой бархостан буд, ки дар занг зад. Шарора дарро боз кард. Нозим аз дар дарун омад. Шарора бо қаҳр ба сӯи ӯ нигоҳ мекард. М. Д. беш аз қабл пушаймон буд, ки дар ин шароит дар ин лаҳза дар инҷо қарор дорад. Худро дар миёни ин ду ҷавон дид, истода, бидуни мақсаду нияте. Танҳо чизе ки дошт, дилшӯра ва дилнигаронӣ буд.

– Салом. Бишинед устод. Ман танҳо омадам ба Шарора исбот кунам, ки ҳақ бо ман буд, – бо гардани болокашида гуфт Нозим.

– Ҳақ?, – асабонӣ шуд Шарора аз ин ки ин ду

[1] Ҳита – қаламрав, ҳарим, ҳавза ва ҳудуд, ҷои иҳоташуда

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мард ба худ иҷоза додаанд дар ин соъати рӯз вориди манзили ӯ бишаванд ва аз ҳақ ҳарф бизананд. Дилаш хост ҳамин ҳоло таклифи ҳардуро рӯшан кунад ва масъаларо решакан. Шарора намедонист чи робитае бо ин ду мард дорад. Аммо ин ки бояд байни ин ду якеро интихоб кунад, барояш осон набуд. Ҳардуро мехост, аммо бо шеваи худ, сари соъати дилхоҳи худ, ҳар вақте ки ҳозиру омода буд, на ингуна чоки осмон дарида биюфтанд бар сару дараш. На бо ин шеваи тасоҳубӣ, ки онҳо мехостанд.

– Бале. Ман дирӯз хостам инҷо бимонам. Шарора гуфт меҳмон дорад ва ман бояд ӯро танҳо бигзорам. Гуфтам М. Д. Ҳаст, ҳатман. Гуфт на! Бо чи қатъият ҳам гуфт на! То ин соъати субҳ мунтазир шудам, беш аз ин ҳам мунтазир мемондам, то исбот кунам, ки ҳақ бо ман аст.

– Ман... ман..., – тавзеҳ додан хост М. Д., ки мутаваҷҷеҳ шуда буд воқеъан ҳақ бо Шарора аст.

– Ниёз ба тавҷеҳ нест. Ҳарду лутфан маро танҳо бигзоред ва агар аз ин баъд ниёз ба дидан буд, мисли бақия инсонҳои мутамаддин қарор мегузорем. Берун ҳамдигарро мебинем, – канори дари боз истода буд Шарора ва вақте ҳар ду мард бидуни ҳеч ҳарфе берун рафтанд, дарро пушти сари ҳарду баст. Ҳамсоязан дари манзилашро боз карда буд. М. Д. роҳе надошт ба ҷуз ин ки даст рӯи шонаҳои Нозим бигзорад ва аз ҳамсоязан бипурсад:

– Хоҳар, ин соъати субҳ куҷо боз аст?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Барои чи кор?, – бо кунҷковӣ, аммо нороҳат пурсид ҳамсоязан.

– Барои субҳона хӯрдан, – бо лабханд гуфт М.Д.

– Кофеи «Лаби ғор», – бо қаҳр гуфт ҳамсоязан, ки ингор тарси як соъат пеши худро ба ёд оварда бошад. Шишаҳои аз шир пур кардаву гузоштаи зани ширфурӯшро бардошту дарро муҳкам пушид. Агар ин зани ҳамсоя дарро боз намекард, шояд рафтори М. Д. бо Нозим шакли дигаре мегирифт. Аммо бо ин халале, ки ҳамсоязан эҷод кард, рӯҳияи ҳарду мусбат шуд. Ҳарду дар сукут ба сӯи «Лаби ғор» қадам заданд ва воқеъан ҳам ҷиддӣ-ҷиддӣ бо ҳам субҳона хӯрданд. Бӯи ғализи таҳаввуъовари гандуму хамиртурш аз дудкашҳои корхонаи арақсозӣ баланд шуда буд ва шаҳрро фатҳ карда буд. Чиро то ба ҳол ин бӯ М.Д.-ро азият намекард? Ё ҳатто ин бӯро дӯст дошт. Магар мешавад ин бӯи бадро нафаҳмид. Магар одат ин гуна кӯркунанда аст? Агар ба ҷои бӯи гандум бӯи фозилоб мебуд, ба он ҳам одат мекард? Замоне буд, ки фикр мекард ба бӯи арақ ҳеч вақт одат нахоҳад кард. Аммо ҳоло қабл аз субҳона як истакон арақро то таҳ сар кашида буд ва доғ-доғон рӯдаҳояшро молиш медод ва ба фикри истакони дувум буд. Мекунад, инсон ба ҳар гуҳе одат мекунад. Танҳо замон мебарад. Замон ҳама чизро одӣ мекунад, агар сари вақт муқовимат накунӣ, шайтони одат лигоми корро ба даст мегирад ва таслим шудаӣ, қабл аз ин ки бифаҳмӣ чи буду чи шуд. Чи тур ин бӯи ғализу таҳаввуъовари

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

арақсозиро то ин муддат мутаваҷҷеҳ нашуда? Панҷ даҳа бо ин бӯ зиста ва ҳоло фаҳмида, ки ин бӯ инҷост, мисли пироҳани жандаи ҳазор сол нашустаи дарвеше аз қуруни вусто, ки пардаи рӯи шаҳр бошад. Агар ба ҷои бӯи гандум бӯи фозилоб мебуд чӣ? Дониш ингуна аст, вақте намедонӣ, намебинӣ, намешамӣ. Аммо вақте донистӣ, дигар раҳоӣ надорӣ. Панҷ даҳа тӯл кашида буд, то ӯ донишманд бишавад. Шарора ӯро аз чолаи ғафлати рӯзмаррааш берун кашида буд ва ба ҳақиқати берун ошно карда буд. Ҳубоби маъсумияти раъиятвори ӯро дарида буд.

М.Д. баъд аз субҳона сӯи донишгоҳ зад ва Нозим ҳам аз ӯ худоҳофизӣ карду дар самти мухолифи хиёбон ба як хатти нозуке табдил шуд. М.Д. ҳеч дилхурие аз ӯ надошт. Дӯстона ва бо сиёсат дасти ӯро фишурда буд. Ин танҳо роҳе буд, ки иртиботи худро ба унвони рафиқ ҳам шуда, ҳифз кунад. Дар ояндаи огаҳонае, ки барои худ медид, ин ду ҷавон аз танҳо сокинони он буданд. Шарора ва Нозим, ки хориҷ аз ҳубоби одатҳои раъиятӣ[1] мезистанд – чизе, ки барои М. Д. ҷаззоб ва хостанӣ шуда буд. Ин ду ҷавон мисли бӯи гандум буданд. Агар дар бозори Сиёб дар тани кулучаи доғ шамидӣ, кайф кардӣ ва агар дар дудкашҳои корхонаи арақсозӣ шамидӣ, талх сулфидӣ. Ҳарду ҷудо-ҷудо аҳли дил буданд. Аммо бо ҳам ҳоли М. Д.-ро ба ҳам мезаданд ва ҳасодати

[1] Раъият – оммаи мардум, мардуми фармонбардори подшоҳ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ӯро бармеангехтанд. Шарораро дур аз Нозим ва Нозимро дур аз Шарора мехост. Аммо кай бишавад хостаҳои кас бароварда? Ин қадар суол дар зеҳн дошт, ки ба шакли аломати суол даромада буд қомати як мавқеъ шамшоди М. Д. Ах, Шарора Шарора! Даст такон дод М. Д., қабл аз ин ки дари баланди чӯбини нақшу нигордори донишгоҳ ӯро дар худ бибалъад ва аз чашми шаҳр пинҳон кунад.

## Санам

То субҳ ҳарду нахобида буданд ва пилкҳои сангин аз хобашонро рӯи ҳам гузошта буданд, аммо аз хоб хабаре набуд. Аз паҳлӯ-паҳлӯ гаштанҳояшон пайдо буд, ки ҳарду мехостанд сарнахи ин печидагиро боз кунанд. Нимшабро куҷо ва назди чи касе рӯз кардани М. Д. ҳанӯз барои Санам рӯшан набуд. Ҳар он мумкин буд яке аз онҳо баргардаду бигӯяд худро ба хоб назан, медонам бедорӣ. Биё гап занем. Вале ҳеч кадом ин ҷуръатро пайдо накард. Нури хокистарӣ аз панҷара ба дохили утоқ мелағзид. Садои парандагон бар шохаи чанори канори роҳ баландтар мешуд. Санам аз ҷой бархосту ингор, ки тамоми шабро хобида ва хобҳои ширин дида, хамёзае кашид ва аз дар берун рафт. Субҳонаро мисли тамоми рӯзҳои умри муштаракашон рӯи миз чид. Фаровонӣ аз дастархони онҳо ҳам рафта

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

буд. Пиёлае чойро рӯи ду даст нигоҳ дошта буду гирд мегардонд ва ба нури ҳалқа дар ҳалқаи рӯи фарш нигоҳ мекард. Вақте дид ҳамсараш аз утоқи хоб бо чашмони нимабозу лабу лунҷи овезон берун омад, лабханде заду салом дод. Ӯ низ салом карду пушти миз рӯбарӯи ҳамсараш нишаст. Ҳамеша одат дошт дасту рӯ баъд аз субҳона хӯрдан бишӯяд. Одате, ки Санам ҳеч вақт намеписандид ва бадтар аз ҳама аз ин нороҳат буд, ки ин одатро писарашон низ омӯхта буд ва ҳар бор, ки Санам ба ӯ тазаккур медод, мегуфт, падар чӣ? Чиро ба ӯ ҳеч чиз намегӯяд?  Санам аз такрори худ хаста ҳардуро ба ҳоли худ раҳо карда буд. Ингор ҳеч касе дар миёни ин ду набошад, ба ҳамдигар бо меҳр нигаристанд. Ҳатто ду фарзанду як набераи худро дар ёд надоштанд, вақте ба чашмони ҳамдигар нигаристанд. Ҳарду танҳо буданду ингор касеро ба ғайр аз худ на медонистанду на мешинохтанд. Субҳонаро дар сукут хӯрданд ва М. Д. сар бардошт. Санам мунтазир буд ӯ шурӯъ кунад. Мисли ҳамеша, ки мегузошт ӯ шурӯъ кунад ва худ тасмим бигирад. Тасмими ӯ рӯшан буд. Ҳар бор ки ӯ рафта ва боз баргашта, Санам мунтазир монда, он гуна ки ингор аз фарҷоми моҷарои ҳавасҳои ӯ бохабар бошад. Ӯ дар вафои худ чун шоҳ мутмаин ва ба издивоҷашон чун ба худои худ имон дошт. Ҳеч шакке надошт, ки ӯ хушбахттарин фарди ин шаҳр аст. Аз он рӯзе, ки М. Д. санге гирифту бар сари писари бегона зад ва номуси ӯро наҷот дод, тасмими ӯ сахт баста шуд. Будан дар

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

канори М. Д. буд тасмими ӯ.

М. Д. мисли ҳамеша бо нимрух ба сӯи ӯ нигоҳ кард ва бо чашони нимабаста ва бо лабханде гунаҳкорона гуфт:

– Санам, кумаке аз ту мехоҳам.

Санам пиёларо рӯи дастархон гузошт ва бо диққат ба ӯ нигарист.

– Дишаб дар КГБ будам. Чанд нафарро озод кардам. Бо ҷурми ҷудоиталабӣ гирифта буданд. Роҳи дигаре надоштам. Бояд худам мерафтам, дахолат мекардам. Медонам ҳамоқат кардам, роҳи дигаре надоштам. Афроди муҳимме буданд. Он ҳам ба шарте, ки ҳамаашон бояд аз инҷо бираванд. Ман набояд бо онҳо дар тамос бошам. Мехоҳам ту биравӣ ва пайғомро бирасонӣ. Беҳтар аз ту касеро намедонам, ки аз уҳдаи ин кор барбиёяд.

– Кист?, – як калима ба забон овард Санам. Онро ҳам талош кард лабонаш зиёд наҷунбанд. Интизори ҳарфҳои дигаре дошт. Бо ин ҳарфҳо қонеъ набуд, аммо чизе ба ғайр аз ин калима ба зеҳнаш нарасид.

– Муҷрии телевизиюн аст, ки ту дӯст дорӣ, – нигоҳашро рӯи пиёла бурд, то ба чашмони нофизи[1] Санам маҷбур набошад, ки нигоҳ кунад.

– Ту худат ҳам бо инҳо омехтаӣ?, – пурсид Санам.

– На. Ман магар девонаам бо думи мор бозӣ кунам? Ман бачаи дирӯза нестам, ки ин низомро

[1] Нофиз – нуфузкунанда, таъсиргузор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

нашносам. Ту худат хуб медонӣ, даргири ин корҳо нестам. Аслан маълум нест чунин ҳарфу коре ҳам аз ин ҳамшаҳриҳо сар зада бошад. Иттиҳом аст. Иттиҳоми маҳз. Меравӣ ё чораи дигар бинам?

М. Д. хушҳол буд, ки сарнахро пайдо карда буд ва ҳоло метавонист аз ин муҷрии телевизиюн бо ӯ суҳбат кунад. Беҳтар аз ҳамсараш касеро надошт. Беҳтар аз ҳамсараш дӯст ва ҳамдиле надошт. Ҳатто Неъмат Асадуф ҳам мисли қабл бо ӯ ҳамфикрӣ намекард.

– Чи бояд гуфт?, – кунҷковона пурсид Санам ва аз ин ҳоли М. Д. пай бурда буд. Бо ин ки хушҳол буд дигар Неъмат Асадуф ӯро камтар масту хаста аз дар дарун мекунад. Мастиҳо ва дершаб омаданҳои М. Д. бамаротиб коҳиш ёфта буд.

– Бигӯ биравад аз инҷо. Ҳарчи зудтар, беҳтар. Агар ниёз ба гузарномаю раводиду роҳнамоӣ буд, илоҷ ҳаст. Фақат бояд биравад. Беҳтар аст, ки ту биравӣ. Ӯ таҳти назорат аст. Вонамуд кун, ки дӯсти хонаводагист ва дидоратон ба ман ҳеч рабте надорад. Қабл аз ин ки гурӯҳи Тошканд бирасад, бояд аз инҷо рафта бошад.

– Гурӯҳи Тошканд?, – Санам медонист, ки дар чи вақту ҳолате гурӯҳи Тошканд мустақим дар корҳои маҳаллӣ дахолат мекард ва ҳассосиятро зуд пай бурда буд ва зуд ёдаш рафта буд, ки бо рақиби худ қарор аст дидор кунад.

– Бале. Гузориш додаанд ҳатман, ки ман шахсан дахолат кардаам. Шояд худи ман ҳам биравам. Намедонам. Тарҷеҳ медиҳам феълан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бимонам... Ту меравӣ ё каси дигареро пайдо кунам?, – ин бор бо дастур ва қатъӣ гуфт М. Д.

– Гуфтам хӯш, меравам, – гуфт Санам, ҳарчанд бо киноя ва ҳамчунон кунҷковона.

Ин фурсати хубе буд барои Санам, ки худ вориди моҷаро шавад. Беҳтар аз он буд, ки каси бегона биравад ва ҳарфу шоеъаҳо ҳам зиёд шавад. Аммо вақте дар баробари ойина истоду се-чор либос иваз кард, пушаймон шуд. Ӯ зане чанд кам панҷоҳсола бояд биравад назди маҳраму роздори ҷавони ҳамсараш масхараи олам бишавад? Ӯ, ки ин ҳама сол ба ғайр аз вафову садоқат коре накард. Ба ғайр аз интизорӣ ва бахшоиш аз ӯ барнахост. Ӯ... Ҳаққи ӯ набуд. Аммо аз садоқати ҳамсараш ҳамеша розӣ буд, ки мустақим бо ӯ сирри дил мегуфт. Асроре, ки ҳамеша дили ӯро мешикасту захмин мекард, аммо алоқаи ӯро тақвият медод ба зиндагонии муштаракаш бо М. Д. Таронаи Аҳмад Зоҳирро борҳову борҳо гӯш медод, ки мегуфт, «Эй ту зебои ҳама, сарви таннози ҳама. Ҳама ошиқ ба ту аст, чи чора созам?» Воқеъан ҳама ошиқ ба ӯ буд ингор. Чорае надошт Санам, ба ҷуз нигаҳ доштани ёри сарбаҳавои худ. Бояд озод мегузошт, то вақте ҳавас аз сараш парид, бо дили сабуку рӯи боз баргардад дубора назди ӯ. На як ё ду, балки чандин бор чунин ҳам шуда буд.

М. Д. Борҳо аз ин издивоҷ рафта буду борҳо баргашта буд. Ин бор ҳам ӯро танҳо нахоҳад гузошт ва худро низ дастхуши ҳаваси духтари булҳавасе нахоҳад кард. Ҳарду пухта шуда буданд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

аз ин ҷаракқаҳои даргузар. Аммо бархӯрди ин духтар чигуна хоҳад буд? Худоё, мадад кун, – гуфт ба худ ва куртаи бозарқу барқе пӯшид ва тамоми тилоҳои ҳаҷимашро бар гардану дасту гӯш овехт. Рӯпӯши тилоии дандонҳои худро бо дастмоле сахт-сахт собиду барроқтар[1] кард. Як зани чаҳорпаҳлӯи зебо ва шоду қадбаланди тамом айёри самарқандӣ шуд ва бо сафеду сурхии чашмгиртар аз қабл аз дар берун рафт. Қабл аз ин ки дарро пушти сари худ бикӯбад, ба қоби рӯбарӯи дари вурудӣ нигоҳ кард. Қоби навиштае, ки барои Санам панде буд барои тамоми умр. Тӯморе буд барои бақои зиндагии муштаракаш бо М. Д. Балогардоне буд дар баробари захмҳову доғҳои мудовими ҳамсари бевафояш. Як бори дигар навиштаро хонду вожа ба вожа тамошо кард: «Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ, бас бибояд сохт бо ҳар нописанд...» Ва ҳарчи бодо, бод гуфту дарро пушти сари худ сахт баст.

М. Д. ӯро аз дур нигоҳ мекард. Бо ин ки худро машғули бозӣ бо Ширин медошт, гӯшаи чашме ба рафиқи шафиқи сиву анд соли ахири худ дошт ва ба ӯ беш аз ҳар замоне эътимод мекард. Ширини хурдак, ки рӯи зонӯяш ҷасту хез мекард, ба сӯи Санам ангушти ишораи нарму яксолаашро дароз кард.

– Бале, Ширинҷон, модарбузург бармегардад. Зуд бармегардад, – гуфт М. Д.

[1] Барроқ – дурахшон

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Санам бо ин ки мехост дер бирасад ва тарафи муқобилро дар интизор нигаҳ дорад, бамавқеъ ва сари қарор ҳозир буд. Духтар лоғартар аз намои телевизиюнияш ба назар мерасид. Худро бо ӯ муқоиса кард. Як севуми ӯ буд. Ба ҳаҷми оғӯши шавҳараш фикр кард. Мутмаин буд, ки бо ин андоми лоғар пуру гарм нашуда оғӯшаш. Мутмаин буд, ки ишқбозияшон майли дили ҳамсараш набуда. Ин андоме набуд, ки ҳамсари ӯ дӯст дошт. Иштиёқи шаҳвонии ӯро бо ин бадани бидуни инҳино[1] ва барҷастагӣ намешуд барангехт. Ҳайкали борику наҳифаш минётурвор рӯи сандалӣ нишаста буд ва дастони зарифашро рӯи миз бо эҳтиёт хобонда. Ангуштони кашидааш бо нохунҳои кабудрангаш оҳ, чи ҷаззоб буд. Барқи чашмони гирояш дилҳура медод, ваҳму нигаронӣ пахш мекард ба кас. Оромиш ва итминони хотири ӯ кинаеро дар дили Санам бедор мекард. Кӯдаконагӣ ва бепарвоии ӯ мисли тир аз синаи Санам рад мешуд ва захм ба ҷой мегузошт. Як лаҳза Санам асабонӣ шуду дар худ ларзид. Мутаваҷҷеҳ нест, ки чи шабҳои бехобӣ ба ман дода? Чи оташе ба гандумзори ман зада? Мутаваҷҷеҳ нест, ки пой дар кафши ман карда? Аммо худро зуд ба даст гирифту сангин ва бо эътимод ба нафси модарона ором шуд. Нигоҳи маъсумонаи ӯ ҳатто аз дур ҳар ҳарферо дар забони Санам мелағзонд ва ба фикре дубораву себора

[1] Инҳино – хамидагӣ, каҷӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мехонд. Беш аз ҳама боз шудани даҳонаш ва забони буррову суханвараш буд, ки барои Санам нигаронӣ дошт. Мутакаббирона бар тахти меросӣ нишаста буд ва ингор Санам буд, ки маъшуқи ҳамсари ӯ бошад. Ингор Санам буд, ки даст ба амволи ӯ бурда бошад. Худоё, сабурам кун. Худоё, сангинам кун, чунон сангин, ки на ин ниҳолаки наҳиф, балки сели ҳазрати Нӯҳ низ натавонад аз сари ҳамсару фарзандонам дурам кунад. Худоё, сангин нигаҳам дор. Сабукборӣ кори модарон нест.

Як-ду бор ҳам ба ин фикр кард, ки баргардад. Ба ман чи мондаанд? Ин ошро худ пухтаӣ, худат ҳам бихӯр, эй марди хиштактар! Аммо боз худро ба даст гирифту дар дил ба худ талқин кард, ки сангин бош Санам, сангин бош, ки санги вазнинро об намебарад. Нафаҳмид кай ва чигуна дилаш ба ҳамсараш сӯхт. Ба ӯ фикр кард. Талош кард ӯро инҷо дар нақши худ таҷассум кунад. Ӯ чи кор мекард? Ҳатман дастонашро мегирифт? Ҳатман даст ба гунаву сураташ мебурд? Бо нохунҳову ангуштҳои кашидааш бозӣ мекард. Аз дору дарахту обу ҳаво мегуфт, то бирасад ба асли моҷаро? Ӯ низ мисли Санам дасту по гум мекунад назди ин ниҳоли нозук? Ӯ ҳам мисли Санам ба ҳарфҳояш ин ҳама фикр мекунад вақте бо ӯст? На, беҳтар аст, ки худам омадам. Худам ин масъаларо ҳаллу фасл мекунам.

Чиро барояш сахт буд, ки Шарораро низ мисли бақия духтароне, ки овезони М. Д. буданд,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бо кифи дастии худ бизанад ва мӯйҳояшро биканаду шармандаи шаҳру даҳр кунад, то даври шавҳари ӯро хат бикашад? Шояд эҳсос карда буд, ки ин бор М. Д. буд, ки овезон буд. Нигарон буд. Нигарон аз ин ки ин суҳбат ранги комилан мутафовите ба худ бигирад. Нигарон буд, ки мабодо дигар комилан аз чашми шавҳараш уфтода монад. Мехост ин масъаларо дуруст ба анҷом бирасонаду оромиши хонаводаро ҳифз кунад. Ҳарчи шуда, гузаштааст, ҳоло поёнаш аст. Санамро фиристода, ки нуқта бигзорад. Пас биравад бигзорад ва ин алафи ҳарзаро аз реша биканад ва муҳтарамона аз марз берун кунад, вассалом.

Аммо чизе, ки Санамро аз бозгаштан нигаҳ дошт, ошкор шудани тарсу заъфи ӯ назди ҳамсараш буд. Фикр кардан ба ин ки ин духтар ҳамонест, ки дили ҳамсари ӯро бурда ва хобу хӯрди чанд моҳи онҳоро ба ҳам рехта. Бо итминон девори шишаиро рад кард, вориди солуни аслии рестурон шуд. Сурфаи дурӯғакӣ зад ва таваҷҷуҳи ҳамаро ба худ кашид. Синаҳо ба пеш хезонду шикам дарун дод ва кифи нуқраиву кӯчаки дастияшро аз ин китф ба он китф кард ва сӯи мизи духтар рез-рез қадам зад.

– Салом.

Духтар аз ҷой бархост.

– Салом.

Духтар мисли сарви нозуке бо ларз баланд шуд ва каме қомат ба пеш кашид. Мешуд гуфт

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

нимтаъзим, аммо на чандон. На. Ингор аз замин рушд карду рост шуд. Намехост меҳри ӯ дар дилаш ҷо шавад, худро мунҳариф мекард Санам. Аммо худ барои ин ки бар фазо тасаллут дошта бошад, сари таъзим пойинтар дод ва зуд қоматро росттар аз қабл кард:

– Аз шумо зиёд шунидаам.

Баъд ба ин фикр кард, ки накунад аз ин ҳарф ин бардошт шавад, ки мавзӯъи шабҳои ин завҷ тамҷиду таҳсини ӯст ва зуд ислоҳ кард.

– Албатта мустақим аз худи Шумо. Барномаҳои хубе доред. Зиёд омӯхтем аз ин барномаҳои Шумо. Дуруст аст, ки як насл аз ҳам фосила дорем, аммо хуб, ақл на ба син асту на сол мегӯянд, дуруст аст.

Инро бо хандаи иҷборӣ гуфт Санам ва хост яхи суҳбатро бишканад. Сарнахи суҳбат боз шавад. Духтар сар хам карду чизе намегуфт.

– Чӣ зебову дуруст ҳарф мезанед.

Баъд мутаваҷҷеҳ шуд, ки танҳо ӯ ҳарф мезанад. Духтар сокит аст. Аммо нигоҳаш очнунон сабзу дурушту амиқ, ки ӯ низ ингор ҳарф мезанад. Бо нигоҳ ҷавоби ҳарфҳои ӯро медод ё чӣ? Вақте аз рестурон берун рафту савори мошин шуд, ба худ фикр кард оё ӯ ҳам ҳарф зад? Чи гуфт? Ингор куллӣ ҳарф зада бошад. Аммо бесадо. Бо нигоҳ. Ҳаяҷони амиқи Санам аён буд. Ҳатто ба пешхидмат низ, ки чанд бор омаду рафту духтар боре ҳам ба ӯ нанигарист ва Санам ҳарчи хост, супориш дод ва пешниҳод кард, ки духтар ҳам аз

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

он майл кунад. Ба Худо магар гардани инсон бо чанд маъно метавонад тобу такон бихӯрад? Бо хурдтарин такон ин ҳама маъно? Ё ин ҳамон забони ниҳон буд, ки ӯ барои аввалин бор таҷруба мекард? Ё ҳамдилӣ ин аст? Ё шояд М. Д. байни онҳо пуле буд, ки муштаракоти зиёде дошт. Ман, ки варроҷӣ кардам, аммо ӯ бесухан ҳарф зад, – ба худ фикр мекард Санам. Бесадо ҳарф зад. Бо нигоҳ. Бо чашми дил. Ман чи гуфтам? Талош мекард худро аз нигоҳи духтар бибинад. Талош мекард лаҳзаҳоро бозсозӣ кунад. Кош филмбардорӣ мекардам. Кош дастгоҳи забт оварда будам бо худ. Ба дару девори утоқҳои опортумонҳояшон насб мекард, ки бифаҳмад дунё дасти кист, вақте ӯ нест. Вақте ҳамсараш чашми ӯро дур мебинад. Ё писараш, ки ҳеч камӣ аз падар надорад. Аммо ҳайф, ки ин кор ба зеҳнаш нарасида буд ва ҳол дер аст. Ҳоло бояд ба ҳофизаи худ иктифо мекарду бас. Ниёзе ҳам намедид, ки ҳамаро ба ҳамсараш бигӯяд. Ба ӯ ҳамон бахшеро мегӯяд, ки аз ӯ хоста буд. Бақияи суҳбатҳо байни ду зан буд ва мемонад. Ҳарчанд байни ин ду зан М. Д. девори баланде кашида буд. Деворе аз ҳар ду сӯ рӯбарӯи ойинаи дили ин ду зани ба шеваи худ дилшуда.

Оё магар суҳбате ҳам буд байнашон? Санам тамоми муддат талош мекард суоле бипурсад, ки ин духтар маҷбур бишавад беш аз «на» ё «оре» ва имову ишора ҳарф бизанад. Суолҳояш ҳама баста буданд. Чи гуна мешуд суоли боз матраҳ кард? Суоле, ки тараф маҷбур на, балки ташвиқ шавад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бештар тавзеҳ диҳад? Бештар ҳарф бизанад. Аммо Санам хуб медонист, ки байни онҳо бо ин ки ин ҳама пурсишҳои зиёдест, суҳбате шакл нахоҳад гирифт. Ин ду зан, ки бо салиқаву эҳсосу хоҳишу ниёз ба ҳам васл буданд ва чун бошандагони дарахти қомати ёр яке дар шоху дигаре дар реша иқомат гузида буданд. Яке парандае хушхону дигаре решаи нӯши ҷонаш буданд. Санам худро дар реша хушбахттар эҳсос кард ва аз хориҳои булбули дар шохи пургули дарахт афсӯс хӯрд. Чи зимистонҳое, ки сард хоҳад буд, чи тобистонҳое, ки гармсел хоҳад зад. Чи лонаҳое осебпазири ҳавас, ки аз боду борон тахриб хоҳад шуд. Ё Санам ҳарф мезад, ё сукутҳое гӯё байни ин ду зан барпо буд. Санам нақши одилу оқилро ба худ гирифта буд ва Шарора орӣ аз шӯру шарар дар интиҳои ҷаззобиятҳои робитаи ширин сокит нишаста буд.

Санам аз ин сукути ӯ далерона ҳарфи дил боз карда буд:

– Дар як маҳалла зодаву бузург шуда будем. Ҳамбозии ҳамдигар будем. То дершаби тобистон дар кӯчаи маҳал дар сохтмонҳои тозасоз бо бақияи кӯдакони маҳалла рустшавакон-бозӣ мекардем. Дӯстии ман бо ӯ аз замоне шурӯъ шуд, ки писаре аз маҳаллаи дигар вориди бозии мо шуд. Часбида ба канораи зербинои сохтмоне пинҳон шуда будам. Бақияи кӯдакон ҳам ҳар кӣ ҳар ҷо руст шуда буданд. Писари бегона худро болоям андохт ва даст ба изорам бурд. То хостам фарёд занам, бо як даст даҳонамро муҳкам баст. Дасту по мезадам,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

тақалло мекардам касе маро бибинад, касе ба додам бирасад. Ин кобусе буд, ки солҳо дар хоб дунболам мекард ва ӯ, ки пушти дари рӯбарӯии мо пинҳон шуда буд, баъд аз муддате ба ин саҳна нигоҳ кардан омаду санге ба сари он писар зад. Тамоми муддат чашмонаш ба чашмони ман буд ва вақте он писар аз ҷой бархосту санге ба рӯи ӯ партофт, ӯ надид, санг ба синаи ӯ хӯрду уфтод. Дардманд аст синааш ҳанӯз ба хотири ман. Аммо нагуфт. Балки гуфт, шояд бо як чап додан метавонист аз ин зарба наҷот ёбад. Аммо ингор барояш муҳим набуд. Истода буду ба ман нигоҳ мекард. Он нигоҳашро ҳеч вақт фаромӯш накардам. Ҳеч вақт ошиқи ман набуд ва дар тӯли издивоҷи сиву андсолаи мо чандин бор ошиқи дигарон шуд. Ишқҳои кӯтоҳу гузаро. Аммо даъвои бузурге роҳ уфтод он мавқеъ. Баъд аз он, мо духтарони маҳалла иҷоза надоштем бо писарон бозӣ кунем. Аммо солҳои сол, ҳатто вақте бо ҳам издивоҷ кардем, аз ин воқеъа ҳарф мезадем. Агар ӯ ҷуръат намекард маро наҷот диҳад, тақдири ман чи мешуд? Боз ҳам зани ман мешудӣ, мегӯяд ҳар бор бо ханда. Аммо қадар буд, ки чунин мешуд. Ин буд, ки ӯ наздиктарин дӯсти ман шуд. Вақте ошиқ шуд, аз нокомиҳояш бо ман дарди дил мекард. Духтари ҳамсоя, ки барояш ҳозир буд ҷонашро бидиҳад, арӯси ҷавони дигаре шуду рафт. Ӯ низ идомаи таҳсил дар Маскавро баҳона карду аз шаҳр рафт. Вақте баргашт, замони издивоҷ ва бачадор шуданаш расида буд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Намехост бо духтаре, ки барояш дар назар гирифтаанд, издивоҷ кунад. Ошиқи ман ҳам набуд. Байни суҳбатҳои маъмулиямон як рӯз баногоҳ гуфт:

– Зани ман мешӣ?

Ман ҳам хандидам. Ӯ ҳам хандид. Вале рӯзи арӯсиямон хандаву шодии зиёде набуд. Лабханд ҳам камёб шуда буд он рӯз. Ин пайванди мо бо хости дутои мо буду бас. Бақия ҳама мухолиф буданд. Қарор буд бо духтари дигаре издивоҷ кунад. Духтаре, ки қарор буд парастори падару модараш бошад ва ӯ баргардад дар Маскав идомаи таҳсил бидиҳад. Такписаре, ки қарор буд мадрак пушти мадраки донишгоҳ бигирад ва пруфесуру окодемисян бишавад. Аммо ӯ на бо ин духтар издивоҷ кард ва на маро ҳам ба падару модараш вогузошт, ки парасторашон бошам.

Дар Маскав дарси муҳоҷират ва ғурбат ё ҳар чизи дигар, ки бихоҳед, гирифтам. То замоне ки фарзанди аввaламон ба дунё омад ва мо аз сахтии рӯзгор маҷбур шудем баргардем назди падару модари ӯ. Намедонистам, ки дар Самарқанд озмунҳои дигаре мунтазири ман аст. Муддате тӯл накашид, ки духтаре, ки ошиқаш буд, талоқ гирифту баргашт хонаи модараш. Ӯ ҳам омаду гуфт мехоҳам бо ӯ издивоҷ кунам. Фарзанди яксолаам дар даст назди падару модараш мондам. Ӯ рафт. Рафт, аммо баъд аз ду моҳ баргашт. Ду моҳе, ки барои ман бо он кӯдаки навзод дар доман тӯлонитар аз сол буд. Маъшуқааш гуфта буд, ки ба

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

андозаи кофӣ даромад надорӣ, ки бо ҳам хонаву ҷои ҷадиде бигирему мисли одам зиндагӣ кунем. Ниҳоятан ҳам зани кадом як марди пулдоре шуда буд. Ба хонаи иҷораии онҳо дигар барнагашта буд. Оташе дар дили ӯ монд, ки монд. Вақте баргашт назди мо, ба ман гуфт, ки мо бояд тавре зиндагӣ кунем, ки боъиси пушаймонии он духтар шавад. Дилам озурда буд, ки бояд мояи таваҷҷуҳи маъшуқи ӯ бошаму зиндагии намунае бисозам, ки боъиси ифтихори ӯ бошад. Ба ҳар ҳол, барои ман ҳам хуб буд, ки ӯ дар канорам бошаду духтарам дар канори падараш. Фарзанди дувумамон писар шуд. Дар Самарқанд ҳеч коре пеш намерафт ва мо тасмим гирифтем биравем Тошканд, пойтахтнишин шавем. Аз хонаи иҷораӣ ва таҳсили шабонааш ба танг омада будам. Вақте донишгоҳро хатм кард, пешниҳоди кор аз вазорати корҳои хориҷӣ омад. Аммо бояд аз рақобати шадид рад мешуд. Бо кумаки падару модараш, ки ҳарчи доштанд, фурӯхтанду ба ӯ доданд, вориди ҳалқаи вазоратхона шуд. Чанд сол баъд ба унвони сафир ба Тойланд рафту моро ҳам бо худ бурд.

Муддате ҳам дар Чин сафир буд ва баъд аз он дар Русия. Он солҳо эътимоди чандоне ба сафирон набуд ва вақте дӯстиву ошноӣ ба маҳаллиҳо пайдо мекардем, ба марказ пас мехонданду шуғли дигаре медоданд. Мо низ як ду сол бештар дар ин кишварҳо набудем. Оқибат тасмим гирифтем дар ватан бимонем. Аммо фазои сиёсӣ тағйир карда буд. Самарқандиҳоро аз Тошканд дур мекарданд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Мегуфтанд котиби аввали кишвар аз шумост ҳамин кофист. Намехоҳад ин ҳама ҳамшаҳриҳояшро биёварад пойтахт. Мо баргаштем Самарқанд. Ин ҳама муддат зиндагии пурҳаросу тарси сиёсӣ доштем, ки ҳатто роҳат набудем бо ҳам самарқандӣ гапе бизанем. Ҳама ҷо русӣ, русӣ, русӣ ва русӣ забони аслии мо шуда буд. Забони инглисиро ҳам хуб омӯхтем албатта. Фарзандонамон ҳам инглисӣ омӯхтанд, вақте хостем муҳоҷират кунему биравем Молезӣ ё Тойланд иқомати доим бигирем, гуфтанд намешавад. Афроди давлатӣ асрори давлатиянд ва бояд дар дохил бимонанд. Ин буд, ки омадем Самарқанд, то муддате ҳассосиятҳо аз мо коҳиш ёбад.

Инҷо буд, ки эҳсос кардам мумкин аст боз моро раҳо кунаду сар ба саҳро бизанад. Ҳамеша ин ҳисро доштам, ки дӯст дошт аз ин зиндагӣ ва аз ин ҳама масъулият фирор кунад ва ба ҷое биравад, ки касе ӯро нашносад. Намедонам чиро ҳамеша ин ҳисро ба ман медод. Хеле аз мардум дар ин шароит ё майхора мешаванд ё занбора. Ҳамсояҳо мегӯянд ҷон намегӯӣ, ки арақхӯр нест? Ҳоло, ки арақ ҳам мехӯрад. Намедонам ин ҳама сабри ман чи мева дод. Аммо инҳоро мегӯям, ки пои ҳеч марде сабр накунед. Ҳеч марде дӯсти зан нест. Мардҳо фақат занро хар мекунанду халос. Бовар кунед. Шумо духтари фаҳмида ҳастед, барои ҳамин ба Шумо инҳоро мегӯям. Касе дигаре мебуд, аслан вориди ин боғ намешудам.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ҷилави забони худро наметавонист бигирад Санам. Ёдаш рафта буд, ки ду соъат аст якрост ҳарф мезанаду тамоми асрори хонаводагияшонро мерезад рӯи миз назди ин духтари сокит. Ингор солҳо буд дунболи гӯши шунаво мегашт. Ингор ин духтар гӯши Худо буд, ки бо таноб рӯбарӯи даҳони Санам овезон карда буданд аз осмони ҳафтум.

– «Хуб, осмон ба замин начаспида будааст. Чанд шаб хона набудани мард, бовар кун, истироҳат аст!», – тасаллӣ медоданд ҳамсоязанҳо. Аммо магар мешавад ба чунин таҳқире сабр карду лаб газид?

Санам ба чашмони Шарора нигоҳ кард. Ҳарду ба навъе дар оташи номаръӣ аз дарун месӯхтанд. М. Д. ҳамзамон бар қалби ҳарду нохун мекашид. Санам обе қурт дод ва идомаи дарди дил гирифт. Ин табиъитарин коре буд, ки ба таври ғаризӣ анҷом медод.

– Дигар ман зани хонашин ва тарсуи қаблӣ набудам. Зани ҷаҳондидае будам ва дунболаш одам гузоштам, то ҳар қадамашро ба ман гузориш диҳанд. Аз ин тариқ фаҳмидам суроғи маъшуқаи собиқаш нарафта, балки машғули корҳои шабона аст. Дер омаданҳояшро тавҷеҳ мекард. Чун ҳамеша дар донишгоҳ буд. То рӯзе ҳангоми шом телевизиюн рӯшан буд ва барномаи Шумо пахш шуд. Рангу рӯяш тағйир кард. Маълум буд, ки зери коса нимкосаест. Дунболи Шумо ҳам одам гузоштам. Фаҳмидам ҳамкор ҳастед ва муъаммо рӯшантар шуд. Ба кӯдак ҳам рӯшан буд, ки он

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳама шабкориҳо кор набуд.

Шарора дар сандалӣ ҷобаҷо шуд, ба нишонаи ин ки нигарони идомаи суҳбатҳои Санам аст. Маълум буд нороҳат аст. Муъаззаб[1] аст. Дилаш мехост бигӯяд: «Хонум, инҳоро чиро ба ман мегӯед? Ман магар коре ба Шумо дорам? Ҳеч интизоре на аз Шумо ва на аз ҳамсари Шумо дорам. Танҳо агар бигзоред, аз дур ҳам, ки шуда ӯро бибинам. Аз фосила ҳам, ки шуда...» Аммо сокит монд. Лаб газид. Ором шуд.

– Ниёз ба маъзаратхоҳӣ нест, – ин ҳолати ӯро зуд хонда  буд Санам. Ман худам ошиқ нашудаам, аммо медонам ишқ чист. Медонам. Медонам, ки ақли солим намегунҷад. Муддате худро ба нодонӣ задам. Сахттарин муддати умри ман замоне буд, ки вонамуд мекардам, ба рӯи худ намеовардам, ки медонам сари ӯ ҷои дигаре гарм аст. Ӯ ҳам медонист, ки медонам ва ба рӯи худ намеовард. Ин корҳо дар ҷавонӣ ҳусн аст, аммо дар панҷоҳсолагӣ хоссият надорад.

Шарора ба ҳарфҳои якнафасу бепоёни Санам аввал бо шавқ гӯш медод ва вақте идома ёфт, ба ин меандешид, ки чиро мумкин аст М. Д. суроғи дигар занҳо рафта бошад? Оё мумкин аст, ки бист-сӣ сол дар як робита боқӣ монд? Оё магар мешавад бидуни ишқу алоқа ба зиндагонии муштарак идома дод? Аммо ба сиёсати Санам эҳтиром пайдо кард. Худро гӯл назада, мисли

[1] Муъаззаб – яъне дар ранҷу азоб будан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

занҳои дигаре, ки мегӯянд «маро шавҳарам сад сол аст, ки ошиқона дӯст дорад ва боре ҳам хиёнат накардааст.» Санам зани хирадмандтар аз М. Д. ба назар мерасид, аммо ба шарте, ки дилашро пур аз ҳасрати хиёнатҳои ҳамсараш накарда бошад ва худ низ ҷое ҳисобашро бо ӯ баробар карда бошад. Ҳар бор, ки М. Д. чап рафта, ӯ рост рафта бошад ва ҳар бор ки ӯ рост рафта, ин яке чап рафта бошад. Вагарна робитаи нобаробар зиндагонии раъиятвор аст.

Санам инҳоро мегуфту ба атроф нигоҳ мекард. Ба андешаҳои духтар низ огаҳ буд, аммо мехост дилашро холӣ кунаду бигӯяд он қадар ҳам гӯлу гаранг нест, ки ҳамсараш фикр мекунад. Зиёд ба атроф нигоҳ мекард. Шояд намехост ӯро инҷо бо ӯ бибинанд ё шояд мехост бо ин дарди дил гуфтанҳо заминасозӣ кунад. Пешхидмат, ки меомад, нороҳат ӯро пас мефиристод:

– Раҳмати калон, ҳамааш нағз, ука. Чизе лозим нест..., – ва идома медод Санам, – Шумо нороҳат набошед. Ман мушкилро ҳал мекунам, агар бо ман ҳамфикр бошед. Ман ҳамаи қарорҳои шумоҳоро медонам. Ҳатман ба Шумо гуфта, ки писарамон номзад дорад ва қарор аст ӯро ҳам хонаву ҷодор кунем. Ҳатман гуфта, ки духтарамон талоқ гирифта ва омада хона бо духтарчаи яксолааш. Ман ҳам аз зиндагии Шумо, фикр кунам, ба андозаи кофӣ медонам. Танҳо чизе, ки намедонам, ин аст, ки мехоҳед бо ин робита чи кор кунед? Чи барнома доред? Агар ҷавобе надоред, лозим нест

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳоло ҳамин алъон суҳбат кунед. Баъдан дафъаи дигар, ки нишастем, Шумо бештар гап занед. Ман агар имрӯз намеомадам ва ин суҳбатҳоро намекардам, метаркидам!, – хандаи асабӣ мекунад Санам ва зуд ором мешавад.

– Маро бибахшед, ки инро мегӯям, аммо намедонам, ки чиро инҷо даъват шудаам, – ниҳоятан худро водор кард чизе бигӯяд Шарора, – намедонам чиро ин ҳамаро ба ман мегӯед. Ман бо ҳамсари Шумо...

– Гуфтам, меоям, байни худ ба натиҷа мерасем, – ҳарфи ӯро қатъ кард Санам, нигарон аз ин ки Шарора чизе бигӯяд, ки намехоҳад бишнавад. – Шумо фарзанд надоред, на? Медонам, вале мехоҳам боз мутмаин шавам. Барнома доред фарзанддор бишавед ҳатман. Хуб аст, ки кӯдак падари ҷавон дошта бошад. Падари пир бемор мешавад, мемирад. Падари ҷавон ҳам албатта раҳо мекунаду меравад, – ин бор қоҳ-қоҳ механдад Санам. – Бало ба паси ин мардҳо. Қабл аз ин қи гирифторашон бишавед, фирор кунед, духтарам. Биравед аз инҷо. Ҷойҳои беҳтаре дар ҷаҳон аст. Ҷойҳои зеботаре. Ҷаҳонбинӣ беҳтарин кор аст. Агар ба ҷои Шумо будам, ҳатман даҳ-бист сол ҷаҳонгардӣ мекардам. Замони шумоҳо дигар аст. Истифода кунед. Худро инҷо гирифтор накунед. Ҳар роҳе наравед, ин бахт ром шуданӣ нест, ки нест. Магар на?, – боз ҳам мунтазири посух намемонад ва идома медиҳад Санам, – ҳар зане мехоҳад фарзанд дошта бошад. Вале умедворам,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ки..., хуб вориди ин мавзӯъ намешавам, – ба шиками Шарора нигоҳ мекунад, ба маънои ин ки накунад бордор бошад ва идома медиҳад:

– Шумо бояд аз инҷо биравед. Биравед ҳар кишваре, ки дилатон мехоҳад. Ман кумак мекунам. Ҳар харҷе дорад, медиҳам. Мо наметавонем биравем, Шумо биравед. Шумо, ки ҷавону пур аз орзӯву нерӯ ҳастед. Метавонед рӯзгори нав дар ҷаҳони нав бисозед. Аз ин ҷаъбаи сарбаста берун равед. Осмони воқеъиро бибинед. Хуб фикр кунед. Ин ҳам шумораи тамоси мустақими ман. Ҳар вақт фикрҳоятонро кардед, ба ин шумора занг бизанед. Гӯширо мумкин аст каси дигаре ҷавоб бидиҳад. Худист. Ҷои нигаронӣ нест. Байни худамон мемонад ҳарчи гуфтем, хуб? Шумо, фикр мекунам, каме ҳайрон шудаед. Биншинед, каме ором бишавед. Ман кам-камак меравам назди набераам, Ширинҷон. Духтари хеле ҳам дӯстрӯ аст. Дилаш барои ман зуд танг мешавад. Албатта падарбузургашро ҳам дӯст дорад. Чи лабханди зебое доред. Ҳарфи зиёденазадед, вале ин лабхандатон як дунё ҳарф дошт. Бахтнок шавӣ, бачем. Ҳатман бахти худатро пайдо мекунӣ, – барои аввалин бор модарона ва самимӣ шуд Санам. – Инро ҳам барои миз мегузорам, ки заҳмат накашӣ. Аммо ин барномаи хуби Шумо чи мешавад, агар биравед?, – ногаҳон мавзӯъи хориҷ аз барномаашро матраҳ кард Санам ва зуд дуруст кард, – муҷрии дигаре ҳатман пайдо мешавад, як шаҳр пур аз ҷавони боистеъдод.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Сукути сангину озордиҳандае фазоро гирифт... Санги осиёбе бар дӯши Шарора уфтода буд ва мехкӯбаш карда буд. Араќи гарме нарм зери пироҳанаш шорид, вақте Санам худоҳофизӣ карду гуфт:

– Албатта, мисли Шумо касеро надорем.

Арақи рӯи лабҳои Санам возеҳ дамиду Шарора дона-донаи онро рӯи лабони ӯ мушоҳида кард вақте мегуфт, «албатта мисли Шумо касеро надорем». Ин ҷумларо ба муҷрии телевизиюн мегуфт, на ба маъшуқаи ҳамсараш. Садоқат дошт ин зан. Чи садоқати сутуданӣ, ки Шарорароро дар шарму накӯҳиш андохта буд. Бо арақчин қатраҳои дурахшони арақро мечид Санам, вақте сарашро зер афканда буд ва сангин сӯи худрави мунтазир мерафт. Шарора мехе буд кӯбида бар фарқи замин ва рестурон davраш чарх мезад, вақте ҳарфҳои охирини Санамро ба ёд меовард.

– Мо ҳамсалиқа ҳастем, – ҳиж-ҳиж механдид Санам, аммо намдору ғамдор. – Медонам бо амниятиҳо мушкил доштед, ки Худоро шукр ҳаллу фасл шуда. Вале инҳо ин чизҳоро ҳамин тур намегузоранд. Бояд ҳарчи зудтар ба фикри рафтан бошед. М. Д. гуфт, ки рафта кумаки Шумову дӯстонатон. Аммо дафъаи дигар коре аз дасташ барнамеояд. Як бори дигар бобати итминон такрор кунам, ки М. Д. маро инҷо фиристод, ки ҳаминро ба Шумо бирасонам ва Шумо ба дӯстонатон. Агар ниёз ба убур аз марз доред, дӯстон ҳастанд, кумак мекунанд. Биё рӯи моҳат

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бибӯсаму биравам. Худо нигаҳдорат. Бачем, паноҳи Худо.

Дар бағали модаронааш ғарқ шуд. Шонаҳояш тамоми саҳнаи диди Шарораро гирифта буд. Суҳбатҳои ҳаяҷонзадааш, садоқаташ, наҷобаташ ҳамаи сангҳои ӯро об карда буд. Беҳтар аз ин намешуд ӯро аз рӯзгори худ дур кунад. Агар Санам ҳар роҳи дигареро мерафт, Шарораро ҷазбтар мекард ба М. Д., аммо Шарора ба ҳеч ваҷҳ наметавонист сояашро аз ин шаҳр ҷамъ кунад. Дилаш мехост дар яке аз ин шоҳроҳҳои зеризаминии шаҳр маскан кунад ва аз ҳар чизе, ки ба М. Д. нисбат дорад, фосила бигирад ва аз так-таки ҷосусҳояш паноҳ бибарад. Ӯ молики шаҳр буд, аммо на молики зерзаминҳои шаҳр. Шарора аз он лаҳза сокини зеризаминӣ, аммо сокини сокиту ҳамешагии шаҳри худ шуд.

Шарора дар миёни ойинаҳои утоқи худ хазида буд ва ин рӯзи ғайри интизор бар шонаҳояш бори гароне буд, ки намегузашту намерафт. Аҳмақона буд фикр карданаш ба М. Д. ва ба ин ки диданаш меояд ва аз моҷарои боздошти ӯ ва дӯстдонаш мепурсад ва бо ҳам шоми ошиқона мехӯранд. Дар иваз барояш доми хотима омода карда буд ва Санамро ба ҷанги ӯ фиристода буд. Ҳарфҳои Санам аз дилтангиҳои Шарора кам накарда буд, балки ба девори азиме байни онҳо табдил шуда буд. Деворе, ки шояд барои М. Д. низ дигар роҳат набуд аз он бигзарад ва ба дидори Шарора биёяд. Шарора ба ҳама чиз фикр мекард, ба ғайр аз

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

рафтану тарки Ватан. Рафтан дар барномаи тамоми умри ӯ низ намегунҷид.

***

Ҳамеша вақте хуни зани дигаре зери пӯсташ меравад, эҳсос мекунад. Бо хуну нохун мефаҳмад, ки нори нигореро шикамсерӣ, газидааст, ҷавидааст, макидааст. Хамири тани булӯринеро шӯридааст дар кафҳои доғаш. Яъне аҳмақ ҳам мефаҳмад, чи бирасад ба зане, ки сӣ солу анде бо ӯ ба як болин сар гузошта. Ҳолате ба ӯ даст медиҳад, ки ингор офтоб хӯрда бошад, нӯронӣ ва шаффофу шод мешавад. Мисли он достони китоби дарсии кӯдакон, ки тимсоҳ хуршедро фурӯ мебарад ва ҷаҳон сартосар сиёҳ мешавад. Аммо аз ин хуршедҳое, ки ӯ фурӯ мебарад, танҳо осмони Санам тира мешаваду бас. Чашмони ӯ барқ мезананд аз ин порахуршедҳо. Чашмони Санам торик аз партави хуршедакҳои шаҳр. Чашмонаш, дастонаш, бари рӯй ва гарданаш, камар ва ҳатто соққояш доғ мешаванд, сӯзону оташин. Ошиқи ин ҳолати ӯ ҳаст Санам. Ба ишқбозиҳои бо танҳо марди зиндагии худ фикр кард Санам. Ошиқи ин ҳолати худ, ки аз ишқу рашк ва табу тоби ҳасрат месӯзад. Даруни дилаш моҳтобе рӯшан мешавад, вақте бидуни ҳарф даст ба камараш мебарад, бидуни ин ки ёдаш ояд чи вақт ва ё чи моҳе буд, ки охирин бор даст ба тани Санами худ бурдааст.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ёдаш ҳам нест, ки чи вақте бо ҳам ишқ варзидаанд. Аммо хуб ҳавоссашон ба хонавода ва ҳифзи конуни гарми он ҳаст. Меҳру алоқаро мудом, шояд ҳар рӯз барои фарзандон даври мизи ғизохӯрӣ ба намоиши маснӯъӣ мегузоранд. Аммо вақте ин гуна дар танӯри оташ доғу сӯхта бо суръат аз дарвоза ворид мешавад ва рост меравад утоқи хоб ва тамоми либоси тани худро меканаду меандозад дур, дили Санам таҳ мекашад. Медонад, ки боз хуршеде дар гулӯяш дармонда. Нури баданаш утоқро пур мекунад. Ҳар ҷуфте бояд аҳмақ бошад, дар ин гуна лаҳза биншинаду ақлу ҳуши худ ба намоиш бигзорад. Беҳтар нест даст бизанад бар домани фурсат, то коми дил ба бор орад? Дарро мебандад. Банди камарро боз мегушояд. Худро мерезад ба танӯри оғӯши омодааш. Оҳи ғализ пушти сари ҳам ғафс аз Санам фаввора мезанад. Вулқони хафақони Санамро ташхис медиҳад оё? Оё ташхис медиҳад, ки ин мавҷи сангини бадани Санам шӯру балво сар дода алайҳи он хуршеди хуфта дар гулӯяш? Он риёкорҳои фахрфурӯш, он дуздони издивоҷи боравнақи онҳо?! Оё мефаҳмад, ки мефаҳмад ҳамаро Санам? Мефаҳмад, ки мефаҳмад.

Имрӯз низ телефун занг зад, зангу занг. Ин ману ин телефун ва ин нигоҳи ду кӯдаки нигарон, ки чи мехоҳанд аз мо: «Бий, кист пушти ин зангҳои сокит?» Хеле вақт аст дигар намепурсанд. Дигар бар тақдир тан додаанд, ки ин телефун кораш занг задан аст, бигзор занг бизанад. Бигзор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

он қадар занг занад, ки занг зада бошад.

Ин телефун барои ту занг мезанад. Ингор як шаҳр мехоҳанд бо ту ҳарф бизананд ва бо мо қаҳранд. Вақте гӯширо ту мебардорӣ, ҳарф мезананд ин раисҳо, ин шаҳрдорҳо ва ин мардуми бечора, ки ҳамеша азизе аз даст медиҳанд ва бояд бо ту тамос бигиранд, ки биёӣ дасташонро бигирӣ ва дардашонро бишнавӣ. Вақте ман ё кӯдакон гӯширо бармедорем, шаҳр холист. На касе пушти хат аст ва на касе пушти мо. Оҳи гиряолуди маро мешиносӣ? Ёдат ҳаст аз кай оҳҳои ман ҳатто ҳангоми ишқбозӣ ин гуна шудаанд? Аз кай дигар оҳҳоям оҳ нест, гиря аст? Сарриштаи калобаҳои печида аст? Оҳҳои ман низ мисли он зангҳои сокити телефун аст. Бо ҳамаи мардуми шаҳр метавонам ҳарф бизанам, дарди дил кунам, шиква кунам. Ба ғайр аз ту. Ба ҳама ингор аз ин телефунҳои машкук гуфтаам, ба ғайр аз ту. Бо ҳама роҳату бепарво ҳарф мезанам, ба ғайр аз ту. Ту чӣ? Оҳҳои ту низ тағйир кардаанд. Ҳамеша ингор нигаронӣ, ки хориҷ аз ихтиёр чизе гуфта монӣ. Ингор метарсӣ, ки дарнаравад исми хуршедакҳои тобонат, ки бо сахтӣ фурӯ мебарӣ ва ман дар партавашон дастонамро гарм мекунаму лаб мегазам. Ба мавҷ табдил мешавию мекӯбӣ худро ба сангҳои тани ман. Мекӯбӣ ба сангҳои ман ва ман чун пӯлод об мешавам. Мебахшам хуршедро, моҳро, замину замонро, ки дар ту сеҳру ҷоду медаманд. Дар ту шавқу шӯри ҳастӣ медаманд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Чашмони худро бастаӣ ва ингор барои аввалин бор тани маро ба оғӯш гирифтаӣ. Кош чашмонат боз буд ва ба чашмони ман, ба тани замондида ва модаронаи ман, нигоҳ мекардӣ, бибинӣ радди пои халқи инсонро, ки ҷо-ҷо нақш гузошта бар тани ман. Радди нохуни фарзандонро мебинӣ бар тани ман? Кош чашмонатро боз кунӣ ва бибинӣ ин манам. Манам Санаме, ки ҳеч гоҳ санамат набудам. Тани ман дар бағал, аммо ба ёди дигаре мекӯбӣ бар девори сабуриҳои ман. Ман ҳам омӯхтаам чашмонамро бибандам ва оне бошам, ки пушти телефун оҳи табдор мекашад ва рози ҷонгудози сукуташ тир мекашад ба вуҷуди ман. Ҷои оне бошам, ки барои шунидани як сония мавҷи садои ту бетоб аст. Чашмонамро мебандам ва бо дастони ӯ тани туро ба бағал мекашам. Мо ҳарду танҳоем. Танатро, ки баночор овардаӣ канори ман. Оҳ, зинда бод он хуршедҳои ҷавону тобон, ки танатро дар танӯри хоҳиш гарм мекунанд, месӯзанду мефиристанд сӯи ман. Ту они манӣ. Ту моҳи хонаи манӣ. Чи бок аз хуршедҳое, ки аз дур туро мебалъанд. Аз дур дили туро меҷӯянд ва барои дидани дидори ту дар кӯчаҳои шаҳр ба гадоӣ роҳ мепоянд. Ман шоҳи ҳамаи лаҳзаҳои туам ва ту дар ихтиёри манӣ. Ман туро чунин дилбару ҳамахоҳ кардаам. Сию анд сол дар оғуши худ парваридам, то чунин қад кашидӣ ва қомат афроштӣ ва шаҳрошӯб шудӣ. Намебинӣ ин ашки шодиро, ки чакида бар рухсори доғи ман. Чашмони ту баста аст. Чашмони ту ғарқи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

тамошои он ёри ташнаву ғоиб аст. Дар он ғори торики ҳасудиҳои ман чи рангин морҳое мерақсанд дар пардаи хиёли ту. Он сарвандомҳои бечора, ки барои дуздидани як нигоҳи ту дар худ мепечанд, зебоянд. Медонам. Ҷавону тару тозаанд. Ҳамаро мешиносам, так ба так, исм ба исм. Ҳамаро пайдо кардаам. Ту намедонӣ, ки ман чанд ҷавонмард истихдом кардаам, барои шумурдани тамоми қадамҳоят. Ту намедонӣ, ки тамоми зару зевари ман рафта ба коми пайгириҳои қадамҳои чапу рости ту. Ҳайф, ки фикр мекунӣ ман зани миёнсоли бо изофавазн саргарми фарзанду ҷову молу мулк, бехабарам аз саргармиҳову ҳавасҳои ҳамсарам. Ҳама лоларухонатро мешиносам, рух ба рух, вазн ба вазн. Хушсалиқатар мешавӣ сол ба сол ва аҷаб, ки ман ҳанӯз ҳамсари туам. Вале намедонам ин ҳама пинҳонкорият аз эҳтиром аст ё аз тарси ман. Аз эҳтиром ба гузашта аст ё аз эътимод ба оянда. Ту саргарми чашидани зебоӣ ва ман муътоди пайгирии ҳавасҳои ту. Ин аст оё ҳақиқати издивоҷи сиюандсола?

Ронҳои маро танг ба оғӯш гирифтаӣ ва рухсори доғи худро бо чи шаҳвате мемолӣ. Ингор камари бистсолаеро кашидаӣ ба ком, эй деви мӯйсафеди ман. Аҷаб тахайюле дорӣ, бехабар аз ин ки дар чанги ман уфтодаӣ ва раҳоият нест. Аммо ин чи боҳамӣ, ки беҳамем? Мо они ҳаму ҳаммоли ҳамем. Ҳозирам даҳ сол аз ҳастии худро бидиҳам, то бидонам, ки ин лаҳза, ки оҳтарин оҳи худро берун дардодӣ, кадоме аз ин маъшуқҳоят

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

буд, ки дар ман фурӯ кардӣ. Кадомеро ин гуна даридиву худро дар ӯ ҷо кардӣ? Кист он, ки ин қадар сӯхта туро? Кист он? Кадоме аз ин хуршедакҳои кӯчакандом аст, ки туро дар банди ҷоду гирифта? Кист ин, ки аз марзи ҳавас гузашта ва тире шуда бар ҷону устухони ту? Нигаронам. Раҳоям кун. Раҳоям кун! Ман бӯи ишқро мешамам. Бӯи хиёнатро. Ин чи ҷодуест, ки ба ӯ таъзим кардаӣ? Ин чи нурест, ки дар ин торикии ҳавасҳо пайдо кардаӣ? Раҳоям кун! На. На. Пой бар синаат мезанам ва рост меғалтӣ миёни утоқи хоб. Чӣ шуда? Бухтзада фарёд мезанӣ. Тарсидаӣ. Аз хоби амиқе ингор ҷаҳидаӣ. Рӯи барф ингор уфтодаӣ аз тори гарми осмон. Намехоҳам! Намехоҳам дигар худро гӯл бизанӣ. Дигар маро гӯл бизанӣ. Ин ту нестӣ. Ё ин ман нестам. Ман туро мехоҳам, туро, ки маро бихоҳӣ! Чиро ҳарф намезанӣ? Девона нашудаам. На, ҳушёр шудаам... Ту бухтзада мемонӣ аз тарси ин ки девона шудаам. Ҳазён мегӯям. Мисли гунҷишк бегуноҳ зонувони худро ба оғӯш гирифтаиву урёниятро бо ларзиши хафифи бозувонат паноҳ кардаӣ. Дилам сахт месӯзад ба лаҳзаи ширине, ки бо ин кор ба бод додаам ва хушҳол мешавам, ки ин ҳама хиёл аст. Ман ҳеч гоҳ дасти рад бар синаи ту намезанам, чи бирасад ба ҳоло, ки ин гуна дар таб месӯзӣ ва месӯзонӣ маро.

Оҳ кашид аз лаззати ин ки ҳарфи дилро зад, ҳатто агар дар зеҳн бошад ҳам. Ҳарчанд дар дил бошад ҳам. Ҳарчанд бесадо. Ҳарчанд бекалом. Оҳ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

кашид... Оҳ... Ҳамзамон бо ҳамсари худ ки оҳ... кашид ва раҳо шуд. Раҳо кард. Санам низ дурахшиду боз бори дигар ӯро бахшид.

М. Д. сигор рӯшан кард ва канори ӯ нишаст. Дастонашро ба синаи Санам бурд ва зуд баргардонд рӯи зонуи худ.

– Санам!

Посухе нашнид.

– Санам, медонам ба чи фикр мекунӣ. Ман ҳамеша бо ту содиқ будаам, хуб медонӣ. Чизҳое ҳаст, ки бояд хиёлатро роҳат кунам. Байни ману ӯ чизе нест. Ҳақ дорӣ бовар накунӣ. Вале худат дидӣ, аслану абадан муносиби табъи ман нест. Вале ин тур ҳам нест, ки чизе байни ману ӯ набошад. Барои худи ман ҳам рӯшан нест. Медонӣ? Бетафовут нестем, вале байни мо чизе несту набуда. Шабҳое ҳам, ки дер омадам, назди Волентино будам.

– Волентино?, – Санам аз ҷой бархосту рӯйкашро кашид рӯи пистонҳои урёнаш, ки ингор М. Д. марди бегонае бошад, ки ингор дигар маҳрами ӯ нест. Ё шояд ҳам аз овезонии пистонҳояш роҳат набуд. Хеле вақт аст бо тани худ роҳат нест.

– Волентино?, – боз пурсид ӯ ва дар торикӣ дунболи чашмони ҳамсараш мегашт. Сар барафканда буд М. Д.

– Бале, ҳисси хоссе нисбат ба Волентино надорам. Чизи ҷиддӣ нест, бовар кун.

– Бовар кунам? Чиро бовар накунам? Аслан ту

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

кай бо ман рӯрост будӣ? Аз аввал ту маро ба исми ин ки ошиқам нестӣ, хуб ба замин задӣ. Ҳеч обрӯе барои ман нагузоштӣ? Ҳоло ба ман мегӯӣ бовар кунам? Чиро бовар накунам... Ту ҳеч вақт бо ман набудӣ. Ман танҳо модари фарзандон ҳастаму дигар ҳеч.

– Беҳуда гап назан, – талош кард Санамро ором кунад. – Ҳамеша ту дар канори ман будӣ ва ман инро надонам, кӯр мешавам.

– Бале. Дуруст. Ҳамеша канори ту будам. Аммо ту куҷо будӣ? Бо ту ҳарф назанам, бо кӣ бизанам? На як ҳамдил, на як дӯст, – ҳиқ-ҳиқ гиря сар дод Санам.

М.Д. хуб медонист, ки бечора ва бепаноҳ нишон додан ва яккаву танҳову бидуни бародару хоҳар буданашро ба рухи Санам кашидан ҳамеша ӯро дар ин гуна мавоқеъ наҷот додааст. Ҳамин хатро бо лаҳни каме ғамгину бекасона идома медиҳад.

– Бо ин ҳама шакку тардидҳоят. Охир рафтам. Охир кардам ҳар кореро, ки намекардам ва мазнун будам, кардаму роҳат шудам.

– Ҳоло ман гунаҳкорам?, – бо қаҳру таъаҷҷуб фарёд зад Санам. – Ман...

– Гӯш кун. Худат хуб медонӣ...

Иборати «худат хуб медонӣ»-ро дӯст дошт М.Д. Ҳамеша вақте мехост ҳарфи Санамро инкор кунад, вале дар айни ҳол ба ӯ эътиборе диҳад ё ҳадди ақал бихоҳад ин ҳисро ба ӯ бидиҳад, бо ин иборат шурӯъ мекард. Санам низ ин иборатро

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дӯст дошт. Ҳар ҳарфе, ки баъд аз он меомад, дар боби созиш буд. Дар боби узру пушаймонӣ буд. «Худат хуб медонӣ» Санамро дар мавқеъияти оқили кул мегузошт ва ҳисси эҳтирому эътибори амиқе ба ӯ медод. Баъд аз ин иборат Санам ором мегирифту гӯш мекард. Мешуд ҳамон рафиқи шафиқи солҳои қадим ва гӯш мекарду роҳи ҳал меандешид. Аз қабл медонист, ки мебахшад. Аз қабл медонист, ки ҳамеша бахшоянда аст, ҳатто агарчи ҳамеша меҳрубон набошад ҳам.

М.Д. вақте мутмаин шуд, ки Санам ором гирифт, бо оромиши бештар ва гиламандонатар идома дод:

– Ин шаҳр, медонӣ, аз як русто ҳам тангтар аст. Ҳама сар аз асрори мо даровардаанд. Сар боло гирифта намешавад. Ҳама чашму гӯш ба кору кирдори ману ту. Аз инҷо хаста шуда будам. Вале ин духтар..., – рӯяш намешуд исми ӯро ба забон биёрад. Рӯяш намешуд исми ӯро чун шаҳду шакар даври забонаш бигардонад..., – маро наҷот дод. Ӯ ҳеч гунохе накарда, ҳатто коре ҳам накарда, ки аз ман ё аз мавқеъияти ман истифода ё сӯиистифода кунад. Ӯ ҳам танҳост, – мехост бигӯяд «мисли ман» аммо худдорӣ кард.

Имшаб Санамро ба андозаи кофӣ ранҷонда буд ва ҳамин кофӣ буд.

– Медонӣ?, – бармегардад ба сӯи Санам. – Ӯ як нафар нест. Вақте бо ӯ суҳбат мекунам, ингор бо кулли мардуми ин шаҳр, на, бо кулли мардуми ин мамлакат ҳарф мезанам. Ӯ як нафар нест.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Маъмулӣ нест. Барои ҳамин туро фиристодам ӯро бибинӣ. Шояд маро беҳтар дарк кунӣ. Чизе дорад, на? Чизе, ки дар ҳеч инсоне надидаам. Чашмонаш ҳарф мезанад. Ҳарфҳое, ки ҳеч вақт нашунидаам. Дард аст гӯям, ҳикмат аст гӯям, фазилат аст гӯям, намедонам. Чашмонаш... Ӯ фақат нигоҳ аст. Нигоҳе, ки маро ба ёди нотавониҳоям меандозад. Ба ёди орзуҳои ҷавонӣ, барномаҳои беҳадду канорам, ки ҳамаро фаромӯш кардам. Ба ёди он фарде меандозад, ки ман дар дарунам кушта ва гӯраш кардаам. Нигоҳаш...

Ашк аз чашмони М.Д. рехт ва дар нури панҷара барқ зад.

– Ин духтар ҷодугар аст, – гуфт Санам бо ҳамдилӣ, – бале, ҷодугар аст. Ақлу ҳушатро дуздида. Шояд масхара ҳам мекунад. Худатро ба даст гир. Ин чи гап? Ман дӯст надорам шавҳари заъиф дошта бошам, дар баробари духтаре гиря кунад.

Ин ҳарфро аз рӯи рашку ҳасодат гуфт. Аммо садои хандаи ҷодугаронаи Шарора аз дур ба гӯшаш мерасид. Ингор ба соҳире табдил шуда буду ба хилвати онҳо сар зада буд. Санам ба сӯи панҷара нигоҳ кард. Аммо ёди дидори худаш бо ӯ уфтод. Ӯ низ тамоми ин нишонаҳоро бо чашми худ дида буд. Ин духтар агар ҷодугар нест, пас кист? Ба ҳар ҳол медонист, ки ин бор низ М. Д.-ро танҳо нахоҳад гузошт ва ин муъаммои зеҳнии ӯро то охир ҳаллу фасл хоҳад кард.

– Ман фардо меравам Хоҷамушкилкушо ва

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

назр мекунам. Ё ӯ биравад аз ин шаҳр ё мо. Роҳи дигаре нест. Волентиноро ҳам бинам, мисли мурғ пар меканам. Ба Худо қавл медиҳам ин корро мекунам. Агар накардам, маро назди саг бибанд. Ба Худо қавл медиҳам, – таҳдид кард Санам. – Ин бор ман дигар иҷоза намедиҳам, ки бо эҳсоси ман бозӣ кунӣ. Ин шутурмурғи намакнашносро ҳам сари ҷояш мешинонам. Сабр кунад ҳоло ин Волентинои...

Вале ҳарду медонистанд, ки ин ҳарфҳо барои созиш аст, эъломи оштӣ ва рафъи қаҳру кина аст. Зану шавҳар аз ин ки суфраи дил ба рӯи ҳамдигар боз карда буданд, эҳсоси сабукӣ мекарданд. Он шаб агарчи боз ба бехобӣ гузашт, аммо хастагии чандсоларо аз дили он ду бехта буд. Заҳру кинаи пинҳонкориро дур рехта буд.

Пушти панҷараи утоқи хоби онҳо парандагон базму шодӣ роҳ андохта буданд, бар сари шохаҳои ҳанӯз сабзи чанори пир. Соярӯшани баргҳо рӯи фарши утоқ панҷаҳояшонро бо «салом ва аср ба хайр» алвонҷ медоданд ва барои ин лаҳзаи ҳамдилии ин завҷ танҳо хандаҳои ширин намерасид, ки аз рӯи одати тозааш бо ин панҷаҳои тилоии нури рӯи фарш бозӣ кунад ва қоҳ-қоҳ бихандаду ҷаҳон бо ӯ бихандад.

Садои хош-хоши ҷорӯи кунди дастсохти духтарашон аз пушти панҷара танбалона мерафту танбалона меомад. Шаҳноз аз замоне, ки аз хонаи шавҳар баргашта, одати даврони наварӯсияшро ҳифз карда. Сари субҳ соъати панҷ ва ҳар бегоҳ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

соъати шаш-ҳафти аср ба баъд рӯи ҳавлӣ, пушти ҳавлӣ, кӯча, хиёбон, боғча, паҳлӯи хона ва ҳар ҷое, ки мешуд ҷорӯ кашид, meруфт. Аввал бо ҳавсала об мезад. Нам-нами об чалахса медод ва баъд, ки бӯи хоки сурхи гулмонанди ватанро ба фазо баланд мекард, нӯш-нӯш мешамиду ҷорӯ мезад. Хош-хош захми дили танҳояшро харош медод ва таскин меёфт. Хош-хош ҷору мезад, то талқини ғализу ғолиби хуршед-хонуми тобистонро аз гӯшу ҳушаш бибарад, ки мудом мегуфт: Бихоб, бихоб.

Шаҳноз танҳо замоне бедор буд, ки ҷорӯ мезад. Хош-хош садо баланд мекард ва атри ватанро аз зери замин берун мекашид, ки ман ҳам ҳастам. Ман зиндаам. Ба чаҳаннам, ки талоқ гирифтаам, ба ҷаҳаннам, ки шавҳарам, падари духтари яксолаам, Ширинҷон, ҳамсари дигар гирифтааст. Ба ҷаҳаннам, ки хуршед-хонум мегӯяд, бихоб, бихоб. Шаҳноз бемор буд, вақте ҷору ва сатл дар даст панҷи субҳ аз тахти хоб берун мелағзид ва рӯи Ширинро ширин мебӯсид ва хош-хош паёми бедорӣ медод ба падару модар, ба бародар, ба ҳамсояҳо, ба аҳли маҳалла, ба аҳли хоб. Мавҷи хош-хоши ҷорӯ ҳамчунон аз пушти панҷара танбалона шунида мешуд. Садои рафту баргашти ҷорӯи дастсохти дарози Шаҳноз шабеҳи барфпоккуни шишаҳои мошин меомаду мерафт, ки ингор ба падари худ талқин мекард: Бо мо бош, бош, бош, бош.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

**Юнус Абдиевич**

Шабакаи хабарии Маскав дар утоқи раиси донишгоҳ мудом рӯшан буд. Телевизиюн рӯшан буд, шабакаи хабарӣ ҳам, аммо хабаре аз вазъият дар Маскав набуд. Ба ғайр аз саҳнаҳои интихоби Бурис Елтсин ба унвони раисҷумҳури Федеросиюни Русия ва шодии мардуми рус иттилоъоти дигаре набуд. Гоҳе барномаҳои дусесоъатаи уперо ва боле[1] пахш мешуд, ки мегуфтанд кори мухобироти маҳаллӣ аст. Мехоҳанд мардум аз вазъияти Русия ва раҳо мондани кишварҳои бародар мутталеъ[2] нашаванд. Ҳама чиз дар ҳавзи қӯи сафеди Русия ором аст, – пайғом медод ҳамаи шабакаҳои телевизиюнӣ ва бозпахш мекард уперо ва болеи «Қӯи сафед»-и Чайкуфскиро[3]. Юнус Абдуллоюф аз бас онро шунида буд, ки нохост замзама мекард. Ё аслан ба садои пасзаминаи зеҳнаш табдил шуда буд: Нон-нон-ноо-ро-но-ноно-ро..., нон-нон-ноҳ-ро-но-ноно-ро,... но-ро-ро-ромммм... Роҳ мерафт дар утоқи кории худ ва фикр мекард чиро ҳатман ин уперо? Оё рамзе дар он аст? Ба қиссаи намоиш меандешид. Шоҳдухтаре, ки ҷодугар ба қӯи сафед табдил карда, қарор аст дубора чеҳраи худро пас бигирад? Чиро вақти заволи сурхҳо уперои бозгашти қӯи сафед пахш шавад? Қӯи сафед

[1] Уперо ва боле – опера ва балет

[2] Мутталеъ шудан – огоҳ шудан, хабардор шудан

[3] Чойкуфскӣ – Пётр Илич Чайковски, оҳангсози рус (1840-1893)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бешак Русия аст. Аммо кадом Русия? Русияи сафед ё Русияи сурх? Ин ҷодугар ҳатман империолисм аст, ки оқибат Шӯравиро ба доми ҷодуи худ кашида ва онро бидуни силоҳи ҳастаӣ тика-пора кардааст. Таваҳҳум дошт, хатар дошт, нигаронӣ дошт Юнус Абдиевич Абдуллоюф.

Раиси донишгоҳ ҳанӯз мисли қабл бо ҳамон убуҳҳату ҷиддият ва итминон сари кор ҳозир мешуд ва аз бақия низ ҳамин интизорро дошт. Ҷаласа пушти ҷаласа баргузор мекард ва аз ин ҷаласа ба ҷаласаи дигар даъват мешуд. Коре муҳимтар аз баргузории ҷаласа ва ҷалби таваҷҷуҳи кормандон ба нигоҳ доштани оромиш ва талқини умед надошт. Имрӯз низ даъват буд биравад ҷаласаи ҳокимият ё ҳамон шаҳдорӣ. Гуфтанд ҷаласаи дарбаста аст ва мумкин аст танҳо бо ӯ бошаду шаҳрдор. Аз инҷост, ки дар поёни соъати корӣ танзим шуда буд. Чи мехоҳад ба ӯ бигӯяд ҳоким? Елтсинро куштаанд? Ё раисҷумҳури ҷадидро таъйин кардаанд? Аз замоне, ки бохабар шуд, тамоми муддат дар утоқи худ роҳ мерафт. Аммо вақте дарро котиба мезаду дохил мешуд, худро комилан дар ҷараёни ҳамаи чиз ва орому мутмаин нишон медод.

Дар утоқи кори ҳокими шаҳр ӯро мудири телевизиюни вилоят ва худи ҳоким мунтазир буданд. Бо ин ки як рубъ зудтар расида буд ва фосилаи байни донишгоҳу ҳокимият беш аз панҷ дақиқа пиёдаравӣ набуд, ҳак-ҳак мезаду нафастангӣ гирифта буд. Арақ дар ҷабинаш

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

фаромуш шуда буд ва вақти чакидан расида буду барқ мезад. Лобуд хориш ҳам медод, аммо воқеъан вақти хоридани пешона набуд.

– Салом. Юнус Абдиевич, – аз ҷой бархост ҳоким, мудири телевизиюн низ. Ба ӯ даст дароз карданд ҳарду, ингор аз як гиребон сар бароварда бошанд, ҳамхону радиф буд ҳаракоташон.

Ӯ аввал бо шаҳрдор ва баъд бо мудири телевизиюн даст дод ва бо ишораи шаҳрдор рӯи яке аз сандалиҳо нишаст. Рӯбарӯи ҳарду. Чиро ӯ самти мухолифи онҳо бояд бишинад? Чиро ҷаласа сенафара аст? Манг шуда буд зеҳнаш ва садои динг-динге байни гӯши чапу росташ шурӯъ карда буд ба мавҷ задан.

– Мо бо Абдиғанӣ Тӯраюф суҳбат мекардем, ки чи бояд кард, ки вазъият ором бимонад ва аз ин даврони гузор ба таври аҳсан ва ба нафъи худ истифода кунем, – суҳбатро бар хилофи ҳамеша на ба русӣ, балки бо забони узбакӣ шурӯъ кард шаҳрдор.

Раиси донишгоҳ барои аввалин бор мешунид, ки шаҳрдор бо забоне ғайри русӣ суҳбат мекунад. Барои аввалин бор ба ин фикр кард, ки миллияти ӯ чист? Магар тоҷик набуд? Тавре узбакӣ суҳбат мекард, ки мавзӯъ сиёсӣ нест, балки яке аз ҷаласаҳои арақхӯрии охири ҳафта аст, ки маъмулан ҳар сари чанд гоҳ баргузор мекарданд. Сурфаи хушке заду гиҷ монд, ки бо забони узбакӣ ҷавоб диҳад ё бо забони русӣ. Аслан ба забони тоҷикӣ ҳарф задан ба зеҳнаш ҳам нарасид.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Тоҷикиро дар хона суҳбат мекард ва ҳамеша эҳсос мекард, ки забони тоҷикӣ забони кориву расмии ӯ нест, балки забони меҳрварзӣ бо азизону ишқбозӣ бо ҳамсараш аст. Забони фохири форсиро дӯст дошт. Он забони шевову равоне, ки Шарора дошту мисли оби чашмаҳои шаффоф нӯш мекард, ҷуръа ба ҷуръа ҳар шоми ҷумъа дар барномаи «Чашми дил». Он забоне, ки буд, метавонист забони расмӣ, забони сиёсат, забони фарҳангу забони дилу ҷони ӯ бошад. На ин *лаҳҷае*, ки ӯ аз атрофиёнаш, аз ҳамбозиҳояш дар кӯчаву хиёбонҳои Самарқанди куҳна омӯхта буд. Чи шуд суди он ҳама русӣ хондану русидонияш? Чи шуд он ҳама талоше, ки кард, то забони аввали Шӯравиро дар рагу рӯҳаш ҷорӣ кард? Ҳоло бояд узбакӣ ёд бигирад? Зеҳнаш машғули масъалае буд, ки рӯзи пеш дар авлавияташ набуд.

Қаблан суҳбатҳое буд, ки кишвар бояд ба сохтори ҷадиди демукротик дарояд ва забони расмӣ узбакӣ эълом шавад. Аммо чи касе ҷиддӣ мегирифт? Ҳатто худи намояндагони узбак дар Вазорати фарҳанг низ тасаввур надоштанд, ки мумкин аст ин дуруст бошад. Чи тур мешавад бо забони маҳаллӣ мудирият кард? Убуҳҳат надошт, на узбакӣ ва на тоҷикӣ. Русӣ ва истилоҳоти калидишуда ва нешу нӯшҳояш барои ҳамаи сиёсатмадорони Осиёи Миёна он қадар ҷо уфтода буд, ки ба мағзи сари касе намегунҷид, ки масалан артише дошта бошаду битавонад ба забони ғайри русӣ онро идора кунад. Он қадар фикр карда буд,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ки ба ҷои «Смирно!» чи бигӯянд, ки ҳамон қадар муассир бошад? Хуб «ба чап»-у «ба рост»-ро мешавад коре кард. Аммо агар ба ҷои «Смирно!» ҷогузине бо ҳамин таъсир дар забони ӯзбакӣ пайдо бишавад, исмамро дигар мекунам, – гуфта буд М. Д., вақте ин мавзӯъро матраҳ кард. Забони русӣ забони ҳувияти сиёсии он ду буд. Ду тоҷик дар дили Самарқанд дар баробари муҷассамаи Рӯдакӣ бо ҳам русӣ ҳарф мезаданд ва дигар забоне ба ғайри русӣ барояшон на ҷон дошту на ҷой. Аммо ҳоло? Аммо ҳоло бояд авлавият сохтори ҷадиди сиёсӣ бошад. Агар ин рӯшан шуд, он вақт забону баёну ниҳонаш ҳам ҳамроҳаш хоҳад омад. Ҳарчанд қарор бар ин буд, ки котиби аввали ҳизб ба унвони раисҷумҳур бар сари масъулияти худ бимонад, чун беҳтар аз ӯ дигар чи касе ҳаст, ки битавонад бо Маскав иртибот барқарор кунад? Маскаве, ки ӯ мешиносад, бо Маскаве, ки онҳо мешиносанд, панҷоҳ сол фосила дорад. Ҳадди ақал ӯро ҳам ба чеҳра ва ҳам ба савобиқ мешиносанд. Қарор шуда тамоми кишварҳои бародар низ тасмим бигиранд ҷудо бишаванд, бо маслиҳати Маскав, албатта. Ҳадди ақал барои чанд муддат ингуна кишварҳо истиқлоли худро ба даст оранд ва аз ҷангҳои дохилӣ ҳам ҷилавгирӣ шавад.

– Ман дар хидмат ҳастам, – билохира гуфт ӯ бо забони русӣ бо лаҳни комилан дӯстона ва худмонӣ.

– Ба забони расмии кишвари ҷадид бояд тасаллут дошта бошем ҳамаи мо, – тазаккури

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дӯстона дод ҳоким ва қабл аз ин ки идома диҳад, – имрӯз матни суруди миллии ҷадиди кишвари мустақилу демукротики Узбакистони мо ҳам ирсол шуд.

«Мо»-ро тавре гуфт, ки Абдиевич худро аз он «мо» берун эҳсос кард. Бо ин ки таъаҷҷуб мекард чи тур забони узбакиро то ин ҳад балад буда ва мутаваҷҷеҳ мешавад? Кай ва чи тур ин забонро омӯхта, ёдаш намеомад. Ё шояд вожаҳои форсии онро канори ҳам мениҳоду маънӣ мекард?

– Ин намуна аст, аммо таъйиди ҳамаро гирифтааст. Ба донишомӯзони худ бидиҳед ва ҳама бояд азбар кунанд, – бо қотеъият гуфт шаҳрдор ва ду варақро самти раиси донишгоҳ ва ҳам мудири телевизиюн сурронд[1]. – Шумо ҳам аз телевизиюн пахш кунед. Ҳанӯз дар ҳоли таҳияи оҳанги муносиб ҳастанд ва мусобиқа эълом шуда дар Тошканд. Ҳар вақт расид, дода мефиристам. Бояд ҳар рӯз ва мудом пахш кунед, то мардум аз бар шаванд. Ҳама бояд матнро аз бар бошанд, вақте кишвар мустақил эълом шуд, бояд аз бар шуда бошанд ва даст бар сина ҳама бихонанд.

– Пас корҳое шуда истодааст?, – пурсид раиси донишгоҳ, то чизе гуфта бошад ва беш аз ин мунфаъил нанишинад, дар баробари он ду, ки ингор ворисони аслӣ ва ҳақиқии сохтори сиёсии дар роҳ бошанд. Тарроҳони фидокори кишвари ҷадиду мустақилли Узбакистони демукротик

[1] Суррондан – пеш андохтан, ҷилав бурдан, ҳул додан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бошанд.

– Бале, ҳатман шабу рӯз касе нахобида ва ҳама кор мекунанд. Мо бояд мутмаин бошем корҳо ҳамон тур ки барномарезӣ шуда, анҷом шавад. Дар ин миён аслан наметавонем иҷоза диҳем ду-се тарсу ва хаёлпараст эътибори кишварро зери суол баранд.

– Бале, – гуфт беихтиёр раиси донишгоҳ, ҳарфи ӯро таъйид карда, аммо рӯшан набуд, ки манзури ҳоким чист.

– Бале? Пас дар ҷараён ҳастед? Аз куҷо? Ҳамааш зери бинии Шумо иттифоқ меуфтад, магар на?

– Иттифоқи чӣ?

– Шумо ҳатман бохабар ҳастед. Ин ҷавонҳое, ки бидуни имтиҳон ва ҳеч таҷрубае мудири бахш таъйин мекунед, ҳатман медонед. Беҳтар аз Шумо кӣ донад? Ҳо? Мудири бахши забони инглисӣ ҳам ҳатман беҳтар аз Шумо медонад. Мо худӣ гуфта ҳамаи асрори шаҳрро дар ихтиёратон гузоштем, ҳамаро ба бозӣ кашидед Шумову ин донишгоҳатон. Агар қарор бошад аз ин намунаҳо таҳвили ҷомеъа диҳед, донишгоҳатонро ҳам мебандем, – мушт ба миз мезанад ҳокими шаҳр, ки лаҳни дӯстонааш ёдаш рафта ва қаҳрогин шуда буд. – Афрод наметавонанд худро ҳамфикру ҳамсӯ вонамуд кунанд, вориди систем шаванду аз дохил мисли муш ҳизбро бичаванд[1]. Инро, ки қабул

[1] Ҷавидан - хойидан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

доред?

– Бале, – аммо ҳайрон буд Юнус Абдиевич.

– Пас чиро ин фурсат ва имконро фароҳам мекунед? Ҳар касе бо ҳизби кумунист ҳамсӯ набуда, бо ҳизби ҷадид ҳам созгорӣ надорад. Магар ин тур нест?, – дастурвор пурсид ҳоким ба ҳардуи онҳо нигоҳ карда.

– Ҳамин тавр аст, – ҳузури мудири телевизиюн барояш ноҳинҷор буд, ки шоҳиди ин саҳнаи нохушоянд аст.

– Бояд ингуна афродро аз ҷонсупорони роҳи ватан дур нигаҳ дошт, то бақияро ҳам бо афкори хатарноки худ олуда накунанд.

– Бале, – Юнус Абдиевич ба ин навъ дастурҳо одат дошт ва бо ҳамин лаҳну шева ба кормандони донишгоҳ мунтақил мекард. Аммо ҳоло ин ҳарфҳо танҳо ба худи ӯ таъаллуқ дошт ва он ҳам дар ҳузури марде, ки балад нест даҳонашро баста нигаҳ дорад. Нимнигоҳе ба сӯи мудири телевизиюн кард Юнус Абдиевич. Оё ин ҳарфҳо ба он маъност, ки ӯ танбеҳ хоҳад шуд? Ӯро аз ҷамъи ҷадиди сиёсии шаҳр берун хоҳанд кард?

– Бале чӣ?, – аз бале-балеҳои мукаррари раиси донишгоҳ асабонитар шуд ҳоким.

– Пурсуҷӯ мекунам. Воқеъан дар ҷараён нестам, – талош кард вазъияти пешомадаро тағйир диҳад Юнус Абдиевич.

– Духтарам ба ту мегӯям, арӯсам гӯш кун!, – масалро ба забони узбакӣ бидуни ҳеч муқаддима ёдоварӣ кард шаҳрдор ва ба ҳарфи раиси

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

донишгоҳ аҳаммият ҳам надод.

– Баръакс шуд, – бо нимханда гуфт мудири телевизиюн ва хост каме фазоро аз ин ҳолати асабӣ хориҷ кунад. – Ман духтар ҳастам ва ин кас арӯс, – аммо касе нахандид. Раиси донишгоҳ танҳо тоҷик буд ва он ду узбак ва ин тур шухӣ кардани мудири телевизиюн бӯи хуше намедод.

Ҳеч вақт поёни Шӯравӣ, он убуҳҳати азими кумунистиро тасаввур намекард, ки бо ин сабки маҳаллӣ ва ғайриҳирфаӣ ва ғайричашмдошт бибинад. Интизори як балвову шӯри азим ва дархӯри ҳамаи он солҳои махуф дошт, ки ҳоло мисли як кобус ҷои худро ба кобуси дигаре дода буданд. Интизор дошт билохира аз он ҳама москҳои уксижен[1], ки дар манзил дошт ва он ҳама омӯзишҳои ҳарбиву донише, ки аз таслиҳоти ҷангӣ ба ӯ дода буданд, истифода хоҳад шуд.

Аз даргирии атумӣ ва ҷанги ҳавоии Омрикову Шӯравӣ дигар ҳаросе боқӣ намонда буд ва Шӯравӣ мисли киштии пӯсида дар биёбони Осиёи Миёна нишаста буд ва рӯз то рӯз хоки доғи тобистони 1991 онро фурӯ мекашид. Чизе дар таҳи дилаш шак дошт ба ҳамаи ин суҳбатҳо. Эҳсос мекард, ки имтиҳон аст. Мехоҳанд ӯро бисанҷанд, ки оё ҷосуси Кремлин аст ё хайр. Рафтуомадҳои зиёдаш ба Маскав ва таҳсили фарзандонаш дар донишгоҳҳои Маскав ва онҷо мондагор шудани фарзандонаш ҳамеша боиси шубҳаи Тошканд буд.

[1] Моски уксижен – ниқобе барои танаффуси ҳавои тоза (противогаз, респиратор)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Бо дили сиёҳ аз утоқи ҳокими шаҳр берун омада буд ва сангин ба сӯи донишгоҳ қадам мезад ва ингор дилаш мехост ба сари аввалин роҳгузар фарёд занаду диққи дил берун резад. Як моҳ буд аз ин бино бо дили шоду хиёли роҳат берун наёмада буд. Дамои[1] ҳаво он қадар сангин буд, ки шохи дарахтон тавони нигаҳ доштани парандаеро ҳам надоштанд. Он қадар сангин буд, ки пои аз замин бардоштаашро наметавонист дубора ба замин бигзорад. Анҷоми коре, ҳар коре, ки бошад, ба як армон табдил шуда буд. Он тобистон туф мекардӣ, ба замин намерасид. Об на дар даҳон буду на дар хоки зери по. Ҷаҳанниаме даҳон боз карда буд ва ҳамаро кашида буд ба коми ваҳшату касолати тарсу тардид. Зери ҳар дарахт пирзани русе колои куҳна мефурӯхт. Дар тори ҳар дарахте мусичае мегуфт: Бу. будан. бу. будан. Айнаки дудӣ бояд ба чашмонаш мезад, то пеши пояшро дар ин танӯри нур бибинад, аммо айб буд. Худнамоӣ буд, бодигӣ[2] буд. Рӯзномаеро тоб дода буд ва гирифта буд болои сараш. Вақте зери сояи дарахтони донишгоҳ паноҳ овард, дасташ бидуни фикру хаёл пойин омад ва чашмонаш ингор дасти бегонаеро дида бошад, онро назора карду тарсид. Рӯзномаи «Садои Самарқанд» дар даст рафта буд дидори ҳоким! Ҳатман маъниҳои сиёсӣ аз он гирифтаанд. Чи кори хоме. Чи беандешагӣ карда буд. Худро сарзаниш мекарду меандешид, ки чи кунад, ки

[1] Дамои ҳаво – гармӣ ё ҳарорати ҳаво

[2] Бодигӣ – такаббур ва ғурур

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дили ҳокимро ёбад. Чи тавр дили ин ҳаштпо ва саддилро метавонад ёбад? Баногаҳ мутаваҷҷеҳ шуда буд, ки ҳокимро ингор дигар намешиносад. Кай забони узбакиро аз худ карда буд? Магар аз қабл бӯ мебурд, ки сиёсатҳои русӣ дараш тахта мешавад[1] ва сиёсатҳои узбакӣ шурӯъ мешавад?

Бояд коре мекард, ки назди ҳоким эътибору арзиши худро барқарор нигаҳ дорад. Коре, ки дар шаъни ӯ бошад ва хушомадгӯии рӯрост набошад. Чизе, ки шаҳрдорро мутақоид кунад ӯ аз онҳост. Ӯ дар хидмати ҳизб аст ҳамчунон. Ҳоло ин ҳизб ҳар исме дошта бошад, чи фарқе мекунад? Аммо ин ки суҳбат аз сохтори чандҳизбӣ мерафт, низоъи хафифе байни чеҳраҳои давлатӣ ба по карда буд. Ҳамаи афроди давлатӣ мехостанд узви ҳамон ҳизбе бошанд, ки котиби аввал узви он хоҳад буд. Ҳама мехостанд дар ҳизби таъйинкунанда ва болодаст қарор бигиранд. Абдиевич тасмими худро дар сукут ва оромиши уперои «Дарёчаи кӯҳои сафед» гирифта буд. Ӯ канори ҳавзи зодгоҳаш, канори донишҷӯёни азизаш хоҳад монд. Ҳеч талоше на барои қудрат дошт ва на барои муҳоҷират. Дилаш мехост дар ҳавзи таҳқиқу тадриси насли ҷавон ғӯта бизанад ва аз ҳарчи сиёсат аст, дил биканад. Агар боме ба баландии Шӯравӣ ин гуна сусту бесару садо маҳв мешавад, дигар чи сиёсате пойдор метавонад бошад? Он ҳама даврони ҷавонию навҷавонӣ, ки дар пои

[1] Дараш тахта шудан – яъне баста шудан, хотима ёфтан, ба поёни худ расидан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

давраҳои омӯзишии ҳарбӣ ва мудирияти сиёсӣ ҳадар дод, дигар на дар ёд дошт, на ниёз ба он буд. Намедонист, ки хушҳол бошад, ки таҳдиди империёлистҳо бартараф шуда ё хайр. Ҳисси ғарибе буд.

Қисмати ӯ низ бо қисмати Шӯравӣ тафовут надошт. Фарзандонаш дар Федеросиюни Русия хоҳанд монд ва далеле барои бозгашт ба зодгоҳ надоранд. Оилаи ӯ низ таҷзия мешуд бо таҷзияи кишварҳои бародар. Ӯ мемонаду дахмаи хонаводагияш дар таҳи мазороти «Шоҳи Зинда». Ӯ мемонад дар канори чанд милюн моҳӣ дар бистари уқёнуси хушкидаи Шӯравӣ. Аз он шукӯҳи уқёнуси Шӯравӣ лаҷанзоре тангу торик боқӣ монда буд, ки сол то сол умқ мебохт. Даҳаи ҳаштод самаре ғайр аз ин надошт. Тамоми ин даҳаро Шӯравӣ дард кашид, Шӯравӣ таҳ кашид, Шӯравӣ тоб наёвард. Шӯравӣ бояд мерафт ва дар рафтан шифояш буд. Бо дилтангӣ мехост ин азизи деринро бидруд гӯяд, аммо дилаш намешуд. Дилаш аз ҷодуи империёлисм ҳарос дошт. Ҳарос дошт аз кишваре, ки то ҳол обашро ин ҳамсоя, нонашро он ҳамсоя, моводди шимиёӣ[1] ва ғизоияшро аз дигар ҳамсоя мегирифт дар қиболи панба. Аз ин кишвар, ки танҳо ҳунар ва сарваташ пахтакорист, меҳаросид, ки дар бозори ҳамсояҳо ин сарват дар авлавият нахоҳад буд.

Аз ҷаласаи ҳоким баромада буд ва тамоми

[1] Шимиёӣ – химиявӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гузаштаро қадам зада буд дар сукути сархамида ва рӯзномае дар даст, ки кафи ҳарду дасташро ҷавоҳирӣ карда буд ва намедонист дар кадом гӯша бигзорад. Дилаш намехост ба ҳеч ҷое биравад. Дилаш мехост мисли ақрабаки соъат даври худаш бичархад ва даври худаш ингор чархида буд ва ба ҷое нарасида буд. Ин ҳама сол аробаи кумунисмро кашида буд ва на онро ба ҷое расонда буду на худ ба ҷое расида буд. Аробае, ки дар нимароҳ ғайб зада буд ва ӯ дароз уфтода буд миёнаи ҷоддаи панҷоҳсолагӣ. Ба қӯи хокистарии таку танҳо табдил шуда буд дар канори лаҷанзори таҳмондае аз укёнуси ба андозаи шашяки рӯи замин.

Ҳеч ҷое ҳам, ки на чашме, на гӯше ва на даҳоне мунтазири ӯ бошаду холис ҳолу аҳвол бипурсад, тавзеҳ диҳад, ки чи шуда ва чи нашуда. Касеро ором кунад, ки на, азизам, чизе нашуда, хубам, хастаам... Дилаш мехост замин во шаваду ӯ низ дунболи ҳамон укёнуси рӯъёии кумунисм биравад ба қаъри замини беохир, беҳадаф, бемантиқ.

Аз канори бинои донишгоҳ рад шуд ва ба радаи сарвҳои ноз нигарист. Ҳанӯз ҷавону ҳанӯз заъиф буданд ва аз оғӯши тангу доғи офтоб хаставу ранги зард доштанд. Он сӯи майдон чанори ҳамсинни Шӯравӣ шоху бар паҳн карда буд ва ҳеч кадом эҳсоси Юнус Абдиевичро надошт. Чанор шаҳрванди бумии ин шаҳр ва фароҳизбу фарозамони башарӣ такя дода буд ба боми донишгоҳ. Он рӯз аз мусичаҳои хирадманд хабаре набуд. Дар иваз ду фохта нишаста буданд ва аз

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳамдигар мепурсиданд: ку? ку? ку? ку?...

Пучӣ мисли луқмаи бузурге дар ҳалқаш монда буд ва на туф мешуд карду на фурӯ мешуд бурд. Навори гузашта дар зеҳнаш гаштаву баргашта мечархид ва ҳамчунон роҳи ҳалро дар гузашта меҷуст. Хаста буд аз навнавор шудани ҳама чиз ва яку якбора бидуни ҳеч омодагӣ. Эҳсоси касеро дошт, ки бидуни он ки огоҳ бошад, манзилеро, ки дар он ба дунё омада буду бузург шуда буд ва издивоҷ карда буду фарзандҳояшро бузург карда буд, фурӯхтаанд ва барояш манзили ҷадиде харидаанд. Манзиле, ки на маҳаллашро медонад ва на нишонияшро. Шунида буд мегуфтанд замини зери пояш холӣ шуд, аммо ҳоло аз даруну берун таҷруба мекард, ки чигуна аст холӣ шудани замин аз зери пой.

Чироғи утоқи М. Д. агар рӯшан набуд, мерафт хаставу афсурдаву зор сӯи манзилгаҳи тангу тораш. Дарро мебасту мехобид, рӯ ба қиблаи беқиблаҳо. Бо пироҳану шалвору кровот ва ҳатто ҷӯробу кафш. Ин танҳо роҳе буд, ки аз дасти суолҳои ҳамсару духтари худ раҳоӣ ёбад. Аммо фонуси имдоди М. Д. ӯро фаро хонд ва қадам заданҳои беҳадафу бетобонаашро поён дод. Фарёдшунавтар аз М. Д. дар шаҳр касеро надошт. Сангро бар сари ин дӯсти қадимии худ бизанад, хун дар намеомад. Яке аз дигаре бетобтар буд. Яке аз дигаре гирифтортар. Нури камранг аз бинои донишгоҳ дида мешуд ва бо нури обии ғализи шоми Самарқанд тазодди зиёде надошт. Агар бо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

амд наменигарист, намедид, ки чироғи дӯст рӯшан аст. Ба сони чашми бинои донишгоҳ хира, аммо ҳамчунон рӯшан аст. Ҳанӯз бедору ҳанӯз сари кор.

Юнус Абдиевич бо сурфа вориди роҳраве торик шуд. Касе набуд. Гӯё вориди зерзамини сарду тори хилвати дӯсте азиз шуда бошад, чида-чида қадам мезад ва садои пояшро аз дару девор бозмешуниду бозмешумурд. Саросема набуд. Мехост ин пиллаҳо[1] то беохир бираванду биравад. Тип-топ, тип-топ зинаҳоро боло омад. Пушти дари дӯст истод. Навиштаро бо ҳавсала хонд: «Мудири бахши забону адабиёти инглисӣ». Бидуни дар задан вориди утоқи М. Д. шуд.

Сар рӯи миз гузошта ва рӯ ба аксҳои девор ба фикр фурӯ рафтааст ё пинак бурдааст. Ҷои акси ҳамешагии Ленин холӣ буд. Хатти даври қоби акси тозаву нав аз бақияи девор ҷудо монда буд, мисли панҷарае ба сарзамини хотираҳои ҳамчунон зиндаи Шӯравӣ. Шояд ба ин фикр буд, ки акси чи касе ҷойгузини акси «доҳии меҳнаткашони ҷаҳон» хоҳад шуд.

– Уҳум, уҳум.

– Бале, – сар мебардорад М.Д. ва аз дидани раис таъаҷҷуб мекунад. Бо ин ҳол, аз ҷой мехезад ва аз пушти миз берун қадам мезанад, то бо ӯ даст диҳад. Даст фишурданашон каммеҳронатар аз дидори дирӯзаашон буд.

– Ҳо, чи гап? Боз мастӣ?, – бо ҷиддият

[1] Пиллаҳо – зинаҳо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мепурсад Юнус Абдиевич.

– Мастӣ на. Ҳамин тур фикр мекардам биравам...

– Куҷо?, – ҳарфи ӯро қатъ кард раис.

– Куҷо? Хона, пеши зану бачаҳо, – бо ҳамон лаҳни дӯстона, аммо ҳамчунон русӣ гуфт М. Д.

– Хуб, ки ба фикри зану бачаҳо ҳам ҳастӣ пас?, – бо киноя гуфт Юнус Абдиевич.

– Ҳамеша ба фикрашон ҳастам. Чизе шуда?, – бо таъаҷҷуб мепурсад М. Д., ки бӯ мебарад расида ончи аз он метарсид.

– На чизе нашуда, – бо масхара мегӯяд Юнус Абдиевич, – Бале, ки шуда. Маълум аст чизе шуда. Магар интизор доштед ҳеч чиз нашавад? Ба хотири Шумо аз ҳоким ҳарф шунидам.

– Чӣ кор кардаам?, – бо тардид пурсид М. Д.

– Яъне кадом корам гӯед!

– Чи шуда?, – садои худро ҷиддӣ ва мутмаин кард М. Д.

– Шумо дар ҷараёни ҳама чиз ҳастед. Зуд бошед ба ман бигӯед, то дер нашуда ин харобкориро агар шуданист, дуруст кунам. Агар на, ману Шумо, ки ҳеч, донишгоҳ ҳам нахоҳад монд, – садояшро баланд бурд раис.

– Хуб, пас ба онҳо ҳам расонданд, – сари суҳбатро боз карданӣ шуд М. Д. бо лаҳни бетараф ва бетақсир.

– Чиро?, – бо асабоният мушт ба миз кӯбид Юнус Абдиевич ва нимахоби М. Д.-ро, ки ҳанӯз дар чашм дошт, паронд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Имрӯз аз амният занг заданд. Гуфтанд ин муаллимаи ҷадид хори чашм шуда.

– Шарора?, – бидуни тардиду таъаҷҷуб исм бурд Юнус Абдиевич.

– Бале, – пардаи мижаҳои М. Д. болову пойин мерафт ва ин танҳо ҷое буд, ки метавонист аз нигоҳи нофизи ҳамсуҳбаташ пинҳон бошад.

– Чӣ кор кардааст?, – қаҳри возеҳи лаҳни Юнус Абдиевич барои М. Д. рӯшан мекард, ки ҳарфҳо ба гӯши ӯ низ расида.

– Намедонам.

– Худатонро ба бегуноҳӣ назанед. Чи кор кардааст?, – ҳарфи ӯро қатъ кард раис.

– Пуштибонӣ аз рӯзнома ва ҳамроҳӣ бо фаъолияти маркази фарҳангӣ, – кӯтоҳ ва бо нороҳатӣ гуфт М. Д.

– Қавл дода буд дигар даври инҳо наравад, – каме оромтар шуд Юнус Абдиевич.

– Бале, вале..., – ҳамчунон нороҳат гуфт М. Д. ва лабу лунҷаш ҳам овезонтар аз қабл буд.

– Яъне боз ҳам рафта онҷо?, – тоби тӯл додани ин мавзӯъро надошт Юнус Абдиевич.

– Чунин ба назар мерасад, – ин бор чашмонашро бо оромиш ба ҳам баст М. Д., дилхӯр аз худ, ки пушти сари Шарора ҳарф мезанад.

– Рафта ё нарафта?, – бетоқат шуд Юнус Абдиевич.

– Мегӯянд, ки рафта, – нигоҳашро ба кафшҳои худ боз кард М. Д.

– Худаш чи мегӯяд?, – бо лаҳне гуфт раис, ки

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

медонад байни онҳо дидору гуфтори муназзам аст.

– Бале, дафтари ман омада буд ва ман ҳам...

– Кай?

– Ду рӯз пеш.

– Чиро ба ман гузориш надодед?, – ба чашмони М.Д. росту тунд нигариста буд раиси донишгоҳ. – Чиро ман охирин нафаре ҳастам, ки мефаҳмам?! Магар қарор набуд пояшро ба донишгоҳ нагузорад?

– Гуфтам корҳои муҳимтаре доред, – хост каме аз асабонияти раис коҳиш диҳад М. Д., ки фурсате пайдо накард.

– Муҳимтар аз таътилии донишгоҳ?, – фарёд зад ва бо ларз рӯи сандалӣ нишаст. Даст ба сина бурд.

– Ором бошед..., инро бинӯшед, – як пиёла чой аз чойники канори дасташ дар пиёлаи худаш рехту ба раис дароз кард.

– Бояд аз инҷо биравад, – даст ба пушти сандалӣ такя дод Юнус Абдиевич.

– Ҳанӯз... Ман баъид...

– Ҳеч хел баъид-маъидро шунидан намехоҳам. Бояд биравад. Агар рафтан ҷони ӯро ба саломат нигаҳ дорад ва ҳам заҳматҳои бақияро барбод надиҳад, чи ҷои фикр кардан? Бояд биравад! Худи Шумо масъули ин кор бошед. Хуб шудаст-мӣ?, – «хуб шудаст, мӣ»-ро бо ҳамон лаҳни даврони навҷавонӣ гуфт Юнус Абдиевич ва бо ин М. Д.-ро ёдовар кард, ки фаромӯш накардааст дӯстони қадимӣ ҳастанд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Хӯш, – гуфт М. Д. ва шонаҳояш фурӯ нишаст ва пиру пиртару ноумедтар шуд. «Хӯш»-и нохушу сангине гуфта буд, ки рӯи шонаҳояш вазнинӣ мекард. Мехост касе дар утоқ набошад ва ӯ сарашро дубора рӯи миз бигузораду зор-зор гиря кунад.

## Нозим

Осмони Регистон ҳар ғуруб атласӣ мешуд. Беҳтарин майдони шаҳр барои танҳогардӣ ва тамошои ҳастӣ. Дар майдони Регистон нишастан ва ба рафтуомади раҳгузарон хира шудан[1] ва инъикоси сояи абрҳои рангинро дар чеҳраи онҳо дидан беҳтарин машғулияти Нозим буд. Инҷо метавонист умедвортар бошад. Дар манзил афсурдагӣ танг бағалаш мекард. Инҷо аммо эҳтимол дошт Шарорраро бибинад. Ду соъат нишаста буд ва аз Шарора хабаре набуд.

Аз ҷой баланд шуду ба сӯи манзили Шарора рафт. Дасти холӣ, он ҳам нохонда ҳолпурсӣ рафтан, хушоянд набуд. Баъд аз он коре, ки кард, бо Шарора ҳанӯз роҳат ҳам нест. На ин ки аз Шарора ранҷида бошад. На. Аз худаш ранҷида буд. Аз ин ки ба Шарора шак карда буд. Аз ин ки хоста буд ӯро шармсор кунад. Аммо ҳам худу ҳам М. Д.-ро дар вазъияти ноҳинҷор қарор дода буд.

[1] Хира шудан – нигоҳ кардан, назора кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Аз роҳаш баргашт. Ба сӯи бозори шабонаи шаҳр қадам зад. Бозор? Хандааш гирифт Нозим. Як-ду пирмарди рустоӣ канори турбаҳои[1] себзаминӣ ва пиёз ва шояд чанд-то нони сарди аз бозори рӯз харидаашон дар ҳоли суҳбати берамақе буданд. Пиёлаҳои чойашон сард шуда, ки дигар бухоре аз онҳо баланд набуд. Баъд аз саломъалейк пурсид чи доранд барои фурӯш.

– Ҳмм. Мана инҷо себзаминӣ (картошка) дорем, инҷо пиёз ва каме ҳам кадуи қандак, – гуфт пирмард ба турбаҳои канораш ишора карда ва мехост даҳанбанди турбаро боз кунад.

– Чизи дигар надоред?, – сари рад такон дод Нозим.

– Чи мехоҳӣ, бачем?, – бо табассуми пурожанг пурсид яке аз пирмардҳо.

– Ноне, ширинresponse...

– Мо надорем. Аммо он бобой мумкин дошта бошад, – ба он сӯи радаҳои бозори хилват ва ниматорик ангушт рост карду фарёд зад:

– Ориф! Ҳой Ориф! Иқа хов нарав, ҷӯра, харидор омад. Бихез. Ин ҳам шуд савдову бозорчигӣ?

– О! Мемонӣ дам гирем? Аққол чаққа шудӣ-дия![2], – бо феъли ҷамъ аз худ гуфт он мард, ки дар торикӣ намешуд чеҳраашро дид. – Рӯзи дароз сари по ҷонам ба ҳалқам омад-ку, – садое аз торикӣ баланд шуд.

[1] Турба – тубра, кисаи бузург, халта ё харита

[2] Аққол чаққа шудӣ – яъне хеле музоҳим шудӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Аз он қандалотҳот ҳаст ё не? Ин бачаро дасти холӣ нагардон, хуб нест. Ин ҳама раҳ омадас охӣ, – аз ҷои нишасти худ фарёд зад пирмарди аввалӣ.

– Дорам. Бигӯ биёяд инҷо, – хоболуд гуфт садо аз торикӣ.

Нозим аз ин ду пирмард ташаккур карду ба сӯи садо қадам зад. Пушти пешхони симонии бозор пирмарде сар рӯи ҷома гузошта, хамёза мекашад.

– Намемонад бихобӣ. Ҳарф задагиш ҳарф задагӣ, – ғуру лунд карду сар бардошт.

– Чи мехоҳӣ мир-писар?

– Меҳмонӣ меравам. Гуфтам дасти холӣ наравам, – хушсуҳбатона гуфт Нозим, ки мехост хуб савдо кунаду арзонтар чизе бихарад.

– Наботи Шаҳрисабз дорам. Бисёр ширин, – хамёза кашида, ҷинсашро таблиғ кард мард.

– Дигар чи доред?, – қонеъ нашуда, пурсид Нозим.

– Себзаминӣ, пиёз...

– Равған ҳам доред?, – ҳаваси себзаминии сурхшуда кард Нозим.

– Дорам, равғани пахта аст, аз ҳама хубаш.

– Як литр равған диҳед бо як килу набот ва як килу себзаминӣ.

– Иноро худшон ҳам доштанд-ку. Фақат хостан хови мана ҳаром кунан, – каме нороҳат гуфт мард.

– Набот надоштанд, – узрхоҳона гуфт Нозим.

– Ҳеч гап не. Инҷо омадем савдо кунем. Ҳеч гап не, – гуфт мард даври худ хоболуду сархорон чарх

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

зада.

– Онҷост, – бо ангушт ба кисаи набот нишон дод Нозим.

– Ҳо. Ҳанӯз хобам. Мебинӣ? Хоби ширин медидам. Ҳанӯз аз сарам напарида, – узрхоҳона гуфт мард.

– Чи хоб медидед?, – бо нимтабассум пурсид Нозим.

Мард хоби худро муфассал қисса кард. Аз ин ки бо ҳамсари худ ангур мефурӯхтанд ва ҳамаи маҳал саф кашида буданд. Онҳо ҳам шоду хандон ва куллӣ ҳам гила кард аз бепулии мардум ва аз пӯсидани себзаминиҳо ва ҳадар рафтани ин ҳама заҳмати чандмоҳаи хонавода. Хулоса, вазъ тавре буд, ки Нозим дигар мисли одати ҳамешагии худ савдо накард, то маводди интихобкардаашро бо ними нарх бихарад. Балки ҳамон қимати пурсидаи мардро кафи дасташ гузошт ва бо як литр рӯғану як килу себзаминӣ ва як килу набот аз бозор берун омад. Хоби мард зеҳнашро машғул дошта буд. Ба ин фикр кард, ки кош рустоӣ буд. Кош замине дошту худро онҷо ҳамаи фасли сол машғул мекард.

Назди опортумони Шарора пирзанҳои ҳамсоя пич-пич суҳбат мекарданд. Бо дидани ӯ хомӯш шуданд. Ҳеч кадом ҷавоби саломи ӯро надод. Бо ин пешвози ҳамсояҳо оё дуруст аст, ки вориди сохтмони Шарора бишавад? Оё ба ӯ ҳарфе намерасад? Қадамҳояшро суст карда буд, ки чи тасмиме бигирад беҳтар аст. Рӯбарӯи дари

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

сохтмон ёдаш омад, ки Шарора иҷоранишин нест, балки манзили худаш аст. Ҳарчанд ин тур бидуни хабар омаданаш писанди ӯ нест, аммо «ҳарчи бодо, бод» - гӯён вориди маҷмӯъа шуд. Занг занад?... На, мабодо садои баланд диҳаду ӯро тарсонад. Нохун зад. Тиқ-тиқ. Хабаре нашуд. Боз тиқ-тиқ.

– Кист?, – садои нарми Шарора шунида шуд аз он сӯи дар.

– Манам, Нозим, – гуфт бо садои паст.

Дар боз шуду садои баландаш дар роҳрав печид. Шарора бо либоси хобу бо чашмони дар торикӣ нимпӯш дар гӯшаи нимабози дар истода буд. Нигоҳи нигарони Нозимро дида, лабханде зад ва канор истод, ки ӯ ворид шавад.

– Ҳамсояҳои беодобе дорӣ.

– Пирзанҳо?

– Бале. Ҷавоби саломи одамро намедиҳанд, – вориди ошпазхона шуд Нозим ва харидаҳояшро рӯи миз гузошт.

– Бо ҳама ҳамин туранд, нигарон набош, – гуфт Шарора ва талош мекард ба чашмони Нозим нигоҳ кунад. Ингор аз бархӯрди қаблии ӯ нороҳат набуд. Ингор дар ёдаш ҳам набуд. Шарора ҳам дигар он мавзӯъро матраҳ накард ва рӯбарӯи ӯ пушти мизи ошпазхона нишаст. Мунтазир монд, ки Нозим ҳарф бизанад.

– Бозорӣ кардам. Гуфтам бо ҳам чизе бихӯрем. Аз ман ҳанӯз нороҳатӣ?

– Чи ҳаст?, – ба сумкаи харид ишора карда,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

пурсид Шарора ва аз нороҳатӣ ҳарфе назад.

– Себзаминӣ сурх кунам, бо ҳам бихӯрем?, – гуфт Нозим, ингор ки хонаи худаш бошад, роҳат бидуни иштибоҳ гозро рӯшан кард.

– Регистон будӣ?, – пурсид Шарора ба ҳаракоти ӯ нигоҳ карда.

– Бале, – гуфт Нозим ва муҳтавои кисаро[1] холӣ кард.

– Ман ҳам ҳадс задам[2], ки ту бояд онҷо бошӣ, – гуфт Шарора наботро ба даст гирифта ва аз танаи шаффофи он ба Нозим нигоҳ кард, бо шӯхӣ, ва бо ин кор мехост нишон диҳад, ки аз ӯ нороҳат нест.

– Иҷоза ҳаст боз кунам?, – гуфт Нозим ва наздики панҷара[3] рафт.

– Боз кун, вале нороҳаткунанда аст, – гуфт Шарора, наботро сари ҷояш гузошта.

– Чиро бояд нороҳаткунанда бошад? Нишонаи хуб аст, – гуфт Нозим ва панҷараи болкунро боз карду садои тор аз он сӯи дарахтон аз сӯи бинои ҳокимият шунида шуд.

– Яъне ин ки ҳанӯз зинда аст ва намурдааст?, – баргашту ба Нозим ва ба панҷараи боз нигоҳ кард Шарора.

– Ман инро нагуфтам, – Нозим баргашту шурӯъ кард ба пӯст кандани себзаминӣ.

– Манзурат ҳамин буд, – гуфт Шарора ва аз ҷой бархосту мизро мураттаб кард ва шишаи равғанро

[1] Муҳтавои киса – яъне: ҳарчи дар дохили халта буд

[2] Ҳадс задан – гумон кардан, тахмин кардан

[3] Панҷара – тариза, дарича

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гузошт канори дасти Нозим.

– Хуб, бошад, – гуфт Нозим манзури худро пазируфта, ки воқеъан манзураш ҳамин буд, ки тор мезанад, пас яъне ҳанӯз зинда аст.

– Шояд, – кӯтоҳ омад Шарора. – Чи кор кунем? Намешавад, ки инҷо биншинему нолаҳояшро гӯш кунем, – ба сурати Нозим нигоҳ кард Шарора.

– Аз дасти мо чи меояд? Ба ғайр аз сурх кардани ин себзаминӣ ва сер кардани шиками гуруснаамон. Ё ту чизе хӯрдаӣ?, – аз Шарора пурсид Нозим, бидуни ин ки ба сураташ нигоҳ кунад.

– Қабл аз ин садоҳо, – панҷарароро дубора баста, гуфт Шарора ва баргашт назди Нозим, ки даруни зарфи сирдори сафед себзаминӣ пӯст меканд.

– Яъне мо ҳам биравему канораш чодар бизанем?, – ҳамчунон ба Шарора нигоҳ карда, гуфт Нозим.

– Чиро назанем?, – гуфт Шарора, аммо маълум буд, ки манзураш ин нест. Манзураш танҳо ибрози азоби виҷдон аст, ки ду рӯз аст ӯро раҳо намекунад. Ду рӯз аст, ки шоир дубора канори бинои ҳокимият гуруснашинӣ мекунад, то рӯзномаи баъдиро ҳам таъсис кунад. Аммо ин бор рӯзномаи хусусӣ, на мисли аввалӣ, ки давлатӣ шуду ҳеч маҳбубияте байни мардум пайдо накард.

– На. Сабр кун. Хабарҳои хуб дорам. Биё, инро бипазем. Гушнаам. Тобаат[1] куҷост?

[1] Тоба – зарфи хӯрокпазии паҳн (сковоротка)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Чиро фикр кардӣ, ки ман бояд тоба дошта бошам?

– Одам вақте гоз дорад, яъне тоба ҳам дорад. Тоба вақте рӯи миз нест, пас эҳтимолан ё зери гоз аст ё зери миз. Чизе хӯрдаӣ?, – бидуни ин ки мунтазири Шарора бишавад, худ дунболи тоба мегашт Нозим.

– Оре. Ҳамон ҷост, – гуфт Шарора. – Хабари хушат ҳамин аст?

– Оре, – гуфт Нозим номутмаин.

– Ҳарчи ҳаст, мехӯрам бо ту. Бибинам, чи мепазӣ, – гуфт Шарора. Аммо нагуфт, ки ду рӯз аст, ки бо шоир ҳамроҳ гуруснагӣ кашида, ҳамин ҷо аз дур дар манзил. Миёни ин деворҳо.

– Пас чизе нахӯрдаӣ, – баргашту ба ӯ нигарист Нозим.

– Мехостам тухми мурғро нимпаз кунам, вале баъд фикр кардам мепазаму аз гулӯям пойин намеравад, – гуфт Шарора, ки дарвоқеъ ниме аз ҳақиқатро мегуфт.

– Хеле ҳассос набош! Бояд одам чизе бихӯрад, ки мағзаш кор кунад, магар на? Мо бояд қавӣ бошем. Агар қарор аст гуруснанишинӣ кунем, пас бояд биравем назди ӯ биншинем, на инҷо дар хилват, – гуфт Нозим дар ҳоли ба ҳам задани себзаминӣ дар моҳӣ-тоба ва садои ҷизу визи равғани доғро баланд бароварда.

– Бале. Аммо вақте касе барои миллат, барои ояндаи ту як хиёбон он тарафтар гуруснанишинӣ мекунад, ту метавонӣ чизе бихӯрӣ? Он ҳам вақте

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ки ману ту аслан ӯро ба ин кор кашондем! Ёдат ҳаст, гуфта буд пиру маризаҳвол аст?

– Бале. Аммо ниҳоятан тасмим гирифта, ки анҷом диҳад. Аммо ту воқеъан бояд ин бор муроқиби қадамҳоят бошӣ. Шӯхӣ нест, – мегӯяд Нозим, бидуни ин ки ба рӯи Шарора нигоҳ кунад.

– Ту аз куҷо бохабар шудӣ?, – ҳайрон пурсид Шарора.

– Инро мехӯрему меравем қадам мезанем, хӯш? Ман дилам аз ин ҳамсояҳои ту роҳат нест. Барои шӯхӣ ҳам, ки шуда ба милиса занг мезананд, ки дузд омада, – гуфт Нозим бо киноя аз шунудҳои[1] эҳтимолӣ.

– Аз инҳо бармеояд, – ишораи ӯро фаҳмид Шарора.

– Яке аз ошноҳо рафта буда назди дӯстдухтараш ва пирзани ҳамсоя занг зада ба милиса, ки ба духтари ҳамсоя таҷовуз мекунанд, бидавед биёед! Милиса вақте дар мезанад, инҳо ҳарду лухт дар рахтихоб буданд ва маълум набуд кӣ ба кӣ таҷовуз мекард!, – мавзӯъро иваз мекунад Нозим бо хандаи баланде, ки Шарора ангушт бар лаб мебарад, ки ҳиссс, оромтар, ҳамсояҳо...

Шарора механдиду ба қаду басти Нозим нигоҳ мекард. Чи хуб, ки ӯро дорад. Чи хуб, ки Нозим дари яхчолро боз намекунад. Яхчоле, ки моҳҳо холӣ нишаста ва бадбӯ буд. Шарора чиро ин қадар ба зиндагӣ беэътибор шуда буд, худ намедонист.

[1] Шунуд – шунидани телефунҳо аз сӯи маъмурони амниятӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Чиро то ба ҳол фикри шустани яхчол ба зеҳнаш нарасида буд? Пушти сари Нозим дари яхчолро ором боз карданӣ шуд, то бибинад, ки авзоъ чи қадар хароб аст, аммо мунсариф[1] шуд.

Шарора ба мулоҳизаи ӯ андеша кард. Ингор зиндагии ӯро хуб медонад. Аммо вақте ба ин фикр кард, ки тамоми шаҳр мисли ӯ зиндагӣ мекунанд, ваҳшат мекард ва нерӯ аз даст медод ва дар рахтихоб ба худ гармтар мепечид. Ниёзе ба рафтан ба берун намедид ва хоб мисли абри сангине пилкҳояшро ба ҳам мебаст. Тамоми шаҳр ингор пилкҳояшонро ҳамзамон бо ӯ ба ҳам мебастанд. Рӯи сандалӣ нишаст ва ба ҳаракати дастони Нозим нигоҳ кард. Чиро ошиқи Нозим нест? Чиро ин ҷавони хушқалбро аз аввал ҷиддӣ нагирифта? Оё Нозим дӯсти ӯст ё эҳсоси беш аз дӯстӣ нисбат ба ӯ дорад?

– Чиро ҳайронӣ? Чангол[2] бизор рӯи миз. Тақрибан омода аст. Кош вудко ҳам доштем. Аммо рости гап, метарсам, вақте аз канори ин пирзанҳо рад мешавам, бӯи арақ ҳам бидиҳам. Он вақт ҳарф бизану ҳарф бишнав. Ҳарҷо биравам, мегӯянд фалонӣ фалонҷо бадмастӣ карда. То тавзеҳ бидиҳӣ, ниме аз умрат гузашта.

– Бигзор бигӯянд. Магар тарсе дорӣ?, – гуфт Шарора.

– Ман? На. Барои ту хуб намешавад, – ба

[1] Мунсариф шудан – аз фикри коре баргаштан, худдорӣ кардан, сарфи назар кардан

[2] Чангол – шоха ё вилка

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чашмони Шарора нигоҳ кард Нозим, ки мехост манзури ӯро аз нигоҳаш бихонад. Интизор дошт меҳре дар чашмони ӯ бибинад. Аммо ба ғайр аз хастагию бехобӣ дигар ҳеч маъное дар чашмони Шарора пайдо набуд.

– Чиро хуб намешудаст? Духтари танҳову муҷаррад ҳастам. Касе ҳақ надорад ҳарфе бизанад, – талош кард худро роҳату бепарво нишон диҳад ва дастонашро боло бурду абрувонашро ҳам боло кашид. Мисли илоҳаҳои Мисри бостон ними рухи худро ба сӯи Нозим дода буд, кафи дастонаш рӯ ба боло рӯи ду шонааш боз.

– Аммо..., – аз моҳӣ-тоба рӯ бардошт Нозим ва натавонист дар баробари ин ҳолати Шарора ҳарфашро идома диҳад.

– Аммо М. Д.?, – ҳарфи ӯро такмил кард Шарора.

– На, – гуфт Нозим, аз шунидани исми ӯ ингор ҳеч таъаҷҷуб накарда бошад.

– Бале. Бигӯ, чиро идома намедиҳӣ?, – дастонашро пойин овард Шарора.

– Ун кори шумост. Ба ман чӣ..., – гуфт Нозим каме нороҳат аз ин ки суҳбат ба инҷо кашида шуд.

– Лутфан, идома надеҳ, – гуфт Шарора бо қатъият.

– Мо...

– Лутфан, идома надеҳ, – нагзошт ҳарфашро бизанад Шарора.

– Агар фикр кунӣ, ки ман қаҳр мекунаму меравам ва ту ин ҳама себзаминиро худат мехӯрӣ,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

иштибоҳ кардаӣ!

Шарора хандиду суроғи чанголу корду бушқоб[1] рафт. Рӯи миз кисаи наботро дубора дид ва гул-гул шукуфон шуд.

– Ман намедонам охирин бор кай набот хӯрда будам.

– Наботро намехӯранд ин рӯзҳо. Дар чой ҳал мекунанд, – шӯхиро идома дод Нозим.

– Чи вақт ин қадар масхарабоз шудӣ?

Себзаминиро бо хандаву шодӣ хӯрда буданд, Нозим пурсид:

– Инҷоро чи хел харидӣ?

– Аз осмон афтид!, – хандид Шарора, вале боз бо ҷиддият идома дод, – шиша фурӯхтам!

Боз хандид, вале аз нигоҳи ҳайрону мунтазири Нозим худ водор шуд ин бор ҷавоби дуруст диҳад:

– Замин доштем, аз падарбузург монда буд. Амӯям[2] онро фурӯхту дод дасти ман, гуфт падарат мехост дарс бихонӣ, барои худат касе бишавӣ. Бигир, ҳар кор мекунӣ, бо худат. Аммо бояд донишгоҳро хатм кунӣ. Ин қавлест, ки ман ба падарат додаам.

– Аҷаб амӯи кӯтоҳбине, – гуфт Нозим ғайри интизори Шарора.

– Чиро?

– Ин даврони заминфурӯшӣ нест, – ба ёди хоби марди фурӯшанда уфтода буд Нозим ва нохудогоҳ ин ҳарф аз даҳонаш берун рафт. Аммо

[1] Бушқоб – табақи хурд, тақсимча (тарелка), зарфи ғизохӯрӣ

[2] Амӯ – амак, бародари падар

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳоло бояд идома медод.

– Чунон намонад ва чунин низ нахоҳад монд.

– Умед дорам чунин бошад.

– Яъне воқеъан ту тарҷеҳ медодӣ дар русто зиндагӣ кунӣ?

– Бале. Замини худамро медоштам. Ангур мекоштаму себзаминӣ, пиёз, гову гӯсолаву мурғ...

– Бибин, ман дар ин орзӯи ту зиндагӣ кардаам. Вақте об нест, ҳеч кадоме аз инҳо ҳам нест, – гуфт Шарора, ки аз мушкилоти русто ва деҳаҳои атрофи Самарқанд бештар аз Нозим бохабар буд ва таҷрубаи зиндагӣ дар онҷоҳоро ҳам дошт. Шарора аз орзӯи Нозим фирор карда буд ва нияти баргаштан надошт.

– Хуб, дар ин чордевор чи ҳаст?, – Нозим тамоми умри худро дар шаҳр зиндагӣ карда буд ва ҳамеша рӯъёи зистан дар дашту домани кӯҳи атрофи Самарқанд дошт.

– Озодӣ, – гуфт Шарора ва ба рӯзи аввале фикр кард, ки вориди ин опортумон шуд ва хушбахттарин рӯзи умраш буд.

– Кадом озодӣ? Ҳамон, ки садояшро шунидан намехоҳӣ?, – гуфт Нозим бо киноя.

– Он ҳам дуруст мешавад. Рӯзномаи дувум, ки роҳ уфтод, ҳама машғул мешавем. Ҳамаро басиҷ мекунем. Беҳтарин шароитҳо ҳанӯз дар пеш аст, Нозим. Бовар дошта бош. То шаҳр дуруст нашавад, русто дуруст намешавад. То кай бояд даст ба осмон мунтазири барфу борон бошем? Мо бояд обёрӣ кунем. Иртибот бо ҳамсоягонро

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

тақвият диҳем, – барои аввалин бор аз замоне, ки Нозим ворид шуда, чашмони Шарора барқ мезад ва ҳаяҷон дар сураташ ҷарақка[1] мезад.

– Насиб.

Нозим ва Шарора дар ҳоли суҳбат ва бепарво аз дар хориҷ шуданд ва боз ба пирзанҳо салом гуфтанду боз ҳеҷ посухе нашуниданд ва рафтанд пушти маҷмӯъаи опортумонҳо. Пушти дарахтон канори ҳам нишастанд ва ба шоиру пулисҳои атрофи ӯ нигоҳ карданд.

– Он хабари хуше, ки доштӣ, чи буд?, – пурсид бо садои паст Шарора.

– Шунидам, ҳоким мехоҳад ҷавоби мусбат диҳад, – гуфт Нозим ба пушти сари худ, ба пирзанҳо нигоҳи пирӯзонае карда ва мутмаин шуд, ки садояшро намешунаванд.

– Кӣ гуфт? Аз куҷо шунидӣ?

– Ҳис, оҳистатар. Шунидам-дия, муҳим нест, – ба роҳ рафтан ишора кард Нозим.

– Бовар кунам?

– Чунин ба назар мерасад. Имшаброагар зинда гузаронад, албатта.

– Себзаминӣ, ки хӯрдам, заҳрам шуд. Шаби севум аст, ки бечора ҳеч чиз нахӯрда. Ҳеч касро ҳам намегузоранд бираваd пешаш, – нигарон шуд дубора Шарора ва қоматаш пажмурд.

– Ҳатман муваффақ мешавад. Нигарон набош, –Даст ба шонаҳои Шарора бурда, бепарво роҳ

[1] Ҷарақка задан – дурахшидан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мебурд ӯро Нозим.

– На. Мо ҳам бояд канори ӯ менишастем ва гуруснанишинӣ мекардем. На ин ки ин хелӣ пинҳонӣ ва тарсу давраш бигардему садои торашро гӯш кунем. Ҳадди ақал виҷдонамон ором мешуд.

– Дирӯз худат намегуфтӣ, ки то вақте садои тораш шунида мешавад, пас ҳама чӣ хуб аст. Пас чиро боз худатро ин қадар озор медиҳӣ? Агар мехост, ки канораш биншинем, мегуфт. Ҳеч чиз нагуфта, худаш рафта нишаст. Хуб, ҳатман ин тур беҳтар аст шояд.

– Бале, худаш гуфта буд, ки бояд ҳамон роҳи аввалиро биравад, мумкин боз ҳам ҷавоб диҳад.

Шарора Нозимро бағал карда буд ва ин сӯву он сӯ ҳамнаво бо оҳанги тор такон мехӯрд. Пулис омаду онҳоро дур кард. Бидуни ҳеч ҳарф калон-калон қадам монданд ба сӯи майдони Регистон. Гоҳ-гоҳ ба пушти сари худ, ба тарафи садои тор, нигоҳ мекарданд, ки аз пушти сари пулисҳо ҳеч чизе дида намешуд. Ҳеч касе намедонист, ки шоир чи ҳол дорад. Пулисҳо бо мардум ҳарф намезаданд ва чизе аз ҳолаш намегуфтанд. Мардум иҷозаи наздик шудан ба он муҳавватаро надоштанд. Шарора бо ин ки тамоми нигаронияш саломатии шоир буд, парвое надошт, ки парвандаи худи ӯ дар созмони амният дар чи ҳол аст.

Нозим низ дар лаҳзаҳои кандаву гусаста зиндагӣ мекард. Мисли ҳамаи мардуми шаҳр,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳамаи мардуми кишвар, ҳамаи мардуми минтақа, ҳамаи мардуми шашяки сурхи рӯи Замин ба номи Шӯравӣ, ки рӯз то рӯз ранг мебохт ва мисли нони самарқандӣ дар баробари меҳмони нохонда ва ноошное тика-тикаву пора-пора мешуд бо ду дасти адаб.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

# Фасли севум

## Дифоъи муқаддас

Нозим назми Шӯравиро ошиқона мепарастид. Бахусус, дар дарсҳои низомӣ, ки дар мактаби миёна чор соъат дар ҳафта буд, бо алоқа ширкат мекард. Яке аз истеъдодҳои фавқулъодаи ӯ пӯшидани моски уксижен (оксиген) буд. Нозим метавонист соъатҳо онро бар сар кунад ва бидуни ҳеч мушкиле то поёни дарс бо он бидавад ва варзиш кунад. Муаллими низомияшонро эҳтиром на, балки мепарастид. Аз ҷиддияти ӯ ва аз ин ки воқеъан ҷанги эҳтимолиро дар он дарсҳо эҷод мекард ва аз онҳо мехост, ки ба тамоми сахтиҳои ҷанг ва ҳамалоти душман омода бошанд. Ин дарсҳо барояш фурсате буданд, ки барои он дифоъи муқаддас аз Ватан ва хоки сарзамини модарияш ҷону тани худро варз бидиҳад. Филмҳои даврони Ҷанги Ҷаҳонии Дувумро, ки мудом аз шабакаҳои телевизиюн пахш мешуд, бо ишқ нигоҳ мекард. Худро дар нақши тамоми қаҳрамонҳои ҷанг қарор медод ва итминон дошт, ки бешак мисли онҳо рафтор хоҳад кард ва сина дар баробари тӯпу туфанги душман сипар хоҳад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

кард ва лаҳзае ҳам дар ин кор тардид надошт.

Тамоми даврони навҷавонӣ он рӯзи даҳшатноки ҳамлаи атумии империёлистҳо ба хоки муқаддаси ватанаш СССР-ро тасаввур мекард. Бо виқор мехонд:

Ватанам СССР!

Гулшанам СССР!

Ва гомҳои муҳками низомӣ мезад бар замин ва тамоми вуҷудаш аз виқору ифтихор ба ларзиш медаромад. Бидуни ҳеч шакке ӯ дар дил қаҳрамон ва ҷонфидои Ватан буд. Ин дифоъ барояш фурсате буд, ки ба ватани худ собит кунад, ки ӯ фидокор аст ва ҳеч иртиботе бо ақидаҳои зиддирусии падарбузургаш надорад. Ӯ, ки аз паёмади назароту мухолифатҳои падарбузургаш мудом ранҷ мебурд ва ҳамеша худро зери заррабини интиқодии шарикдарсонаш ва ҳатто муаллимонаш медид. Мехост дар рӯзи ҳамлаи душман аз аввалинҳо бошад дар хатти муқаддам[1], бо сари баланд гом бардорад ва эй кош, зинда аз он барнагардад.

Ҳис-ҳис нафас кашиданҳои худро дар фазои танги моски уксижен мешунид ва аз шишаи бухоргирифтаи он ба муаллими низомии худ менигаристу талош мекард лабхонӣ кунад ва бидуни шунидани садои ӯ фармонҳои сарҳангии ӯро дуруст ҳадс бизанад: Бидавед! Дарҷо гом бизанед! *Смирно*![2]

[1] Хатти муқаддам – ҷабҳа, фронт, хатти пеши ҷанг

[2] Смирно – фармони беҳаракат истодан ва ба фармондеҳ таваҷҷуҳ кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Дар яке аз филмҳои ҷангӣ дида буд, ки лабхонӣ аз вижагиҳои ҷосусҳои ҳирфаист ва на ҳар сарбозе қодир ба ин кори заъиф аст. Ӯ худро аз ҳар ҷиҳат беҳтар ва бартар аз шарикдарсонаш тарбият мекард, ки ин шакку тардид бар садоқати ӯро аз байн бибарад. Аммо аз рӯзе, ки овозаи орому тадриҷӣ маҳв шудани Шӯравӣ ба гӯшаш расид, дучори парешонии ҳувиятӣ шуд. Аслан ҳувияте дошт? Бо ин ки тоҷик буд, русӣ дарс хонда буд. Бо ин ки зодаи Самарқанд буд, аммо ҳамон қадар ошиқи Маскав низ буд. Ингор байни Маскав ва Самарқанд барояш ҳеч фарқе набуд. Тафовутро ҷое эҳсос мекард, ки дар баробари майдони Регистон менишаст ва ба ҷои холии гулдастаҳои манораҳо нигоҳ мекард. Гулдастаҳо нохуне бар чашми ӯ буданд. Ҳар бор ба онҳо хира мешуд, ба ин фикр мекард, ёди он меуфтод, ки лашкари рус пушти манорҳо пинҳон шуда буданд ва пулемётҳои худро кашонда буданд рӯи боми шаҳр, рӯи боми хонаи Худо ва маълум буд ҳеч самарқандие бар самти хонаи Худо, бар гӯшае, ки ҳафт пушташон аз он садои азон шунидаанд, тир холӣ намекунад. Ингуна буд, ки лашкари рус шабона ба шаҳр шабехун заданд ва худро дар амокини муқаддас, муқаддастарин маҳалҳои шаҳр ҷой карданд ва субҳ сокинони шаҳр ба ҷои азон садои тӯпу туфанг шуниданду таслим шуданд. Нозим ин ҳақиқати талхро ҳамеша ёдоварӣ мекард, ки русҳо чи балое бар сари шаҳри ӯ ва мардуми ӯ овардаанд. Аммо русҳо ҷодда ва

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мактабу илми ҷадид низ оварда буданд. Русҳо ҷони Садриддин Айниро аз дасти шипишкҳои зиндони Арги Бухоро наҷот дода буданд. Русҳо бародархондаҳои азизу разиле буданд, ки Нозим ҳеч вақт на метавонист ба андозаи кофӣ аз онҳо нафрат дошта бошад, на сад дарсад бидуни ҳеч тардид ошиқи муҳаббату садоқати онҳо бошад. Ҳамеша чизаке буд, ки байни муҳаббати ӯву халқи рус холигӣ эҷод карда буд. Шояд марги нобарҳаққи падарбузургаш буд, ки ҳеч вақт сояи тираи он аз сари хонаводаи Нозим дур нашуд ва ҳеч вақт иттиҳоми «хоин» аз мағзи ӯ берун намерафт. Падарбузурги босаводу дилсӯзу донишманди ӯ чигуна дар як шаб ба хоин ва босмачӣ ва ақабмонда ва душмани халқу ватан бадал шуда буд, барояш ҳеч вақт рӯшан набуд. Аз русҳо нороҳат буд, ки ин балоро бар сари падарбузургаш оварда буданд ва аз тоҷикон асабониву дилхур буд, ки дасти кумак ба ӯ дароз накарданд, вақте ӯро аз хона бо хориву лату кӯб кашонданду фиристоданд ба Сибрӣ, ки дигар аз ӯ на хабаре шуд ва на дараке. Маълум буд пирмард ҷон дода буд дар он сармое, ки ҳеч вақт одат надошт. Аммо кош бо марги ӯ ин доғ аз хонаводаи онҳо зудуда мешуд. На танҳо нашуд, балки афзоиш ҳам ёфт ва кашонда шуд, то замоне ки Нозим зода шуд ва аз зиндагонии ӯ низ сояи тираи худро барнамедошт. Падару модар ва тағоҳо ва амӯҳову аммаҳо, ҳатто холаҳо низ бо фарзандонашон таҳти ин иттиҳоми падарбузург

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳамеша машкук ва хонаводаи хоин маҳсуб мешуданд. Нозим дили хун дошт аз русҳо, аммо ингор русҳо ба ватани азиму кабираш Шӯравӣ ҳеч рабте надоштанд. Ӯ ошиқи ватанаш буд, гулшанаш буд, ки СССР ном дошт ва гӯйи маҷмӯъи хубиҳо буд.

Пас ҷанге нахоҳад шуд. Пас империёлисм роҳи дигареро барои аз байн бурдани Ватани ӯ ба кор бурда. Чиро сарони кишвар иҷоза додаанд, ки ин иттифоқ биюфтад. Чиро ин фурсатро аз ӯ гирифтаанд? Чиро аслан Омрико билохира ҳамла накард? Куҷо шуд он ҳама хабарҳои ҷанги ҳастаӣ? Омрико ҳатман аз ин парешонӣ истифода хоҳад кард. Ҳатман бояд омода буд, ки ҳатто агар ниёз буд, яктана аз хоки муқаддаси Ватан дифоъ кунад. Бехоб шуда буд. Миёни чордевори хона дилаш ба танг меомад. Дилаш мехост дар майдони Регистон тамоми шабро шабзиндадорӣ кунад, ки агар қарор буд иттифоқе биюфтад, ӯ бедор бошад. Табдил шуда буд ба посбони довталаби шабонарӯзии Регистон. Дар хилвати шабҳо девори Регистонро бағал мекарду гиря мекард, ки бибахш Ватан, натавонистам аз якпорчагият дифоъ кунам. Бибахш, ки туро аз дасту дилу пову ҷонат ҷудо мекунанд, бидуни ҳеҷ сару садое. Ин буд вазъи Нозим то замоне, ки Шарораро дид дар қоби танги телвизиюн, ки барои аввалин бор гуфт: «Дуруд бар шумо, бинандагони азиз. Аввалин барномаи телевизиюнии «Чашми дил...»! Замон барои Нозим мутаваққиф шуд. Садои Шарора аз

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

сарзамини гумшудае меомад, ки Нозим дар хобҳояш медид. Сарзамини ниёкон. Сарзамини моқабли Шӯравӣ. Садои худоёнро ингор шунида бошад. Чизи гумшудаеро пайдо карда буд дар ин садо ва симои духтари ҷавону лоғаре, ки барои аввалин бор бо тоҷикон бо забони модарияшон «паноҳи Худо» мегуфт. «То ҷумъашаби оянда падруд бинандагони азизи Самарқанди бостонӣ ва атрофи он!»

Руъёҳои низомӣ ва даҳшатноки ҷанг ва ифтихору исботи ҳувият ором-ором маҳв ва ҳар ҷумъашаб ба ҷояш нафосату назокат ва ширинӣ ва шеъру мусиқӣ ҷойгузин мешуд. Шарора ҷароқкае аз ватане буд, ки аз ёдҳо рафта буд. Ватане, ки зери ҳамин хок гард гирифта буд, аммо аз байн нарафта буд. Садои Шарора онро таҳрик мекард, ки бедор шав. Шиъори «Тамоми пролеторҳои ҷаҳон муттаҳид шавед»-ро аз зеҳн дур кун ва ба ҷои он биёндеш, ки «нозат чист, ниёзат чист».

Ҳамин ҷо дар ҳамин курсии чӯбии майдони Регистон нишаста буд ва духтари ғамгину лоғаре омаду канори ӯ нишаст. Ингор тамоми умр канори ӯ нишаста бошад. Ингор аз ибтидои беинтиҳо то интиҳои беинтиҳо ҳаминҷо канори ҳам нишаста ва сигор кашида буданд. Нозим Шӯравиро аз даст дода буд ва Шарораро ба даст оварда буд. Ҳайрон буд аз ин ки чигуна метавонад ин духтари лоғар ҷои холии ватане ба андозаи шашяки рӯи Заминро пур кунад. Армону андӯҳи онро аз зеҳни ӯ бибарад? Нозим розӣ буд аз он чи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

қарор буд бар сари ӯ ва Регистони маҳбубаш биёяд. Ӯ аз кобуси ҳамлаи ҳастаии империёлисм ба баҳори ишқу шеър ва забону ҷаҳони модарии худ бедор шуда буд.

## Рӯзнома

Ду соя то субҳ масири Регистону боғи ҳокимиятро бо тардиду гумон чандин бор қадам заданд. Бо умеди ин ки даври шоир аз пулис хилват бишавад, ё ҳадди ақал пулисҳое, ки ба онҳо чандин бор ихтор доданд, таҳдид карданд, навбатро вогузор карда ва рафта бошанд. Садои тор фурӯ нишаста буд. Даври шоир чор-панҷ пизишку парастор ҷамъ буд. Чанд марди либосшахсӣ низ бо садои паст бо ҳамдигар ҳарф мезаданд. Шарора хост аз онҳо чизе бипурсад, аммо ҳамон лаҳза ду пулис ба онҳо ва дигарон ниҳеб заданд: «Ҷои тамошо нест. Дур равед!» Ҳудуди даҳ-бист нафар роҳгузаре, ки дар ҳоли наздик шудан ба хайма буданд, ночор баргаштанд. Шарора танҳо зан дар ин ҷамъ буд. Талош кард аз ин истифода кунад ва худро наздиктар ба хайма бибарад. Даври шоирро зич гирифта буданд. Пизишке ба гӯши ӯ табрик мегуфт. Пулиси ҷавоне дар канори ӯ тор ба даст нишаста буд. Шарора бо аввалин нигоҳ ӯро шинохт. Ҳамдонишгоҳии ӯ буд, ки орзӯ дошт пулис бишавад ва кӯчактарин алоқае ба адабиёт надошт.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ҳамон рӯз аз родию ва телевизиюн эълом карданд, ки дувумин рӯзномаи тоҷикӣ «Ойина» чоп хоҳад шуд ва охири ҳамон ҳафта ҳам чоп шуд. Бо сармақолаи Ҳикмати Доро, шоири пир, ки сартосар шодию пирӯзии гурӯҳе аз рӯшанфикрони шаҳрро баён мекард. Гурӯҳи кӯчаки рушанфикроне, ки танҳо нерӯи муқовимат ва эҳёи ҳувияти порсигӯён дар баробари фишорҳо ва сиёсатҳои Шӯравӣ буданд. Гурӯҳе, ки талош доштанд, дар ин давраи гузаро ҷои пое барои худ ва барои фарҳангу забону адабиёти худ боз кунанд. Ин сармақола шурӯъи мавҷи ҷадид дар шаҳр шуд. Навишта буд: «Мо порсизабонон, соҳибони ин хок ва марзу бум аз ин рӯз сар баланд хоҳем гирифт, ки дувумин рӯзнома бо забони модарӣ ва ниёконамонро роҳ андохтем. Мо аз ин баъд бояд ҳар лаҳза ва ҳар рӯз дар талош бошем, ки боъиси ифтихори ҳамзабонҳои худ дар сартосари ҷаҳон бошем. Қарни саркӯбҳо ва табъизҳо гузашта ва қарни баробариву бародарии воқеъӣ шурӯъ шудааст. Дар ин шаҳре, ки ҷои пои бузургони торих ва адабиёти порсӣ барҷо мондааст, ҳоло вақти он аст, ки ин шаҳр дубора ба маркази фарҳангии форсизабонҳо табдил бишавад. Китобфурӯшиҳову китобхонаҳо ифтитоҳ бишаванд! Айб аст, ки дар ин шаҳр, ки гаҳвораи бузургони форсизабон буда, танҳо як китобхона ва танҳо як китобфурӯшӣ фаъъол бошад. Он ҳам холӣ ва омехта бо аҷноси рӯзғор. Ин тавҳин аст ба ақлу заковати мардуми мо. Маркази дӯстиҳо ва

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳамзистиҳои бардавом бо ақвоми бародар ва ҳамсоягони ғамхору ҳамзабон ба кор шурӯъ кунад ва аз таҷрубаҳои имрӯзии онҳо баҳраманд бишавем. Мо лаёқати инро дорем, ки ин шаҳрро дубора ба «сайқали рӯи Замин» табдил кунем!»

– Ман хоб мебинам?, – рӯзномаро ба гунаҳояш молид Шарора.

– На. Хоб нестӣ, бедорӣ. Аммо баъид нест, ки зуд бибандандаш, – гуфт Нозим, ки аз таги рӯи Шарора хастагинопазирона нигоҳ мекард. – Эҳтимолан ин охирин навиштаи устод дар ин рӯзнома аст.

– Зиёдӣ тунд навиштаанд, на? – гуфт Шарора шодӣ  аз сараш парида.

– Бале, чиро ин қадар тунд шурӯъ кардаанд?, – бо нигаронии наздик ба асабоният калима меҷуст, ки беш аз ин Шарораро нигарон накунад. – Метарсам ин ҳама заҳматашон ҳадар биравад.

– Ҳадар..., на, намеравад. Аммо тунд аст. Бисёр тунд. Дуруст мегӯӣ.

– Қарор буд сирф фарҳангӣ бошад, аммо ин шурӯъ комилан сиёсист. Аҷиб ки иҷоза додаанд чоп бишавад, – рӯзномаро ба даст гирифт Нозим ва дубора ҳамон сармақоларо хонд. Бақияи сафаҳот номаҳои табрик ва қурбон-садақаҳои дигар чеҳраҳои шинохтаи шаҳр буд, ки маълум буд ҳеч ҳарфи бадардбихӯре надоранд ва танҳо эъломи ҳузур кардаанд. Ингор рӯзнома ҳамон як сафҳа буд. Ҳамон як сармақола, ки чандин даҳсолаҳо мунтазири он буданд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ман фикр мекунам устод аслан алоқа дорад, ки корро биспорад ба дасти дигарон. Барои ҳамин бо ин лаҳни тунд навишта. Медонад, ки ин рӯзнома ҳам табдил мешавад ба як рӯзномаи давлатӣ. Ин ҳама гуруснанишинӣ кард, то ҳамин мақоларо мунташир кунад ва ҳарфи як қарн дар гулӯи миллат мондаро бизанад ва виҷдонашро ором кунад, – бо лаҳни дифоъӣ гуфт Шарора ва таҳи дил ошиқи ин сармақола буд. Ошиқи тамоми вожаҳои он буд. Тамоми он дурусту муҳимму воҷиб буд. Ҳеч ҷумлае надошт ин сармақола, ки ӯ қабул надошта бошад. Аммо чизе дар дарунаш мегуфт, ки фурсатеро сӯхтааст ин сармақола. Фурсати дар амал анҷом додани корҳои номбурда. Фурсати дастбакор шудан. Аммо ҳоло бо ин радаи барроқу зебо ин сармақола ба шиъоре табдил шуда буд, ки Худо медонад чи паёмад дорад. Шарора бо ин ки тамоми селулҳои баданаш инқилобӣ фикр мекард, инқилобӣ меандешид, аммо эътиқод дошт бо як гул баҳор намешавад. Эътиқод дошт баҳор бо оромиш ва бо набзи табиъӣ ва дастаҷамъӣ ва батадриҷ фаро бирасад. Бо халқи ду гармхона намешавад бӯи баҳорро ба машоми мардуми кишвар расонд.

– Биё биравем назди устод. Шояд ҳоло бигзоранд бибинемаш, – умедворона буд лаҳни Шарора.

– Гуфтам, иҷоза нест. Беморӣ ва заъфи ҷисмонияшонро баҳона карданд. Намегузоранд касе бибинадашон. Шунидам дар манзили

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

модарашон ҳастанд бо ҳамин вазъияте, ки назди шаҳрдорӣ дидӣ.

– Ту аз куҷо медонӣ?, – бо асабоният ва бо шубҳаи ҳамешагии худ пурсид Шарора. Шарора дар таҳи дил машкук[1] буд, ки Нозим аз амниятиҳост ва таҳи дил хушҳол буд, ки кош бошад. Ӯ, ки кори хоссе намекунад ва дӯстӣ бо Нозим хиёли амниятиҳоро аз ӯ роҳат мекунад ва мегузоранд кору бори худро бо оромиш анҷом диҳад.

– Муҳим нест, – кӯтоҳ гуфт Нозим ва таҳғуруре ҳам дар садояш эҳсос мешуд, ки ӯ хабарҳои дигаре ҳам дорад, ингор ки ба Шарора намегӯяд.

Шарора Нозимро канор зад ва бо қаҳр аз манзил берун рафт. Аз киуски сари хиёбон бо ҳар миқдор пуле, ки дар киф дошт, чанд нусхаи дигар рӯзнома харид. Борик печид ҳамаро ва ба оғӯш гирифт. Ингор кӯдаки ятимеро аз барфу борон паноҳ дода бошад, бо меҳр дар бағал кашид ва ҳоло бо оромиш ва эҳтиёт роҳ рафтанӣ буд, ки:

– Ойтӣ, ин қадар рӯзномаро чи кор мекунед?, – пурсид ҷавони фурӯшанда. – Барои дигарон ҳам монед, камтар.

– Дигарон раванду дархост кунанд, бештар чоп шавад. Ҳазор нусха ба кӣ мерасад?, – бо қаҳр гуфт Шарора ва ба роҳи худ идома дод. Сари хиёбон гурӯҳе аз ҷавонон даври ҳам истода буданд. Ҳама нигарони чизе ва тақрибан баробар ҳарф

[1] Машкук будан – шак доштан, гумон доштан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мезаданд.

– Чи хабар?, – аввалин фикре, ки ба зеҳнаш расид, ин буд, ки накунад боз яке аз донишҷӯён дар тасодуфи хиёбонӣ кушта шуда бошад.

– Раиси донишгоҳро ихроҷ карданд, – гуфт яке аз ҷавонон.

– Чи? Юнус Абдиевичро?, – бо таъаҷҷуб ва ғайри интизор бо садои баланд пурсид Шарора ва диққати роҳгузарҳои дигарро ҳам ҷалб кард.

– Бале. Аз кадом як мамлакат пул гирифтааст, ҷанг сар карданӣ...

– Чӣ? Ҷанг? Ин дурӯғро кӣ ба шумо гуфт?, – бо асабоният мегӯяд Шарора ва мунтазири посухи онҳо нашуда, сӯи донишгоҳ тақрибан метозад.

– Ҳамин хел шунидем, муаллима, – пушти сари ӯ фарёд мезанад яке аз донишҷӯҳо, ки Шарораро шинохта буд.

Аз аввал ҳам донишгоҳ рафтанӣ буд. Мехост аз дур ҳам бошад, М. Д.-ро бибинад. Дар утоқи кории М. Д. котиба бо чеҳраи тарсида ва нигарон нишаста буд ва бо дидани Шарора аз ҷой баланд шуду сӯяш омад.

– Хуб шуд омадед. Муаллим парешон ҳастанд, – дастони Шарораро гирифт котиба. Гиря пушти ларзиши рангини ҳубоб монда буд. Қатраи ашке сарозер бишавам ё нашавам дошт дар остонаи пилкҳояш.

Шарора аввалин бор мешунид котиба М. Д.-ро муаллим мегӯяд. Дастони ӯро гирифту хост навозиш диҳад, аммо ҳаракоташ бештар шабеҳи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

молиш буд. «Чи шуда», мехост бипурсад, аммо дар боз шуду М. Д. бо қаҳр аз утоқи худ берун омад. Эҳтимолан садои онҳоро шунида буд. Ё шояд тасодуфӣ буд, ки котиба фурсате пайдо накард Шарораро бохабар кунад, ки чист он ки ӯро ин қадар нигарон кардааст.

– Ту инҷо чи кор мекунӣ? Дигар ҳаминаш кам буд..., – бо қаҳру эътироз гуфт М. Д. ва дубора вориди утоқи худ шуд. Шарора бидуни ҳеч фикру ҳарф дунболи ӯ рафт ва дарро баст.

– Инҷо чи кор мекунӣ?, – дубора бо ҳамон лаҳн пурсид М. Д.

– Чи хабар? Чизе шуда?, – бо ҳайрат пурсид Шарора ва талош кард ба чашмони М. Д. нигоҳ кунад ва мутмаин бишавад, ки лаҳни ӯ дар ҳақиқат чи маъно дорад.

– Чизе? Ҳама чи тамом шуд. Ҳама чи тамом шуд, – пушт ба ӯ карда буд М. Д., ки ингор каме ҳам бошад, заъфу тарси худро пинҳон кунад.

– Чи шуда?, – дубора, аммо ин бор бо ҷиддият пурсид Шарора ва он сӯи сандалӣ гузашт, то сурати М. Д.-ро беҳтар бибинад.

– Ту бирав, ман худам меоям, – асабонияти худро ба даст гирифт М. Д. ва Шарораро ба сӯи дар ҳидоят кард.

Шарора «хӯш»-гӯён аз дар берун рафту танҳо тавонист нимнигоҳе ба сӯи котиба бияндозад. Нигоҳи ӯ ҳамчунон гиряолуд буд. Дар роҳ ба ин фикр мекард, ки М. Д. кай хоҳад омад? Накунад Нозим ҳам дар занад. Кош бо Нозим даъво

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

намекард. Ҳоло ӯ ба хотири дилҷӯӣ ҳам, ки шуда, ҳатман меояд диданаш. Бояд ба ӯ ҳам гуфт? Бо сад ғаму ғусса қадам бардошта рӯзномаҳо ҳамчунон дар бағалаш ба табақаи чаҳорум расид. Дар қуфл буд. Калид зери пойпоккун набуд. Занг зад касе боз накард. Садои боз шудани дари ҳамсоя омад.

– Ҳа, Шарора, нағз-мӣ ту? Он кас рафтанд. Калидро ба ман доданд, – кунҷковона ба Шарора нигарист ҳамсоязан. Мутаваҷҷеҳ буд, ки иттифоқе уфтода.

– Чи гуфт?, – бо таъаҷҷуб пурсид Шарора, ки воқеъан барояш суол буд, ки чиро Нозим калидро ба ҳамсоязан дода ва мисли ҳамеша зери дар нагзошта. Шояд хоста Шарора мутаваҷҷеҳ шавад, ки омада ва ӯ набуда. Хуб, як ёддоште метавонист бигзорад. Аҷиб буд. Рӯзи аҷибе шурӯъ шуда буд.

– Чизе нагуфт. Оҳо, гуфт дертар боз меояд, – дар ҳоли бастани дар гуфт ҳамсоязан, ки ҳамчунон аз нигоҳи кунҷковонааш пайдо буд, ки мехоҳад чизе бипурсад, аммо напурсида буд.

– Дертар? Яъне кай?, – ӯро аз бастани дар боздошт Шарора.

– Намедонам. Дақиқ чизе нагуфт, – рӯи хуше надод ҳамсоязан ва зуд суҳбатро кӯтоҳ карду дарро бо садои баланд баст.

– Детар, яъне кай?, – асабонӣ дар дил такрор кард Шарора. Рӯи сандалии ошпазхона нишаст. – Дертар!

Вақте садои дар баланд шуд, Шарора аз интизорӣ хаста шуда ва хобида буд. Зуд аз ҷой

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

баланд шуду ба ин фикр кард, ки М. Д. аст ё Нозим? Аммо зуд калиди дарро печид. Дар ҳаракоташ пайдо буд, ки худро тасаллӣ медод, ки ҳар кадом бошад, бошад.

М. Д. бо сари хам ворид шуд.

– Чой дорӣ?, – рӯи сандалии утоқи нишеман сангин нишаст.

– Дорам. Як лаҳза, – бидуни ин ки бипурсад «Чи шуд? Чи хабар шуда? Чиро ин қадар нороҳат ҳастед?» Шарора сангин аз дари ошпазхона дарун рафт. М. Д. бар хилофи одати худ вориди утоқ шуда буд ва чашм ба ойинакориҳои сақф мунтазири пиёлаи чой буд. Шарора бо пиёлаи чой ворид шуд ва онро ба М. Д. дароз кард. М. Д. гуфт:

– Хеле вақт пеш бояд ба ту мегуфтам, ки мутаассифона дигар ба донишгоҳ наёӣ, беҳтар аст. Яъне..., – дасти чапашро рӯи зонувони худ гузошта буд ва ба он нигоҳ мекард. Беҳтар аз дасти худ дигар ҷой набуд, ки нигоҳашро пинҳон кунад, аз чашмони ҳайрону пурсони Шарора. – Яъне истеъфо бидиҳӣ.

– Ман? Чиро? Маро Шумо истихдом накардаед, ки битавонед ихроҷ кунед, – бо эътироз гуфт Шарора, ки аслан интизори ин ҳарфро надошт.

– Маслиҳат...

– Маслиҳат?, – ҳарфи М. Д.-ро бурида, аз ҷой бархост ва рӯи утоқ шурӯъ кард ба роҳ рафтан. – Маслиҳат! Пас Юнус Абдиевич ҳам дар ҷараён аст. Аслан ӯ аз Шумо хоста, то худаш маҷбур нашавад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бо ман рӯбарӯ шавад.

Ҳамчунон рӯ-рӯи утоқ роҳравон ингор бо худ ҳарф мезад Шарора ва ҳеч нигоҳе ба М. Д. намеандохт. Вазъи сархаму ноҳинҷори ӯ Шарораро низ нигарон карда буд. Чи шудааст, ки ӯ мавзӯъи суҳбати ин ду шахси аввали донишгоҳ шуда? Нигарон буд аз ин ки қарор аст пояш аз донишгоҳ канда бишавад. Аз донишҷӯҳое, ки бо онҳо дӯст шуда буд. Шуғли худро дӯст дошта буд. Аммо ҳоло агар истеъфои ӯ ба онҳо кумак мекунад, шояд бад набошад ба ин маслиҳат итоъат кунад. Аслан мондан дар маконе, ки дигар туро намехоҳанд, маслиҳат нест.

– Бале. Юнус Абдиевич аз ман хостанд, ки бо ту машварат кунам ва то замоне, ки вазъият ором бишавад, аз донишгоҳ фосила бигирӣ. Шароит, ки фароҳам шуд, дубора садо хоҳанд кард. Аммо то он бояд муддате аз марз хориҷ бишавӣ. Масалан, биравӣ Тоҷикистон. Ё ҳатто Қазоқистон. Замоне ки мушкил бартараф шуд, туро дубора садо мекунанд.

Шарора тавре вонамуд кард, ки ингор ҳамаро медонад ва ба ҷои ин ки бипурсад магар эшон истеъфо додаанд, пурсид:

– Яъне ман гунаҳкорам, ки истеъфо додаанд?

– Яке аз далоилаш ҳам ту ҳастӣ ва худат ҳам хуб медонӣ инро, – гуфт М. Д. ва Шарора бо таъаҷҷуб ба ӯ нигоҳ кард.

– Чиро ба ман нагуфтед? Барои ман, ки коре надошт донишгоҳ нарафтан. Ман худам истеъфо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

медодам. Яъне воқеъан барои ин ки маро ихроҷ накунанд, худашон истеъфо доданд? Боварам намешавад. Чизеро пинҳон мекунед, – дубора ба сандалии рӯбарӯи М. Д. нишаст Шарора.

– Як далелаш ту будӣ, дигараш ман. Ҳамон коллеҷе, ки қарор аст роҳ бияндозам, мушкил дуруст кард. Каме зуд буд барои ин корҳо.

– Ман дар ҷараён нестам. Чи коллеҷе? Бо ман ҳеч гоҳ дар ин бора суҳбат накардаед.

– Инро танҳо бо яке аз дӯстон матраҳ карда будам, вақте дидам мехоҳанд ба рӯзнома иҷоза диҳанд, фикр кардам шояд вазъият беҳтар шуда ва мешавад колеҷе ҳам роҳ андохт барои...

– Неъмат Асадуф хабаркашӣ карданд?, – ҳарфи ӯро бурид Шарора. Чун медонист ҳар навъ таъсиси тоза ба маънии шурӯъи кори сиёсӣ талаққӣ мешавад ва бояд идея аз ҷониби боло биёяд, на аз пойин ва манзураш аз хабаркашӣ ин буд, ки ба кори набояде даст задааст М. Д.

– На. Муҳим нест. Муҳим ин аст, ки тошкандиҳо фикр кардаанд, ки самарқандиҳо аз худ рафтаанд ва мехоҳанд аввалин коллеҷи хусусии кишварро роҳандозӣ кунанд.

– Кӣ метавонад бошад? Аслан чи навъ коллеҷе? Чиро ба ман нагуфтед? Ба ман эътимод надоштед?, – тоза ингор мутаваҷҷеҳи умқи роҳандозии коллеҷ шуда буд Шарора, ки шурӯъ кард ба сабки сангин амиқ тасаввур кардани ин идея. – Ҳеч вақт фикр намекардам, ки Шумо ба фикри шурӯъи кори ҷадид бошед. Ҳоло чи навъ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

коллеҷ буд? Магар қарор буд чи омӯзиш бидиҳед?

– Муҳим нест. Мехостам аввалин коллеҷи хусусиро дошта бошам. Яке аз ошноҳои қадимӣ ҳам ваъдаи кумак карда буд. Аз замони корам дар Молезӣ мешинохтамаш. Намедонистам, ки шаҳрванди Омрикост ва будҷе аз Омрико хоҳад расид.

– Чи аҷаб! Аз империёлистҳо будҷе бигиреду коллеҷ таъсис диҳед? Он ҳам дар ин замони ҳассос, ки маълум нест фардо чи мешавад. Ба чи фикр мекардед? Ин ҳама ҳарфҳо шуда ва ман бехабар! Ҳоло Юнус Абдиевич куҷо ҳастанд?

– Намедонам. Итеъфо доду савори мошин шуду рафт. Эҳтимолан Тошканд рафт. Муҳим нест куҷо рафт, бармегардад. Муҳим ин аст, ки ин донишҷӯҳо то ӯ наёяд, ором намегиранд. Ҳоким занг зада, ки бачаҳоятонро аз дами дари ман ҷамъ кунед. Метарсам аз ин ки биравам худамро даргир кунам. Аслан касе ҳам ба ҳарфи ман гӯш намекунад. Муҳимтар аз ҳама, гунаҳкори ин ҳама балво манам. Агар ба ман ҳамла кунанд, чӣ? Ҳамаро ба рӯям бикашанд, чӣ? Инҳо хуб баладанд бачаҳоро муқобили ман тезонанд, – М. Д. аз ҷой бархосту рӯи утоқ шурӯъ кард ба қадам гузоштан. Аммо арзи утоқ ба ӯ иҷоза намедод, ки беш аз чаҳор ё панҷ қадам ба як сӯ бигзорад. Зуд давр мезаду ба сӯи дигар қадам мебардошт ва ангуштони дастонашро ба ҳам месобид.

– Нигарон набошед. Дуруст мешавад. Ман меравам байнашон, бибинам чи мегӯянду чи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мешавад кард, – гуфт Шарора ва хост аз ҷой бархезад, ки М. Д. даст ба шонаҳои ӯ гузошт:

– Ту бояд аз марз хориҷ бишавӣ. Танҳо кумаке, ки ту метавонӣ бикунӣ, ҳамин аст. Хоҳиш мекунам. Шӯхӣ нест. Ҷиддӣ мегӯям. Омадам, ки ҳаминро ба ту гӯям. Юнус Абдиевич ба ман шахсан супориш додаанд, ки туро аз марз хориҷ кунам. Ин яке аз шартҳои Тошканд аст. Шояд ҳанӯз бишавад Юнус Абдиевичро баргардонд сари кор, – гуфт М. Д., ки ин бор ингор илтиҷо мекард аз Шарора, ки биравад.

Аммо Шарора бо шайтанат дастаи рӯзномаро аз рӯи миз гирифту ба М. Д. дароз кард.

– Ин чист?, – бо нигаронӣ пурсид М. Д.

– Ойина!, – бо шодӣ гуфт Шарора.

– Ту ҳеч вақт аз ин корҳо даст намекашӣ, на? Мутаваҷҷеҳ нестӣ!, – ба асабоният гуфт М. Д. – Агар инро дар утоқат пайдо кунанд, медонӣ, ин ҳама талоши мо ҳадар меравад.

– Чиро бояд даст бикашам? Рӯзномаи зерзаминӣ[1] нест. Бо иҷозаи шахси ҳукумат дар чопхонаи ҳукумат чоп шудааст. Ҳазор нусха албатта кофӣ нест...

– Ту поятро аз ин корҳо берун бикаш, духтар. Мутаваҷҷеҳ нестӣ, на?, – асабонӣ шуд М. Д.

– На. Ман аз ин насимҳо намеларзам!, – гуфт бо қотеъият Шарора ва инҷо буд, ки М. Д. аз ҷой бархосту дами дар рафт ва қабл аз ин ки аз дар

[1] Зерзаминӣ – яъне ғайрирасмӣ ва пинҳон ё махфӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

берун бираваd гуфт:

– Манро бибин, назди кӣ омадаам дарди дил мекунам. Ту худхоҳтарин зане ҳастӣ, ки дар умри худ мебинам. Ҳозирӣ сари ҳамаро барбод бидиҳӣ, то як лаҳза дилат хуш бошад, – М. Д. инро гуфту дарро пушти сари худ басту рафт.

Шарора аз як тараф шод буд, ки Нозим дар хона набуд ва аз тарафи дигар шод набуд, ки зуду нороҳат рафт. Аммо куллан нороҳат буд, ки дар истеъфои раиси донишгоҳ фаъъолиятҳои ӯ ҳам таъсир доштааст. Дилаш мехост бираваd бо донишҷӯён ҳамроҳ шавад, аммо асабонияти М. Д. ӯро ба мулоҳиза мекашид. Ҳадс мезад, ки қарор аст зери чатри интишори рӯзнома иттифоқҳое биюфтад, ки аслан ба манфиъати онҳо нахоҳад буд. Тиқ-тиқ задани нохун ба дар Шарорaро ба худ оvard. Нозим буд. Бо чашмони шод ворид шуд.

– Боварат намешавад, чи шуд!, – дар ҳоли овехтани кути[1] худ гуфт Нозим.

– Чӣ?, – бо камтарин эътино пурсид Шарора, ки ҳанӯз сари ҳамон сандалии рӯбарӯи сандалии холии М. Д. нишаста буд.

– Донишҷӯҳо мехоҳанд эътисоб кунанд. Мегӯянд, то Юнус Абдиевич сари кор барнагардад, пушти дари ҳокимият мемонанд ва таҳассун[2] мекунанд.

Шарора фурсати суол додан наёфт, ки садои

[1] Кут - костюм

[2] Таҳассун – баст нишастан, дар масҷид ё ҳисор ё назди сохтмони давлатӣ ба эътироз нишастану аз онҷо берун нарафтан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

донишҷӯён аз хиёбони назди ҳокимият баланд шуд. Ҳама бо ҳам исми раиси донишгоҳро такрор мекарданд. Танҳо исми ӯро такрор мекарданд ва дигар ҳеч. Шарора ва Нозим берун давиданд.

Садои донишҷӯён хоби садсолаи шаҳрро шикаста буд. Чунин шӯреро шаҳр дар ёд надошт. Шӯри талабу шӯри эътироз рӯъёи фаромушшудаи мардуми шаҳр буд. Донишҷӯён ингор чизе ба ғайри исми раиси донишгоҳ балад набуданд. Исми ӯро мукаррар такрор мекарданд ва бо ин исм ингор ҳамаи дархосташон мушаххас буд.

Ҷои хона мондан набуд. Рафтанд берун. Ҳамсояҳо ҳам берун омада буданд. Дар як он пулис хиёбонро басту даври донишҷӯён ҳалқа зад. Мошинҳои пулис сари роҳи онҳо пушти сари ҳам қатор турмуз заданд ва роҳи издиҳомро бастанд. Аммо донишҷӯён бар хилофи интизори пулис аз рӯи мошинҳо рад шуданд ва ба сӯи бинои ҳокимият рафтанд. Шарора талош мекард аз ину он бипурсад, ки чи хабар? Чи шуда? Аммо боз ҳам танҳо Нозим буд, ки посухи ҳамаи суолҳои ӯро медод.

– Раиси донишгоҳро маҷбур кардаанд истеъфо диҳад. Мегӯянд бо ҳоким даъво карда ва ӯ ҳам узрашро хоста. Ӯ ҳам бо қаҳр истеъфо дода ва савори мошин шудаву ба Тошканд рафта, ки эътироз кунад. Донишҷӯҳо мехоҳанд ӯ баргардад. Гуфтанд, то ӯ барнагардад, вориди донишгоҳ намешаванд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Нозим ҳарфашро тамом накарда буд, ки садои баландгӯ шунида шуд:

– Ҷавонони азиз, ба донишгоҳ баргардед. Раиси донишгоҳ бо далоили шахсӣ ва кори фаврӣ ба Тошканд рафта ва бармегардад. Ҳар касе, ки то даҳ дақиқаи дигар хиёбонро тарк накунад, аз донишгоҳ ихроҷ мешавад.

Ғулғулаи донишҷӯҳо баландтар шуд:

– Дурӯғи маҳз!

– Ихроҷ кунед!

– Донишгоҳи бе Юнус Абдиевич даркор не!

Иддае ҳам ба такон додани мошинҳои пулис шурӯъ карданд. Садои баландгӯ маҳв шуд. Даҳ дақиқа ҳам нашуд, ки пулиси мусаллаҳ дар баробари донишҷӯҳо саф кашид. Донишҷӯҳо ҳама сина сипар карда буданд, аммо аввалин садои такшиллик[1] ба ҳаво ҳамаро рам дод[2]. Донишҷӯҳо аз рӯи мошини пулис бо ҳарос ҷаҳида, роҳи фирорро пеш гирифтанд. Зану мард ва кӯдакони давру атроф, ки аз ин бесарусомонӣ ҳеч намефаҳмиданд, бошиддат тарсида буданд ва ба сӯи хонаҳои худ медавиданд. Пулис аммо донишҷӯёнро дунбол мекард. Як тири холӣ ба ҳавои тамом хосту хиёли шаҳрро пароканда буд ва он гурбаи сиёҳи тарсро дубора дар бағали ҳамаи сокинони шаҳр ҷо карда буд. Шарора низ ҳамроҳи Нозим низ бо мавҷи фирориён ба сӯи опортумони худ ронда шуданд. Шарора ба сӯи манзил давид то

[1] Такшиллик – як тир андохтан

[2] Рам додан – рамондан, гурезондан, тарсондан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ба М. Д. занг зад.

– Чи хабар аст? Чи шуда?

– Ҳамон, ки гуфтам. Чизи ҷадиде нашуда, – бо оромиши маъсуме гуфт М. Д.

– Яъне чӣ, ҳеч чиз нашуда? Донишҷӯҳо, истеъфои раис, тирандозӣ ҳеч чиз нест?, – бо асабоният аз оромиши М. Д. садои худро боло бурд Шарора.

– Ҳаст, аммо ба ману ту рабте надорад, – талош мекард чизе пои телефон нагӯяд М. Д., бо ин ки аз лаҳнаш маълум буд Шарора ӯро ба ҳолаш нахоҳад гузошт. – Ту омодагии худатро бибин. Бояд аз марз биравӣ, – мавзӯъро дигар кард М. Д.

– Ман ҳеч омодагӣ намебинам ва ҳеч ҷое ҳам намеравам, – бо қотеъият гуфт Шарора ва мутаваҷҷеҳ аз ин ки ҳеч ҳарфе пои телефун нахоҳад аз М. Д. шунид, гӯширо гузошт, ба ин умед, ки М. Д. боз ба диданаш биёяд.

Аммо як соъат гузашт, ӯ наёмад. Ду соъат гузашт, наёмад. Шарора аз дидани Нозим асабонӣ буд. Чиро инҷо мондааст? Чиро намеравад? М. Д. дар чи ҳол аст? Раиси донишгоҳ куҷост?

– Телефун, – гуфт Нозим хаёли Шарораро пароканда.

– Бале, – бо аҷала гӯширо бардошт Шарора, ки ҳайрон буд чиро садои онро нашунид.

– Ҳама чиз хуб аст. Юнус Абдиевич баргаштанд сари кор. Ҷои нигаронӣ нест, – садои М. Д. пушти хат оромиши нарму сирояткунандае дошт.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Пас ҳама чиз ҳал шуд? Истеъфояшон чи шуд?

– Ҳамэш нағз. Пештара барин, – суҳбатро кӯтоҳ кард М. Д. ва идома дод, – тайёр шудан гир.

– Ман...

– Бошад, то баъд...

Биб, биб, садои қатъи телефун меомад, вақте Шарора гуфт, «ман ҳеч куҷо намеравам!» Гӯширо кӯбид ба сари телефун ва бо қаҳр ба Нозим нигоҳ кард, ки пурсида буд:

– Куҷо бояд биравӣ?

Шарора тасмим гирифта буд маслиҳатро бо ӯ дар миён нагузорад. Тасмим гирифта буд мунтазир бимонад, то ин ҳарфро аз забони худи Юнус Абдиевич бишнавад. Ба М. Д. эътимод надошт. Эҳсос мекард, ки ниёзе ба рафтани ӯ нест. Ниёзе ба тарки хок кардани ӯ нест. Он ҳам дар ин давроне, ки ҳамаи кишварҳои ҳамсоя дар гиҷӣ ва бесарусомонӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замоне ки марзҳо, дарҳову дарвозаҳо маълум нест чигуна пас аз ин бозу баста мешаванд, кадом аҳмақ сафар мекунад! Айни даргириҳои дохилии Тоҷикистон, ки бародар бародар мекушад, ки саҳми бештар дар қудрат дошта бошад, ӯ биравад, ки чи шавад? Чи бигӯяд? Ҳатман ба ӯ хоҳанд хандид. Ҳатман ӯро кӯдак ва булҳавас хоҳанд хонд, ки дар ин замоне, ки бародар аввал сари бародар мебурад ва баъд мепурсад, ки гуноҳаш чи буд, ӯ дар фикри эҳёи фарҳанг аст? Шарора ҳеч вақт посухи суоли худро дар хориҷ аз Самарқанд намеҷуст. Мушкил ҳарҷо,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

роҳи ҳал ҳамон ҷо. Аслан дунболи ҷои амн ҳам нест. Аслан амнтар аз Самарқанд куҷост барои ӯ? Амнтар аз Ватан куҷост барои банӣ Башар? Бештар аз Самарқанд дигар куҷо ҳам ба ӯ ниёз дорад. Шарора аҳд карда буд, ки ҳеч гоҳ ва ҳеч вақт ва барои муддати кӯтоҳе ҳам Самарқандро тарк накунад. Ҳатто дар осудатарин даврон низ. Ҳатто барои сафари наздик низ. Ҳатто барои дидани ҷаҳон низ. Ӯ ҷаҳонро дар Самарқанд пайдо карда буд ва то абадият агар ҳам зинда бимонад ва мамнуъулхурӯҷ[1] аз Самарқанд бошад, як зарра ҳам ҳавсалааш сар нахоҳад рафт. Як лаҳза ҳам булбулаш ёди биҳишти омодаи дигарон нахоҳад кард. Чи бирасад дар ин даврони таъйинкунанда ва ҳассос. Ӯ худро чун мех дар хоки Самарқанд кӯфта буд ва ҳеч дасте наметавонист ӯро аз ин меҳвар берун бикашад. Ҳадди ақал ӯ чунин фикр мекард.

## Шоир ва модараш

Вақте Шарора ва Нозим тарсону муҳтот вориди хиёбони маҳалли зисти шоир шуданд, касе дар хиёбон набуд. Нимрӯзи доғи тобистон сокинони шаҳр ва маҳал дар утоқи хунуке паноҳ бурда буданд, дар соярӯшани телевизиюн, дар хабаре, ки бисёриҳо дар кӯчаву хиёбон аз он ба

[1] Мамнӯъулхуруҷ – касе, ки хориҷ шуданаш аз кишвар мамнӯъ аст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

унвони охируззамон ёд мекарданд. Марде мегуфт охируззамон он мавқеъ мерасад, ки вақте марде рӯи санге меистад ва паёми Худоро мерасонад ва садои ӯро бо қудрати Худои азиму меҳрубон ҳамаи мардуми ҷаҳон мешунаванд. Он санг ҳамин телвизиюн аст, мегуфтанд пирамардҳо, ки одат доштанд дар чойхонаи маҳал даври ҳам бинишинанд ва дар ҷамъи пиронаи худ эҳсоси амният кунанд. Куҳансолҳое, ки ҳамеша дар ҳубоби ҷудогонаи худ зиндагонӣ мекарданд, ва аз кишваре ба номи СССР бардошти комилан мутафовите бо насли ҷавон доштанд. Албатта, онҳо ҳам вақте ҷавон буданд, хориҷи ин ҳубоб кору боре дар иҷтимоъ доштанд, аммо одати мардуми маҳаллӣ буд, ки ҳарчи пиртар, ҳамон қадар дур аз амнияти давлатӣ ва ҳамон қадар мунзавӣ дар ҳубобҳои маҳаллии худ. Ҳарчи қадар наздиктар ба поёни умр, ҳамон қадар наздиктар ба тарси хафакунандаи дӯзах ва рӯъёи ширини фаровонии биҳишт мешуданд ва ҳамон қадар машкуктар ба биҳиште бо номи кумунисм.

Ҳамаи дарҳо баста ва ҳамаи сагҳо ҳушёр ва дар ҳоли аккос задан ғуруби хунини тобистонро метарсонданд ва ба таъвиқ меандохтанд[1]. Аммо маълум буд аз рӯи одат ва ғариза ин корро мекарданд, вагарна ҳавсалаи аз ҷой ҷунбидан надоштанд сагони лоғар, ва устухонҳои дамида аз гулдони ҳар мафсали[2] хушкида ва

[1] Ба таъвиқ андохтан – ба таъхир андохтан, ақаб андохтан

[2] Мафсал – пайвандҳои бадан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

фурӯрафтаашон. Ҳама бо ҳам шурӯъ мекарданд, ки ҷуброн кунанд заъфи садо ва коҳиши убуҳҳаташонро ва ҳама бо ҳам як ба як ором мешуданд. Тамоми сагҳои шаҳр ва ҳатто рустои зодгоҳаш ин хислатро пайдо кардаанд. Сагҳо иттифоқтар мешуданд ва мардумон аз ихтилофи назари шадид дар бораи оянда ва мафҳуме ба исми Ватан аз ҳамдигар кина меварзиданд. Дигар на косаи шӯрбое ба ҳамсоя мерафт ва на пиёлаи шире ва кулӯчае ҷуфт-ҷуфт меомад. Расмҳову одатҳо ҳам ингор бо Шӯравӣ мунҳал мешуданд[1]. Шӯравӣ мисли дарё ба замини Самарқанд ҷазб мешуд ва аз худ шӯразоре боқӣ мегузошт. Намак дар конҳои пешонаи мардум захира мешуд, зам мешуд. На танҳо ашк, балки ҳоло дигар лабхандҳо низ шӯр шуда буд.

Шарора ба атроф нигоҳ кард, ки бипурсад кадоме аз ин деворҳои хиштин манзили модари шоир аст. Касе дар атроф набуд. Аммо аз дур садои тори шоир танбалона баланд шуд. То пойини хиёбон қадам заданд ва билохира радди навои торро гӯшҳояшон беҳтар ташхис медод. Садои тор шӯр надошт ва ташнагиовар буд, вақте онҳоро назди хонаи пасту деворҳои гилияш кашонд. Деворҳои ранграфтаи хона бо бақия хонаҳои ҳамсояҳо тафовут надошт.

Нозим дар зад. Касе ҷавоб надод. Тор ҳамчунон ночор ва ингор аз сари иҷбор баланд

[1] Мунҳал шудан – ҳал шудан, барчида шудан, гум шудан, аз миён рафтан, гусаста шудан, гусехта шудан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

буд. Садои шоир низ дилу нодилон баланд шуд. Ин таронаи шоир ба гӯши Шарора ошно буд, аммо аз он шӯру шавқу даъвате, ки дар он ичро шунида буд, ингор канда шуда буд ва дар ин хастагии сирояткунандаи тор пажмурда ва рехта буд.

Борҳо гар хоназиндон гаштаам,
Гоҳ зери путки сандон гаштаам.
Аз ғазаб лаб зери дандон гаштаам,
Муддаъӣ, бишнав ба ду гӯшат, бидон,
Ман натарсам, то натарсад ин ҷаҳон.[1]

Дарро касе боз накард. Нозим ба сӯи панҷарае рафт, ки гарчи баста буд, аммо садо аз он берун мезад. Ба атроф нигоҳ карданд. Касе набуд. Пас ин ки мегуфтанд ҳар рӯз бо навбат ду пулис аз манзилашон нигаҳбонӣ мекунанд, дурӯғ буда? Ба ҳамдигар нигоҳ мекунанду дигар маънои тарона дағдағаи[2] онҳо набуд. Танбалӣ ингор рӯи вожаҳо пардае кашида буд. Ҳамаро так-так мешуниданд ва маънии калимаро ҳам медонистанд, аммо дар кул фаҳмидани ин ки маъно ва аслан пайғоми тарона чист, кори осоне набуд. Бо он офтобе, ки мағзҳоро макида буд ва бо он ташнагӣ, ки лабҳоро дарида буд ва бо он гушнагӣ, ки рӯдаҳоро ҷафида[3] буд, ба дарак[4] буд, воқеъан ба дарак буд, ки

[1] Шеър аз Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ

[2] Дағдаға – изтироб, бим, нигаронӣ, ташвиши хотир, дилвопасӣ
[3] Ҷафидан – ҷавидан, ба худ кашидан, макидан
[4] Ба дарак – арзиш надоштани як чиз, муҳим набудани он

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

маънии тарона чист:

...Ёру дӯстонам агар бифрӯхтанд,
Оташи хашмам зиёд афрӯхтанд,
Баъд аз он бар вартае андохтанд
Муддаъӣ, бишнав ба ду гӯшат бидон,
Ман наранҷам, то наранҷад ин ҷаҳон.

Тамоми хитобҳоро маҳвшуда ва беҷону нотавон мехонд. Нозим ба панҷара нохун зад. Модари шоир пардаро канор кашиду гуфт:

– Кист? Дароед, дар боз!

– Агар дилу гурда доред, албатта!, – баланд хандид шоир.

Нозим ва Шарора бидуни ин ки чизе бигӯянд, сӯи дарвоза қадам мезананду вориди ҳавлӣ мешаванд. Дар воқеъан ҳам нимабоз буд.

– Ҳо. Туӣ бачем, – нимрух Шарораро дида, гуфт шоир.

Баъд аз ҳолпурсӣ ва гилагӯиҳои шоиру модари пираш аз танҳоӣ ва музоҳиматҳои пулис, Шарора ва Нозим мутаваҷҷеҳ шуданд, ки мумкин аст ҳар лаҳза пулиси навбатдор бирасад. Хоназиндон будан барояшон мафҳуми гунге дошт. На пулисе пушти дар диданд ва на милаҳои оҳанин пушти панҷараҳояшон коштаанд. Аммо аз шоир ва модараш шуниданд, ки пулисҳо пушти дар ва гоҳе сари суфра бо онҳо менишинанд, ки ҳарфи сиёсӣ назананд, бо телефун суҳбат накунанд ва касе ба ғайр аз хешовандони наздик вориди ҳавлӣ нашавад. Кифҳои хешовандонро низ бозҷӯии сарсарӣ мекунанд, ки навиштаҳои шоирро аз

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳавлӣ берун набаранд. Мошини чопашро мусодира карда буданд. Шоир гоҳе шабҳо ё пинҳонӣ дар коғаз шеъре менавишту зери сандалӣ ва ё дар дохили болини панбаии худ медӯхт. Ҳамаи инҳоро бо садои пасту бо ишораи сар ба сӯи болиши зери дасташ ба Шарора мегуфт шоир. Шоир ва модараш дар ҳабси маънавӣ ба сар мебурданд. Худи онҳо дарвоқеъ озод буданд, балки фикру андешаи онҳо буд, ки маҳбус буд. Дар фикру андешаи мардум шоир ва модараш мамнӯъ-аз-дидор ва мамнӯъ-аз-гуфтор бо ҳамаи сокинони шаҳр буданд. Инҷо тарсу ҳамнишинӣ бо ин ду ҷисми лоғару тани фарсуда далел дошт. Он ҳам эҷоди ғулғулаи умед дар дилҳои сокинони шаҳр буд, ки ҳукумати маҳаллиро тарсонда буд, ларзонда буд ва роҳе ба ҷуз мунзавӣ[1] кардани ин ду надошт. Афкору ҷасорати ин ду буд, ки зиндонӣ буд, на ҷисмашон. Дару девори шоир ва модараш боз буд ва дарвоқеъ деворҳои баланди маҳбас дар зеҳни сокинони шаҳр барафрошта буд ва симхорҳои сахтгузаре, ки кашида буданд, ва камтар касе пайдо мешуд пеши худ мисли Нозиму Шарора ба ин фикр биюфтад, ки «биё биравам бо чашми худ бибинам». Аз бас касе ба дидани ин ду намеомад, ки онҳо низ бовар карда буданд, мумкин аст муҷозоте дорад ин деворҳо. Ҳазина дорад сар кашидан аз деворҳои маҳбаси зеҳн ва

[1] Мунзавӣ кардан – дар инзиво қарор додан, гӯшанишин кардан, аз мардум дур нигаҳ доштан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

сар кашидан аз панҷараи фузулӣ[1]. Модари шоир нигарон буд аз омадани ин ду ва мавзӯъро тағйир дод:

– Ту писари Шамсиддин нестӣ?

– Бале. Шумо падарамро мешинохтед?, – таъаҷҷуб кард Нозим.

– Ҳа нағз мешинохтам. Писари хуб буд. Як себи дукафон ҳастед, ба ҳам монанд. Бисёр ҳам монанд.

– Садояш ҳам ҳатто монанд, ҳо модар?, – гуфт шоир, ингор хоназиндон будан чизе шабеҳи сармохӯрдагӣ бошад, ёдаш рафта аз шикваҳои қаблӣ, дар лабонаш лабханд нишаста буд.

– Дуруст мегӯӣ, овозаш ҳам монанди овози падараш. Чи шуғле дорӣ писарам?, – бо лабханди меҳрубон пурсид пирзан, ки дигар дастонаш меларзид, вақте пиёлаи чойро аз дасти Шарора мегирифт.

– Ман..., – каме сукут кард Нозим. Сари худро пойин карда буд Нозим ва намедонист чи бигӯяд.

– Рӯзноманигор аст, – миёни сукути ӯро бурид Шарора.

– Ман, росташ, ҳеч вақт ҷое кор накардаам, – гуфт Нозим бо шармандагӣ.

– Шумо ҳарду магар дӯст нестед? Чиро аз шуғли ҳамдигар хабар надоред?, – ба суҳбати онҳо ҳамроҳ шуд шоир.

– Дӯстони хубе ҳастем, аммо ҳеч вақт аз кору бори ҳамдигар напурсидем. Ман ӯро ҳамкешу

[1] Фузулӣ – мудохилаи беҷо дар кори дигарон

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳамандеш худам мепиндорам, – хандаи шармгине мекунад Шарора ва бо ибораҳои шоъирона посух медиҳад:

– Ту чикора, ки нестӣ!, – механдад шоир.

– Бале. Шарора ҳар як панҷааш ҳунар, – аз Шарора ситоиш мекунад модари шоир, тавре ки ингор мехоҳад Нозим ва Шарорaро бо ҳам беҳтар ошно кунад.

– Бале. Мисли ман бекору беҳунар нест, – сари худро баландтар бармедорад Нозим.

– Моҳпешона аст духтарам. Ҳарҷо меравад, радди нураш пайдост, – ситоишро идома медиҳад модари шоир, ки аз дидани ин ду ҷавон ҳоло хушҳолтар ба назар мерасид. Ҳатто шодӣ мекард, ки писарашро фаромӯш намекунанд насли ҷавон ва хатар дошта бошад ҳам, аз ӯ суроғ мегиранд.

– Пулисро зуд ҳидоят мекунад, гӯй!, – гуфт бо шӯхиву киноя шоир. – Хуб аст, ки боз бахташ баланд будааст, мисли ман керихарпешонӣ нашудааст, – баландтар аз қабл механдад шоир ва аз чашмонаш ашк мерезад. Лухтбаён, урёнгӯ ва бадпир шуда буд шоир. Чи бихандад ва чи гиря кунад, аз чашмонаш яксон ашк мерехт ва ӯ бо пушти ангуштонаш онро пок мекард ва ҳар ҳарфе ба забонаш меомад, мегуфт. Шаф-шаф гуфтан ҳолашро бадтар мекард, шафтолу мегуфт ва хаёли худашро роҳат мекард ва роҳатии ҳамсуҳбаташро мезад зери бағал. Ингор мегуфт, «ба садқаи сарам!»

– Забонат аз ҳад дароз шудааст, писар! Ин

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҷавонҳо одат надоранд ба ин ҳазлҳои харакии ту, – тазаккур медиҳад модар.

– О, аз ҳамин ҷавонҳо тарс!, – шӯхиро идома медиҳад шоир.

– Мо вақти зиёде надорем. Танҳо омадем аз шумо аҳвол пурсему биравем. Метарсем ба шумо ва ҳам ба Шарора дардисар изофа шавад, – ногаҳон гуфт Нозим, аммо мутаваҷҷеҳ шуд, ки Шарора аз ин ҳарфи ӯ каме худро гирифту ба ӯ тунд нигоҳ кард.

– Бале. Медонам. Хатар кардед, омадед. Ман шӯхӣ мекунам. Ба дил нагиред, – ба ҳолати Шарора пай бурда, гуфт шоир. Модари ӯ низ мутаваҷҷеҳ буд, ки Нозим аз ин ки бо онҳост, нигарон аст ва ин Шарора аст, ки ӯро бо худ оварда.

– На. Чиро ба дил бигирем? Тарсу хатаре ҳам надорад. Ҳеч гап намешавад, – каме хост тасаллии сатҳӣ ба Нозим бидиҳад Шарора.

– Коре аз дасти мо бармеояд?, – мепурсад Нозим, ки ингор мехост ҳар чи зудтар худоҳофизӣ кунад.

– Коре барои мо на. Коре барои рӯҳи падарбузургат бикунӣ, ба мо ҳам кумак кардаӣ, – мегӯяд модари шоир.

Нозим ҳарҷо мерафт, аз падарбузургаш мешунид. Ҳар касеро медид, падарбузурги ӯро мешинохт. Аслан далели бекории ӯ ва ҳам падару модараш низ ҳамин табъиди падарбузургаш ба Сибрӣ буд. Ҳама гумон доштанд, ки онҳо зару

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

зевари падарбузурги худро пайдо кардаанд ва онро кам-кам мехӯранд. Вагарна чи тур ҳарсе бекор ин ҳама муддат ба сар мебаранд. Модараш, ки шавҳари дигар кард, исми хонаводагии худро тағйир доду роҳат шуд. Падараш сакта кард ва дар панҷоҳсолагӣ мурд. Ӯ монда буд ва хонаи падарбузургаш, ки намедонист бо он чи кор кунад. Тахриб кунад? Нашавад. Ҳамдевор бо ҳамсояҳост. Бифурӯшад, касе намехарад. Биравад ҷои дигару иҷора диҳад, намешавад. Ин хона бадномтарини хонаҳои шаҳр аст ва ҳатто ҳамсояҳо ҳам бо ӯ ҳарф намезананд. Танҳо дӯсте, ки дар тӯли умр дошта, ҳамин Шарора аст. Касе, ки дарк мекунад падарбузурги ӯ дарвоқеъ на душмани миллат буда ва на хиёнаткор. Худи Шарораро ҳам шабеҳи падарбузурги худ медид ва эҳсос мекард, ки агар дар канори Шарора бошад ва ба ӯ кумак кунад, рӯҳи падарбузургаш аз ӯ розӣ хоҳад шуд. Барои ҳамин талош мекард ӯро аз тасмимҳои зарарнокаш фориғ кунад. Вале аз ин мавриди охир натавонист ҷилавгирӣ кунад. Аз омадан назди шоири пир. Аммо магар мешавад Шарораро аз тасмимаш бигардонад? Агар мо наёем, дигарон наёянд, вазъияти шоиру модараш мисли вазъияти падару модари ӯ мешавад. Ба хотири табъиди падарбузургаш касе аз дарашон дохил намеомад. Бахши зиёди ин ҳама тарсу мунфаъилии афроди шуҷоъ мулоҳизаҳои мардум аст. Мо мардуми тарсуе ҳастем. Ман ҳам тарсуе беш нестам. Ҳоло шумо бигӯ мулоҳиза. Вале дар асл ин тарс аст, ки

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бо исмҳои муътабар рӯпӯш мешавад. Нозим дар фикр ғарқ шуда буд ва ингор маълум буд, ки ба чи фикр мекунад. Дар чашмони ӯ ҳам тарсу ҳам шуҷоъат ва ҳам ғамхориву нигаронӣ бо ҳам мавҷ мезад. Аз ҷой нимхез шуд Нозим ва гуфт:

– Мо бояд биравем. Агар воқеъан коре нест, ки анҷом диҳем. Як дуъо кунед ...

– Дуъо кунед, модарҷон, – гуфт Шарора ба ҳарфи ӯ ҳамроҳ шуда ва бо оромише, ки ингор тамоми вақту замони дунёро дошт, то ин дуъоро бишнавад. Бидуни ҳеч нигаронӣ ва асабоният ба дастони ларзони модари шоир нигаристу ба тори ҳанӯз дар дасти шоир. Шояд ӯ низ дӯст дошт таронае барояшон бихонад. Ҳарду тақрибан ҳамранг шуда буданд. Сӯхтаву тира ба сони чӯби чормағз. Шарора дилаш мехост бимонад, аммо нигаронии Нозим ингор бештар обрӯрезӣ буд ва мехост аз ин ҳолат ҳамаро раҳо кунад. Маълум буд берун байни ӯ ва Нозим даъвои асосӣ хоҳад шуд.

– Шарораҷон, ҳамеша дуъогӯи ту ҳастам. Дар ин дунёи марднағбин, мо занҳо зиёд азоб кашидем. Медонӣ туро чи қадар дӯст дорам? Дилам чанд рӯз аст ҳаваси оши орд карда. Қарор буд арӯсамон биёяду бипазад, аз субҳ аз ӯ хабаре нест. Биё, ман бигӯям, ту бипаз, бо ҳам мехӯрем. Аз гушнагӣ дар ҳоли заъф ҳастем, ҳам ман ва ҳам устодат. На нагӯ, бачем. Орд ҳаст каме ва мост ҳам дирӯз зани амӯзодаам оварда буд. Дар он дарахти рӯи ҳавлӣ овехт ба фикрам? Хайр, духтарам. Як кори савоб кун.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Ин ҳарфи модари шоир беш аз дуъо ба Шарора хуш омад. Ингор занҳо вазъиятро ба дасти худ гирифта буданд ва мехостанд ҳеҷ кори сиёсӣ накунанд ва ҳарфи сиёсӣ ҳам назананд, аммо оши орде даври ҳам бихӯранд. Барои ин кор магар мешавад касеро ҷазо дод? Ҳарчанд ҳузур дар ин манзил худ кори сиёсӣ буд. Аммо бо ин ки умумӣ эълом нашуда ва ҳамаи сокинони шаҳр мутталеъ нашудаанд, ки дидор бо шоир мамнӯъ аст, мешуд ин қонуни нонавиштаро бо каме ҷасорат ва каме пуррӯӣ давр заду[1] тавҷеҳ кард[2].

– Ба ҷону дил, – гуфт Шарора ва аз ҷой нимхез шуд, то остин барзанад. Аммо Нозим мехост чизеро миёни дандонҳои худ бигзорад. Аз нигаронӣ фукаш ба ларза даромада буд ва метарсид садо диҳад. Ӯ ҳам аз ҷой бархост, ки ба Шарора кумак кунад.

– Бо ҳам анҷом диҳед, нағзтар. Зудтар омода мешавад. Бо ҳам мехӯрем. Аммо эҳтимолан ҷурғот кам аст барои чор нафар.

– Ҳеҷ гап не. Ман ҷурғот зиёд намехӯрам, – гуфт Нозим ва дарро пушти сари худ бастанӣ шуд, то битавонад Шарораро канор бигираду ёдоварӣ кунад, ки «Бояд зуд аз инҷо биравем. Магар нагуфта будӣ даҳ дақиқа?»

– Дарро боз бигзор, бачем. Аз гармӣ мемурем

[1] Давр задани қонун – яъне бе он ки қонунро зери по кунед, хилофи онро анҷом додан, мамнӯъияти қонуниро канор задан
[2] Тавҷеҳ кардан – ваҷҳ овардан, далел овардан, асоснок кардан (оправдывать)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

инҷо мо ҳарду, – гуфт модари шоир.

Шарора ордро дар дег рехту бидуни тухми мурғ бо каме рӯғани панба, ки бо роҳнамоии модари шоир пайдо кард, омехту об рехт ва зувола кард ва бидуни ин ки соъате онро бихобонад, паҳн карду нозуку борик буриданӣ буд, ки модари шоир гуфт:

– Ман чортика нағз мебинам, духтарам. Реза-реза хурд накун, хӯш?

– Пас оши орд на, балки оши туппа мешавад, – гуфт Шарора.

– Офарин! Номашро ҳам медонад. Ҳар ангуштат сад ҳунар аст туро, гӯям хато накардаам, – шодӣ кард модари шоир.

Шарора бо лабханд машғули бехтани каме орди бештар ва паҳн кардани зуволаҳо шуд ва чанд тиккаро ҳам ба сӯи Нозим тела дод. Нозим канори деги дигар назди оташдон дар ҳоли ҷӯшондани об буд. Хамирҳои чоргӯш буридашударо гирифту ба оби ҷӯшон андохт. Ҳамаро ба ҳамин шева дар об ҷӯшонда бардоштанд ва рӯи бушқобҳои паҳни сафолини самарқандӣ рехтанд. Рӯяш каме пиёз доғ карданду рехтанд ва бо косаи мост вориди утоқи шоир ва модараш шуданд. Баҳ-баҳу чаҳ-чаҳи шоир ва модарашро поён набуд. Бо шодию сафо ҳарду бушқобро чор нафар хӯрданд.

Рӯз низ орому нарм шом шуда буд ва торикӣ хокистари худро дар қоби панҷара дар баробари нигоҳи нигарони Нозим бехта буд, ки садои задан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бар дар баланд шуд.

– Омаданд, – гуфт шоир.

– Кӣ?, – пурсид Нозим нигаронтар аз қабл.

– Милиса аст, аз афт, – гуфт шоир.

– Чи кор кунем? Набояд моро инҷо бибинанд, – гуфт Нозим бо таъкиде, ки то ҳол барои ҳама рӯшан карда буд, ки аз рӯбарӯ шудан бо пулис тарс на, ваҳшат дорад.

– Бале. Медонам бачем. Онҷо дароеду дарро бибандед. Ҳар вақт садо додам, аз панҷара бипаред берун.

– Панҷараҳоро аз дарун қуфл заданд, фаромӯш кардӣ?, – гуфт модари шоир.

– Оҳ, фаромӯш кардам. Бираведа, пинҳон шавед, як фикр мекунем, – сар такон дод шоир, аз ин ки ёдаш омад дар хоназиндон аст ва пулис ҳам ӯро ба ин зудиҳо танҳо нахоҳад гузошт.

– Мо ҳам зиндонӣ шудем-ку, – гуфт Нозим ба Шарора нигоҳ карда дар утоқи дарунӣ, ки онҷо пинҳон шуда буданд.

– Бале. Вале арзиши он оши ордро дошт, не?! – гуфт Шарора бо шайтанат.

– Барои чанд луқмаи оши орд дардисаратро бештар кардию бас, – гуфт Нозим ва гӯш ба дару суҳбати шоир ва ду пулис дод. Бо ин ҳама нигаронӣ хуб медонист, ки ин шом таҷрубаи бемисли зиндагии ӯ дар тамоми умраш хоҳад буд. Ин шом танҳо шом ё танҳо пухтани оши орду хӯрдани он бо шоир ва модари пираш набуд. Зиндагӣ кардан дар қалби тапандаи торихи шаҳр

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

буд. Дар таҳи дил, пушти тарсҳо ва нигарониҳо эҳсоси шодӣ ва ифтихор мекард.

Ҳарду аз деворҳои маҳбаси зеҳни мардум убур карда буданд ва он сӯи деворҳо дар доми озодии козиби[1] модару писар уфтода буданд. Ду пулиси навбатдор пасу пеш қадам мезаданд ва таронаи номафҳумеро зери лаб замзама мекарданд. Ҳар кадом таронае барои худ мехонд. Ҳарду на хобиданд ва на аз канори дари аслӣ дур шуданд. Нозим ва Шарора канори ҳам рӯи фарш дароз кашида буданд. Гарду хоки фарш ба сӯрохи бинияшон пар мемолид ва атсаашон меомаду мерафт. Дасти Шарора даҳони Нозимро муҳкам гирифта буд, ки ёдаш бошад куҷост ва атса задан шояд беҳтарин коре набошад, ки ин лаҳза анҷом диҳад. Тамоми вуҷуди Нозим шабро дар андешаи беохири ламси лабони Шарора субҳ кард. Шарора сар ба шонаи ӯ гузошта буд ва ором хобида буд дар дамгоҳи дӯсти бедораш.

## Убур аз марз

Шаб буду шаҳр холиву торик. Чароғи осмон бо тақлид аз хуршед шабро ширмол карда буд. Сигори корхонаи арақсозӣ рӯшан буд в а ҷоддае аз дуд байни абрҳои парешон сохта буд. Хиёбони шаҳр тамизу тоза. Гарду хоке ҳам агар буд, маҳтоб

[1] Козиб – дурӯғин

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

балъида буд ва намнами шудринг[1] ба ҷояш пошида буд.

Мардум ҳар қадар нодортар, хиёбонҳо ҳамон қадар тамиз. Ҷоддаҳо орӣ аз бозмондаҳои рӯзмаррагӣ. Нодориро намешуд канори ҷоддаҳо бияндозанд. Донишҷӯён чизе надоштанд, ки дар хиёбон бозмонанд. Плостике[2], коғазе ҳатто пайдо набуд, ки дар насими нимашаб ба рақс дарбиёяд ва печу тоб бихӯрад дар хилвати шабонаи шаҳр.

Аз хиёбони аслӣ агар вориди кӯчаи фаръии донишгоҳ мешудед, чароғи утоқи кории М. Д.-ро метавонистед бибинед. Ҳанӯз рӯшан буд, аммо касе аз он кӯча намегузашт, то бибинад касе ҳаст дар ин шаҳр, ки сари мизи корӣ ҳамчунон нишастааст. Касе дар донишгоҳ бедор аст. Тамоми чароғҳои идораи пулис дар баробари бинои донишгоҳ низ рӯшан аст. Аммо на сояе, на нимрухе ва на нишони ҳузуре дар он нест. Такчароғи рӯшани М. Д. сояи хирае дорад.

М. Д. ҳанӯз аз ҳарфҳои раиси донишгоҳ нороҳату асабонӣ буд, ҳарчанд таҳи дил ба ӯ ҳақ медод. Ба назараш Шарора духтари бетаҷрубае мерасид, ки ҳозир аст тамоми заҳматҳои онҳоро бар бод диҳад, аммо даст аз сари шоир ва марказу рӯзнома барнадорад. Бо ингуна бардошти бачагонаи духтаре, ки ингор мутаваҷҷеҳ нест, ҳассосиятҳо то чи ҳад болост, мумкин аст коре

[1] Шудринг – шабнами пойизӣ, ки мисли барфреза бомдодон заминро сафед мекунад ва зуд об мешавад
[2] Плостик – селофан ё плёнкаи пулиэтиленӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

кунад ҷубронnопазир.

Нуздаҳуми моҳи август телефун зада буданд, ки «мутмаин шаванд» бо онҳост. Гӯширо баъд аз ингуна пайғомҳои кӯтоҳу сареъ мегузоштанд ва ӯро водор мекарданд, ки зудтар тасмими худро бигирад. Ӯ ҳам ояндае барои Шарора дар ин донишгоҳ ва дар ин шаҳр намедид. Ҳадс мезад муҳраҳои аслӣ ҳаминҳое мешаванд, ки гӯшии телефунҳои яксӯя дасти онҳост. Хар ҳамон хар, пордумаш дигар. Дилаш мехост коре бикунад, ки пои раиси донишгоҳ аз рикоб канда нашавад, вагарна ёли қудрат аз дасти онҳо барои ҳамеша хоҳад даррафт. Баъд аз даҳҳо шаби бехобӣ ва то субҳ қадам задан дар хиёбонҳои шаҳр ба ин натиҷа расида буд, ки ҳақ бо Юнус Абдиевич аст. Бояд пои Шарора аз шаҳр варчида бишавад. Ҳадди ақал барои чанд муддат, то бибинанд рӯзгор ба чи ранге хоҳад даромад.

Барномаро чида буд. Қарор дошт баъд аз балъидани қатраи охири шишаи вудко бо Неъмат Асaдуф ба манзили Шарора бираванд ва ӯро то марз гусел кунанд.

Моҳи тамомчеҳраи гур гирифта[1] буд ва танӯри рӯшноӣ шуда буд. Дақиқан дар шабе, ки ниёз ба торикӣ дошт, торикии шаб дар танӯри моҳ маҳв шуда буд. Аз канори панҷараи боз пирзанҳои хабаркаш гузаштанду аз зинаҳо боло рафтанд. Токсӣ ҳам қарор буд ним соъати дигар бирасад ва

[1] Гур гирифтани моҳ – шуълавар будани моҳ, рӯшану дурахшон будамони моҳ,

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дар соярӯшани дарахтони хиёбон мунтазир бимонад.

М.Д. аз дилтангии Шарора таб дошт. Ҳанӯз нарафта, ӯро ёд карда буд. Он қадар пазмонаш буд, ки ҳатто фикри ҷои холияш дар шаҳр сангинӣ мекард. Ӯ қодир ба ҳазфи Шарора аз шаҳр набуд. Шоҳид оварда буд, ки дар худ нерӯ пайдо кунад ва ҳам Юнус Абдиевич бовар кунад, ки ӯ бар ваъдаи худ вафо кардааст. Аммо тамоми баданаш дард мекашид. Вафое, ки бар бевафоӣ биност, ҷафост! Вафое, ки бар бевафоӣ биност...

– Ман ҳаминҷо мемонам, – гуфт Неъмат Асадуф ва худро гӯшаи дар гирифт

– Яъне чӣ? Ту ҳам биё, – гуфт М. Д., ки маълум буд забонаш аз машрубе, ки бо ҳам хӯрданд, сифту сахт шудааст.

– Дертар агар лозим шуд, меоем, – исрор кард Неъмат Асадуф, ки мехост ба М. Д. ва Шарора фурсате бидиҳад.

– *Как хочешь,*[1] – гуфт М. Д. ва ба умед дар зад. Шояд ҳам дар дил гуфт: Ба номи Худо. Ё гуфт: Ҳарчи бодо бод! Ё гуфт: Худоё, бибахш маро. Ё гуфт: Ишқи ман дарро во кун, манам. Аммо фурсат дошт ҳамаи инҳоро бигӯяд ва боз ҳам каме бештар.

М. Д. ҳар қадар дар зад, ҳамон қадар сукут исрор кард. Дар заданҳо фоида надошт. Ба дари ҳамсоя мушт зад:

[1]Яъне: Ҳар ҷӯр дилат бихоҳад.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Муаллима нестанд?

– Ба фикрам, на, нестанд. Ҳеч овозе имрӯз нашунидам, – гуфт зани ҳамсоя бидуни ин ки дарро боз кунад.

– Яъне тамоми рӯз набуд?, – дубора пурсид М.Д.

– На.

## Оҳанги шаҳри ишқ

Бо як ҳафта гуруснанишинии як нафар рӯзномадор шудем. Тасаввур кун, агар ҳамаи мардум шабу рӯз дар ҳоли талаби ҳақ бошад, чи гулу гулзоре бишавад Самарқанд! Шояд фарҳанги китобфурӯшӣ ҳам барқарор бишавад, шояд забони порсӣ дубора бар курсӣ биншинад, ва эй кош, Рӯдакӣ моро бибахшад... Шояд мо ҳам рӯзе маросими ёдбуди шоиру нависандагони худро бо обрӯ, ба тарзи шоиста барпо мекардем, филмҳо месохтему мустанадҳо аз ториху аз фарҳанг...

Чизе дар дилаш фурӯ менишаст, вақте мегуфт кош, вақте лаҳнаш резу поши эҳтимол ва орзӯҳои гунгу парешон мешуд. Ҳоло ки ҳеч кадом аз инҳоро надоранд, бояд чи кард? Аз куҷо бояд шурӯъ кард. Ин кор он қадар шуданӣ ва осону сода ба назараш мерасид, ки аз худу аз атрофиёнаш асабонитар мешуд. Пас чиро дастбакор намешавем? Мардум чизи дигареро интихоб кардааст. Рӯзмарргиро, буданро. Ҳувият

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дағдағаи онҳо нест. Авзоъ себи уфтода ба ҷӯйбор буд ва Шарора ингор дунболи он медавид. Ёдаш омад, ки устодаш Р. Ғ. мегуфт торих фарояндест барои табдил кардани русто ба шаҳр ва шаҳр ба русто. Чи медонист Шарора, ки манзураш чи буд. Кадом мардум иҷоза медиҳад, ки шаҳр ба русто баргардад? Мешавад мисол бизанед? Маъсумона хоста буд Шарора. Хандаи дандоннамо карда буд Р. Ғ., вақте гуфт: Самарқанд! Танҳо ӯ балад буд ханда ва ғамро ҳамзамон дар бофти сурати худ битанад ва аз рухсораш нур биборад. Бо танз аз дарду адоват гӯяд: Самарқанд... Ва "самар"-ро пажмурдаву "қанд"-ро талх адо кунад ва шунавандаро мабҳут[1] вораҳонад дар ташаннуҷи нигоҳи додхоҳаш. Дар илтимоси ҳар зарра аз селули[2] сураташ, ки ҷони устод, ҷони падар, коре бояд кард, коре бояд кард...

Шарора тамоми рӯзро бо Нозим дар кӯҳистон гузаронда буд, дур аз шаҳру нигарониҳояш. Аз манзили шоиру модараш бо сад машаққат ва лаҳзашикорӣ берун зада буданд, ки раҳо шаванд ва куҷо мешавад раҳоиро таҷруба кард, агар на дар домани модари табиъат.

Бо аввалин остин барзадани нур ва шир молидани саҳар бар даҳр аз дар бирун давида буданд. Аз хоби амиқи маъмурон убур карда буданду давида буданд бо хандаҳои нарм-нарму гарм-гарм, ки оҳ, эй раҳоӣ, эй озодӣ, чи азиз, чи

[1] Мабҳут – буҳтзадаву ҳайрон, шигифтзада

[2] Селул – ҳуҷайра, бофтаҳои бадан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

зебоӣ, ҳатто агар реза-реза шикаставу бошад бо ҳар порай!

– Кӯҳистон орому босафост. Шояд вақти ҳамлаи араб ҳам ҳамингуна орому бебухор буда? Инҷо ҳамеша назми хосси худро дошта, медонистӣ Нозим?

– Намоянда дошта кӯҳистон. Пирони ҷаҳондидаву рози рӯзгорандӯхта дошта. Беҳудаву беҳуда даст ба аслиҳа намезадаанд мардумони кӯҳистон. Нафрат ба аҳли башар наменварзидаанд. Бигзор дини дигар, бигзор, хулқу атвори дигар дошта бошанд, ҳамин, ки гӯши шунаво доранд, пас мешавад музокира кард. Мӯсафедону пешкисватони деҳот гурӯҳи сулҳоварон буданд. Ҳатман омаданд пойини домани кӯҳ пурсиданд ин дини ҷадид, ки ҳамаро тарсондаю ларзонда, чист? Ҳарчи ҳаст, аз ҷони зану кӯдакони мо муҳимтар нест. Бираведу бигӯед соҳибони ин динро, ки мардуми кӯҳистон аз имрӯз бо дини шумост, агар подоши он ҷилавгирӣ аз ҷангу ҷидол аст. Ингуна мешавад, ки пои ҳеч арабу мусалмоне ба ин кӯҳистон намерасад ва дини ҷадид дар канори динҳои қадим қад меафрошт. Зартушт ва пайғамбарони ислом дар ин макон мақоми яксон доранд, медонистӣ Нозим?

– Чи тасмими ҳакимонае!, – мегӯяд Нозим бо шавқ, ингор ҳамин ҳоло ҳам ҳамин корро кардаанд. – Ҳеч коре надоранд, кӣ рафтанӣ аст ва кӣ омаданист.

– Ин созиш аст, Нозим. Созиш бо пурзӯр, вақте нерӯи муқобалае нест, истодагӣ ҳамоқат аст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

аз нигоҳи пирони кӯҳистон.

– Барои ҳамин, ман ин мардумро дӯст дорам, – аз лабханди Нозим маълум аст, ки дигар дилаш аз тарсу кудурат соф аст. Ҳатто ингор Шарораро бахшидааст бобати нигаронихое, ки ба шоир ва модараш доданд.

– Исми воқеъии ин ҳикмати созиш, таслим аст, Нозим. Таслим шудан ҳикмат нест, зиллат аст. Аммо биё, хушбин бошем. Биё, ҳаким бошем. Биё, бигӯем созиши ҳакимона. Аммо оё ин аст рози бақои Самарқанд? Зиллати[1] хабисона[2] ё гӯем нармиши қаҳрамонона!

Нозим ғарқи қуллаҳои сафеди кӯҳистон буд. Барф дар авҷи тобистон ях зада буд бар дами тези теғи ҳақиқат. Нигоҳи Нозим дар қуллаҳои сафедтар буд. Қуллаҳои сафед чун ғуддаҳои сафед ҳисси кӯҳистонро нисфу нима фурӯ бурда буд. «Ин мероси воқеъист. Мероси ниёкони мо инҳост. Ин қуллаҳои сафед, ин ғуддаҳои ҳаёт!»

Инҷо зодгоҳи Шарора аст. Сафедкӯҳ, Сафокӯҳ, Миронкӯҳ ё ҳар исми дигаре, ки бигузоред. Кӯҳистоне дар риштакӯҳҳои Зарафшон. Ҳатто метавонад Оҳалик ҳам бошад, ё Миронқул ё ҳатто Шаҳринав ва Шаҳрикитоб ва Шаҳрисабз. Инҷо нофи Самарқанд нест. Аммо шояд тоҷи сараш бошад. Шояд пистонҳои барҷастааш, шояд бозувони нерӯманди он бошад. Инҷо лоя ба лоя, санг ба санг ҳувияти Шарора бол гушуда, бо

[1] Зиллат – хорӣ, залилӣ, пастӣ

[2] Хабис – палид, бадкор, бадзот, фурӯмоя, паст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

табиъат омехтааст. Мисли даврони куҳан. Куҳантарин даврони ниёкони Шарора. Инҷо қасри Зартушт аз дур пайдост. Инҷо дижҳои даврони моқабли ислом бо чиҳил ғори амиқаш ҳамчунон побарҷост. Мисли ҳамаи рустоҳо, пирзани девонае ҳам дорад ин русто, ки гоҳе рӯ ба кӯҳи сафед роҳ меуфтад, меравад ба сӯи шаршараи париён. Мегӯянд ӯ онҷо бо Аҳуромаздо қарор мегузорад. Мегӯяд Аҳуромаздо пирмарди кӯчаку нуронист, ки вақте аз об берун меояд, шаршара тилоӣ мешавад. Аҳуромаздоро танҳо ӯ дидааст. Мегӯянд ӯ ҳам надидааст. Бофта аст. Хиёл аст. Ин пирзан ин қадар қисса гуфт, ки оқибат бовараш шуд ва дар қиссаҳояш паноҳ бурд.

– Шояд мо ҳам дар хиёлу бофтаҳои худ роҳ меравем, Нозим? Ин шаҳр, ки лоя-лоя дар қисса хуфта аст. Зери пӯсти ин шаҳр мардум бо сад ҳазор қиссаву хаёл шабро рӯзу рӯзро шаб мекунанд. Қиссаҳое, ки дигар вожаи итминон аз онҳо уфтодааст ва ҳамеша бо тардид шурӯъ мешавад ва сарнахи решаҳо осмони обӣ, офтоби сӯзону сукути Регистон аст. Мисли дурру марҷоне, ки аз ришта канда ва раҳо шудаанд. Ҷудо-ҷудо, дур-дур, парокандаву парешон дар синаҳои так-таки мардум ҷони саломат ба дар бурдаанд. Қиссаҳои ниёкони мо, ки рӯзгороне «ба номи худованди ҷону хирад!» шурӯъ мешуданд ва ҳоло дар сояи ларзони чароғи ленинӣ, ки ҳар сол камнуртару камрангтар, мешунавем: «Буд, набуд, будгор буд, замин набуд, шудгор буд. Танҳо калли

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

зирак ҳамеша айёр буд, ҳамеша бедор буд...» Ва ин яъне медонӣ чӣ, Нозим?! Ин яъне мо ҳастем! То замоне, ки модарбузургони мо қиссаҳояшонро ингуна шурӯъ мекунанд, мо пирӯзем, Нозим. Бигзор он русто бигӯяд: «*Бир бор экан, бир юқ экан* (яке буд, яке набуд)». Ва бигзор он як рустои дигар бигӯяд: «*Жил да был один король...* (буд-набуд, подшоҳе буд)» То замоне ки ҳамзистии ин рустоҳо сулҳомез аст, мо пирӯзем.

Шарора поҳояшро аз баландии шух[1] овезон мекунад ва дастони Нозимро мегирад, ки ту ҳам биё, канорам бинишин. Нозим менишинад ва мисли одати ҳамешагии худ медонад, ки бояд ҳама гӯш бошаду ҳама ҳуш. Шарора ҳарф заданист. Чи хуб аст вақте Шарора ҳарф мезанад. Чи хуб аст Шарора барои ҳар маънӣ, ки дар зеҳн дорад, барояш калима дорад ва риштавор мечинад, дурдонавор ҳамели гардан мекунад. Дар суханони Шарора ватани гумшудаи Нозим ҷавона мезанад ва эй кош, бештар ҳарф мезад, то ин ватан сареътар рушд мекарду бузург мешуд, он гуна ки буд дар он замоне ки ё буд ё набуд.

Шарора аз ҷой бархосту дасти Нозимро кашид:

– Биё "Оҳанги шаҳри ишқ"-ро мекобем. Бибинем, чи қадар роҳ рафтааст?

– "Оҳанги шаҳри ишқ"?

– Оре. Румони Муҳаммадзамони Солеҳро

[1] Шух – қуллаи тезу сахт, шах, сахра

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

магар намедонӣ? Ёфтам, медиҳам ба ту, ҳатман бихон. Румони хубест. Аммо аз он румонҳоест, ки маънояшро бо хонданаш намефаҳмӣ, бояд онро бишнавӣ.

– Ҳамаи румонҳо ҳамингунаанд.

– На хайр. Беҳтарин румон он аст, ки ҳеч вақт сари ҷояш қарор нагирад ва куҳнаву дарида ва ҳамеша сари дасти хонандае бошад. Ҳоло мехоҳӣ биравему бибинем "Оҳанги шаҳри иқш" чи навъ румонест?

Магар Нозим метавонист ин ҳама шавқу шӯри Шарораро кӯр кунаду бигӯяд, на, хаста аст, ё шарм медорад, ё чи баҳонае метавонист биёрад, вақте дилаш дунболи баҳона буд, ки чанд лаҳзае бештар, чанд умру қарне бештар бо Шарора бошад. Чи бахте, ки бо Шарора суроғи шаҳри ишқ биравад. Аз аввали рӯз, вақте кӯбаи аввалин хонаро заданд, Шарора Матлубаро пурсид. Гуфтанд издивоҷ карда ва рафта рустои дигар. Он вақт Шарора пурсид китобҳояшро ҳам бурда бо худаш?

– Бале, маълум аст, ки бурда.

– Аммо китобе аз ман дасташ буд.

– «Оҳанги шаҳри ишқ?», – пурсид бародари Матлуба, ки дасте бар дарвоза чап-чап ба Нозим нигоҳ мекард.

– Бале.

Ҳаким, бародари Матлуба, румонро аз хоҳараш гирифта буд, ки бихонад, вале ҳоло дигар дар дасти ӯ набуд. Дода буд ба дӯсташ Бунафша. Шарора хушҳол шуд, ки китобро дар ин муддати

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шаш соле, ки назди ҳамкилосияш Матлуба амонат гузошта буд, ду-се нафар хондаанд. Нозиму Ҳакиму Шарора суроғи манзили Бунафша рафтанд. Бунафша дӯстдухтари Ҳаким буд. Дар роҳ Шарора пурсид аз румон чи фаҳмидед? Нозим ҳам гӯшу ҳуш буд, ки чи хоҳад буд ҷавоби Ҳаким. Ӯ гуфт қиссаи бесару таҳ дошт, аммо агар нақши китоб кумак карданаш дар пайдо кардани роҳи дурусти оянда бошад, «ин китоб ба ман кумаки бисёр кард.»

– Чи кумак?

– Маро бо Бунафша ошно кард. Ин китоб агар набуд, Бунафша аз ман набуд.

Дар манзили Бунафша чойу ноне хӯрданд ва Ҳаким бо зеҳни машғул баргашт, вақте шунид Бунафша ҳам китобро ба каси дигаре додааст. Машкук буд, ки чиро ҳатман ба ӯ? Чиро ба ӯ? Дили Ҳаким хавф бурда буд, ки мабодо Бунафша ҳамон эҳсосеро ба ӯ дорад, ки ӯ ба Бунафша дошт, вақте китобро ба ӯ дод ва хост эҳсосашро бо ин китоб ба ӯ бирасонад. Накунад?...

Бунафша онҳоро дами дари ҷавони хушқадду қомате бурд, ки агар ӯро дар кӯча бибинӣ, баъид медонӣ, ки умре дар даст китоб бигирад. Аммо «Оҳанги шаҳри ишқ»-ро хонда буд. Чизе нафаҳмида буд, аммо эҳсос карда буд, ки онро бояд *Лайло* ҳам бихонад. Бунафша ҳайрон аз ин ки чиро китоби ӯро ба *Лайло* дода, аз маъшуқи худ ранҷида буд. Хулоса, китоб дар русто пайдо нашуд, аммо ишқи даҳҳо нафар ба дигаре ифшо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шуд. Охирин нафаре, ки дар заданд ва суроғи китобро гирифтанд, гуфт ба дӯсте дода, ки дар шаҳр риштаи адабиёт мехонад.

Барои Шарора ва Нозим ҷолибтар аз гаштан дунболи “Шаҳри ишқ” дигар кори муҳиммтаре вуҷуд надошт. Куҷост ин “Шаҳри ишқ”? Куҷост ин румоне, ки на дар хондан ба умқи он бирасӣ, балки дар ҳамхон кардани он ба даст орӣ ҳикмати онро?

Рӯзе дар ҳуҷраҳои хобгоҳи донишгоҳ гаштанд аз ин дар ба он дар, аз ин ошёна ба он ошёна. «Оҳанги шаҳри ишқ» сайр кардан буд ва ҷустанаш қироаташ буд. Шарора ҳар бор ба қиёфаи ҳайрони Нозим менигаристу табассум мекард, аз иштиёқи рӯзафзуни ӯ барои кашфи ин китоб ва барои қироат чи, арз шавад, балъидани он. Шарора ҳар гуна ба муҳтавои китоб фикр мекард, чизе беш аз ин сатр ба ёдаш намеомад, ки навишта буд: «Зишттар аз садои рӯдаи холӣ дар ҷаҳон садое нест.» Ё чизе шабеҳи ин.

Аммо Нозим ба ин фикр мекард, ки шояд дар ин китоб битавонад ҷойгузине барои «*Смирно!*» пайдо кунад ва артиши хаёлии Ватани хаёлии худро қавитар аз артиши Шӯравӣ бунёд кунад. Аммо бидуни дастури «*Смирно!*» намешуд артиши қавӣ дошт, бидуни артиши қавӣ намешуд ватани ободу амн дошт, бидуни ватани амну обод ҳеч шаҳре оҳанги ишқ дарнамедод. Мустазъафтар[1]

[1] Мустазъаф – муҳтоҷ, фақир, дармонда, мустаманд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

аз безабонӣ ҳолате нест. Нозим ба забони гӯё ва булбулвор шевои Шарора мабҳут буд ва аз *лолии*[1] худ *залил*[2]. «Оҳанги шаҳри ишқ» шояд забони ҷонашро боз кунад, шояд забони рӯҳу равони ниёконашро дар ӯ бедор кунад. Оҳанги шаҳри ишқи ӯ гӯш додан ба сухансароии пуршавқу шӯри Шарора буд. Эй кош китоб пайдо намешуд ва ба унвони беҳтарин баҳона барои гардиши рӯзона бо Шарора шаҳр ба шаҳр, русто ба русто, деҳ ба деҳ ва маҳал ба маҳал боқӣ мемонд. Кош оҳанги шаҳри ишқ оне буд, ки Нозим дар осмони шарорадори Самарқанд нафас мекашид. «Оҳанги шаҳри ишқ» кош дар дасти хонандаи муҳоҷири тоҷике дар Ишқобод ё дар Димишқ ё дар ҳафтумин осмони ишқ буд, ки мешуд то беохир суроғаш гашт, даст ба дасти Шарора. «Оҳанги шаҳри ишқ» дар қолаби коғазини худ ғайб зада буд ва даст ба дасти ошиқони шаҳр табдил ба занҷири ниҳони нутҳои[3] нарми ишқ шуда буд. Шарора роҳ мерафту ба садои рӯдаҳои холию асабонии худ ва Нозим гӯш медод. Аммо ба назараш зишттарин навъи фақр фақри маънавӣ буд ва зишттарин садо бесадоӣ.

[1] *Лолӣ* – гунгӣ, безабонӣ

[2] *Залил* – хору забун

[3] Нут – пардаҳои мусиқӣ (нота)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

## Бистуми августи соли 1991

Бистуми моҳи август дигар мардуми шаҳр тоби нишастан дар хонаҳои худро надоштанд. Ба гӯши ҳама расида буд, ки Маскав ноором аст. Овозаву таваҳҳуми ҳамла ба Маскав дар тамоми ҷамоҳири Шӯравӣ печида буд. Мардум даста-даста дар кӯчаҳо ҷамъ мешуданд ва баҳсу ибрози нигаронӣ мекарданд. Тарс аз ҷанг пӯшидаву пинҳон набуд, аммо далелу нишонаи боризе надошт. Расонаҳо ин қадар аз ҳифзи оромиш ва гӯли душман нахӯрдан ҳарф мезаданд, ки мардум аз он пайғомҳое аз ноороми ва ҳатто даргирӣ таъбир мекарданд. Ғаризаи мардум сардаргум буд, касе дигар бо итминон ҳарф намезад, аммо ҷанги гунге дар остонаи сарзамин камин карда буд, ки касе дар он шак надошт.

Бими ҷанг мардумро муттаҳид карда буд. Гӯши шунавои мардумро во карда буд, ки ҳатто ба хурдтарин садо аз дару девор ва зерзамину таҳи осмон диққат мекарданд. Мардум гӯшу ҳуш шуда буд. Мисли ҳайвони бехонумоне, ки дар миёни ҷангал бояд шабро рӯз мекард ва дар баробари тамоми хатари ҳастӣ ба ғайр аз Худо дигар касеро надошт, ки рӯҳу ҷисми хастаи худро ором кунад. Мардуме, ки муддатҳо буд ба ҳузуру вуҷуди Худо ҳеч гоҳ ин қадар огоҳу мутеъ набуд, бо шарму нагунбахтӣ ва дасти тиҳӣ рӯбарӯи худ ва Худои худ монда буд ва бо мафҳуми ҷадиди «тарс» дасту

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

панҷа нарм мекард. Аммо маълум набуд, ки кӣ қарор аст ба кӣ ҳамла кунад. Мардум тасмими худро гирифта буд, ки дар ин давраи норӯшану гунг ва пурвоҳима канори ҳам бошанд. Ҳанӯз мутмаин набуданд, ки Худо то чи ҳад бахшоянда ва меҳрубон аст. Оё аслан қодир аст барои гузашт аз муртадоне[1] инчунин? Мардум, ҳар он чи Шӯравӣ оварда буд, бохта буд ва монда буд бо ду унсуре, ки имони пӯсида ва хушкидаашонро рӯз то рӯз бедор ва зиндатар мекард: замини зери пояшон ва осмони рӯи сарашон. Рӯи замини хушку бебороні тобистон ва пӯшида бо панбаҳои Шӯравӣ роҳе ба ғайр аз даромадан ба зону ва дасти дуъо боз кардан ба осмонҳо надошт. Кадом буд он дуъо, ки ниёконамон мехонданд ва борон сарозер мешуд? Кадом буд он дуъо, ки дастаҷамъӣ рӯи теппаҳо месуруданд ва замин пурсамар мешуд? Кадом буд он дуъо, ки рӯи Худоро ба рӯи сарзамини мо бармегардонд?

Шарора роҳ мерафту пеши худ суол тарҳ мекард, бо шарму бо тардид, ки аз чи касе ҷуръати пурсидани ин суолҳоро хоҳад дошт? Оё касеро ҳанӯз мешавад дар рустоҳои атроф пайдо кард, ки посухе ба ин пурсишҳо дошта бошад? Шарора ҳанӯз бо ҳузури дубораи Худо бо он шамоили қарни гузаштааш роҳат набуд. Орзӯ дошт агар бо худое қарор аст рӯбарӯ шавад, Худои қарни гузашта набошад. Худое бошад расида азояндаҳои

[1] Муртад(д) – аз дин баргашта

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

наздик.

## Бар сари зонуи ёр

Издиҳоме майдони Регистонро пӯшонда буд, онгуна ки сад сол пеш дар охирин азони бомдоди шаҳр. Бомдоде, ки бар хилофи таҳдидҳои губернотури рус муаззини пир ларзону наҳиф омада буд ва аз харобаҳои манори Масҷиди Шердор боло рафта ва охирин азони бомдодии умрашро хонда буд, зери садои тиру туфанги сарбозони рус, ки пушти дарҳои бастаи манор ночор монда буданд гӯш ба азони охирин муаззини Самарқанд, то дар баробари чашми ҳамин мардум тирборонаш кунанд ва дар хуни худ биншонандаш, ба нишони дарс ба бақия. Ҳайрате, ки он шаб бар чашмони мардум нишаст, то як қарн идома дошт. Чашмоне, ки ба осмон дӯхта шуд, ки Худоё, агар ҳастӣ, пас чиро иҷоза додӣ?! Бо мурури замон Худои таъоло ва бесадову бесимо рафт ва Худои дорои садову симо ҷойгузинаш шуд. Худое, ки раҳнамову ҳидоятгар ва баробару бародар буд ва ҳоло ҳам худ рафта буду ҳам ҷонишинҳояш. Муҳаррики ин издиҳом ҳар бор буте буд. Гоҳ заминӣ ва гоҳ осмонӣ. Ин бор низ буте фурӯ рехтанӣ буд. Буте дар азҳони[1] мардум

[1] Азҳон – зеҳнҳо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

тарак хӯрда[1] буд.

Чанд нафар родиюи кӯчаки ҳамроҳ доштанд ва мардум даври онҳо гулдаставор истода буданд. Родию муаззини як қарни гузаштаи мардум буд. Пайғомовари байни Худои ҷадид ва муъминони ҷадид.

Гулдастаҳои сарбуридаи Регистон ба нишони шикасти худоёни қадим тармим напазируфтаанд. Муаззин аз даруни бастаи пластикӣ азони адёни мудернро мехонд: «Кишвари Эстунӣ худро мустақил эълом кард!»

Касе барнома надошт ба хонаи худ биравад. Аз ҷой биҷунбад. Ингор ҳар такон, ҳар таҳарруки ноҷо бутҳои фархомадаашонро[2] ба хоки сиёҳ мехобонд.

Шом шуда буд ва ҳатто бархе ба фикри рӯшан кардани оташ ҳам буданд. Аммо пулис талош мекард мардумро ба хонаҳояшон баргардонад. Рафтуомади зиёд занги ҳушдор барои муҳофизати бинои Регистонро ба садо даровард. Садое, ки мардумро беш аз қабл ба ваҳшат андохт ва ҳама талош мекарданд маншаъи онро пайдо кунанд. Кори пулис буд? Амдӣ буд? Ихтори охирзамон буд? Ҳарчи буд, тавониста буд Шарораро аз хоби нобаҳангому тӯлонӣ бедор кунад.

Ин садо сукути садсолаи Самарқандро ларзонда буд ва мардумро аз лонаҳои роҳати худ

[1] Тарак хӯрдан – кафидан, шикоф бардоштан, шикофта шудан, рахна шудан

[2] Фархомада – таракхӯрда, кафида

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

берун кашида буд. Касе намедонист, ки чиро занги ихтори мадрасаҳои қадимии Регистон калид хӯрда буду хомуш намешуд.

Чироғу фонус ба даст даври манору мадрасаҳои Регистон мегаштанд ва ҳеч таркишеву рехтагӣ ё ҳатто ранграфтагии тозае пайдо намекарданд. Ин занги ихтор соле пеш даври деворҳои Регистон ва чанд бинои торихии шаҳр насб шуда буд ва аввалин бор буд, ки садои гӯшкаркунандаи он пардаҳои гӯши сокинонро озор медод ва онҳоро ба таҳлука андохта буд. Ингор садояш бо мурури замон баландтар ҳам мешуд ё эҳсоси таҳлукаи мардум рӯ ба афзоиш буд, маълум набуд. Коре аз дасти касе бар омаданӣ набуд.

Издиҳоми мардум аз шиддати саросемагӣ ва хаста аз баҳси бепоёни охируззамон ором-ором пароканда мешуданд. Ба ғайр аз чанд нафар, ки мунтазир буданд дохили сохтмонҳоро барои чандумин бор назора кунанд ва мутмаин бишаванд, ки бинои Регистон такон нахӯрда ва осеб надидааст ва ҳар кадом ба гӯшае аз мадрасаву манор мерафтанд ва бадиққат девору сақфҳоро нигоҳ мекарданд, ки чи тур ин садои бедодгарро хомӯш кунанд.

Шарора ҳам худро ба даруни ин деги ҷӯшони шаҳр расонда буд ва байни издиҳом саргардон мегашт. Чанд бор кафши пошнапаҳни марде

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

лелаки[1] пояшро пачах[2] карда буд ва ӯ ҳам банохост душноми обдор дода буд, бидуни ин ки ҳатто ба рӯи соҳиби пой бингарад.

Худро ба дохили наздиктарин мадраса гирифт. Нигоҳаш ба сақфи мадрасаи Тилокорӣ банд буд ва байни ин ҳама садову бесомонӣ дар нури хираи чироғакҳои даври боми мадраса ба нақшҳои резу зарифи сақф хира шуд. Агар қарор аст ин зебоӣ фурӯ бирезад, бигзор рӯи сари ӯ бирезад, овор бишавад рӯи ҷисми ӯ. Бигзор ин гӯри зарнигори торих ӯро бибалъад ва эй кош, касе пайдояш накунад.

Ногаҳ дасте аз бозӯяш кашиду сахт дар бағал фишурд. На чизе дида мешуд, на шунида. Танҳо накҳати атри ошно буд. Худро аз банди бозувону порчаи нарми кути марғуб берун кашид. Даст ба синаи он ҳайкали хабис ва, ба гунаи аҷиб, нафис гузошт, ки аз он нафаси нафратовараш, ки ба гӯшаш мегуфт, «азизам, манам, азизам манам», Шарора ингор ҳисси ҳафтуму ҳаштуме дар худ пайдо карда буд. Он ҳиссе, ки ба ӯ мегуфт ҳамин рӯзҳо ба орзӯяш хоҳад расид, аммо ба ин шеваи хилофкорону duздон ва роҳзанон? Замон ва занги ихтори зангӯлаҳо маҳв шуд. Шаҳри холӣ ва сокит тамом дар ихтиёри он ду буд. Ӯ ва ӯ ва хилват дар иҳотаи чашмони тамоми муаззинони мазнуни Регистон.

М.Д. бо тамоми вуҷуд мехост бидуни ҳеч ҳарфе

[1] *Лелак* – ангушти кӯчаки пой

[2] Пачах ё пачақ кардан – леҳ кардан, хурд кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ба Шарора бифаҳмонад, ки «хушҳолам нарафтаӣ». Аз он нигаронии шаби қабл, ки мабодо ӯ рафта бошад, мабодо бидуни ҳеч ҳарфу худоҳофизӣ ӯро раҳо кардаву рафта бошад, берун омада буд ва сартопо шокир буд.

Ин торикӣ, ин хилват ва ин садои бесадоӣ ҳолате беш аз орзӯи ӯ буд. Шояд дар тамоми орзӯҳояш чунин як шароитеро дар зеҳн дошт, вақте дилтанги М.Д. буд. Аммо ҳоло, ки касе нест, ҳоло, ки чашми шаҳр куру гӯши шаҳр пур аз садои занг аст ва ӯ дар оғӯши ӯст, чиро ҳеч эҳсосе надорад? Чиро ӯро намехоҳад? Чиро ӯро намекашад ба кунҷи манори Шердор ба сони ду паланги ваҳшӣ ба ҷону ҷисми ҳам дарнамеуфтанд? Чиро чашмаи нозу ниёзаш хушкидааст?

М. Д. ҳам бештар аз ин ҳаракате, ки бидуни ҳеч андеша анҷом дода буд ва сояи гарму наҳифи Шарораро дар баробари чашмони гушодаву бепардаи манорҳо ба оғӯш гирифта буд, коре ба зеҳнаш намерасид. Дар соярӯшани нури фонус дар рафтуомади сояҳо шабаҳи рӯшану ошнои Шарораро шинохта буд ва бидуни ҳеч андешае чун уқобе ӯро ба чанг дароварда буд. Ё шояд мисли кӯдаке худро ба коми дарё андохта буд, бидуни ин ки фикри шинову фикри соҳил карда бошад. Дилаш хоста буд ӯро бидуни ҳеч ҳарфу ҳаракате ба оғӯш бигирад ва гирифта буд. Ҳоло ҳамзамон бо ин ки такрор мекард, «азизам манам, азизам манам», дар орзӯи дидани чашмони ӯ буд. Танҳо чизе, ки мехост, дидан ранги чашмону ҳаму

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

рост шудани мижгони баланди ӯ буд, ки дар нури хираи мадраса пинҳон буд.

Нигоҳи ёр чун садафе дар умқи торикиҳо гум шуда буд ва дастонаш даври камари борики ӯ падарона ва шармсор монда буд. Барги сабзи нигоҳи ёр дар торикӣ нопадид буд. Танҳо дар ин ҳолат буд, ки М. Д. мутаваҷҷеҳ шуд ӯ дар ин ишқ нақше надорад ва то ин ҷо ҳам бо сози Шарора бозӣ карда. Бояд ихтиёрро вогузор мекард. Бо ин ҳама синну сол, бо ин ҳама қилу қол беш аз шогирде набуд дар баробари ин сарви борику химчамиён. Занони зиёд дида ва танҳои зиёд танида буд ба тори нафас, аммо ин бор ӯ худ шикор буд ва нияти раҳоӣ аз ин дом надошт. Шарораро бар тахти зону нишонда буд ва чашму гӯшу ҳуш ба фармон монда буд.

Регистон баъд аз фарёди шаҳрошӯбаш дар сукут фурӯ рафта буд. Чанд роҳгузаре гарданҳо кашида ба гиребон шитобон қадам мезаданд. Дарахтон танбалона машғули нармиши шабонаи бозувони худ. Ду шабаҳ рӯи зинаҳои хиштини манори Шердор дар оғӯши ҳам нишаста буданд ва нафасҳояшон манору мадрасаву майдон ва кулли хиёбонҳои шаҳрро гарм карда буд. Он шаб дар доғтарин таб месӯхт Регистон.

М.Д. қудрати бист сол пешро надошт, то битавонад бо қомати хамида рӯяшро ба гӯшу лабҳои нӯши Шарора наздик нигаҳ дорад. Дарди тезу кӯтоҳ дар камараш аз фосилаи синнии онҳо гувоҳӣ медод ва ҳар лаҳза ёдовари солҳои зиёди ӯ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дар баробари солҳои ками Шарора буд.

Вурудии манор ӯро васваса карда буд боло бибарад ёри ҷасуру ҷавони худро ва кореро, ки дар ҷавонӣ накарда ва тамоми умр дар дил нигаҳ дошта, анҷом диҳад. Аммо ба торҳои анкабуту хиштҳои кандаву рехтаи деворҳои дохили манори борику торик фикр кард ва либосҳои танаш, ки Санам бо ишқ утӯ зада буд. Мунсариф шуд. Ҳамонҷо ба пои манор нишастанро тарҷеҳ дод ва Шарораро ҳамчунон нишаста бар тахти зонувонаш.

М. Д. дар остонаи шастсолагӣ бо тани 25 сол сабуктари ёр бар сари зонувони худ нишаста буд ва ғаризаи бистсолагӣ дар рагҳояш бедор мешуд, вақте Шарора даст бар домани худ бурда буд ва мехост парда аз рӯйи фонӯси тани худ бардорад, ва лаъли сурху доғи худро бар тоҷи манори мардонагии М.Д. биншонад. М.Д. маҳви қомати урёни ӯ даст на ба кору на ба ёру на ба камарбанди худ намебурд. Аммо танҳо илтиҷояш аз Худои таъоло ин буд, ки Шарора ҳамаи ин корро бо он чолокии ҷавононаи худ барои ӯ анҷом диҳад ва раҳо шавад дар ҳавзи тани ӯ мисли як моҳии кӯчак дар обҳои пӯсти тани ӯ шино кунад.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

## Ихроҷ

Шарора ҳоҷу воҷ[1] пушти дарвозаи вурудии телвизиюн истода буд. Наметавонист ҳазм кунад иттифоқи уфтода ва дар фазо пахшу палошударо. Сарнахи моҷаро сареъ сур хӯрда, аз дасташ даррафта буд. Баъд аз он ҳама муроқибатҳо ва мувозибатҳо омада буд бар сараш аз он чи ки ҳамсоя метарсид ва мудом ихтор[2] медод.

Омада буд барнома таҳия кунад. Истудию[3] бекасу бенафас. Утоқи таҳририя холӣ ва орӣ. Касе пайдо набуд. Мехост биравад боғчаи пушти бинои телевизиюнро бибинад, ки маҳалли сигор кашидани ҳамкорон аст. Онҷо низ касе нест. Посбон дар роҳрав гуфт:

– Раис Шуморо мепурсиданд, кори фаврӣ доштанд.

Фикр кард пас ҳама онҷоянд, назди раис, ҷаласае доштанд, ки фаромӯш карда?

Дар утоқи раис ба ғайр аз ӯ каси дигаре набуд. Аз ҷой баланд шуду бо ханда ва оғӯши боз пешвоз гирифт. Дар ними оғӯши худ ӯро печида буд ва меовард биншонад пушти миз. Ҳамчунон, ки ӯро ҳидоят мекард, табрику таҳният мегуфт.

– Бисёр хушҳолам аз дидани рушду пешрафти

[1] Ҳоҷу воҷ – ҳайрону шигифтзада

[2] Ихтор – ибрози хатар, ибрози нигаронӣ

[3] Истудию – студия, утоқи пахши барномаҳои телевизиюн

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Шумо. Ҳамеша муваффақ бошӣ, қизим[1]! Мо ҳамшаҳрӣ ҳастем, умед дорам ҳарҷо бошӣ, моро фаромӯш намекунӣ. Дар рушду пешрафти ту мо ҳам каме бошад ҳам нақше доштем, магар на?

Ба ҷуз сар такон додан намедонист дигар чи посух диҳад. Раис идома дод:

– Мо ҳамеша бояд аз ҳамдигар пуштибонӣ кунем. Писари ман ҳам дар Фаронса аст. Шунидам, Шумо ҳам меравед онҷо. Шояд ӯро дидед. Шояд ҳам арӯси мо шудед, – механдад раис.

Ӯро ҳеч вақт дар ҳоли ханда надида буд. Тунд-тунд ҳарф мезад ва маҷол намедод, ки бигӯяд: Кадом Фаронса? Кадом Порис? Ман ҷое намеравам. Иштибоҳ мекунед... Раис ҳамчунон ҳарф мезад:

– Мо суҳбат кардем ва ман таъйид кардам, ки Шумо аз фарзандони хуби ин сарзамин ҳастед ва ҳаққи Шумост, ки биравед дар Порис тадрис[2] кунед. Бале. Ман ҳамеша хайрхоҳи Шумо будам, ҳастам ва хоҳам буд. Кори нағз мекунед, қизим. Ҷаҳон дидан муҳим аст. Аз рушди онҷо ҳам бохабар мешавед, билохира мо ҳам бояд аз ин чордевор берунро бибинем. Магар на? Сафар одамро месозад, мегӯянд. Мо, ки намедонем, Шумо бираведу бибинед, ки ҳақ бо онҳост ё не!, – бо ҳаяҷон ханда мекунад раиси телевизиюн ва бидуни таваққуф идома медиҳад: – Ман хеле хурсандам, қизим. Ҳай, ҳай, кӣ фикр мекард, ки

[1] Қизим – яъне духтарам (узбакӣ)

[2] Тадрис – дарс додан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чунин мешавад, – ба маснуъитарин шева сар такон медиҳад. – Аввалин нафаре ҳастӣ, ки аз таҳририяи мо ба хориҷ меравӣ. Ин фурсатҳо як бор дода мешавад. Бояд ба фурсатҳо сахт часпид. Аммо қабл аз ин ки биравӣ, барои парвандаи идорӣ лозим аст, ки инро имзо кунӣ.

Барои аввалин бор мутаваҷҷеҳ шуд, ки ӯро «ту» садо мекард ва талош мекард падарвор самимию содиқ ҷилва кунад.

– Инро, инҷо, бибин, ман ҳамаро омода кардаам, чун медонам вақти зиёде надорӣ ва бояд зуд биравӣ ҷомадон бибандӣ.

– *Как это?*[1] Бо сахтӣ аз тангнои гулӯяш ин вокуниши русиро берун кашид Шарора, ки «чи тур»? Раис зиракона нашунид:

– Ба ман эътимод надорӣ, қизим? Имзо кун. Ин аз ҳамин корҳои ташрифотии маъмулии идора аст, худат беҳтар аз ман медонӣ. Чизи муҳимме нест. Имзо кун, бале, инҷо, бале. Боракаллоҳ! Аммо... як лаҳза сабр кун, – ва ангушти ишораашро боло нигаҳ медорад, ки «лутфан ҳарф назан, сокит бош, як лаҳза...»

Гӯширо бармедораду ҳисобдорро садо мекунад. Ӯ ҳам ингор пушти дар омодабош нишаста буд, ки ворид шуду бастаи пулеро ба дасти ӯ доду гуфт:

– Инҷоро лутфан имзо кунед, – ва бидуни ин ки ба рӯи ӯ нигоҳ кунад, бо варақи имзошуда дар

[1] Яъне: Чи тур?

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

даст сар такон доду зуд аз утоқ берун рафт. Шарора ҳоҷу воҷ..., бидуни истодан дар саф ва бидуни додани чойпулӣ, ҳуқуқи моҳи охири ӯро оварда буданд наздаш. Раис гуфт:

– Қизим, бо хотири хушу дили рӯшан бирав. Камиву костӣ агар буд, бибахш. Бештар аз инҳо бояд ба ту пардохт мекардем, аммо хуб Фаронса рафтӣ, ҳама ҷуброн мешавад. Мо ҳамеша аз ту бахубӣ ёд мекунем. Инҷо ҳамеша хонаи туст, медонӣ. Ҳар вақт ба шаҳр омадӣ, биё дидани мо.

Инҳоро мегуфту оринҷи Шарораи ҳайронро гирифта буд, ӯро ба баланд шудан ҳидоят мекард. Ӯ ҳам ингор ихтиёр супурда буд ба ӯ ва мехост ҳарчи зудтар аз ин вазъияти аҷиб берун шавад. Баланд шуду чашмонаш ба дунболи чашмони фирории раис шона ба шонааш роҳ мерафт. Ӯро то дами дари хуруҷӣ овард, ҳамчунон якрост ҳарф мезад. Ба дарбон, ки наздик шуданд, гуфт:

– Шарораҷон сафар меравад. Фаронса! Шояд ҳам бо атрҳои фаронсавӣ омад дидани мо.

Ӯ ҳам табрик гуфту ибрози хушҳолӣ кард. Шарора ҳоҷу воҷ гоҳ ба ину гоҳ он бо ҳайрат нигоҳ мекард. Хоб медид? Аз дари амниятӣ, ки хориҷ шуд, раис гуфт:

– Ува, пропуск[1] ёдат наравад, қизим. Бояд бидиҳӣ ба дарбон. Дигар ин корт ба дарди дарҳои Порис намехӯрад, – бо дарбон, ки ғайри одати маъмули худ либоси низомӣ дар тан дошт,

[1] Пропуск – корти вурудӣ, иҷозаи вуруд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

механдад.

– Бале, – таъйид кард посбон.

Шарора ба ҷуз ин ки корт аз киф берун биёвараду ба дасти ӯ бидиҳад, чизи дигаре ба зеҳнаш нарасид. Вақте дарбон кортро гирифту рафт дохили утоқи шишаӣ, раис низ даст такон дода буду пушт ба ӯ аз зина боло мерафт.

Байни роҳрави сохтмон ва дари вурудӣ монда буд Шарора. Зуд худро аз ин вазъияти риққатбор берун кашид. Ихтиёри худро дубора ба даст гирифту эҳсос кард риштаҳое аз шонаҳояш канда шуда буд, аммо нойи ҳаракат дар ӯ намонда буд, ки аз ин теотри трожик-кумедӣ[1] худро берун бибарад. Берун нури беш аз андоза маъмул ва куркунанда дошт. Чашмонашро баст. Ингор аз кобусе берун ҷаста бошад, гиҷу гаранг буд. Ӯро ихроҷ карданд? Ё истеъфо дод? Ӯро аз телевизиюн ронданд? Яъне дигар барнома нахоҳад сохт? Яъне ӯ... оё ин ҳама бо ӯ рух дод?

Худравҳо аз канораш бо суръат мегузаштанд ва ингор киноямез мепурсиданд: Хӯшшш! Хӯшшшш?! Ингор мегуфтанд кӯшишҳоят ба куҷо расид? Хӯшшш? Ҳанӯз ҳам хушбинӣ?! Хӯшш?! Хӯшшш...

Шаҳр аз зери пояш дармерафт. Бо эҳтиёт вориди хиёбон шуд. Ҳеч чизи ин шаҳрро ингор намешинохт. Ба худ гуфт, кош сафаре дар пеш буд. Кош ҳарфҳояш рост буд. Кош номае дар роҳ

[1] Трожик-кумедӣ – намоиши омехтае аз фоҷеъа ва мазҳака (трагикомедия)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

асту ҳанӯз ба дасташ нарасидааст. Умеди козибе дар кунҷи торики синааш ҷарақҷа мезад ва боз зуд фурӯ менишаст. Дилаш сахт мехост биравад ҷое, ки на ӯ касеро бишносад ва на касе ӯро, ки маҷбур бишавад ин иттифоқро ба касе бигӯяд. Машкук буд ба тамоми ҳастӣ. Ба тамоми ашёе, ки давру бараш дар ҳаракат буд. Ба ғайр аз ӯ, ки мехкӯб дар миёни хиёбон байни рафтуомадҳои худравҳо истода буд ва заҳри ронда шудан тамоми вуҷудашро чиркин карда буд, дигар ҳама чиз дар ҳаракат буд. Худравҳо, ронандаҳо ва мусофирон ингор ҳама бо ҳам ба ӯ лаънат мегуфтанд. Меъдааш мехост  зеру рӯ бишавад. Саргиҷа[1] амон намедод. Бо ду даст даҳонашро гирифта буду бо ин ки дилаш мехост фарёд бизанад, аз ҳолати таҳаввуъ[2] нигарон буд. Ингор санге аз синааш уфтода буд ва ҷои холияш месӯхт. Гоҳе гӯшҳояшро мебаст ва миёни ҳарду дастонаш ингор пинҳон шуданӣ мешуд. Миёни ин ҳама пуштибонҳо ва дӯстону ошноҳо ва ин ҳама эътиқоду эътимод ба ҳамаи худоёни ин сарзамин танҳо ду кафи дастонаш барояш монда буд, ки пушти он паноҳ бибарад. Пинҳон шудан аввалин вокуниши ғаризии ӯ буд. Куҷо мешавад паноҳ бурд? Мусалламан на ба Порис, на ба Фаронса ва на ба беруни ин марзу бум. Дилаш мехост ба дарун ва ҳатто зери замини ин шаҳр фурӯ биравад, дур. Ҷое

[1] Саргиҷа – чарх задани сар, сарсом

[2] Таҳаввуъ – эҳсоси истифроғ, эҳсоси қай кардан ё боло овардан, дилбеҳузурӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ки ин қалби дунимааш битавонад ҷӯш хӯрад ва дубора ҷон гирад.

Кӯҳистон ва ғорҳояш издиҳом аст барояш. Аз хотираҳо ва садоҳо ва ҳар сояи дарахту гиёҳ ҳарфе барои гуфтан ва ғуссае барои шеван доранд. Аммо Афросиёб. Ин шаҳри куҳна бо он гулу гиёҳ ва обҳои сурху сиёҳаш ду пистони барҷастаи Самарқанд аст. Ду пистон дар бистари торих ба занҷир бастаанд ва дасти оянда бар доманаш печондаанд. Беҳтар аз ин ду пистон ҷое барои орамидан надошт, то бо ғанабе амиқу беохир аз пардаи замон рад бишавад ва дар инҷимоди эътимоди гарми хок дубора бахя бар синаи чок-чоки худ бизанад ва туморе аз осори устувории Афросиёб биёвезад бар гардан. Лес бизанад ба захмҳои бадан ва, эй кош, дубора, даҳбора хушбину хушнигар бишавад ба ин шаҳр, ба ин саргузашту ба ин дарандаште[1] ба номи меҳан.

## Фарози Сиёҳоб

Барои аввалин бор ба ин шаҳри куҳна паноҳ мебарад. Ҷое ки қарнҳо занони ин шаҳр буғзи худро бурдаанд ва ба гӯши обҳои сурху амвоҷи равони он пич-пич кардаанд, дод задаанд, дуъое хондаанд ва назре кардаанд ва баргаштаанд ба коми тақдир. Аммо чиро Сиёҳ мегуфтаанд ин

[1] Дарандашт – васеъу паҳновар

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

рӯди нарму борику шаффофро? Чиро «Фарози Сиёҳоб»? Ҷо-ҷо доғи хуни охирин сокинонаш ҳамчунон пайдост. Аз мазор, ки боло меравӣ, кӯҳҳои куҳна даҳон боз кардаанд ва мурдаҳо ҳам аз урёнии ин ҳама нобудӣ дигар парвое надоранд. Калоғҳо бо устухонҳо ба сулҳ расидаанд. Сагҳо танҳо барои хобидан инҷо меоянд. Парандаҳо аз осмони ин шаҳр мегузаранду дар хокҳои бесабза ва сӯхтаи он вақт талаф намекунанд. Инҷо мешавад дар абадият то абадият роҳ рафт ва ба гӯши садҳо сол кари Самарқанд то даридани ҳанҷараҳо[1] фарёд зад. То хушкидани тамоми рутубати бадан гирист ва навҳа хонд, ки бедор шав, азиз, бедор шав, эй зебои хуфта, бедор... Касе бо касе инҷо коре надорад. Касеро дигар гузор ба инҷо намерасад. Рӯҳи Афросиёб дар афсонаҳо ва қиссаҳои куҳансолони шаҳри ҷадид ҷо хуш кардааст. Мешавад инҷо зиндадаргӯр шуд ва байни осмони нуқраву хоки тилоӣ то беинтиҳо хобид ва аз кобуси мардумони зинда-мурдаи шаҳри нав наҷот ёфт. Инҷо касе ба суроғат намеояд. Инҷо дар оғӯши хору ханҷарҳои торих то охирин қатраи хун мешавад андеша кард ва аз мардумони мурда-зиндааш дилҷӯӣ ва роҳи ҳал ҷуст.

Шарора аз теппаҳои Афрсиёб боло мерафту бо худ ҳарф мезад. Баланд-баланд ҳарф намезад, наҷво мекард.

[1] Ҳанҷара – ҳалқ, ҳалқум, нойи гулӯ, он бахши гулӯ, ки садо аз он берун ояд

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ба рӯҳи ин оби муқаддас қасам. Ба ин шаҳри мусаллас[1] қасам. Ба хок аммо назр мекунам! Монданро, истодагиро, исрорро, такрорро назр мекунам! Вақте ман истодаам, М. Д. низ истодааст. Нозим низ истодааст.

Аз баландии Афросиёб ба атроф менигарад ва гӯй дижи сангсохтаи шаҳри навро возеҳ мебинад. Мисли девори Чин даври шаҳри нав аз санг девор кашидаанд. Диже сабзу ободдар миёни ду наҳри худодод.

– Деворҳои рехтаи Самарқанди қадим баландиҳои атрофи Регистони имрӯз аст, – мегуфт Далелӣ.

Устоди пири торих мегуфт:

– Самарқанди ман куҷо ва Самарқанди шумо!

Ба нақшаҳои қадимии Афросиёб ангушт бурда буд:

– Ин мусалласи хокӣ ҷои холии қалби шаҳри куҳна аст. То ин хоки сурхро аз рӯи сарнавишти ин шаҳр барнадоред, назди ин сарзамин қарздор мемонед. Назди гузаштагон, назди виҷдони худ қарздоред. Даст бардоред аз Регистон! Регистон қалби маснӯъӣ дар синаи ҷадиди шаҳри нав аст. Медонед бачаҳо, муғул девори дижи Афросиёбро на, балки камари шумоҳоро шикастааст. Афсӯс, ки давраи ниқоҳат[2] бениҳоят тӯл мекашад.

Шарора ҳатто дар ёд надошт, ки ин устодаш кай ва чиро фавт кард? Чиро аслан аз Эрон

[1] Мусаллас – сегӯша

[2] Ниқоҳат – ҳолати заъфу нотавонӣ пас аз бархостан аз беморӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

муҳоҷират кард? Виҷдонаш ноором буд, ба талотум омад, вақте ба ин андешид, ки чигуна фард дар ғурбат бояд бимирад, бидуни ҳеч хабаре аз шаҳри кӯдакӣ ва дӯстони даврони кӯдакӣ ва бидуни бӯсидани хоки поке, ки аз тани волидайнат муқаддастар шудааст. Чигуна фард бояд бимирад, вақте дилаш дар такопӯ ва лабрез аз армон аст... Чигуна фард биравад, вақте тамоми вуҷудаш барои мондан меҷӯшад?!

Ёди таронае қадимӣ уфтод. Таронае аз афсонаҳои қадимии кӯҳистон, ки достони духтари навҷавонест, ки бар сари гиёҳе менишинад ва ҳар бор, ки ин таронаро мехонад, гиёҳ қад мекашад ва он қадар месарояд, ки гиёҳ то осмони ҳафтум рушд мекунад ва ӯро низ бо худ боло мебарад: «Сандалвор-вор, маро болотар барор.» Шарора ҳам ингор бо такрори он ба ҳаво баланд мешуд ва ба чашмандози фаротар даст меёфт. Сандалвор-вор, маро болотар барор. Сандалвор-вор, маро болотар барор...

Самарқанд шаҳре пур аз манзилҳои яктабақа ва маҳалҳои қадимиву ҷадид канори ҳам. Хиёбони чиниҳо аз ҳама харобтар пушти майдони Регистон аст. Баъд биноҳои муҳкаму зебои русӣ ва муҳимтар аз ҳама манорҳову мадрасаҳо, ки ҳувияти шаҳрро сохтаанд. Миёни ин ҳама гесӯи сафеду ба ҳаво баланд ва албонҷи дуди корхонаи арақсозӣ рӯбарӯи Регистон диққати Шарорaро ҷалб мекунад. Аҷаб тазодде дорад ин шаҳр. Дар баробари мақбараи Амир Темур, дар баробари

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мадориси аслии шаҳр, дар баробари бинои донишгоҳ корхонаи арақсозиро русҳо бо чи сиёсате сохтаанд? Русҳо ё шояд дурусттараш шӯравиҳо. Ин сохтмоне, ки ҳар рӯз ду бор дар он гандум меҷӯшад ва бӯи ғализи он ба шаҳр паҳн мешавад, дуди касифи он мардумро хафа мекунад. Чи ҳусну хоссияте дошта? Мақсад аз ин кор чи буда? Агар на, ба ҳам задани бофти аслии шаҳр ва махдуш[1] кардани ҳувияти мазҳабии ин шаҳри нав. Самарқанди қалби Шарора на мадрасаҳои диниро мешинохт ва на мантиқи арақсозӣ дар миёни ин ҳама ободию зебоиро. Ӯ дур аз ҳар гуна сиёсати Истолин ва тарбияти динии қабл аз шӯроҳо ба бор омада буд. Бо расму ойини озодонаи гулгашту домони кӯҳ ва виқори қуллаҳои барфпӯш.

Аз фарози афсурдагиҳои Афросиёб пойин меояд ва дар хиёбонҳои шаҳри нав қадам мезанад. Чойхонаҳои шаҳр пур аст аз марду зани пиёлабадаст, ки даври хони торихи дергузар дар фароғат бо тақлид ба ҳамдигар нишастаанд. Назри онҳо ҳам мондан аст. Назри онҳо ҳам исрор аст ба истодагӣ. Инҷо ҳеч чиз, ҳеч сарнавишти тоза ва якто нест. Чойи сабзро дар пиёлаи пахтагул гирд мегардонад.

Шарора мудом ба атрофи худ нигоҳ мекард. Касе бо ӯ на коре дошт, на таваҷҷуҳ. Хушҳол шуд аз ин озодӣ, ки ин лаҳза насиби ӯ шуда буд ва ҳам насиби ин мӯйсафедоне, ки аз рӯи одати

[1] Махдуш – хадшадор, харошдор, доғдор, осебзада

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чандинқарнаи худ дар чойхонаи «*Лаби ғор*» нишастаанд ва шамма мехоянду таби тобистони 1991-ро фурӯ менишонданд. Шаҳр дар бухори замин меларзид. Регистон дар сукути торихии худ ғарқ аст. Мардҳои майдон баъд аз муборизаҳои бесобиқа ва бемуваффақияти чандинҳазорсолаи худ даври шатранҷ нишастаанд ва ҳайрон, ки чи тур дар ин ҳама даври набард охир на касе пирӯз шуд, на касе бозиро бохт? Навиштаҳои рӯи дару девори Регистон ва биноҳои куҳнаи шаҳр барояшон танҳо ёдовари тасвире аз фазилати фаромӯшшудаи гузаштагон аст, ки дигар кам касе қодир аст ба хонданашон. Хок ҳанӯз муқаддас аст, аммо зери мумфаршҳои Шӯравӣ, ки муддатҳост аз рӯи пӯсти шаҳр собида шудаанд ва қорчҳои[1] захм пайдо кардаанд. Дигар ҳеч парчами сурхе пайдо нест, ба ғайр аз хуни дили тоҷирон дар бозори Регистон, ки дунболи як-ду харидор зорию тавалло мекунанд: «Акаҷон, ҳаминро гиред, хело арзон кардам. Муфти муфт, ба Худо.»

Шаҳр рӯҳафтода ва шонаҳояш фурӯ нишастааст. Шӯравӣ рафта, аммо тилисме бар ҷони ин шаҳр гузоштааст. Самарқанд оне нест, ки буд. Оне нест, ки шонаҳояш ба Зарафшон, доманаш ба Чочу Хуҷанд мерасид. Самарқандӣ ҳам дигар оне нест, ки буд. Дигар шояд Рӯдакӣ низ он қадар ҳамшаҳрӣ нест, ки буд. Панҷакент аз бағалаш уфтода, Нахшабу Ғиждувон ва

[1] Қорч - занбӯруғ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

риштакӯҳҳои Зарафшону Нурато ҳам бегонаанд. Аммо зерзаминҳояш...

Шаҳри нав ҳам мисли Афросиёби куҳна пур аст аз роҳҳову розҳои зерзаминӣ. Даҳ сол тӯл кашид, то кашфаш кунад. Инҷо рӯи замин рӯзгори дигарест, онҷо зери замин дигаре. Ҳавлиҳо инҷо ҳанӯз дарунию берунӣ ва роҳҳои заминию зерзаминӣ доранд. Инҷо бояд чашми сарро бибандӣ ва чашми дилро во кунӣ. Инҷо мантиқи мукаъъаб[1] роиҷ аст ва ҳар маъное на чаҳор, балки шонздаҳ паҳлӯ дорад. Мантиқ илми муштарак нест дар ин рӯзамин ва зерзаминҳо, балки байни мардумони бозор ва мардумони нодор, китобдору ҳисобдор низ фарқ дорад. Тӯл мекашад, то зери пӯсти ин шаҳр роҳ биравед ва ба ин роз пай бибаред. Инҷо таҳҷоиҳои асолатманд дар зерзаминҳо рафтуомад мекунанд. Рӯи замин маҳалли тоҷирон, дастфурӯшону мусофирон аст. Ҳоло Шарора низ расман зерзаминӣ аст.

## Фурудшаҳр

Мегӯянд хотуни Бухоро низ аз роҳҳои зерзаминӣ рафтуомад мекард. Бо аробаи тилоӣ ҳамроҳ бо канизакони худ назди хотуни Самарқанд мерафту ҳафтаҳо базмҳои зерзаминӣ

[1] Мукаъъаб – ҳар ҷисме, ки дорои шаш сатҳи мураббаъ бошад, ба шакли каъба

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

барпо мекард. Базмҳои кашфи тану ҳиссу ҳавас бо духтарону писарони зеборӯй ва роздори дарбор, ки дар ҳеч як аз манобеъи таърихӣ аз он на рӯй асту на бӯй. Пас чи тур аз чанги соядаи занситезтарин даврони таърихи Мовароуннаҳр ин ривоятҳо ба ҷо монда? Танҳо аз нофшаҳриҳо бояд дарёфт ва дар маҳфилҳое махфӣ. Маҳфилҳое, ки дар он нисфирӯзиҳои тобистон мешуд ба таври комилан тасодуфӣ ва ғайричашмдошт сар даровард дар миёни чорроҳиҳои пуриздиҳоми шаҳр ва ширкат кард дар ҳамин сандалиҳои ранграфтаи атрофи Регистон ё мақбараи ҳамешашулуғи Бибихоним. Оҳ аз ин зани мазлум, ки на дар ҳаёт ва на баъд аз мамот ба оромиш нарасид ва орзӯяш хилват буд ва дурӣ аз нигоҳи мардум. Ҳамчунон дар баробари диди раҳгузарон ва бозориён рӯҳи саргардони ин зан шеван мекашад барои лаҳзае сукут, лаҳзае хилват, лаҳзае оромиш.

Бехабар аст Шарора, ки ба муҳавватаи Гӯри Мир расидааст. Зерзамини он, ҷое ки Амир Темури Гураконӣ хобида, ҷоддаест махфитарину тӯлонитарин. Аз ин ба маркази майдони Регистон роҳ аст. Аз инҷо ба ҳама ҷо роҳ аст. Роҳҳое, ки амир аз он сарбаланду бо гардани кашида ҷанги тозае оғоз мекард бо дили пуру чашмони пурнуру барқ, ки роҳи фирор ба тамоми самтҳои ҷаҳон зери пояш муҳайёст. Далели пирӯзиҳояш ҳамин роҳҳои зерзаминӣ барои фирор аст. Ӯ аз шикаст наметарсид. Аз шикаст дар рӯи замин наметарсид, чун зери пояш, ҳарҷо ки буд, роҳе барои фирор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дошт. Бебокӣ рози дастбаландии ӯ буд ва шӯру шарари садояш, ки сад баробар аз қабл мешуд, ҳар бор ки ҷоддаи ҷадиде омода барои фирор мешуд. Роҳи ҷадид ҷанги ҷадид буд барояш. Бояд қавлу қарори пирӯзиро даҳ баробар бештар аз ҷангҳои қаблӣ мекард. Зерзаминҳояш меларзид, ҳар бор, ки аз рӯи замин бо лашкари хашмини худ метохт ба ҳамсоягони худ. Ҳамаи хокиҳо аз фарҳанги зерхокии ӯ метарсид. Хоки муқаддаси шаҳр бар сару рӯяш мерехт аз рахнаву роғҳо ва доғи куҳнаашро тоза мекард, ки лоиқи ин шаҳр нест. Ёдаш меандохтаанд, ки дар ин биҳишти рӯи замин оромише барояш вуҷуд надошт. Ӯ ҳамсатҳи мӯру морҳо буд, магар ки онҷо роҳат буду роҳат мехобид.

– Он зерзамин куҷо ва ин зерзаминҳо куҷо?!, – мегуфт Далелӣ дар яке аз ин маҳфилҳои зерзаминӣ ва ҳақ дошт устоди пир, ки кай ва куҷо ва чигуна фавт кард, Худо медонист, ва виҷдони ноороми Шарораро хаш-хаш мехарошид ин ёдҳои мукаррар.

– Агар ҷое рӯи замин сарбозе суми асбаш ба замин мекӯфт, ки эй кош, саҳме дар ҷанги ҷадид надошт, он мавқеъ буд, ки хок бар сари амири хундомангир мерехт, ӯро асабонӣ мекард. Вақте аз майдони Регистон берун меомад, ниёз ба ғубортаконӣ дошт. Он зерзамин куҷо ва ин зерзамин куҷо? – мегуфт бо лабханд Далелӣ.

Ёд мекард Шарора бо дарди амиқи виҷдон аз суханони устоди пираш. Амир бо ин ҳол ҷоддаҳои

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

зерзаминии шаҳрро дӯст дошт. Дуъо мекард аз ин ҷоддаҳо танҳо ба майдони Регистон ояд. Дуъо мекард ин роҳҳои зерзаминӣ ӯро аз шаҳри маҳбубаш берун набаранд. Аз гум шудан дар ин зерзаминҳои торик метарсид. Метарсид аз мӯру морҳое, ки хилваташонро шикаста буд. Сахт метарсид. Аммо хобҳои роҳаттаре дошт дар зери хок, ки Худоро шукр, ки онҳоро дорад ва Худоро шукр, ки муҳандисони онро як ба як ҳамаро куштааст ва ба ҷуз ӯ касе нақшаи онҳоро надорад. Роҳҳои махфӣ барои фирор ор набуд барояш, балки мояи ифтихор буд. Хун аммо доманашро гирифта буд ва хуни бегуноҳон вақте доманатро бигирад, ҳамон беҳ, ки Азроил ҷонатро.

Торикии нимашаби шаҳр часбнок рӯи пӯсти Шарораи бебок нишастааст. Бо ҳар қадаме, ки андӯҳбор ба пеш мегузорад, сирешвор аз пайи ӯ кашида мешавад ва масофаро дуру дуртар мекунад. Аз рӯдаҳои макандаи шаб бо сахтӣ худро берун кашид ва ба нури хираи сари кӯчаи манзилаш расид. Нозим мисли сояе аз дарахт ҷудо шуд ва ба сӯяш омад. Сояи Нозим бо ин ки хокистарӣ ва тира буд, аммо мисли муҷассамаи мутаҳаррик дақиқу шинохтанӣ буд, вақте бо қадамҳои нарм сӯи ӯ меомад. Омадане, ки гӯӣ лағзидани нарму гарм буд, аз муҳаббат, аз ҳамдилӣ:

– Дохил нарав. Хона надаро, азизам.

– Барои чи?, – як қадам ҷилавтар гузошт Шарора. Байни Нозим ва нимароҳи манзилаш

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

истод.

– Баъдан муфассалтар мегӯям, бовар кун, фикри хубе нест, корро расво мекунӣ, агар хона дарой, худатро таслим кардаӣ, – даст ба ҷайби кути[1] худ бурд Нозим ва чизеро берун овард. – Инро бигиру ҳарчи зудтар марзи Панҷакент рав. Онҷо ёрӣ мекунанд...

– Куҷо биравам? Ту ҳам ба онҳо ҳамроҳ шудӣ? Ман аз инҷо ҳеч ҷо намеравам. Хастаам, сари роҳамро нагир. То ин сари субҳ роҳ рафтаам..., – асабонӣ шуд Шарора, ки бо шунидани ин ҳарф танҳои танҳо шуда буд.

– Онҳо ҳам то субҳ мунтазири ту буданд, – ва бо лаҳни илтимос, аммо дастурӣ мегӯяд Нозим бо сар ба сӯи манзили Шарора ишора карда. – Ба ҳарфам гӯш кун, хоҳиш мекунам. Даруни хонаи худат мунтазират нишастаанд.

– Гӯш кардам. Мамнун. Ҳоло ба ҳолам мон, – боз як қадам пеш монд Шарора.

– Иштибоҳ мекунӣ. Ин бор ҷиддист. Шӯхӣ надорад. Шарора!, – мехост исмашро бо тамоми садо пахш кунад ба атроф, ки чиро якбор ҳам, ки шуда, ба ҳарфам гӯш намекунӣ? Чиро як бор ҳам маро ҷиддӣ намегирӣ?

Шарораҳое, ки аз ҳалқуми ӯ берун баромад, бо лаҳни эътирозу дастур ва ғамхориву нигаронӣ омехта буд ва аз рӯшании нимранги кӯча убур мекард ва дар торикӣ ҷабида мешуд, аммо ба

[1] Кут – костюм

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гӯши Шарора намерасид.

Ӯро ҳеч вақт ин қадар асабонӣ ва камҳавсала надида Шарора. Аммо хастагӣ ва вобастагиҳояшро мехост аз тан биканаду рӯи тахтихоби хуби худ як-ду-се қарн бихобад. Шояд ҳолаш беҳтар бишавад. Шояд ин ғилзати шаб низ таҳ бишинад ва бороне бибораду шираи хафакунандаи шаҳру шабҳояшро бишӯяд. Шарора эҳсос мекард ӯ низ дар канори мардуми шаҳр дар косаи ширинии замон уфтодааст ва ба сони парвонаест, ки болҳояш асалолуда аст.

Лӯлаҳо аз беобӣ занг задаанд. Муддатҳост умеде аз садои чакра-чакра чакидани об аз лӯлаҳо нест. Аввал оби гарм қатъ шуд ва баъд оби сард бедарак рафт. Ҳамон чакраҳои кӯчаку мукаррар, ки шабҳои тӯлонии зимистон ба сони санг бар фархи сараш меуфтод, охирин нишони об дар манзили ӯ буд. Об, ки манбаъи ҳаёт буд, ноёб буд.

Эй кош ҳадди ақал сатлҳои мисин пур аз об бошад. Бигзор оби монда, аммо бошад. Ҳоло мефаҳмад фараҳеро, ки ҳайвони ғалтида дар гил дорад. Ҳоло мефаҳмад интихоби дар гил ҷӯлидану[1] ғӯтидани ҳайвонҳои ташнаро. Ҳоло, ки асали хастагӣ фурӯ рафтааст, мефаҳмад тафовути ҳоли ин ду навъ тан шустанро. Ба тамоми чирки олам мешавад одат кард, аммо ба часпандагии шираи арақи тан ҳеч гоҳ.

Дар боз буд. Чироғи роҳрав рӯшан. Утоқи

[1] ҷӯлидан – ғалт задан, худро олудаву хис кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

нишеман монанди кабӯтаре буд, ки пар аз параш канда бошанд. Ҳеч чиз сари ҷои худ набуд, бахусус китобҳо, бавижа ёддоштҳо, ки титу пит буданд. Чор нафар марди либоси сабзранги низомӣ дар тан бо чеҳраи зарду ҷаҳлолуд дар чор гӯшаи утоқ хаставу мураддад дароз кашида буданд ва бо садои боз шудани дар аз ҷой баланд шуданд, сару мӯи худро мураттаб карданд. Аз бафурҷагияшон маълум буд, ки дастур доштанд дар сурати ниёз тамоми шаб ҳам инҷо бимонанд, аммо дасти холӣ барнагарданд. Аз кай инҷо мунтазираш будаанд? Ба назар мерасад ба андозаи кофӣ фурсат доштаанд, ки тамоми дастхатҳоро сафҳа ба сафҳа бигарданд. Ингор ҳарчи авроқ дар утоқ буд, кӯбида буданд бар сақф. Гӯё барои саргармӣ мусобиқае роҳ андохтаанд. Рӯи дастхатҳои ошно қадам мемонд, то ба онҳо наздиктар бишавад. Бо ин ки нигоҳе ба зери пояш намекард, аммо мешунид зери пояш наҷвои хащдори[1] чи касе баланд шудааст. Сабки қалами чи касест ғалтида рӯи фарш ва ӯ танҳо бо бетаваҷҷуҳӣ ва нодида гирифтан метавонист наҷоташон диҳад, дур нигаҳ дорадашон аз чашми ин афрод, ки ба манзили ӯ шабехун карда буданд ва Худо медонад дунболи чи ҳастанд.

Аз рӯи дастхатҳо на, балки аз рӯи дастҳову қалбҳои дӯстонаш рад мешуд ва ба рӯи худ намеовард. Ингор фарш аст. Нақше бар фарш аст

[1] Хащдор – хатдор, харощдор, дурушт

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ин ҳама асрори шорида аз сару синаи сокинони ин шаҳр аз чашмони бедодгари мидод[1]. Чанд пораи шеъру шиъор ва достону қисса магар чи зараре дорад? Хуб, инҳоро аз байн бибаранд, аммо бо онҳое, ки ҳамчунон дар зеҳнҳост, чи хоҳанд кард? Инҳо ки ҳеч вақт навишта нахоҳанд шуд ва заҳр хоҳанд баст дар даҳони бастаи мардум, чи хоҳанд кард?

– Ойтӣ-мулло, заҳмат накашед, – билохира хаёли ӯро бурид яке аз онҳо, ки бо лаҳҷаи ноби самарқандӣ ҳарф мезад.

Шарораро аз даровардани кафшҳои худ нигаҳ медорад. Афсар? Пулис? Амниятӣ? Воқеъан чи касе метавонад инҳоро аз ҳам тафкик[2] кунад? Мардум даҳсолаҳост одат кардаанд ҳамаашонро милиса хитоб кунанду хиёлашон роҳат. Ҳарки аз боздошт ё зиндон баргашта, низ намедонад кадом созмон ё чиро боздошташон карда. Аслан чи фарқе мекунад, чун муҳим нест кадом созмон ва бо кадом ҷурм онҳоро аз озодӣ маҳрум карда? Муҳим он аст ки агар коратон бо ин сабзпӯшҳо даруфтод, то охири умр лолу завол мешаведу радди маърака. Он вақт чи суол кунед, чи накунед, об аз сару рӯй рехтаву рафтааст.

– Тез марказ рафтан даркор, ойтӣ. Ҳама шаб раҳи Шумоя пойида шиштем, – дубора гуфт ҳамон сарбози аввалӣ.

– Шабгардӣ ҳам ба эбаш, дия, – масхара

[1] Мидод – қалам

[2] Тафкик кардан – ҷудо кардан, бозшинохтан, фарқ кардан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мекунад дигарӣ, ки эҳтироми қаблӣ дар симояш набуд.

– Хонаи ороста доштеду ин ҳама ойина!, – механдад он дигарӣ.

Шарора бидуни ҳеч гуна ҳассосият бо лабханд ба так-таки онҳо нигоҳ мекунад. Дилаш пур аст аз ин ки М.Д. чун фариштаи пуштибон боз ба наҷоташ меояд ва бо ин баҳона баъд аз муддатҳо ӯро боз хоҳад дид. Боз ба издиҳоми ибҳоми чашмонаш хира хоҳад шуд. Ва боз дастонашро рафиқвор хоҳад гирифту сахт фишурд ва шояд ҳатто хоҳад сахт бӯсиду танг дар оғӯш гирифт. Он гуна ки он шаб дар пои манор.

Ӯро бурданд ба маҳалле, ки барояш ошно набуд. Савори худрав карданду бурданд ду-се килуметр дуртару пиёда карданд. Рӯбарӯи рестуроне, ки қаблан ҳеч ба он таваҷҷуҳ накарда буд. Вориди рестурон шуданду мустақим рафтанд сӯи даре, ки навишта танҳо барои кормандон. Роҳрави борике дошт. Яке аз дарҳоро боз карданду Шарораро ба дохили он ҳидоят. Утоқи кӯчаку бепанҷарае буд.

Вақте пурсуҷӯ тӯлонӣ мешавад, ӯ хаставу гурусна ва парешон беихтиёр мегӯяд:

– Лутфан, бо М. Д. тамос бигиред. Эшон маро хуб мешиносанд...

– Маълум аст хеле вақт аст ҳамдигарро надидаед, набошад медонистед, ки рафтааст, – мегӯяд бо заҳрханд яке аз ду бозҷӯ.

– Яъне чӣ, рафтааст? Куҷо рафтааст?, – аз

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бозиҳои равонии бозҷӯҳо асабонӣ ва нигарон мешавад Шарора.

– Ҳанӯз кор доштем бо ин М. Д.-и Шумо, вале хуб, дигар аз дасти мо хориҷ аст. Рафтанд ба дасти худи Азроил уфтоданд, – мегӯяд бозҷӯи дувум.

– Чиро шӯхӣ мекунед?!, – бо қаҳру таҳдид тақрибан дод мезанад Шарора...

– Инҷо ҷои шӯхӣ нест, – ҷиддӣ ва бо лаҳни дастурӣ мегӯяд бозҷӯи аввалӣ.

Ҳеч вақт ин қадар гурусна набуд. Ёдаш намеомад, ки охирин бор чӣ ва дар куҷо хӯрдааст. Аммо эҳсоси шарм мекард, ки дар ин лаҳзаи ҳассос бояд ба гушнагӣ фикр кунад. Ёди ҳарфи М. Д. уфтод, ки ба ӯ бо киноя гуфта буд:

– *Любовь приходит и уходит, а кушать хочется всегда!*[1] Ҳисси ғарибе дошт ва гоҳе бовараш мешуд, ки М. Д. аз шаҳр рафтааст ё шояд ҳатто воқеъан мурдааст. Ба ҳар ду ҳолат низ ингор омода буд. Аммо чиро бояд мурда бошад? Шояд рафтааст аз ин шаҳр. Яъне ишқи ӯ аз сараш парида? Яъне танҳо ҳавас буда ин алоқаи беморгунааш?

Аз ҷой баланд шуд. Ҳарду бозҷӯ нигарон ба ҳамдигар нимнигоҳе андохтанд ва зоҳирро ҳамонгуна хашмину ғазабнок нигаҳ доштанд. Сигор аз лаби яке аз бозҷӯҳо гирифт, ба лаби худ ниҳоду дуди ғализашро фурӯ кашид. Гӯӣ бебандубор шуда бошад. Чизе аз ӯ канда шуда буд ва уфтода буд ба чоҳи нестӣ. Аммо чи касе ба ин

[1] Яъне: Ишқ меояду меравад, аммо майли хӯрдан ҳамеша ҳаст.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

авбошҳо бовар мекунад? Бо виқор нишаст сари ҷои худ, ки «Хӯш! Дигар чи макре доред?!» Бозҷӯҳо ҳайрон ба ҳамдигар нигаристанду бидуни ҳарфе берун рафтанд...

Ҳоло худаш меояду ӯро ба оғӯш мегирад ва мегӯяд, «баҳ-баҳ, чи шерзане ту ҳастӣ! Баҳ-баҳ, чи ғаюрзане ту ҳастӣ!» Аммо касе дарро во накард. То субҳ. То рӯзи дигар. То намедонад кай...

## Марз

Ба зери пояш нигоҳ мекунад, шояд инҷо ҳам зерзаминест. Зерзамине ба сӯи биёбонҳои Бухоро, ба сӯи Афросиёб ё Хива ё Хоразм. Шояд роҳи фироре ҳаст аз ин доми бетонпӯши Шӯравӣ. Ҳоло, ки медонад Самарқанд ҳама *лоядарлоя*[1] аст, бояд худро ба он *лояи* зертарин бирасонад, то дар дилу ҷони ин шаҳр ҷо шавад ва аз дастони шилимшиқи[2] ин ғукҳои сабз ва обҳои гандидаи кӯлмакашон[3] раҳо шаваду дар сурхреги хушбӯи Регистон обтанӣ бигираду пок шавад.

Аз тариқи М.Д. ба зерину зарринтарин *лояи* ин шаҳр расида буд ва хабар надошт, ки тариқати Самарқанд дар рагҳояш дамида буд. Замоне фаҳмид, ки дар боз шуду раиси донишгоҳ рӯбарӯяш истод. Бо нигаронӣ ба пешонааш даст

[1] *Лоядарлоя* – қабат андар қабат

[2] Шилимшиқ – тару часбанда, чиндишовар

[3] Кӯлмак – мурдоб, ботлоқ, толоби кӯчак

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бурд, ки:

– Шумо?!

– Бачем, ҳеч гап не, нигарон набош. Ҳамааш нағз мешавад. Биё рафтем.

– М. Д. мурдааст?, – бидуни муқаддима пурсид Шарора.

– Шшш..., Шшш... Нигарон набош. Ҳамааш нағз мешавад. Ҳамааш нағз мешавад, – бо буғз такрор мекард Юнус Абдиевич, ки мутмаин набуд ин ҳарф аз куҷо сарчашма гирифтааст? Намедонист, ки ҳилаи М. Д. аст барои ҷустани дурӣ аз ӯ ё чизи дигар, ки тарҷеҳ дод вориди ин боғ нашавад ва ӯро бо ин дард вогузорад. Бояд аввал ба фикри амнияти ӯ буд ва баъд ба фикри дили садпорааш.

– Ҳамааш нағз мешавад...

Қалби ҳарду сахт гирифта ва тунд мезад ва ингор ҳарду дар таҳи дил бовар доштанд, ки баъд аз ин дигар ҳеч чиз нағз намешавад. На захмҳои дарун ва на захмҳои берун. Ӯро таҳвил дода буданд ба шифохонаи бемориҳои равонӣ. Мухолифат бо қудрати мутлақ девонагист ва калиди хушбахтӣ тараннуми ин ду ҳарф аст: «Хӯш! Чашм!» Ҳатто агар ҳеч чизе хуш набошад ва ҳеч захме ҷӯш нахӯрда бошад.

Ба атроф нигоҳ мекунад. Фазое ошно дорад, аммо маконе ноошност. Чи гуна сар аз инҷо даровардам? Бо худрав оварданд ё аз зерзаминҳои шаҳр? Раиси донишгоҳ ҳанӯз канори ӯст. Ингор мунтазир буд, ки чашм вокунад, гуфт:

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Тақсири худи ӯ буд. Чандин бор гуфтам бояд биравад. Нарафт. Пушти гӯш андохт, – Юнус Абдиевич мехост дар печида шудани моҷаро нақши М. Д.-ро низ ёдоварӣ кунад, аммо Шарора ҳамчунон бовар дошт, ки ӯ мурдааст. Бигзор чунин фикр кунад. Ҳоло, ки роҳату ором ин хабарро пазируфта, бигзор чунин фикр кунад. Бигзор ин нуқтаро чунин қатъӣ ва ҳатман бигзорад, қабл аз ин ки аз инҷо меравад.

– Намурдааст. Наметавонад...

– На, намурдааст. Чиро фикр мекунӣ мурдааст? Зиндааст. Аммо шадидан бохтааст. Тамоман бохтааст, – бо таассуф мегӯяд Юнус Абдиевич.

– Худаш сари худашро хӯрд!, – миёни суҳбат парид Санам, ки вориди утоқ шуда буд ва ба ҳарфи онҳо гӯш медод.

– Мурдааст?, – боз пурсид Шарора, ки хост бори дигар мутмаин бишавад. Ин суол он қадар сангинӣ мекунад дар синааш, ки дар тахтихоб фурӯ мерафт. Ӯ дар рахтихоб асту рахтихоб дар кафи бемористон, кафи бемористон бар рӯи замину замин ба рӯи Каҳкашон сангинӣ мекунанду фурӯ мерафт, ҳама бо ҳам дар торикии ғализи лиз[1] мелағзиданд.

Чашмонашро боз мекунад. Марде сафедпӯш канораш нишастааст ва пилкҳои Шарораро болову пойин мекунад:

[1] *Лиз – лағзанда*

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ман мурдаам?

Мард механдад:

– *Нет конечно, ты жива и ещё как*[1], – мегӯяд мард ба русӣ.

– Ӯ чӣ? Ӯ мурда аст?

– *Никто никогда не умирает, моя дорогая*[2].

– Пас зинда аст?

– *Конечно жыв*[3], – бо шодӣ гуфт пизишки рус, ки ингор медонист, ки манзури Шарора кист.

– *В этом городе никто не умирает*[4]. Хоссияти ин шаҳр ин аст. Касе намемирад духтарам, то ҳар замоне ки касе ба ёдашон ҳаст, зиндаанд.

– Пас, барои чи?

– Ту нағз шав. Албатта, мебиёд, – ин бор бо лаҳҷаи ғализи самарқандӣ мегӯяду лабханд мезанад.

Шарора чашмонашро мебандад, хаста аз ғалабаи козиби ранги сафед дар тимористон[5]. Сафеду сиёҳ нест Самарқанди ӯ. Шаҳри рангҳову шукуфаҳои боғҳои биҳиштист. Шаҳри шоҳӣ ва атласу адрас ва ҳариру абрешим аст. Зиндагонии мардум чун осмони тобистон барояш рӯшану хоност. Қадамҳояшонро, алоқаҳояшонро, тарсҳову марзҳояшонро хуб шинохтааст. Ҳар садсола дар зери хоки ҳазоронсолаи ин шаҳр лояе ба ҷо

[1] Яъне: На, албатта, ки зинда ҳастӣ, хеле ҳам зинда

[2] Яъне: Ҳеч кас ҳеч гоҳ намемирад, азизам

[3] Яъне: Албатта, зинда аст

[4] Яъне: Дар ин шаҳр касе намемирад

[5] Тимористон – маҳалли нигаҳдории бемороны равонӣ, девонахона

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

гузоштааст. Лояҳои таслимшудагон, тасарруфшудагон, ҷонбохтагон, худсӯхтагон, навобиғи ғаюру сабуру мустазъафон.

Шарора намедонист бо ин афкор замоне чанд сукут кард ва чандин бор уток рӯшану торик шуд. Биҳишту дӯзах шуд. Сибрӣ ва Хоразм шуд, ки Санамро дид боз канори ӯ нишастааст. Ба ғайр аз дандонҳои тилояш дигар чизе дар сураташ барқ намезанад. Дастонашро гирифтаасту ғам дар чеҳрааш тохта аст.

– Мурд?, – бо тарс мепурсад Шарора ва хаста нест аз пурсидани ин таксуол[1], ки зеҳнашро ишғол кардааст. Санам бидуни тавaҷҷуҳ ба ҳолат ва суоли Шарора мегӯяд: "Бояд ӯро таҳвили дӯстони он сӯи марз бидиҳад... Беҳтар аст, ки сокит бошад. Аз тариқи хурӯҷии сардхона берун раванд. Ба ҳеч ваҷҳ ҳарф набояд занад. Ҳатто атса ҳам набояд бизанӣ».

Шарора ҳамаи ихтиёри худро супурда буд ба «ҳарчи бодо бод». Вақте Санам ӯро таҳвили ронанда дар он сӯи марз доду гуфт:

– Сари роҳи Саразм пиёдааш кунед, амак. Онҷо дӯстон дар Масквичи сурхранг мунтазираш ҳастанд. Таҳвили онҳо бидиҳед. Ин ҳам кирояпулӣ, – даст кард, аз киф пули шумурда ва дасташударо ба ронанда дароз кард. Ба сӯи Шарора ишора кард, ки хомӯшу бепарво дар

[1] Таксуол – ягона суол, суоли танҳо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

сандалии ақаби худрав нишаста буд. Шарора бо лабханди озордиҳанда гуфт:

– Росташро гӯед, ӯ зинда аст, на?

Санам дари худравро басту нигоҳ кард ба осмони биёбони Панҷакент. Ба рухсори симхордори марзҳои табартақсими бенасиби Самарқанд...

– Аҷаб теотре бозӣ мекунад. Маро фанд мекунанд? Ӯ ҳеч гоҳ намемирад!

– Бале?, – бармегардаду ба ӯ менигарад ронанда.

– Ба он хонум мегӯям.

– Кӣ мурдааст?

– Бале. Ман ҳам ҳаминро мегӯям кӣ мурдааст? Касе намурдааст!

– Бале, – таъйид мекунад ронанда.

– Дақиқан! Касе намурдааст. Чиро аслан бояд касе бимирад?

– Бале. Дуруст аст. Кош касе намирад, – боз ҳам таъйид мекунад ронанда, ки нигарон аст ва нигоҳашро берун аз худрав меандозад. Мутаваҷҷеҳ буд, ки мусофири ғайриодӣ савор кардааст.

Соъате баъд аз марз гузаштаанд. Наздики зуҳр аст. Саразм дар айнаки нимадудии панҷараҳои худрав байни гарду хоки роҳ ҳеч камие аз гӯристонҳои Афросиёб надорад.

– Гӯри зебои фарҳанг, – мегӯяд Шарора, вақте барои аввалин бор харобаҳои Саразмро мебинад. Тахтаи сурху сафеди марз кайҳост, ки аз уфуқи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

диди ӯ ғайб задааст. – Рафтан ҳам як навъ мурдан аст.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

# Фасли чаҳорум

## Санам

Шарора рафта буд ва ӯро пур аз суол ва куллӣ мушкилот пушти сар гузошта буд. Тамоми таваҷҷуҳашро ба берун кардани Шарора ҷамъ карда буд ва ҳоло, ки ӯ рафта буд, ба худ ва атрофи худ чашмонаш бозтар шуд. Ҳоло бояд ба ин фикр мекард, ки чи оше барои худи ӯ ва М.Д. пухтаанд. Аз ҷоддаи марзи Панҷакент то синаи Самарқанд бо ин андешаҳо сукут карда буд. Аз худрави бародарзодааш пиёда шуд. Ташаккур кард ва таклифи самарқандӣ ҳам ҳатто накард, ки биёед, як пиёла чой...» Дарро баст, вориди ҳавлии холӣ шуд.

Аз дар ворид шуд. Чашмонаш ба наққошии рӯи девор уфтод. Ҳудуди бист сол пеш аз дӯсти наққоши худ хоста буд онро барояш омода кунад. Наққошӣ на, балки ёддоште буд бар порчаи сафед рангнавис шуда буд ва дар қоби тилоии клосик ҷой гирифта буд. Ёддоште барои тамоми умр. Аз дӯсташ хоста буд дар шаклу сабки ёддоштҳои хариди ҳафтагӣ барояш ин чанд мисраъро

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

наққошӣ кунад. Хоҳишаш бо маҳорат ва муҳаббат анҷом шуда буд. Ду байт аз Робеъаи Балхӣ бо коллигрофии[1] зебои хатти сириллик нигошта буд:

Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд.

Ҳар бор самимият дар робитаи зонушӯияшон зарду пажмурда мешуд, ё ҳузурашон бори гарон бар дӯши якдигар мешуд, дар қоби уқёнуси панди Робеъа ғарқ мешуд ва боз ба «як фурсати дигар» меандешид. Тамоми умр як бори дигар фурсат дода буд ба М. Д., ки ӯро дӯст дошта бошад, ӯро бихоҳад, ӯро бибинад, ӯро дарк кунад, ӯро бишнавад, бо ӯ бошад ва даст аз маъшуқабозӣ ва робитаҳои кӯчаку муваққат бардорад. Ин қоб ба Санам нерӯ медод бозу бозу боз бибахшад ва бозу бозу боз аз нав шурӯъ кунад. Аз хокистари сӯхтаҳояш бархезад ва ҷону ҷаҳони дигаре созад. Сими зарфшӯӣ буд ин наққошӣ ва зарфи дили ӯро мешуст. Ҳар бор ки мағзу зеҳнаш рӯбарӯи ин қоб менишаст, эҳсос мекард бо ҳар вожаи он хастагияш собида мешавад. Даруну берун сӯхтагиву сохтагиҳои куҳнаву ҷадид аз девори дилу ҷонаш харошида ва кандаву покиза мешуд ва боз рӯшноӣ дар гӯшаи санги синааш барқ мезад. Ашк мерехт, ки чирку доғи ғаму ғусса берун резад ва бо

[1] Коллигрофӣ – хушнависӣ, хаттотӣ (каллиграфия)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

остини пок хушк кунаду биравад дунболи ҳамон суоли ҳаррӯзааш, ки «дадеш, шом чи пазам имшаб?!»

Ин бор вақте нигоҳаш ба он уфтод, зуд рӯяшро сӯи дигар тофт. Зуд худро аз ин бути ҷодугар, ки даҳҳо сол ӯро ғуломвор ба итоъат ҳидоят карда буд, рӯ баргардонд. Ҳатто хост онро аз девор биканаду бикӯбад ба замин, аммо кори муҳимтару воҷибтаре дошт.

Вориди утоқи хоб шуд. М.Д. рост истода буд. Ба сӯи ӯ баргашт. Нигоҳаш пур аз суол. Санам бидуни ҳеч барномаву андеша худро кӯбид ба синаи М.Д. ва дашному душном пушти сари ҳам, то ҳарфҳояш маънову мантиқе пайдо кунад.

– Духтари бечораро беватан кардӣ! Бечора кардӣ! Ҳоло интизор дорӣ ҳамаро нодида бигирам? Бо ин ҳама нафрат ман чи кор кунам?!, – мушт бар синаи шавҳари худ мезад ва ҳар тамос бо тани ӯ ёдовари он буд, ки беҳтар нест оғӯшаш кунӣ? Беҳтар нест сар бар шонааш бигзориву гиря кунӣ ва баъд аз моҳҳо ором бигирӣ? Ором бигирад. Аммо ин бор ӯро чизи дигаре ҳидоят мекард. Нерӯи берунӣ тамоми ихтиёри ӯро тасоҳуб карда буд:

– Рав! Дафъ шав аз ин даргоҳ! Ҳамаро месӯзонам, агар мондӣ. Рав, лаънатӣ! Рав, чиро истодаӣ?!

Аммо бехабар буд, ки ӯро сахт дар оғӯш гирифта буд. Ин шонаҳоро, ки солҳо сар гузошта буд, то ором бигирад, роҳат намешуд, агар раҳо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

кунад. Пирӯз намешуд, агар ӯро шикаст диҳад. Ин дафъа тавони бахшидан ва аз нав сохтан надошт. Нерӯе барояш намонда буд, то он Санами қодиру собир, бахшояндаву меҳрубон бошад. Пайкари буте дар дарунаш фурӯ рехтааст. Тобистоне дар табиъати Санам шурӯъ шуда буд бо раъду барқу тундару жола ва нолаҳои пинҳонияш, ки бо ин ки баланд буд, аммо ҳамеша кам буд. Вахшу Диҷлаи хайру саховаташ туғён карда буд, тарснок, ҳароснок. Роҳи мудоро бо Санам сари фармон фуруд овардан буд. На дӯғу пӯписа, на шаллоқ, на тиёқ[1] ӯро ором намекард. Ҳар панду фанде пиёлае рӯған буд бар гулхани тани Санам.

– Се талоқ? Сад талоқ! Чиро намеравӣ? Бирав!, – фарёд мезад Санам ва аммо лаҳзае ҳам ба ин фикр накарда буд, ки мешавад бидуни мард ҳам зиндагӣ кард. Агар биравад, чӣ? Агар воқеъан ӯро танҳо бигзорад. Як лаҳза ҳам зиндагӣ бидуни М. Д.-ро тасаввур накарда буд. Як лаҳза ҳатто орзу накарда буд, ки зани танҳо бошад. Ҳатто ёдаш омад он дуъое, ки аз Худо хоста буд ӯро зудтар аз ҳамсараш бигирад. Як лаҳза ҳам зиндагӣ бидуни ҳамсарашро таҳаммул надошт ва ҳоло намедонист чиро ӯро аз хона меронад. Шояд ба ин умед, ки ӯ ҷое барои рафтан надораду намеравад. Мемонаду мегӯяд ин хонаву ҷои ман аст, агар розӣ нестӣ, ту бирав.

– Талоқро мард медиҳад, на зан. Қабул нест, –

[1] Тиёқ – асо, чӯбдаст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

билохира М. Д. хост каме аз қаҳру ғазаби Санам бикоҳад ва заҳри ҳарфҳояшро фурӯ бибарад ва ҳатто каме ҳам шӯхӣ кунад.

– Чиро қабул набудааст? Аз ин баъд қабул аст, фаҳмидӣ? Аз ин баъд талоқи зан ҳам қабул аст. Бо ҳамон Шӯравият бирав ту ҳам гум шав! Дооод мезанам, агар наравӣ. Кош мурда будӣ. Кош рафта будӣ, туро ҳам дигар намедидам...

Тамоми ин ҳаракатҳову ҳарфҳо на аз ӯ, балки аз касе дигар буд ингор. Забонашу дастонаш мустақиллона, бидуни ҳамоҳангӣ бо қалбу зеҳнаш амал мекарданд. Аввалин бор буд, ки ин ҳолат ба ӯ даст дода буд. Танҳо чизе, ки бар он ҳузури зеҳн дошт, ин буд, ки фардо чигуна хоҳад буд? Ҳанӯз М.Д. нарафта ва рӯбарӯи ӯ ҳайрон вомондааст, аммо Санам ҷои холии ӯро, хонаи бидуни ӯро нафрин мекард. Дилаш барои шавҳараш танг буд. Ба атроф нигоҳ кард, ингор манзили ӯ набуд.

М. Д. ночор гардан бар гиребон кашиду ба сӯи Регистон ором-ором қадамҳои сангин бардошт. Санамро бо дарди сӯзнокаш танҳо гузошт. Роҳи дигаре ҳам надошт. Бояд аз дар берун мерафт. Ҳарчанд дилаш моҳҳо пеш рафта буд. Бурдани ҷисмаш барояш кори чандон сахте набуд. Ҳарчанд ҳеҷ ҷое барои рафтан надошт. Ман намемонам. Чиро бояд ҳамаро даргири рафтанҳову озорҳои беҳуда кунам. Ба дастонаш нигоҳ мекунад. Лак-лаки қаҳвай тамоми пӯсташро гирифта, муддатест ӯро нигарон карда. Ингор радди пои лаҳзаҳои рафта аст, ки ба ҷо монда ва рӯз то рӯз аз хуршеди

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

тобистон ранг мегиранду паҳн мешаванд. Ингор хушиҳои ишқи Шарораанд, ки чун шароб пош хӯрдаанд ба сару сурати М. Д.

## М. Д.

Дар ғами талхи Шарора ширин қадам мезад. Тамоми он рӯзҳои бо ӯ, бе ӯ, дунболи ӯ, бо ёди ӯ аз зеҳнаш шадда-шадда мегузашт. Ваҳшат карда буд аз ин ҳама ҳузуре, ки Шарора дар ӯ дошт ва барои Санаму фарзандонаш ҷои бисёр каме гузошта буд, ин духтари оташ. Фарзандонаш? Шарм як лаҳза мисли насими форам аз зеҳнаш гузашт ва тамоми баданашро ларзонд. Ба атроф нигоҳ кард. Касе набуд. Худоро шукр. Дар оташи безорӣ месӯхт. Синааш ингор аз шиддати беқарорӣ варам кардааст. Худоро? Шукр? Ӯ роҷеъ ба ин калимаҳо қаблан андешаи хоссе накарда буд. Ҳар бор аз худ розӣ буд, Худоро шукр мегуфт. Бори аввал ба ин фикр кард, ки Худое агар ҳаст... ҳатман бо Санам аст.

Ба осмон нигоҳ кард. Сар такон дод, ингор ба Худо гуфт: Ҳей, ту бо ман нестӣ, ту бо ман нестӣ. Ҷисми берӯҳе шуда буд. Рӯҳаш даст ба домани Шарора овора. Бо Шарорае, ки хори тарсро аз вуҷуди ӯ бардошт ва бар рӯдҳои хушкидааш обҳои зулол овард. Ӯро дубора марди мардон ва марди майдон кард. «Бо Шарора бош, Худо, бо Шарора. Агар бошӣ...» Аммо чизе дар дарунаш мегуфт

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Худо бо Санам аст. «Худое, ки бо ман нест, ҳамон беҳ, ки нест!»

Ду сактаи хафифро шикаст дода буд. Аммо севумӣ, ба қавли пизишк, ҳатто агар хафифтар ва заъифтар аз қаблиҳо бошад, метавонад кушанда бошад. «Бисёр олӣ!» Хушҳол шуда буд, вақте шифохонаро тарк мекард. Кай буд? Сактаи дувуми ӯ чи рӯзу моҳе буд? Дигар дар ёд надошт. Аз замоне, ки Шарора вориди утоқи кории ӯ шуд, дигар на коре мекард ва на дилаш ба коре мерафт.

Ҳоло ки қадам дар шаҳри бе-Шарора мезад, аз тасмими худ розӣ буд. Хуб шуд ӯро аз марз берун фиристод. Аммо дилтангиҳоро бояд ҳар тур шуда, таҳаммул мекард. Ин сӯзи дарун кай хокистар мешаваду аз сӯз мемонад, Худо медонад. М. Д. худро ҷавонмарде медид, ки дар ҳаққи азизонаш лутф карда ва аммо дар ин роҳ қалби худро тиккаву пора карда, захмину хунин карда. Бо ин ҳама дарду бетобӣ, як зарра ҳам эҳсоси гуноҳ надошт. Ба бетобиҳои Санам ҳам меандешид ҳамзамон бо ёди дардноки ғайбати Шарора. Аммо Санам ба ҷаҳаннам! Шарора мехост дилаш.

Аз рӯзе, ки мутаваҷҷеҳ буд тамоми ҳарфҳояш ба болотарҳо мерасад, ба ҳамаи атрофиёнаш машкук буд. Бо касе дигар дарди дил намекард. Ба болову баландиҳо менигарист ва нафаси амиқ мекашид, ба умеди дидани рӯи хандони Шарора дар абрҳои бемояи осмони Самарқанд.

Шарора мисли як фасли хушиву шодӣ аз рӯи шаҳру аз рӯи сари ӯ гузаштаву рафта буд. Баъд аз ӯ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ингор хокистаре рехта буд дар фазои шаҳр. Танҳо маконе, ки дошт, ҳамон опортумони духоба буд. Дар хиёбони Гогорин. Ҷое ки муддатҳо маҳалли ишқу ошиқии ӯ буд ва ҳар занеро меписандид, ба ин лонаи хилвату рихват[1] оварда буд. Ба ғайр аз Шарора.

Шарора буд, ки ӯро бурд ба гӯшаи хилвату рихвати духтаронаи худ. Аз инҷо буд, ки ҷуръат намекард бо ӯ бо ҳамон шеваи маъмули мағрурона ва мардсолоронаи худ рафтор кунад. Шарора оташе буд, ки аз дур дастонашро дар он гарм мекард. Дастоне, ки ҳамеша дар орзӯи ламси тани ҷавону мағрури ӯ буд. Вақте калидро дар қуфлдони оҳанин бо сахтӣ мепечид ва вориди опортумон мешуд, ба худ лаънат хонд. Лаънат, ки атри Шарора дар ин опортумон нест. Атри зеботарин занони шаҳрро аммо дошт. Хотироти ишқу мастиҳои зиёди ӯ аз хандаҳову аз нигоҳи Шарора холӣ буд.

Кош боре дасти Шарораро мегирифту дар инҷо рӯзро бо ҳам шаб ва шабро бо ҳам рӯз мекарданд. Ин орзӯи М.Д. ҳоло ба армони маҳоле табдил шуда буд. Армоне, ки бар шонаҳояш сангинӣ мекард. Роҳи нафасашро мегирифт.

Ишқат... Санамо... чи дилбариҳо кардӣ,
Дар куштани банда... соҳириҳо кардӣ.
Бахшӣ ҳама ишқат ба Самарқанди дилам...

[1] Рихват – беҳолӣ, сустӣ, нотавонӣ, нармӣ, ворафтагӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Огоҳ наӣ..., чи кофариҳо кардӣ...[1]

Ин танҳо абёте буд, ки М.Д. аз бар буд ва аз ҷавонӣ онро зери лаб мехонд. Ба тамоми заноне, ки ошиқашон буд, мехонду мехонду хаста намешуд. Аз ин ки исми Санам дар он буд, лаззат мебурд. Барои Санам ҳам борҳову борҳо хондааст. Аммо ҳоло эҳсос мекард, ки ин мисраъро тамоми умр вирди забон мазмаза карда, то мазмуни онро ҳоло дар ғиёби Шарора кашф кунад. Умқи риққатбори онро тоза эҳсос мекард. Ҳеч вақт эҳсос накарда буд, ки рӯзгори инсон метавонад дар ду хат хулоса бишавад. Рӯзгори ӯ хулоса дар ҳамин чанд вожа мешуд, ки дар кӯдакӣ аз девони Ҷалолуддини Балхӣ рӯйбардор карда буд ва барои аввалин ишқи худ, духтари ҳамсоя, хонда буд. Эҳсос кард тамоми заноне, ки ӯ дӯст дошт, ошиқ шуд ва ишқ варзид, ҳама хусусиёти муштараке доранд. Ҳама пораҳои як рӯҳи бузурги илоҳаи зеҳни ӯянд. Ҳама як нафар ҳастанд, маъшуқе ба номи Шарора. Ё Шарора нуқтаи авҷи ин масири сафари ишқи ӯст. Агар на, пас чиро тамоми хислатҳои тамоми занони зиндагии ӯро дорад? Ё шояд нишонаҳои ӯро дар ину он зан медиду дил медод, ошиқ мешуд ва шаҳват меварзид, бехабар аз он ки ӯ нест он нимаи гумкардааш. Аммо ҳоло, ки ӯро пайдо карда, бо дастони худ аз марз берун фиристодааст, ки чи шавад?

Ин ду мисраъ аниси кунҷи танҳоии М. Д. буд,

[1] Шеър аз Ҷалолиддини Балхӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

вақте Шарора дар хилвати худ ғарқ мешуд ва рӯзҳо аз ӯ бехабар мемонд. На дар донишгоҳ пайдо буд ва на дар сохтмони телевизиюн ва на дар дафтари рӯзнома. Ингор дар зери домани шаҳр паноҳ бурд, ки дар ҳеч ҷое пайдо набуд. Ҳоли парешонаш ба ҳамаи атрофиён фош мешуд, ки гумкардае дорад. Ҳама фаҳмида буд, ки бетоб мешавад, вақте Шарора кампайдост. Дар ғиёби ӯ дар шаҳр намегунҷид. Танҳо роҳе, ки дошт, фиристодани ҳамсараш буд ба манзили ӯ. Аммо ӯ низ бо дари баста ва сукути беохир рӯбарӯ мешуд ва бидуни пайғом бармегашт. Боз мефиристод. Санам бо ашки равон дар хиёбонҳои шаҳр ингор дунболи кабӯтаре мегашт, ки аз қафаси қалби ӯ раҳо шуда ва ҷояш як каф лахчаи доғи ҳасрат мондаасту бас.

М.Д. огоҳ буд ба тамоми соҳириҳо ва кофариҳои ишқи мамнӯъаи худ. Огоҳ буд, ки ин робита аз навъи созанда нест, сӯзанда аст. Аммо ҳоло ки ин гуна ғайб зада, ҳол ингуна по аз рӯи пӯсти шаҳр барчида, боварaш намешуд. Боварaш намешуд, ки фурсат ингуна кӯтоҳ буда, ҳамчун роҳи байни Регистон ва Гӯристон.

Барои аввалин бор ба ёдаш омад, ки падараш барои ӯ низ дар канори худ ду метр хок дар гӯристони Шоҳи Зинда харида ва захира кардааст. Чиро боре ба он маҳал нарафт бибинад чигуна хоҳад буд хобидан дар он хок дар канори падару модарбузург. Исми гӯристон зеҳнашро ишғол кард. Хотираи мурдагони шаҳр гиромитару

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

зиндатар ва рӯзгори зиндаҳояш гунгу берамақ.

Куҷост он ҷое, ки бахубӣ худро аз чашми ҳамагон бишавад пинҳон кард? Ёдаш омад аз шаб, аз бағали тангу торики хилвати шабонгаҳ, ки Шарора аз он мегуфт. Аз ин ки ин шаҳр дар шаб меҳрубонтар аст. На чироғ дораду на нур. Ҳатто агар моҳпешона ҳам бошӣ, касе туро нахоҳад дид. Шабгардро бо шабгарди дигар хушбахтона ҳанӯз коре нест. Худоро шукр, ҳамаи шабгардҳо гардан аз гиребони худ берун намебаранд. Гардишҳои шабона дар танҳоӣ танҳо нишонаи ғуссаҳои музмини[1] ин шаҳр аст. Ғусса аз чӣ? Дилтангӣ аз чӣ? Мардум хаста аз хобҳои рӯзона, аз хандаҳо ва меҳмонҳои пайдарпай, аз шодиҳои такрорӣ, аз масхара карданҳои ҳамдигар, аз хурд карданҳои дигарӣ ё хурдӣ, дар шаб қадам мезананд ва шабдармонӣ мекунанд ва ин танҳо роҳи таскини рӯҳи мағшуш барои мардум аст. Танҳо машғулияти рӯшанфикронаи мардум ҳамин шабгардиҳост. Дар шаб гӯӣ виҷдони шаҳр мултаҳиб[2] мешавад.

Регистон шабҳо дар реги худ фурӯ меравад. Бо он ҳама сандалиҳои оҳанин ва дар симон сифткоришуда, ки ҳеч бехонумоне натавонад аз ҷой барканад ва бо худ ба гӯшаи хилваттаре бибарад ва дур аз чашми маъмурон муддате хоби бедорӣ биравад.

Сандалиҳои майдони Регистон холӣ ва нури

[1] Музмин – дарди куҳна

[2] Мултаҳиб шудан – доғ шудан, сӯзон шудан, шуълавар шудан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

беҷони чироғҳои даври манорҳо танҳо тавони барҷаста кардани сояҳои раҳгузаронро дошту бас. Марде рӯи нимкате танҳо сар ба каф гирифта ва ба нақшҳои зери пояш хира аст. Масте овора аст, – фикр кард М.Д. – аммо на хайр, ингор шабоҳати ғарибе ба Нозим дорад. Қадамҳояш қавитар шуд. Дубора табдил шуда буд ба марде, ки буд. Марде қавӣ, мағруру бовиқор ва ҳатто талабкор. Мутаваҷҷеҳ нашуд, ки чигуна дастонаш бар гиребони ҷавонмард баста шуд ва ӯро такон дод. Ҷавонмард Нозим буд. Аммо ҳеч ҳиссе дар нигоҳаш набуд ва ҳеч таваҷҷуҳе ҳам накард ба ин ки гиребонаш дар мушти ӯст. На тарсу на суолу на ҳайрат. Ҳамон гуна ки ба замин нигоҳ мекард, ба ӯ менигарист.

М.Д. интизори ин гуна вокунишро надошт. Ингор ба худ омада бошад, дастонаш суст шуд. Байни ларзиши пардаи шаффофи об дар чашмонаш нуқтаи равшани сигорро дид, ки ба сӯи ӯ дароз шудааст ва дар торикии шаб чун лаъл вал-вал ҷило медиҳад. Дасташ беихтиёр сӯи сигор рафт. Аммо пас зад. Нозим бидуни ин ки аз ҷояш таконе бихӯрад, гуфт:

– Кори хубе мекунед. Бояд ҳарфи пизишкро ҷиддӣ бигиред.

– Аз куҷо хабардор шудӣ?!, – боз ғазаб кард М.Д.

– Медонам ва на танҳо ман. Хелеҳо медонанд. Накунед, ин корҳо аз марде оқил мисли Шумо писандида нест.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Марди оқил?!, – пӯзханде зад М. Д. ва эҳсос кард ниёз дорад, ки баланд бихандад. Нигарон буд аз ин ки тағйири ҳолу вокуниш дар чунин муддати кӯтоҳ, яъне чӣ? Ақл аз дасташ даррафта бошад ҳам, аз сараш нарафта буд. Инро хуб медонист М.Д. – Марди оқил..., – такрор карду ночор баланд хандид. Ёдаш ҳатто набуд кай чунин баланду шайтанатбор хандида буд. Ончунон хандид, ки ингор манорҳо ларзид. Сукути шаҳр лаппа заду[1] дубора ором гирифт. Ба атроф нигарист. Танҳо чизе ки нигаронаш мекард, дидани маъмурони шаб буд.

– Ман? Марди оқил..., – ҷилави хандаашро гирифт М. Д. – Ман марди ошиқам, – гуфт М. Д. бо лаҳни шабеҳ ба ин ки ингор асрореро ошкор мекард.

– Медонам, – гуфт Нозим бидуни ҳеч таъаҷҷуб ва ҳатто бидуни ин ки ба ӯ нигоҳ кунад.

– Аз куҷо?

Ин бор лаҳни М. Д. ингор илтиҷо дошт. Қаҳру хандааш комилан хобида буд. Нигарон буд, ки чиро ин ҷавон ҳама асрори миёни ӯ ва Шарораро медонад? Тарсида буд аз ин фикр, ки накунад бо ҳам пушти сари ӯ ҳарф задаанд ва ӯро ҳатто масхара кардаанд. Буғз дар гулӯяш банд омада буд ва сигори Нозимро гирифту фурӯ кашид. Фикр мекард «оҳи» бандомадааш ҳамроҳ бо дуди сигор ё дарун меравад ё берун фаввора мезанад. Аммо

[1] Лаппа задан – рӯ-рӯи мавҷи дарё шино кардан ё озоду сабук роҳ рафтан

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

иштибоҳ карда буд. Ҳама бо ҳам ба сурфае табдил шуд, ки дилу рӯдаашро аз ҷой беҷо кард. Хаста аз сурфа дубора нишаст.

## Нозим

– Ингор як қарн гузаштааст аз он шабе, ки ҳамин ҷо нишаста будам, – сукутро шикаст Нозим. – Шарора ҳам омаду канори ман нишаст. Бетоб буд. Танҳо чизе ки мехост, ин буд ки биравад манзили Шуморо пайдо кунад ва як бор аз сӯрохи дар ё роғи парда Шуморо бибинад. Дилтангӣ мекашид. То субҳ бо ҳам ҳарф задем ва баъд дар қаҳвахонаи «Лаби ғор» субҳона хӯрдем. Баъд аз он шаб одатам шуда, ки инҷо биёям ва мунтазираш биншинам. Дилтангиҳояш бештар аз қабл буд дафъаи охир. Фикр мекунам ҳолаш дигар ҳеч вақт мисли қабл нашавад.

Нозим ба чеҳраи андешаманди М. Д. нигоҳ мекард, аммо андешаҳои худи ӯ на камтар аз дигарӣ буд. Дар нимкати Регистон нишаста буд ва ба ин фикр мекард, ки чи даврони муносибе дар роҳ аст. Шӯравӣ мераваду ҳанӯз ҳукумати баъдӣ шакл нагирифтааст. Даврони хубе дами дар аст, аммо чи мешавад кард? Кош падарбузургаш зинда буд. Ҳозир буд ҷони худро бидиҳад, то баргардонад ба даврони худ ва бибинад, ки ӯ чи коре мекард, агар дар ин даврон зинда буд? Ҳозир буд биравад дар қабри падарбузурги худ бихобад

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ва ӯро берун кунад, то бибинад чи мекунад ин пири хирадманд дар ин даврони ҳассоси торихии Самарқанд.

Нозим ҳамеша аз исми хонаводагии худ эҳсоси роҳатӣ надошт. Дар навҷавонӣ мехост онро тағйир диҳад, дафтари сабти ном иҷоза надод. Ин исм рӯи ӯ чун муҳр барои ҳамеша нишоне аз тарсуии ӯ, белаёқатии ӯ ва носазовории ӯ ба ин исми падарбузургаш, Абдуррауф, марди ҷасуру донишманд ва ториҳдон монда буд. Ҳамеша эҳсос мекард шоистаи ин ном нест. Медонист агар нубуғи падарбузурги худро дошт, зимоми замон бар дасташ буд.

Чизе дар дили Нозим мегуфт фурсате дар роҳ аст ва тавоноии истифода аз онро надорад. На ӯ ва на каси дигаре дар атрофи ӯ. Безор буд аз ин ки на медонист, ки роҳи тавонманд шудан чист ва на медонист, ки чист он ки матлуби ӯст. Инҷо омада буд, ки тасмими ниҳоӣ бигирад пеши худ, пеши Худои дошта ва надоштаи худ, пеши рӯи ҷамоли Регистон ва арвоҳи мурдаву зиндаи он, ки шабаҳи ошнои М. Д. аз дур намоён шуд. Нозим сар ба зер нишаста буд. Шабаҳ дар нури кабуди моҳ пурраву рӯшан буд. Ин моҳ, ин нури дармонгар бо он кулӯчаи рӯяш соъатҳо чашм бар ӯ буд ва ӯ шабаҳе ғарқ дар торикии даҳр.

Нозим талош мекард, каме ҳам бошад, аз оромиши худ ба М. Д. мунтақил кунад. Ӯ касе буд, ки ҳар ду сӯи ойинаи робитаи ин мард ва Шарораро дида буд ва шояд ӯ низ мисли Санаму

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Шарора ба захмҳои амиқи М. Д. огоҳ бошад. Захмҳое амиқтар аз андешаҳои дардноки худи ӯ. Гоҳе ба ин фикр мекард, ки бетабутобии Шарора ва М. Д. низ аз ҳамин фурсати дар пеши рӯст, ки бидуни ҳеч калом ва иқдом қарор аст аз даст биравад. Нозим ҳеч қароре бо Шарора надошт. Аммо ба таври ғаризӣ омада буд он шаб бинишинад ба нони овезон дар девори осмон нигоҳ кунад. Шояд роҳи ҳалле ба зеҳнаш бирасад.

Дидани М. Д. бароящ аҷиб набуд. Эҳтимол медод шабе ӯро низ онҷо хоҳад дид. Регистон қалби дардноки ин шаҳр аст ва ҳар касе гирифторӣ дорад, ба ин маъбади дардҳои обӣ меояд, то таскин ёбад. То бифаҳмад дарди ӯ дар баробари захми ин шаҳр ҳеч аст. Инҷо ҳатто моҳ низ рӯшантар аст. Инҷо торикӣ низ ғализтар аст. Инҷо хилват нашкастанист ва инҷост, ки касе бо касе коре надорад. Инҷо инсон кӯчактар аз мӯр мешавад ва агар бихоҳад, бузургтар аз кӯҳ.

Ёдаш омад, ки падарбузургаш гуфта буд Регистон чанд табақа аст. Се лояи нерӯи ҷозибаи замину замон дар он бо ҳам танидааст. Инҷо сарзамини Томирис, Зартушт, Сосониёну Сомониён ва Темуриёну ҳоло Шӯравист. Чашмонатро бибанд, вақте дар ин макон ҳастӣ ва талош кун бо тамоми вуҷуд кашиши ҳамаи ошёнаҳои онро эҳсос кунӣ. Агар аз ин маҳал натавонӣ нерӯ бигирӣ, аз ҳеч ҷои дигар нахоҳӣ гирифт. Ин ҳарфҳои падарбузургашро ба ёд оварда буд ва хира шуда буд ба умқи хоки

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Регистон ва се маъбади зери хокро дар зеҳн муҷассам мекард. Мехост ӯ низ ишқро ба шеваи Шарора бешарту шиъор таҷруба кунад. Ҳамзамон ки ӯ дар оташ месӯзад, бидурахшад. Бигзор ба муддати кӯтоҳ, аммо ин таҷруба ба ӯ низ насиб гардад. Инҷо буд, ки М.Д. аз роҳ расида буд ва даст ба гиребони ӯ шуда буд. Ба чашмони ӯ нигарист ва мувофиқ буд, ки бале, бизан, бикӯб, сазои ман аст. Ҳиссе, ки М.Д. низ дошт. Кош бо касе даст ба гиребон мешуд. Бесабаб ва бо ин ҳама сабаб, ки рӯи шонаҳояш сангинӣ мекард, даъвои бузурге роҳ бияндозад, то шояд зеҳнаш мунҳариф шавад. Мушкили ҷадиде мехост, то мушкили қаблӣ фаромӯш бишавад. Роҳи ҳалле беҳтар аз ин надошт. Тамоми ҳушу ёдаш ба замин буд ва лояи зери пояш ва ингор дунболи радде, нишоне аз Шарора буд.

Нозим ба сояи худ ва М. Д. нигоҳ кард. Дар нури хира ва хокистарии субҳи нимрасида шабеҳ ба ду хоросанги бетаҳаррук канори Регистон мондаанд ва ҳеч иртиботе бо Зартушту Томирис ва Сосониёну Сомониён ва ҳатто Темуриён, чи бирасад ба Шӯравиён, надоранд. Аз нофи торих канда ва аз чашми бахшояндаи ёр уфтода. Вақте Шарора буд, иртиботи бештаре ингор бо ин замину замон доштанд. Ҳатто бо маҳтобу офтоб ва бо барфу борони ин макон пайванде дар худ медиданд, худӣ буданд. Вақте Шарора буд, ҳар рӯз ошӯби ҷадиде ба по буд, шаҳр ҳар рӯз навтару навтар буд. Шаҳри бе-Шарора на шӯр буд, на

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ширин ва холӣ аз ҳар навъ иттифоқ. Ду кӯҳи ғам дар канори ҳам дар сукут ба ҳам тасаллӣ медоданд.

Субҳ танбал-танбал рӯи шаҳр паҳн шуда буд. Нозим пиёлаи чойро ба М.Д. дароз кард. Дар сукут чой нӯшиданд ва ба садои виз-виз ҷӯшидани чой дар самовор гӯш доданд. «Лаби ғор» на, умқи ғор буд, ингор ин қаҳвахонаи рӯбарӯи Регистон. Чор кабку чанд булбул нӯл ба нӯли ҳам дода буданд ва ҳоли хондан надоштанд.

Нозим рангзарду сархам ба пиёлаи чойи худ хира, намедонист оё дуруст аст, ки аз Шарора хабаре ҳаст? Мунтазир буд М. Д. худ инсоф кунаду лаб гушояд. Чигуна тавониста ӯро аз марз берун кунад?

– Қарори шумоҳо чи буд?, – баногаҳ сукутро шикаст М. Д.

– Қароре надоштем, – нороҳат ва кӯтоҳ ҷавоб дод Нозим.

– Бахшиш. Аслан ба ман чи монда ба корҳои шумоҳо дахолат кунам? Ҳатто агар қароре ҳам буд, ба ман чи марбут?, – гунаҳкорона худро сарзаниш кард М. Д. ва дубора сукут. Ин бор сангинтар.

М.Д. дар пиёла рӯи худро медид. Ҷавону масту сархуш. Даст ба дасти ёр, шояд ҳам Шарора аст, арғушт мерафтанд ҳарду ҷавон ва ҳарду дар васли тамом. Саргиҷа бар ӯ ғалаба мекард. Сари худро рӯи миз гузошту вақте чашмонашро боз кард, дид савори худравест ва Нозим канораш нишастааст. Боз чашмонашро баст. Ингор ғори амиқе ӯро

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мемакиду фурӯ мебурд. Бори дигар чашмонашро боз кард, ду нафар ӯро зери бағал гирифта буданд. Вориди сохтмоне шуданд...

Нозим канораш нишаста буд. Вақте чашмонашро бори севум боз кард, аз хушкӣ забон дар даҳонаш часбида буд. Ҳамшира бо қошуқ қатрае об ба гулӯяш чаконд.

– Сахт тарсондед., – нимтабассум кард Нозим. Дурӯғи маҳз буд. Натарсида буд. М. Д. ҳам лабханде зад.

– Мемурдам, нағзтар буд. Дурӯғе, ки ба Шарора гуфтам, ҳадди ақал рост мебаромад.

– Аз рӯи маслиҳат буда. Дарк мекунад., – дилдорӣ дод Нозим. Аммо дар дил умед дошт ӯ бимирад ва Шарора ҳам маҷбур даст аз сари пираш бардорад.

Ду мард ба рӯи ҳам хира монданд. Нозим ҳатто шояд хушҳол мешуд, агар ин заъфи М. Д. сактаи кушандае мебуд, ки пизишк ҳушдор дода буд. Нозим сар фуруд оварду дигар аз ҳоли М. Д. напурсид. Аммо дасти рангпаридаи М. Д. аз рӯи рахти сафеди шифохона хазид ва рӯи зонуи ӯ қарор гирифт. Ингор мехост бигӯяд «мефаҳмам, дарк мекунам, аммо роҳи дигаре набуд»... Танҳо чизе ки онҳоро ба ҳам васл мекард, Шарора буд ва сукути набуданаш.

Худрав беруни дар мунтазир буд. Нозим сигорашро зери по андохта буд ва бо пошнаи кафш ба чапу росту рост ба чап онро месобид. То аз дар берун омадани М.Д. кораш ҳамин буд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Вагарна бояд мерафту дасти ӯро мегирифт ва аз зинаҳо пойин меовард. Барояш хушоянд набуд шоҳиди нотавонии М. Д. бошад ё боиси хиҷолати ӯ шавад. Аммо дилаш намешуд ӯро танҳо бигзорад. Ронанда дарро боз карда буд ва М. Д. дар ҳоли нишастан дар сандалии ақаб. Нозим ҳайрон буд, ки чиро М. Д. мисли ҳамеша канори ронанда нанишаст. Барости, дар як шаб пир шуда буд М. Д. ва одатҳояш ҳам тағйир карда буд. Нозим ночор рафту аз самти рост ва канори ӯ нишаст. Ҷилав ва пушт ба ӯ нишастанро раво надид. Эҳтироми ӯро ҳанӯз ба ҷо медошт. М. Д. тамоми ҳаракоти ӯро чашм наканда, падарона нигоҳ мекард. Дар зеҳн Нозимро чун хостгори духтари қадараси худ мушоҳида мекард, то баҳо диҳад, ки мешавад ё намешавад? Фикр мекард ин ҷавонмард ҳамсари хубе барои Шарора хоҳад шуд. Чиро набошад? Беихтиёр сар такон дод М. Д..

Касе ҳарфе намезад. Ронанда баргашт ба ҳар дуи онҳо нигоҳ кард.

– Куҷо?

Нозим одреси манзили М. Д.-ро дод ва токси роҳ уфтод. М. Д. ҳам чизе нагуфт. Нагуфт, ки бояд биравад опортумони писараш. Нагуфт, ки Санам ӯро аз манзил берун кардааст. Чизе нагуфт.

– Чи рӯзи хубе аз шифохона ҷавоб доданд Шуморо, – садои ронанда буд, ки аз ойинаи хурди ҷилав ба онҳо нигоҳ мекард.

– Магар рӯзи хуб ҳам дорем дар ин шаҳр?, – бо киноя гуфт М. Д..

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Бале. Имрӯз 31 августро дар ёд дошта бошед, – женеролвор қомат рост кард ронанда. Касе бо шодии ӯ на ҳамроҳӣ кард ва на пурсон шуд, ки чиро?

– Шумо тамоман бенастроенӣ-ку[1], амак, – каме дилхур шуд ронанда, аммо ин қадар ҳоли хубе дошт, ки зуд фаромӯш кард. – Инро шунавед, – гуфт родиюро баланд карда.

Суруде бо сабки таронаҳои расмии Шӯравӣ, аммо бо забони узбакӣ пахш мешуд.

– Ин суруди миллии мо аз ин баъд ҳар рӯз соъати панҷ то кам шаши саҳар инро пахш мекунанд. Дигар суруди миллии русҳоро пахш намекунанд.

Родию бо садои баланд мехонд:

...

*Сен ӯзинг дӯстларга йӯлдош, меҳрибон.*

– О кам кунед вая. Чи гап шудагӣ шумо-ба?, – эътироз кард М.Д. ва зуд мутаваҷҷеҳ шуд, ки мумкин аст аз ин навъ бархӯрд бардошти сиёсӣ шавад, ба сандалӣ такя дод ва оромтар гуфт, – нав а балнитса берун омадем, ука. Фаҳматон ҳаст-мӣ, не-мӣ?

Нозим аз лаҳзае, ки дишаб М.Д.-ро дар майдони Регистон дид, мехост аз ӯ бипурсад, ки Шарора куҷост? Аммо истихораҳояш то ба шифохона овардани М.Д. кашид ва ҳоло дар ин вазъ намедонист чигуна бипурсад, ки «Шарораро

[1] Бенастроенӣ – беҳавсала, беҳол, ғамин (аз русӣ: настроение)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

чи кор кардӣ? Куҷост? Ту зан дорӣ. Манам, ки озодам. Аз сад банди ин зиндагӣ озодам, пас чиро назди Шарора набошам?» Аммо танҳо метавонист ба М.Д. нигоҳ кунад ва дунболи беозортарин роҳи пурсидани ин суол буд. М.Д. бозии ниҳонӣ бо ӯ шурӯъ карда буд. Мушу гурбае дар канори ҳам буданд. Тамоми ҳаракоти ӯро назора мекард. Ингор гурбае буд, ки мушро аз дум гирифта бошад. Барояш гоҳе аҷиб менамуд, ки Нозим ба ӯ гоҳе бо тараҳҳум нигоҳ мекунад. Асабонӣ мешуд, аммо худро нигаҳ медошт. Ин писари бетаҷрубаро чи мондаанд ба тараҳҳум ба ман? Худашро ҳам балад нест ҷамъ кунад, чи хел Шарораро идора мекунад. Бедалел нест Шарора ошиқи ӯст, на ошиқи ин ҷавони тануманд. Бовиқор рӯ ба берун кард.

Токсӣ бо ду-се печу тоб расид ба хиёбони донишгоҳ. Худравҳо барои аввалин бор пушти сари ҳам мисли қутиҳои кибрит чида шудаанд. Токсӣ низ дар идомаи он турмуз заду истод. Талош кард бифаҳмад, ки чи шуда. Чиро ҳама истодаанд?

– Митинг! Митинг каесоден истуденто!, – фарёд зад зане бо либоси маҳаллӣ, ки дар канори хиёбон сигор ва чизҳои хӯрда-рез мефурӯхт.

Нозим аз токсӣ берун шуду сӯи майдони аслӣ тунд қадам ниҳод. Садои М. Д. пушти сари ӯ баланд шуд, аммо Нозим барнагашту нигоҳе ҳам ба ӯ накард.

Донишҷӯҳо даври майдонро гирифта буданду

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дар ҳоли шиъор додан буданд. Маълум набуд, ки чи мегӯянд. Аммо мешуд ҳадс зад, ки ҳамдилу ҳамдарду ҳамсадо буданд. Касе бо касе даргир набуд. Баҳсу даъвое набуд.

Солҳо буд танҳо барои арӯсӣ, мотам, даргириҳои ду-се нафар сари масоили шахсӣ ё тасодуфҳои хиёбонӣ мардум даври ҳам ҷамъ мешуданд. Аммо ин ҷамъ мутафовит буд. Чи буд далели ин таҷаммуъ? Чи мехоҳанд ин ҷавонон?

Нозим худро аз байни издиҳом ба майдон расонд ва ҳоло мехост баргардаду аз касе суол кунад, ки чи хабар аст, садои баландгӯро шунид:

Овози Самарқанду дили бози Самарқанд!

Озод шуд ин шаҳри зебои Самарқанд!

Ва бақия низ бо ӯ ҳамхонӣ карданд:

Овози Самарқанду дили бози Самарқанд...

## Саразм

Ронандае, ки Санам аз марз кироя карду Шарораро дар он нишонд, қарор буд ӯро дар чорроҳи Саразм таҳвили худраве бидиҳад. Шарора савори худрави баъдӣ пушти сари худрави қаблӣ дуру дароз нигоҳ кард. Ронандаи худрави баъдӣ гуфт:

– Дилтанг набошед. Инҷо ҳам ватан аст. Магар чи қадар роҳ аст аз Самарқанд то Саразм?

– Ҳамон қадар, ки нашавад Регистонро дид.

Дар маркази нигаҳдории харобаҳои Саразм

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Шарораро хостанд пиёда шавад ва гуфтанд муддате инҷо бояд бимонад, то мизбон бирасад. Мизбон? Ман меҳмонӣ омадаам? Дақиқан дар замоне, ки Самарқанд ба ман ниёз дорад. Мизбон нигаҳдори маркази ҳаффории Саразм буд. Дар марказ ду нафари дигар ҳам буданд, ки яке нигаҳдори Саразм буд ва марди дигаре, ки маълум набуд, маст аст ё девона, канори кати чӯбин бо сари хам нишаста буду об аз даҳонаш мерафт ва ба сари синааш мечакид. Шарора намедонист, ки бояд ба ӯ дилсӯзӣ кунад ё аз ӯ мутанаффир бошад. Тоқати беш аз ин ба ӯ нигоҳ кардан надошт ва рӯ сӯи дигар тофт.

– Ошно шавед. Шаҳриёр. Шоири пуровозаи миллат!, – гуфт мизбон ба ҳамон марди девонанамо ишора карда. Шарора дубора бо ҳайрат баргашт. Шаҳриёр? Эҳтимолан шӯхӣ мекунед. Аммо заҳри забони худро раҳо кард:

– Аслан хушвақт нестам аз дидани ин шоири миллат, – бо кароҳат қатраи оберо дунбол кард, ки аз даҳони шоир рӯи шалвораш мерехт.

– Хуб шоирӣ ҷудову арақхӯрӣ ҷудо. Чанд марди тоҷик дидаед, ки то мурдан нахӯрад?, – хандид мизбон.

– Зиёд дидаам, – Шарора нахандид ва бо ҷиддият ба атроф нигоҳ кард. Суроғи ободӣ ва суроғи ҷойи нишаст буд. Дар як рӯз иттифоқҳои зиёде барояш уфтода ва сахт хаставу беҳавсала аст. Ҳеч чизе ба ғайр аз Самарқанд, ба ғайр аз издиҳоми Регистон барояш дар айни ҳол

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

оромбахш нест. Дилаш барои Самарқанд танг шуда буд. Аҷиб, дилаш барои Самарқанд танг буд. На барои М. Д. ё Нозим, ё шоир ё модараш ё ҳар касе, ки барояш азиз буд. Дилаш барои Самарқанд танг шуда буд. Вақте Самарқандро дорӣ, ин ҳамаро низ дорӣ ва ба ҳамроҳи садҳову ҳазорон чизҳои дигар. Вақте Самарқандро надорӣ, ҳеч надорӣ.

– Албатта, ҳақ бо Шумост, набояд ҳамаро рӯи як торозу гузошт. Мардҳо ҳам ҳар тур мешаванд, – талош кард зиёд бо Шарора сар бар сар нашавад мизбон, лаҳни худро каме идора карда.

– Утоқи ман куҷост?, – пурсид Шарора, хастагии худро дигар пинҳон накарда.

– Утоқи Шумо?, – ҷилави хандаи худро гирифта натавонист мизбон.

– Бибахшед. Куҷо метавонам кифамро бигзорам?, – гуфт Шарора, ки мутаваҷҷеҳ буд мизбон ӯро шаҳрӣ ва ноздона медид ва мутмаин буд, ки ин марказ дар назари ӯ нописанд аст.

– Инҷо утоқи махсуси меҳмон надорем, мутаассифона. Аммо ҳамаи ин, – дастонашро ба ду тараф паҳн мекунад, – аз они Шумост. О Шумо аз марказ омадаед. Аз пойтахт! Аз Самарқанд! Мо бо самарқандиён аз они ману аз они ту надорем.

– Мамнун. Ҷиддӣ, куҷо метавонам каме дароз бикашам?, – боз пурсид Шарора ва дигар тамоми бетобиҳову дилбемориҳое, ки дар Самарқанд дошт, аз сараш парида буд. Эҳсос мекард инҷо бояд тамоми нерӯи худро ҷамъ кунад. Дӯстоне бо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ин куллигӯӣ ва бо ин навъ меҳмондорӣ ба назараш нигаронкунандатар аз ағёри самарқандӣ буданд, ки аз дасти онҳо фирораш додаанд. Эҳсос кард дар баробари кормандони амниятӣ ва пулиси шаҳри Самарқанд ин қадар муроқиб ва ҳушёр набуд. Эҳсос мекард инҷо меҳмон аст. Ин марказро бори аввал медид. Бидуни ин ки ӯро огаҳ кунанд, инҷо куҷост, ӯро оварда ва раҳо карда буданд. Шарора дар фикри нақшаи баргашт буд. Шери дар қафас буд, ингор. Инҷо ингор ҷои амн буд, аммо Шарора хатари Ватанро ба амният дар ғарибӣ тарҷеҳ медод.

– Родию доред?, – аз утоқ ва гӯшаи хилват бехиёл шуда, пурсид Шарора.

– Бале. Инҷо ҳама чиз дорем. Ҳатто родию, – гуфт мизбон ва аз ҷой баланд шуду Шарора эҳсос кард ӯ низ маст аст.

– Бибинед. Шумо маст бошед, ман девонаам. Бояд ин мастиро то замоне, ки ман инҷо ҳастам, кам кунед, – дастурвор гуфт Шарора.

– Хушҳолам, ки фармудед кам кунед, на ин ки бас кунед. Ба ин мегӯянд мунсиф будан!, – ибрози шодӣ кард мизбону бо киноя ба сӯи родию рафт. Садои родию аз дохили хонаи хаспӯш шунида шуд. Шарора ба атроф нигоҳ кард. Танҳо чизе, ки назарашро ҷалб кард, боғи фарохи себи сафеди ширмол буд. Ҳамон навъ себ, ки дар кӯҳистони атрофи Самарқанд дар ҳаёти ҳамаи бошандагон пайванд задаанд.

– Кадом мавҷро пайдо кунам?, – бо родиюи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

хомӯш дар даст истода буд мизбон.

– Кадомро маъмулан гӯш медиҳед?, – гуфт Шарора, ки ҳоло ба самимият ва хушниятии мизбон пай бурда буд ва аз тундии худ шарм медошт. Эҳсос кард инҳо ҳаминро доранд ва ҳамонро дар ихтиёри ӯ гузоштанд.

– Мо ки дигар як ҳафта аст ба мурғи диламон гӯш медиҳем, – бо шӯхӣ гуфт мизбон, ки аз нигаронӣ ва ҳатто тарси Шарора огоҳ буд ва ҳамчунон талош мекард ӯро ором кунад ва базлагӯӣ мекард.

– Яъне ҳеч хабаре аз Самарқанд надоред?, – бо таъаҷҷуб пурсид Шарора, дар ҳоле ки бори дигар бо нимнигоҳе аз ҳоли марди ниммасту нимдевона хабар мегирифт.

– Самарқанд дар амон аст, духтари ширин, Душанбе месӯзад, Маскав месӯзад!, – гуфт мизбон родиюро рӯи кат гузошта.

– Аввал ин ки ман духтари ширин нестам. Дувум ин ки ҳеч ҷое на сӯхта аст ва на оташ гирифтааст. Беҳуда воҳима накунед – бо қаҳр ва боз бо лаҳни тунд гуфт Шарора.

– Ман ҳам агар маҷбур ба тарки Самарқанд мешудам, мисли Шумо хашмину асабонӣ мешудам. Ҳақ доред. Ман инҷо ҳастам, ки гӯши шунаво бошам. Ҳамдами дили бенаво бошам. Ҳамон тур ки як ҳафта аст ба дарди дилу гиряҳои ин яке..., – ба марде, ки шоири миллат муъаррифӣ шуда буд, ишора кард, – ...санги сабур шудаам. Дар хидмати Шумо низ ҳастам, – лаҳни мизбон

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

ҳам шиква дошт ва ҳам мехост шароитро ба Шарора бифаҳмонад, ки танҳо ту нестӣ, дигарон ҳам дарду доғе доранд. Ман ҳам гирифторӣ дорам.

– Бибахшед, – гуфт Шарора, хашми худро фурӯ кашида. – Ман рост аз девонахона меоям, – худро тавҷеҳ карданӣ шуд Шарора.

– Кадом як кори оқилонае кардед, ба назарам, ки ба болоиҳо нафоридааст?, – бо шӯхӣ гуфт мизбон бо киноя.

– Ҳеч, – гуфт Шарора, аммо аввалин бор ба ин фикр мекард, ки ӯ ҳоло парвандаи сиёсӣ дорад? Ӯ, ки коре накардааст. Ӯ, ки дақиқан ҳеч коре накардааст, муҷрим аст. Бояд коре мекард, то виҷдонаш ором мегирифт...

– Ҳеч намекардед, ҳоло дар Самарқандҷон ширчой хӯрда шишта будед, хоҳарам, – нимтабассуми ҳамдилонае кард мизбон.

– Эҳтимолан, – мизбон он қадар ҳам марди баде нест, ки дар нигоҳи аввал ба назараш расид. Дар иваз марди фаҳмида ва бомантиқест. Аммо ба сӯи шоири оби-даҳон-равон нигоҳ кард, аз ӯ хиёлаш роҳат набуд.

– Безарар аст ин бандаи Худо. Парво накунед. Аз ин саги ман ҳам аҳлтару вафодортар аст. Мо дӯсти қадимӣ ҳастем. Дар зимн, дӯсти шоири шаҳри Шумо ҳам ҳаст. Ҳанӯз хоназиндон ҳастанд?

Шарора бо ҳайрат нигоҳ кард, ки чи тур аз шоир ва сарнавишти ӯ хабар дорад. Эҳсос кард, ки ин ҳама муддат танҳо набудаанд. Иддае ҳам будаанд, ки ба фикри онҳоянд. Пайгири ҳолу рӯзи

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

шоир. Кош мешуд инҳоро ба устод расонд. Ба ӯ гуфт ин сӯи марз ҳам нигарони ҳоли ҳастанд. Хайрхоҳи Шумо ҳастанд.

Он рӯзро дар фазои бози Саразм дар Панҷакент бедорхобӣ кашиданд. Субҳи зуд аз ҷой бархосту сару сурат шуст ва родиюро баланд кард ва дунболи мавҷе гашт, ки аз вазъи Самарқанд бишнавад. Ёдаш омад, ки ҳеч таваҷҷуҳе ба родию надошта ва ҳатто намедонад, ки родиюе, ки паҳлӯи утоқи кории ӯ дар телевизиюни Самарқанд ҳар рӯз барнома таҳия ва пахш мекард, аз чи мавҷҳое пахш мешуда. Аз худ хашмин ва аз кӯтаҳбинию бастазеҳнии худ аз ҷой бархостанӣ буд, ки мизбон сар аз зери кӯрпа берун кард:

– 12.16-ро гиред, хоҳар. Гоҳе ман рӯи ин мавҷ таронаҳои самарқандӣ гӯш мекунам.

– Салом, – гуфт Шарора. – Субҳ ба хайр.

– Салом, – гуфт мизбон ва бо дард аз ҷой бархост. – Инҷо рӯи кат даҳ сол аст, ки мехобам, аммо мисли дишаб бо хиёли роҳат нахобида будам.

– Даҳ сол?, – Бидуни ин ки сӯи ӯ нигоҳ кунад, машғули печондани гӯши родию пурсид Шарора.

– Бале. Буду набуди ман ҳамин ҷост, – ба атроф нигоҳ кард мизбон. Ба себистон ва ангурзори атроф, ба харобаҳои Саразм ва пасту баландиҳои ин шаҳри қадим, ки на камтар аз Самарқанд лоя дар лоя рӯи тамаддунҳои мухталиф ва ҳазорсолаҳои мутафовит нишастааст.

– Ин боғ ҳам?, – баъд аз боҳавсала ва бо

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

оромиш ба атроф нигоҳ кардан ва мулоҳизаи ин ҳама таноқуз пурсид Шарора.

– Ин боғро, ки худам сабз кардам. Ҳеч балое ба ғайр аз кулуху устухон надошт ин дара. Ҳама ганҷашро кандаву кофтаву ёфта бурданд ва ҳамин ҷисми беҷонаш монд барои мо, – ба Шӯравӣ ишора мекунад мизбон.

– ...Ва албатта ин чанд лоя шаҳри бостонӣ
ҷони беҷон нест, – ӯро ислоҳ кард Шарора.

– Бале. Ин санами ман! Ҳамин ҳам зери гилу хок буд. Бо нохун канда-канда ҳамин қадарашро берун кардам, – Рӯи тахт бо мӯйҳои жӯлида нишаст мизбон.

– Кумак намегиред?, – Бовараш намешуд Шарора, ки чунин масъулияти сангин бар дӯши як нафар бошад ва танҳоӣ онро аз зери хок ҳуфракорӣ карда бошад.

– Чи кумак? Тоза кори моро таҳвил бигиранд ҳам, худаш гапи калон. Мегӯем ашёи қадимӣ ва беназир пайдо кардем, шароити нигаҳдорӣ муҳайё кунед. Мегӯянд бифиристед Маскав ё Ленинград, – бо таассуф сар такон дод мизбон.

– Ҳоло, ки банди нофашон аз Маскав канда аст. Роҳи ҳалли маҳаллӣ пайдо нашуда?, – амиқан нигарон гуфт Шарора.

– Агар Худо надонад, бандааш намедонад. Феълан, ки дар ҳоли куштани ҳамдигарем, то бибинем киҳо зинда мемонанд. Баъд як гап мешудагист.

– Ҳеч гап намешавад, – сар аз кӯрпаи гарду-

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

хок-гирифта берун кашид шоир Шаҳриёр. – Чи мешавад вақте қотил бар сари кор биёяд. Шумо ҳам беҳуда мунтазир ҳастед.

Садояшро барои аввалин бор мешунавид Шарора ва шинохта буд. Навори савтӣ ба дасташ расида буд бо садои ӯ. Шеърхониҳояш дар бораи Самарқанду Бухоро ва тамаддуни аздастрафтаи порсиён, ки ӯ бароящ навҳа мехонд. Садои гарму ғамдоре дошт шоир. Шарора ҳоло бовараш шуд, ки ӯ Шаҳриёр аст. Дирӯз дар он ҳолати мастиву девонагӣ на аз шоирии ӯ нишоне буд ва на аз саломати равонияш. Аммо ҳамчунон наметавонист бипазирад, ки шоири миллате метавонад чунин суқут кунад ва чунин бебандуборона майзада бошад. Мехост ӯро танбеҳ кунад, ӯро сарзаниш кунад.

– Болои ин ҳама пессимист[1] ҳам ҳастед, – бо киноя гуфт Шарора ба сӯи дигар баргашта.

– Ин тур ҳам мешавад гуфт, – худро ба лаби кат кашид ва поҳои худро ба сӯи кафшҳояш овезон кард Шаҳриёр. – Эй духтарак! Ту чи медонӣ ман чи дидам. Чи медонӣ?, – худро тавҷеҳ карданӣ шуд Шаҳриёр.

– Ба назарам, феълан ману Шумо бори гарон бар дӯши ин мизбон ҳастем, – гуфт Шарора бо тундӣ ва аз ҷой баланд шуд. – Ин бечора ҳоло монда, ки барои ману Шумо сагашро сар бизанад ё ин пашшаҳоро. Бояд ба фикри хӯрду хӯроки

[1] Пессимист – нисбат ба оянда бадбин

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

худамон ҳам бошем.

Аммо вақте ба атроф нигоҳ кард, нишоне аз ҷорӯб надид, дигар пушаймон шуда буд аз ин лаҳни худ, ки бо шоире чунин бархӯрд кард. Ӯ, ки аз мардуми Самарқанд нола мекард, ки ҳамааш дар фикри нону об ҳастанд ва фикре ҳам ба ҳоли фарҳанг намекунанд. Ҳоло худ шуда буд яке аз онҳо. Шарм дошта буду дигар дер шуда буд. Заҳри забонашро рехта буд. Шоир ҷавоби ӯро дода буд:

– Аз ҳамшаҳрии Рӯдакӣ ин ҳарф сангин аст. Шаллоқ аст. Яъне мо намедонем, ки дар чи вазъем?, – бо киноя гуфт Шаҳриёр.

– Бибахшед. Ман дирӯз, ки Шумо дар ҳоли самоъ[1] будед, ба мизбони муҳтарам тавзеҳ додам, ки рост аз девонахона маро инҷо фиристодаанд. Дар натиҷа, ҳоли ман ҳам ҳеч беҳтар аз ҳоли Шумо нест. Аммо бояд талоше кард. Хари худамонро ҳам кашола накунем?, – ба ҷои феъли фард феъли ҷамъро ба кор бурд Шарора, ки бори масъулиятро танҳо бар дӯши шоир бор накунад. Ӯ худро низ бо ин ҳарф дар сатҳи ӯ мегузошт, аз сӯи дигар эҳсос кард, ки вазифа дорад, дар баробари миллат, мардум.

– Инҷо ҳам девонахонаи сарбоз аст, духтари зебо. Ҷои дур нарафтаед, – ҳамчунон ҳарфи Шарорара ҷиддӣ намегирифт шоир.

– Ман духтари зебо нестам!, – аз ин лаҳни шоир асабонӣ шуд Шарора, аммо медонист, ки

[1] Самоъ – навъе рақси сӯфиёна бо ҳолати ваҷду илҳом

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

бояд муроъот кунад, мудоро кунад.

– Хоксорӣ накунед. Шумо...

– Лутфан, маро бо исми худам садо кунед, – ҳарфи ӯро қатъ кард Шарора ва хост бифаҳмонад, ки ниёзманди ситоиш ва тамҷид нест.

– Исми Шумо?, – ногаҳон ёдаш омад шоир, ки на исми ин духтарро медонад ва на чикора буданашро. Аз дишаб чизе на дар ёд дошт ва на шунида буд. Ӯ дар ин даҳру дунё набуд. На танҳо дишаб, балки хеле вақт аст, ки ӯ дигар дар ҳеч куҷо нест. Ӯ ғарқ шуда дар чоҳи сиёҳи кароҳату ноумедӣ.

– Шарора ҳастанд, аз шогирдони устоди самарқандии Шумо. Гуфта будам, агар дар ёд дошта бошед, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд мизбон.

– Бале, дар ёд дорам. Хуб, ун сӯи марз чи хабар? Ҳанӯз ба бародаркушӣ сар накардаанд, умедворам?, – ҳамчунон бо талхӣ ва киноя пурсид шоир. Тавре ки ингор барояш муҳим набуд посух чи хоҳад буд. Ингор дигар барои ӯ ҳеч чиз на ҷолиб буд ва на аҳаммият дошт.

– Қарор нест касеро бикушанд, – ранҷида буд Шарора. Ин ҳама бетафовутӣ, ин ҳама сардиро аз ӯ интизор надошт. Интизор надошт, ки рӯзе мерасад шоири миллатро дар ин вазъ мебинад. Дар ин ҳолати риққатбор. Дар ин ҳолати заъфу сархӯрдагӣ.

– Пас Шумо чиро фирор кардед?, – бо лабханд ба мизбон нигоҳ кард шоир, аммо маълум буд аз Шарора мепурсид.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Ман фирор накардаам, – дигар воқеъан асабонӣ мешуд Шарора.

– Ман ҳам фирор кардаам. Шумо ҳам фирор кардаед. Дидем саг соҳибашро намешиносад ва дасти ҳама аслиҳа ва ҳар кӣ барои худ шоҳ, фирор кардем ва ин ҳеч ҷои нанге ҳам надорад. Одами оқил худро ба куштан намедиҳад. Шумо ҳам хуб кардед фирор кардед.

– Ман фирор накардаам. Ҳеч касе ҳам аслиҳа ба даст нагирифтааст. Муваққатан инҷо омадаам...

Дигар маълум набуд, ки Шарора аз Самарқанд мегӯяд ё аз Душанбе ё аз Маскав. Ҳама аз дарди худ мегуфт. Дарде, ки бо ин ки муштарак буд, аммо аз замин то осмон фарқ дошт.

– То кай меҳмони мо ҳастед?, – мавзӯъро иваз кард шоир.

– То замоне, ки таклиф рӯшан шавад, – ҳамчунон нороҳат гуфт Шарора ва тамоми талошҳояш барои ин ки бо шоир нармхӯтар бархӯрд кунад, бефоида буд.

– Ин таклифе, ки ман мебинам, ба ин зудиҳо рӯшан намешавад, Шарора-бону, – кам-кам ба Шаҳриёри воқеъӣ наздиктар мешуд шоир. Муддатҳо буд ин қадар ҳушёр набуд. Ҳар субҳ, ки сар аз болин бармедошт, даст ба шиша мебурд. Аммо ҳузури Шарора боъис шуда буд ин одати худро он рӯз канор бигзорад. Канор ҳам нагзошта буд. Ёдаш рафта буд.

Мизбон, ки мавҷҳои родиюро болову пойин мекард, ногаҳон гуфт:

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Пайдо кардам! Ин Мавҷи Самарқанд аст.

– Баланд кунед. Баланд кунед, – наздиктар омад Шарора.

Гӯянда аслан на самарқандӣ буд ва на мавҷи родиюи Самарқанд. Бо забони русӣ хабарҳои рӯзро тунд-тунд мехонд, ки ин миён гуфт, «фардо, сиву якуми моҳи август, кишвари Узбакистон худро ҷумҳурии мустақил ва демукротик эълом хоҳад кард!...»

Ҳамин барои Шарора кофӣ буд, ки биравад дохили хона ва шурӯъ кунад ба ҷамъ кардани васоили худ ва бо садои баланд мегуфт:

– Ман бояд зуд баргардам. Медонам, инҳо аввалин коре, ки мекунанд, марзҳоро мебанданд.

– Бале. Дуруст аст. Марзҳоро мебанданд. Пулҳояшонро тағйир медиҳанд ва аз ҳамин имрӯз бояд ҳама узбакӣ сухбат кунанд ва Худо ҳофизи забону фарҳанги Рӯдакӣ!, – гуфт Шаҳриёр ва суроғи шишаи шароб рафт. Холӣ буд.

– Шумо ҳамин ҷо бинишинеду фотеҳа хонеду арақ хӯред. Кори дигаре ҳам, ки аз дастатон барнамеояд.

– Бале, ин дуруст аст. Ҳамин тур ҳам кардосем, – таъйид кард шоир ва сӯи мизбон нигарист.

Мизбон бо шонаҳои уфтода гоҳ ба он меҳмону гоҳ ба ин меҳмони худ нигоҳ мекард ва нои ҳарф задан надошт.

– Фикр кардам дирӯз барои як моҳ аз пеш хӯрдаед, вале мебинам иштибоҳ кардаам, – гуфт Шарора.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Магар ман уштурам, ки барои як моҳ захира кунам?, – бо ханда гуфт Шаҳриёр.

– Хуб. Ман чи тур то марз биравам?, – гуфт Шарора, ки бо кифи худ омода дами дар истода буд.

– Пои пиёда, – хандид Шаҳриёр. – Инҷо ҳатто як хари бурдоқӣ ҳам нест, ки савор шавед. Ба ғайр аз ман, албатта, – боз баланд хандид.

Шарора ба мизбон нигоҳ кард, ба маънои «ҷиддӣ мепурсам.»

– Бояд то сари ҷодда пиёда рафт, аз онҷо ҳар мошини роҳгузаре агар ҷой дошт, мегирад, то марз роҳи зиёде нест.

– Пои пиёда ҳам бошад, меравам. Худо ҳофиз, шеърҳои хуб бинависед, – гуфт ба шоиру ба мизбон даст дод, сӯи дарвоза, ки ду чӯби бидуни дару деворе буд, қадам зад.

– О ин духтар девонаи таппа таёр, кӯ!, – хандид Шаҳриёр, аммо аз нигоҳи ҷиддиву тунди мизбон маҷбур шуд, ки забони худро берун кунаду байни дандонҳо бигирад, ки «хӯш, дигар ҳеч чиз намегӯям.»

– Сабр кунед, ман ҳам бо Шумо меоям, – аз ҷой бархосту аз паси Шарора роҳ уфтод мизбон, ки ингор аз рафтани Шарора зиёд нороҳат ҳам набуд. Ингор хушҳол буд, ки ӯ мехоҳад баргардаду биравад Самарқанд. Шаҳри орзуҳои ӯ, ки ҳар шаб ба сӯи он дуъо мекард, рӯзе аз ин Саразм биравад Самарқанд муқим шавад. Дар шаҳри шоҳону шоирон.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Он рӯз мошине ҷой надошт Шарораро то марз бибарад, чи бирасад то Самарқанд. Аммо як ронандаи токсӣ гуфт фардо ду мусофир дорад ва субҳи зуд аз инҷо мегузарад, агар ҳамин ҷо буд, мебарад. Шарора ба ғайр аз ризоят додан чораи дигаре надошт. Ба боғи мизбон баргаштанд. Шаҳриёр ҳавлиро рӯфтаву пиёздоғ карда ва бо саги мизбон дар ҳоли суҳбат буд, ки саг ба сӯи дарвоза медавад. Аз дидани ҳарду хушҳол мешавад.

– Медонистам, ки бармегардед, – гуфт Шаҳриёр, бидуни ин ки аз деги сиёҳ сар баланд кунад. – Субҳонаву зуҳрона ва эҳтимолан шом омода аст. Бишинед, имрӯз ман пазирой мекунам, то шалахтагиҳои[1] дирӯзаро ҷуброн карда бошам.

Он шаб бо суҳбат аз ҷангу ҷидолҳои Тоҷикистон ва гурӯҳбандиҳо ва даргирии эҳтимолии кишварҳои ҳамсояҳо гузашт. Шарора барои аввалин бор мутаваҷҷеҳ шуд вазъияти минтақа яксон ба ҳам рехта ва бесомон аст ва шояд Самарқанд босомонтарини онҳо бошад. Дилаш барои шаҳру мардуми орому сабури худ танг шуда буд. Мехост баргардад так-таки онҳоро бибӯсад, ки мамнун, ки ҳамдигарро намекушед. Мамнун, ки дар ин даврони гузаро хештандор ҳастед. Садои сукути Саразм ва чироғҳои рустоҳои болои риштакӯҳҳои Зарафшон бӯи сулҳу оромиш медод. Инҷо ҳам ингор мардум самарқандӣ

[1] Шалахтагӣ – беназмӣ, бебандуборӣ, коҳилӣ, лоуболӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

буданд. Гурезон аз ҷангу хушунат даври дастархони фақиронаи худ нишастаанд, ба умеди рӯзҳои хуб, ки ҳамеша дар пешу ҳамеша дар оянда аст.

Субҳи зуд ҳарсе шабзиндадор дар ин шаҳри арвоҳон худоҳофизӣ карданд ва аз рӯи одат як каф хок ба Шарора тӯшаи роҳ доданд ва дуъо карданд марзҳо боз бимонад ва зуд-зуд ҳамдигарро гоҳ инҷо ва гоҳ онҷо бибинанду дар шодиву ғами ҳамдигар шарик бошанд. Ронандаи токсӣ сари қавлу қарор худравро канор кашида буд ва сигореро рӯшан карда буд. Ду мусофир дар даруни худрав машғули суҳбати хоболудонае буданд.

– Салом, – гуфт Шарора ба ронанда, ки чашм ба ӯ буд.

– Салом худатон, – шухӣ кард ронанда, ки марди панҷакентии хушсурату ситорагарме буд.

– Зебост диёратон, – як бори дигар ба атроф нигоҳ кард Шарора ва ба шӯхии ронанда ҳеч вокунише нишон надод.

– Диёри Шумо ҳам ҳаст бону, – самимона гуфт ронанда.

– Ҷолиб аст, инҷо ҳанӯз Панҷакентро ҷузви Самарқанд медонанд.

– Магар Шумо ҳанӯз Рӯдакиро ҳамшаҳрӣ намедонед?, – ҳозирҷавобӣ кард ронанда.

– Ҳамшаҳрӣ на. Мустаъҷири[1] Рӯдакӣ ҳастем, –

[1] Мустаъҷир – иҷоракунанда, иҷоранишин, иҷорадор

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

иштибоҳи худро бо табассум ислоҳ мекунад Шарора. – Диёри Рӯдакӣ бояд ҳамин гуна бикр бошад.

– Ҳоло шуд!, – қонеъ мешавад ронанда. – Аммо мо дар орзӯи дидани Регистон ҳастем. Дидани холӣ на. Рафтуомад аз таҳи дил ва ҳар вақт ки диламон хост.

– Камаш монда, ҳатман ба орзуятон мерасед, – хушбинона гуфт Шарора.

– Омин! Гуфтаатон шавад, хоҳар.

– Чи ҷоддаи зебоест!, – аз манзараи атроф чашм намеканд Шарора. Ба ин фикр мекард дигар чи вақте метавонад инҷоро бибинад.

– Як моҳ пеш куҷо будед? Лолапӯш буд ин ҷодда. Суп-сурх шуда буд домани кӯҳ, якранг.

– Роҳ зебост. Бо лола, бе лола, бо худрав, бе худрав. Дар ҳама ҳолат, дар ҳама фасли сол ҷодда зебост. Тасаввур кунед, агар ҷодда набуд, зиндагӣ тангу торик буд.

Худрав роҳ уфтода буд ба сӯи Самарқанд. Дар қоби шишаии худрав риштакӯҳҳои Зарафшон варақ-варақ мегузашт. Ду ранг бар дараҳо ғалаба дошт. Сабз ва зард. Қуллаҳо ҳам васл мисли аждаҳо хуфтаанд. Гургҳои тамоми кӯҳҳои олам аммо дар дили Шарора зӯза мекашиданд.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

## Самарқанд

Регистон, қалби меҳрубони Самарқанд, аммо пур аз мардуми худҷӯш аст. Хиёбони донишгоҳ ба каҳрубое табдил шуда ва ҳамаро ба сӯи худ мекашонад. Садоҳои шодмонӣ аз баландгӯ шунида мешуд. Ҷавонон ҷон гирифтаанд, рӯҳия пайдо кардаанд. Офтоби тобистон қабл аз нисфирӯз ба авҷ расидааст ва монанди мизбоне бо нишот обтилои сурхи Бухороро ба рухсори мардуми Самарқанд пошидааст. Садои Самарқанд аз ғавғои муғул ончунон фурӯ нишаста буд, ки то ин муддат барнахоста буд.

Шарора он сӯи майдон ҳамчунон савори токсӣ пушти чироғи сабз дар роҳбандон монда буд. Тоза аз марзи Панҷакент расида аст. Гарду хоки бозгашт сурхию сафедии чеҳраашро барҷастатар кардааст.

Фурӯпошии Иттиҳод озодӣ ва истиқлол меоварад ё қафаси кӯчактар аз қабл, ҳанӯз рӯшан набуд. Сарзаминҳое, ки Шӯравӣ ба исми бародарони баробар ба ҳам дӯхтаву суфта буд, ҳоло ҳамсоягони вобаста ба ҳамдигар буданд. Як ҳамсоя об дошт, дигаре гандум, яке рӯған дошт, дигаре биринҷ. Аммо Узбакистон панба дошт ва панбаро намешуд хӯрд. Панбаро касе феълан намехост.

Шарора аммо мисли бисёре аз сокинони

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Самарқанд шокиру шод буду шангул[1] аз ин ки худро аз беруни марз, аз Саразм ба Самарқанд расондааст. Ӯро издиҳоми мардуми шодмон пешвоз гирифта буд.

Шаҳр дар бениёзии ҳамешагии худ розеро пинҳон дошт. Розе, ки бояд рӯз ба рӯз ва ноз ба ноз боз мекард ва ӯ бахте бештар аз ин намехост. Вақте роҳкирои токсиро доду пой ба хоки ҳавлнок гузошт, худро баландгӯ дар даст миёни издиҳоми пешдаст дид.

М.Д. ҳам расида буд ва аз он сӯи издиҳом ба Шарора нигоҳ мекард ва ба Нозим бо сар ишора медод, ки «ӯро бигир биёр берун.» Нозим аммо гӯшу ҳуш ба таронаи ҷавонон буд. Чашмонаш аз ин ки Шарора баргаштааст, барқ мезад. Шаҳр бо ҳузури Шарора дубора ҷозиба пайдо карда буд.

Духтару писар аз хобгоҳу боғу роғи шаҳр ҷамъ шуда буданду бо баландгӯ ҳамхонӣ мекарданд. Ҳама матни таронаро аз бар буданд. На дархосте доштанд ва на эътирозе ва на пархоше. Танҳо бо ҳам бо садои баланд овоз мехонданд.

Шоир дар манзили худ буд. Родиюро баланд кард, гӯянда бо забони узбакӣ ҳамаро ба муносибати истиқлоли кишвар табрик мегуфт ва барои чандумин бор суруди миллии ҷадидро пахш мекард. Модари шоир ба писараш рӯ овард:

– Мо ҳам пас озодем?

Маъмурҳо, ки назди онҳо нишастаанд,

[1] Шоду шангул – шоду сархуш, хушдил, шӯху сармаст

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мутаваҷҷеҳи суоли пирзан нашуданд ё худро ба карӣ заданд. Маъмурон ҳарду хурсанд чашм ба бесими[1] худ буданд, ки кай фармон мерасад, бираванд дохили шаҳр, бибинанд чи хабар аст берун. Аз хастагии дидани ин ду чеҳраи пири фартуту зард низ халос шаванд.

– Фармоне намешавад, – гуфт шоир ба он ду, ки ҷавонҳои бист-биступанҷсолае ҳастанд. – Шуморо, ки мутмаиннам фаромӯш кардаанд. Мамлакат озод шуд. Умедворам, ки ҳоло ҳақ ба ҳақдор расад.

Маъмурҳо, ки ҳамеша аз ин гуна печида суҳбат кардани шоиру модараш калофа буданд, ба ҳамдигар нигоҳи маънодоре карданд. Баъд аз муддате аз шоиру модараш қавл гирифтанд, ки аз дар берун нараванд ва худ аммо рафтанд. Шоир аммо ба модараш чашмакӣ заду онҳо низ пушти сари маъмурҳо берун рафтанд.

Дар хиёбон роҳгузаре ба чашм намерасид. Хатти собите барои садо задани токсӣ ҳам вуҷуд надошт. Бояд сари кӯча ё хиёбон меистоданд, то худрави раҳгузаре ё кироягаре дасти баландкардаи онҳоро бибинаду таваққуф кунад ва сари қимати кироя тавофуқ кунанду баъд савор бишаванду ба мақсад бирасанд. Ингор аз замоне, ки худравсаворӣ дар ин шаҳр расм шуд, одат ин буд.

Ҳарду омода шуданд. Модар пиёда ва писар савори сандалии чархдораш, ки бар хилофи

[1] Бесим – дастгоҳи иртиботи родиюии бидуни сим (рация)

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

рӯзҳои қабл чун бар рахши Рустам савораш буду модарро ингор бар шонаҳояш мебурд ва модар такя бар сандалии писар шердилона роҳ уфтоданд. Ба хиёбони аслӣ расиданд. Манзили онҳо як хиёбон аз маркази шаҳр фосила дошт. Аммо бо вуҷуди ин ду-се нафар бештар ба дидани онҳо намеомад. Паёмад дошт. Онҳо низ дарк мекарданду исроре надоштанд. Дар иваз ба ҳамдигар дилдорӣ медоданд, ки дар дидор аст, ки мо қудрат мегирем. Дар гуфтор аст, ки якдилу яксадо мешавем. Барои ҳамин ҳам ба мо иҷозаи ҳамзистӣ ва ҳамдилӣ намедиҳанд. Моро амдан аз ҳам ҷудо ва ҳатто дар муқобили ҳамдигар қарор медиҳанд. Моро ҳам зидди ҳамдигар метезонанд. – мегуфт шоир ба он афроди маъдуде[1], ки аёдати ӯ ва модари пираш меомаданд.

Издиҳоми шодмони ҷавонон дар миёни майдон ба онҳо роҳ дод ва шоири пир бо модари сафедпӯши худ вориди ҷамъ шуданд. Роҳе набуд, ки битавонанд аз зинаҳо боло бираванд. Донишҷӯён ба шоиру модараш кумак карданд ва онҳо ба сӯи Регистон рафтанд. Садои Шарора баланд шуд: Овози Самарқанду дили бози Самарқанд!...

[1] Маъдуд – андак

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

## 31-уми августи 1991

Ҷумҳурии советии[1] Узбакистон бидуни ҷангу хунрезӣ суқут карда буд ва маълум набуд чи чизе ҷойгузини он шудааст. Аммо мардум шод буданд, шод аз ин ки дигар қарор нест ҷанге дар роҳ бошад. Дигар суҳбат аз ҳамлаи атумии душмани абарқудрати империёлистӣ набуд. Мардум эҳсоси раҳоӣ доштанд ва онро дар хиёбонҳо ба намоиш гузошта буданд.

Ҷамъияти дигаре ҳам дар Регистон нишастааст. Афроде ҳамдигарро баъд аз муддатҳо дидаанду ҳолпурсӣ мекунанд. Ингор ҷашне барпост. Ҳеч суҳбати сиёсӣ ё суҳбате аз оянда нест. Мардум на ангеза ва на одат доранд аз сиёсат дар ҷамъ ҳарф бизананд. Ҳар касе дунёи маҳдуду нигарониҳои амиқи худро дорад. Яке аз тағзия[2], дигаре аз арзонӣ ва дигаре аз ҷашни арӯсӣ ва он яке аз муҳоҷират ҳарф мезад.

Шоири пир танҳо ба хотири ин ки ҳофизаи худро имтиҳон карда бошад, мисраъҳои аввали субҳ сурудаашро зери лаб замзама мекард:

Демукросӣ!
Чи бирасӣ, чи нарасӣ!
Бо дастони холию ваъдаҳои зиёд
Чи бигӯӣ, чи нагӯӣ:
Муборакат бод! Муборакат бод!

Ба назараш хушку холӣ буд ин сатрҳо, ки

[1] Советӣ – шӯравӣ

[2] Тағзия – хуроку маводди ғизоӣ

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

каллаи субҳ аз онҳо оташ баланд мешуд, пас чи шуд? Чи зуд сарду сода ва беарзиш шуда буд ин шеъри доғ дар издиҳоми мардуми сардаргум ва вал-вали меъмории обии Регистон.

Саргираки сафеди модари муваққари[1] шоири пир чун тоҷ бар сари ин аждаҳои издиҳом ба ҳаво баланд мешуд ва дар насим мавҷ мезад, бол ба боли шамол мерафт.

М.Д. ба шавқ мардумро нигоҳ мекард. Дар канори ҷамъ роҳат буд. Шарора ҳам баробари чашмонаш мисли қабл қомат барафроштааст. Умед дошт, ки ӯро дар танҳоӣ бибинад ва ба ӯ бигӯяд дӯст дорад барои ҳамеша бо ӯ бошад. Саҳми ӯ аз ин шаҳр танҳо ӯст.

Шарора либосшахсиҳоеро мушоҳида мекард, ки бо нигоҳ таъқибаш мекарданд. Аммо худро ба нодонӣ мезад, вақте аз байни издиҳом билохира ба сӯи М. Д. рафт.

Дар сукут ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Нигоҳи Шарора суол дошт. Пур аз суол буд, аммо ҳеч ба забон наёвард. Нагуфт, ки хушҳол аст, ки ӯ зинда аст. Напурсид чиро ин шуд, чиро он шуд. Фарёд назад, ки мумкин буд ӯ он сӯи марзҳои баста дур аз Самарқанд бимонад. Ҳеч нагуфт.

М. Д. дар ҳоли нафрини рӯзгораш буд, ки чиро бо Шарора дар ҷавонӣ, дар бистсолагӣ, дар даврони осоиштагӣ вонахӯрдаанд. Чи мешуд, агар хатти зиндагии ӯ ба гунаи дигаре пеш мерафт. Чи

[1] Муваққар – бовиқор, ороста

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

мешуд...

– Шарора. Мутмаиннам муваффақ хоҳӣ шуд, – танҳо чизе ки басахтӣ ба забон овард, ҳамин буд. Хост идома диҳад: «Бо ин мӯи сафед ман куҷову канори ту будан куҷо. Вале ёдат бошад аз имрӯз ин шаҳр як пирамарде дорад, ки ҳар аср рӯи яке аз ин сандалиҳо нишастааст ғарқи ёди ту. Ёдат бошад, ҳар коре кардам ба хотири ҳимоят аз ту буд...» Аммо сукут кард. Чашмони Шарора ба оромиш расида буданд. Оромише, ки нишон аз итмоми талотум аст.

Чашмони Шарора ба сӯзиш омад, вақте дастони М. Д.-ро дар сукути ваҳмнок фишурд ва ба самти майдони Регистон рафт. Ба пушти сари худ баргашт. М. Д. низ рафта буд ва ҷои ӯро издиҳоми ҷавонони атроф пур карда буд. Шарора якбора пушаймон шуд, ки чиро чизе ба М. Д. нагуфт. Чиро дар сукути бераҳмонае аз ӯ дур шуд.

Вориди маҷмӯъаи мадрасаи Улуғбек шуд. Дилаш аз тангӣ метаркид. Дилаш мехост дунболи М. Д. биравад. Мадрасаи Улуғбек як зилъи Регистонро ба худ ихтисос додааст. Инҷо хилваттар аст. Шоирро мебинад, ки дар яке аз ҳуҷраҳо бо сахтӣ чархҳои сандалиро бо навбат дарун мекунад.

Дунболи ӯ рафт. Бидуни ҳеч вокуниши хоссе ҳол пурсид ва рӯи он ду азизро бӯсид. Гӯӣ ҳамеша бо ҳам буданд ва ҳеч гоҳ аз ҳам дур нарафтаанд. Дар хунукии кафи ҳуҷра канори модари шоир нишаст.

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

– Садсола шавӣ, бачем, – бори дигар аз пешонаи ӯ мебӯсад пирзан.

– Шодии аз ҳад зиёд дар як рӯз маъмулан фардояш аз бинии одам зада мебарояд, – бо киноя мегӯяд шоир.

– Умедворам, ки ҳамеша шодӣ пайи шодӣ бошад аз ин баъд, – мегӯяд Шарора. Андӯҳи амиқаш рӯшан аст.

– Ҳаминро фоли нек бигирему хушбин бошем, ҳо, бачем, – мегӯяд модари шоир.

– Бале. Магар ҳар рӯз ин ҳама хушхабар мешунавем?

– Чи хушхабар?, – боз ҳам бо ҳамон киноя мегӯяд шоир.

– Ҳадди ақал ҷанг нест, – худоро шукр мекунад модар. – Беҳтар аз сулҳ дигар паёме нест, – аз сукути Шарора ва шоир истифода мекунад модар ва суҳбатро идома медиҳад. Онҳоро ба шодӣ ва оромиш даъват кунад.

– Махсусан моро ба ин мадраса овардӣ?, – мепурсад аз писараш.

– Не. Барои чӣ?, – чашм ба беруни ҳуҷра ва тамошои мардум мегӯяд шоир.

– Аз байни Тилокорӣ ва Шердор ба Улуғбек оварданат маъно дорад, ба назарам, бачем.

– Шояд, – ба сақфи ҳуҷра нигоҳ мекунад шоир.

Шарора дигар суҳбати модару писарро дунбол намекард. Фикру хаёлаш ба М. Д. ва ба Шаҳриёр буд. Онҳо чи кор мекунанд? Оё ӯ метавонист коре кунад? Оё воқеъан дар рӯди торих ҷорист ё

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

дармонда дар ҳавзи кӯчакест? Тамоми вуҷудаш аз баргаштанаш шод буд. Тамоми селулҳояш аз худ ифтихор мекард, ки ҷуръат кард баргардад ва иҷоза надод, ки ӯро аз ин ҳама дорой маҳрум кунанд. Аз ин ҳама ишқ, аз ин ҳама орзӯ ва шавқу шӯр дур кунанд. Аммо пораи азиме аз ӯ дар Саразм ҷо монда буд. Дар он дашти торих бахше аз ҳувияти ӯ хуфта буд.

Ҳувияти пора-пораи худро дар тамоми марзи Шӯравӣ кандаву парешон медид. Аммо намедонист куҷои ин вайронаро обод кунад? Бо чи касоне? Бо чи имконе?

Дар ин ҳуҷраи торики торих нишаста буд ва зарра-зарраи ҷонаш бовар мекард, ки бидуни ҳеч ҳамлаи ҳавоӣ, бидуни ҳеч бумби шимиёӣ ҳувияти советии ӯ дар ҳоли маҳв шудан аст. Эҳсос мекард дастонаш дар ҷануб, пойҳояш дар ғарб, сараш дар шимол ва танаш дар Регистон аз ҳам ҷудо уфтодааст.

М.Д. ба самти мухолифи роҳгузарон мерафт. Ҳамаи мардуми маҳал аммо ҳамчунон ба сӯи Регистон мерафтанд, то дар шодии ҷамъ ҳамроҳ бошанд. Аз Худо мехост, ки Санам низ онҷо бошад ва ё ӯро дар роҳ байни ин мардум набинад. Ҳама чизро аз зиндагӣ интизор дошт. На мардум мардуми қабл буд ва на Санам Санами қабл. Шояд дигар М.Д. ҳам он марди дирӯз дигар нест. Намедонист чи касе дӯсту чи касе душмани ӯст. Чи касе хайрхоҳу чи касе бадхоҳи ӯст. Ӯ монда буду саргардонӣ, ки барои чандумин бор боз барои

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

оштӣ назди Санам мерафт. Ояндаи ӯ на дар дасти ҳизбе, ки барбод рафт ва собиқаи кориву сиёсии ӯро ҳамроҳ бурд, ва на дар дасти ҳизбҳои ҷадиду на дар дасти кишвари ҷадид буд. Ояндаи ӯ мисли тамоми гузаштааш ҳанӯз ҳамчунон дар дасти Санам буд.

Санам рӯи ҳавлӣ, беэътино ба сарусадоҳои берун ва мардуми маҳал, машғули бозӣ бо Ширин буд. Ширин ҳоло чандмоҳа аст? Ба худ фикр кард М. Д. ва баъд аз муддатҳо фаҳмид, ки дилаш барои бағал кардани ӯ танг аст. Аммо аз саги нигоҳи Санам метарсид ва дар ҳамон дами дарвоза монда буд. Чи қадар дилаш мехост яке аз ин сафедорҳои қатори канори дарвоза бошад. На дохили манзил маҷбур бошад биравад ва на дур аз он бошад, ки аз ҳоли азизонаш бехабар монад ва на маҷбур бошад ба тири нигоҳи Санаму фарзандон нигоҳ кунад.

Санам ӯро дид ва бо ҳамон ҳолати даврони ҷавонияш яхи дилаш об шуду нарм шуду гарм шуд. Он Санами бахшоянда ва меҳрубон шуд.

Санам Буддое буд дар сари ҳавлӣ нишаста ва барои ҳазорумин бор ҳамаи озори рӯзгорро бахшида буд. Ширинро аз зери бағалаш гирифт, боло бардошт, ба сӯи осмон ҳаво дод ва дар ҳаво гирифт. Кӯдак баланд хандид. Боз дубора ҳаво дод ва дубора дар ҳаво гирифт. Ширин баланду баландтар қиқир-қиқир механдид. М. Д. ба сӯи Санам қадам бардошт. Ёди ҳарфи модараш уфтод, ки мегуфт: «Аз хандаи кӯдак деву дад фирор мекунад.»

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст

Нозим тамоми гӯшаканори Регистонро гашта буду Шарораро дар мадрасаи Улуғбек дар яке аз ҳуҷраҳо дар канори шоиру модари пираш пайдо карда буд. Аз дари чӯбину нақшу нигордори ҳуҷра сар ба дохил бурду бехиёл аз нигоҳи ҳозирон ба сурати Шарора шокирона хира шуда буд.

Шарора аммо дар батни шаҳр дар оромиши тамом андешаманд нишаста буд. Нозим ҳам канораш нишаст. Онгуна нишаст, ки қарор нест бархезаду ҳеч фикре ҳам барои баъд аз он надошт.

Ҳуланд
2013-2016

Китоб аз сомонаи http://www.kitobkhon.net/ боргирӣ шудааст